# Тавассул ва истиғоса

# Дар

# Ислом

**Қосимов Илёс**

نام کتاب: توسل و استغاثه در اسلام
نویسنده: الیاس قاسم اف
زبان: تاجیکي

بسم الله الرحمن الرحيم

**Ба номи Худованди бахшоянда ва меҳрубон**

**Номи китоб:** **Тавассул ва истиғоса дар Ислом**
**Нависанда:** Қосимов Илёс
**Ношир:** Маркази чоп ва нашр
**Таърихи чоп:** Соли 2005-1426
**Навбати чоп:** Аввал
**Тирож:** 2000 нусха
ISBN: 964-529-001-5

**Ҳаққи чоп барои ношир маҳфуз мебошад**

## Муқаддима

Ба номи Худованди бахшандаи меҳрубон

Бо ёрии Худованди Мутаол хостем китоберо дар ихтиёри хонандагон қарор бидиҳем, ки дар он ҳақиқати тавассул ва истиғоса ва назари уммати исломӣ дар бораи онҳоро баён карда бошем. Дар марҳалаи аввал мо фақат мехостем оёту ривоётеро, ки дар ин бора ворид шудааст ҷамъ бикунем, вале дар мобайни кор ба ин натиҷа расидем, ки нигоҳе ҳам ба назароти мухолифони тавассул ва истиғоса биандозем ва бо назароти онҳоро низ ошно бишавем ва баррасие ҳам дошта бошем.

Дар муқаддима мехоҳем ба чанд матлаб ишора кунем. Ин савол бешак ба зеҳни ҳар касе меояд, ки вақте Худованд худаш фармуда, ки **маро бихонед, иҷобат мекунам (дуои) шуморо**.[1] Ва фармуда, ки **Ҳар гоҳ бандагонам аз ту дар бораи ман савол кунанд, пас ман наздик ҳастам қабул мекунам дуои дуокунандаро вақте, ки бихонад маро**,[2] пас чаро мо ба дигарон мутавассил шавем ва чаро худамон мустақиман ва бевосита аз Худо нахоҳем?

Дар ҷавоб гуфта шуда, ки: Чун мо олуда ҳастем Худованд чандон таваҷҷӯҳе бар мо нахоҳад кард, вале авлиёи Худо пок ва дур аз нофармонии ӯ ҳастанд, бинобар ин бояд ба онҳо мутавассил шавем, то Худованд ба василаи онҳо аз сустиву гуноҳони мо даргузарад...

Оре, ин як воқеиятест, вале то инсон бо далелҳои он ошно нашавад гумон мекунад, ин назария бо ин гуна оёт носозгор аст. Таваҷҷӯҳ дошта бошем, ки ин матлаб айни воқеият аст. Аммо чӣ гуна? Бояд хуб диққат кунем!

1-Худованди Мутаол, ки худаш фармуда, маро бихонед, иҷобататон мекунам.[3] Дар сураи Нисо ояти 64 касонеро, ки

---

1-Сураи Ғофир-60.

2-Сураи Бақара-186

3-Сураи Ғофир-60.

гунох мекунанд амр карда ба назди Паёмбар **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳ** бираванд, то он ҳазрат барои онҳо аз Худо талаби бахшиш кунанд, ки Худованд бо дуои он ҳазрат аз гуноҳи онҳо бигзарад.

2-Бародарони ҳазрати Юсуф вақте ҳазрати Юсуф **алайҳис-салом**-ро ба чоҳ андохтанд ва ин хиёнаташон ошкор шуд, аз падарашон ҳазрати Яъқуб хостанд, ки дар назди Худованд барои онҳо талаби бахшиш кунад ва ҳазрати Яъқуб **алайҳис-салом** низ пешниҳоди онҳоро қабул фармуд ва барои онҳо ваъда дуо дод.1

Ин ду намунаест аз Қуръони Карим дар ин мавзўъ, ки дар оянда дар мавриди ин ду оят муфассалтар сухане хоҳем дошт.

Бо эътирофи ҳамагон ва бо гувоҳии таърихи қатъӣ, асҳоби Паёмбар **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам** фаровон дар гирифториҳо меомаданд ва барои бартараф шудани он гирифторӣ ба он ҳазрат мутавассил мешуданд. Ба унвони намуна дар таърих омадааст, ки:

«Вақте хушксолӣ шуд Умар ба василаи Аббос талаби борон карду гуфт: "Худоё мо ба сўи ту ба василаи Паёмбар мутавассил мешудем ва ту моро сероб мекардӣ ва инак мо ба амаки Паёмбар ба сўи ту мутавассил мешавем, пас моро сероб гардон. Ровӣ мегўяд: Пас сероб мешуданд».2

Ҳамчунин Паёмбар **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳ** ба асҳобашон фармуданд: Беҳтарини тобеин марде аст, ки ба ў Увайс гуфта мешавад, агар метавонед коре кунед, ки ў барои шумо талаби истиғфор кунад, пас ин корро бикунед.3

Умар ибни Хаттоб мунтазири омадани Увайс буд, вақте омад аз ў хост барои ў истиғфор кунад ва дигарон низ ин корро мекарданд, ки барои ошноӣ метавонед ба китоби

---

1-Сураи Юсуф 97-98.

2-Саҳеҳи Бухорӣ ҷ.1.с.256.ҷ.2.с.16. Саҳеҳи Ибни Ҳаббон ҷ.7.с.111. Саҳеҳи Ибни Хузайма ҷ.2.с.337. "Мустадрак" ҷ.3.с.334. Фатҳ-ул-борӣ ҷ.2.с.411. ва дигарон.

3-"Муснад"-и Ибни Муборак ҷ.саҳ.19. Саҳеҳи Муслим ҷ.7.с.189. Табақот-ул-кубро ҷ.6.с.164. Мустадрак ҷ.3.с.403. "Сияру аълом-ун-нубало"-и Заҳабӣ ҷ.4.с.22.р.5.

Сияру аълом-ун-нубало ҷ.4.с.22. шарҳи ҳоли шумораи панҷ мурочиа кунед.

Увайси Қаранӣ касе аст, ки Паёмбар **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам** фармуданд: Бо шафоати Увайс мардум ба андозаи қавми Рабиа ва Музир дохили биҳишт мешаванд.1

Аз ин гуна намунаҳо хеле зиёд аст, ки дар ин китоб бо баъзе аз онҳо ошно хоҳем шуд. Пас, агар каме диққат бикунем мебинем, ки худи Қуръон тавассулро имзо карда аст ва Паёмбар **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳ** низ ҳаргиз ба касоне, ки ба он ҳазрат паноҳ мебурданд ва мутавассил мешуданд, нафармуданд, ки Худо фармуда **Ҳар гоҳ бандагонам аз ту дар бораи ман савол кунанд, пас ман наздик ҳастам қабул мекунам дуои дуокунандаро вақте, ки бихонад маро,**2 пас биравед худатон дуо кунед ва худатон мустақиман ҳоҷататонро аз ӯ бихоҳед. Агар ин гуна ривоёту оётро бо ҳам ҷамъ бикунем хеле бароямон ҳақиқати ин масъала, равшан мешавад. На Қуръон ва на ҳеҷ паёмбаре ин бардошти имрӯзаи мактаби ваххобиятро таъйид накардааст, вале чун зоҳири ин сухан хеле зебо аст касоне, ки бо Ислом ва ҳаққонияти он ошноӣ надоранд, зуд шефтаи ин гуна суханҳои дур аз ҳақиқат мешаванд. Оре, ин суханон ва чанг задан ба ин гуна оёт бе дар назар гирифтани оёти дигар сабаби ба хато афтидан ва ба хато афкандани дигарон мегардад, вале бояд бидонем, ки Ислом ҳамаи инҳоро дар ҷойгоҳи худаш гузошта ва ҳар кадом дар ҷои худ лозим ва мавриди ниёзи бандагони Худост.

Дар ин ҷо барои равшан шудани ин матлаб ишора мекунем, ки агар ин бардошт аз ин ду оят дуруст бошад,

---

1-"Мусаннаф"-и Ибни Абишайба ҷ.7.с.539. "Мустадрак"-и Ҳоким ҷ.3.с.405-408. "Сияру аълом-ун-нубало" ҷ.4.с.31. Саҳеҳи Ибни Ҳаббон ҷ.16.с.276. “Муснад”-и Аҳмад ҷ.3.с.469 бо чандин санад. “Сунан"-и Ибни Моҷа ҷ.2.с.1444.р.4316. Саҳеҳи Тирмизӣ ҷ.4.с.46.р.2555.

2-Сураи Бақара-186

амру корфармудани мардум, ҳатто фарзандону зердастон, низ зери савол меравад ва ишкол пайдо мекунад. Ин матлаб ва нодуруст будани ин бардошт хеле равшан аст, бинобар ин ҳеҷ мактабе ҷуз мактаби ваҳҳобият мўътақид ба он нашудааст.

Матлаби дигаре, ки мехоҳем ба он ишора кунем ин аст: Мо бояд диққат дошта бошем, ки Худованди Мутаол дар Қуръон мефармояд:

**"...فبشر عباد الذين يستمعون القول فيتبعون أحسنه أولئك الذين هداهم الله وأولئك هم أولوا الالباب".**

"Башорат бидеҳ он гурўҳ аз бандагонамро, ки бо диққат ба суханон гўш медиҳанд, баъд аз беҳтарини онҳо пайравӣ мекунанд. Онҳо касоне ҳастанд, ки Худо ҳидояташон карда ва ҳатман онҳо соҳибони хирад ҳастанд". Сураи Зумар-17-18.

Бинобар ин ояти шарифа, соҳибони ақлу хирад касоне ҳастанд, ки ба ҳамаи суханон гўш медиҳанд ва баъд, аз байнашон беҳтарини онҳоро интихоб карда ва аз он пайравӣ мекунанд.

Вале шумо агар ба даврони беъсати Паёмбари гиромӣ **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳ** таваҷҷўҳ кунед раҳбарони он ҷомеаи бутпараст, комилан бар хилофи ин назарияи оқилонаи исломӣ амал мекардаанд. Қуръон мефармояд:

**"وقال الذين كفروا لا تسمعوا لهذا القرآن والغوا فيه لعلكم تغلبون".**

"Кофирон гуфтанд, ки ба ин Қуръон гўш надиҳед (ва ҳар гоҳ он хонда мешавад) доду фарёд ва ҷанҷол кунед, шояд пирўз шавед". Сураи Фуссилат-26.

Таърих низ ба ин ҳақиқат ишора кардааст, ки бузургони қурайш вақте худ фаҳмида ва дарк карда буданд, ки Қуръон дар ҳақиқат ваҳй аст ва аз тарафи Худои яктост ва ҳар ки онро бишнавад ба роҳатӣ ҷазби он мешавад ва ба Ислом рўй меоварад, ба ин хотир ба мардум мегуфтанд, ки ба ин Қуръон гўш надиҳед ва ҳар вақт барои тавофи Каъба рафтед ва дидед, ки Муҳаммад **(саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам)**

Қуръон мехонад, ангуштони худро ба гӯшатон бигузоред ва ё ба гӯшатон пахта бигзоред, то сухани ӯ ба гӯшатон нарасад, чун агар сухани ӯро бишнавед гумроҳ мешавед.

Як намуда аз ин равиши раҳбарони қурайш ин аст, ки вақте Туфайл ибни Амр, ки шоири ширинзабон ва хирадманде буд ва дар миёни қабилаи худ нуфуз дошт, вориди Макка шуд сарони қурайш даври ӯро гирифтанду гуфтанд: Ин марде, ки канори Каъба истода намоз мехонад ва бо овардани дини нав якпорчагӣ ва иттифоқи моро ба ҳам зада ва бо сеҳри баёни худ санги тафриқаву ҷудоӣ дар миёни мо афкандааст. Ва мо метарсем, ки чунин дудастагӣ миёни қабилаи шумо низ биафканад чи беҳтар, ки аслан бо ин мард сухане нагӯӣ.

Туфайл мегӯяд: Суханони онҳо чунон ба ман таъсир гузошт, ки ман аз тарси таъсири сеҳри баёни ӯ тасмим гирифтам, ки бо ӯ сухан нагӯям ва сухани ӯро нашнавам. Ва барои пешгирӣ аз таъсири сеҳри ӯ миқдоре пахта ҳангоми тавоф бар гӯшҳои худ гузоштам, ки мабодо замзамаи Қуръону намози ӯ ба гӯши ман бирасад. Бомдод дар ҳоле ки пахта бар дохили гӯши худ карда будам дохили масҷид шудам ва ҳеҷ майл надоштам, ки сухани ӯро бишнавам, вале намедонам чӣ хел шуд, ки як мартаба сухани бисёр ширин ва зебое ба гӯшам расид ва беш аз ҳад эҳсоси лаззат намудам. Бо худ гуфтам: Модарат азодор шавад, ту ки як марди сухансоз ва хирадманде ҳастӣ чӣ монеъ дорад, ки сухани ин мардро бишнавӣ. Агар хуб бошад бипазирӣ ва агар бад бошад онро рад ва таркаш кунӣ. Барои ин кор ошкоро бо он ҳазрат мулоқот накардам, миқдоре сабр кардам то Расули Худо роҳи хонаашро пеш гирифт ва вориди хонааш шуд. Ва ман низ иҷоза гирифтаму вориди хона шудам. Достонро аз аввал то

охир бозгӯ кардам ва гуфтам, ки қурайш дар бораи шумо чунину чунон мегӯянд. Ва ман дар аввал тасмим надоштам бо шумо мулоқот кунам, вале ҳаловату ширинии Қуръони шумо маро ба сӯи ту кашидааст. Акнун мехоҳам ҳақиқати дини худро барои ман баён кунӣ ва миқдоре Қуръон барои ман бихонӣ. Расули Худо **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам** дини худро бар ӯ арза кард ва миқдоре барои ӯ Қуръон хонд. Туфайл мегӯяд: Ба Худо савганд каломе зеботар аз он нашунида ва дине бо адолаттар аз он надида будам. Сипас Туфайл ба он ҳазрат гуфт: Ман дар миёни қабилаи худ як шахси бонуфуз ҳастам, барои нашри дини шумо кор хоҳам кард.[1]

Оре, онҳо аз ин роҳ мехостанд пеши мардумро аз гаравидан ба Ислом бигиранд ва ҳаргиз намегуфтанд, ки Қуръон ҳақ аст, вале чун роҳи ғайри падарону гузаштагони мо аст мо намехоҳем онро бипазирем! Балки мегуфтанд, сухани ӯ сеҳру ҷоду аст ва ӯ шуморо сеҳру ҷоду мекунад бинобар ин ба суханони ӯ гӯш надиҳед.

Оре, чун сарони ҷоҳилият ба ҳақ будани Қуръон пай бурданд, барои пешгирӣ аз гароиши мардум ба Ислом бо ин тӯҳмат ва найранг вориди майдон шуда буданд.

Мутаассифона имрӯз низ баъзеҳо ҳамин роҳи мушриконро пеш гирифтаанд ва ба мардум мегӯянд, фалон китобро нахонед, ки гумроҳ мешавед. Ва ин низ ба ин хотир аст, ки худи онҳо пай бурдаанд, ки дар он китобҳо суханони ҳаққе гуфта шуда, ки дар таърих воқеъ шуда, вале ба мардум он хабарҳо нарасида аст ва агар мардум аз он огоҳ шаванд ба ҳаққоният он пай мебаранд ва роҳи ҳақро пеш хоҳанд гирифт. Ин як равиши бехирадонае аст, ки баъзеҳо

1-Сираи Ибни Ҳишом ч.1.с.293-294 ва дигарон муфассал ин гуна ахборро нақл кардаанд.

пеш гирифтаанд ва ҳатто баъзе аз кишварҳо низ ба ин равиш амал мекунанд. Вале ба назар мерасад ҳақиқати ин сухан ва равиш ба маънои беақлу кӯдак донистани худ ва дигарон мебошад. Худованд дар Қуръон мефармояд:

"انّ شر الدواب عند الله الصم البكم الذين لا يعقلون".

"Дар ҳақиқат бадтарини халқи Худо кару гунгҳое ҳастанд, ки ақлашонро ба кор намегиранд". Сураи Анфол-22.

Ва боз мефармояд:

"ويجعل الرجس على الذين لا يعقلون"

"Худо палидиро дар он касоне қарор медиҳад, ки ақлашонро ба кор намегиранд".Сураи Юнус-100.

Касоне, ки ин равишро пеш гирифтаанд таваҷҷӯҳ ба ин неъмати бузурги илоҳӣ надоранд, ки Худованд ба онҳо ақл дода, то битавонанд бо он ҳаққу ботил ва росту дурӯғро фарқ бигзоранд ва аз паи суханони ботил ва дурӯғ нараванд ва аз тарафи дигар мефармояд: Аҳли фаҳму хирад он касоне ҳастанд, ки суханонро мешунаванд ва баъд худашон бо ақлашон баррасӣ карда беҳтарин аз дурусттарини онҳоро интихоб мекунанд. Пас роҳи гумроҳ нашудан аз назари Қуръон, чашму гӯшро аз гуфтори дигарон бастан нест, балки гӯш додан ба сухани дигарон ва далелҳояшон ва муқоиса кардани онҳо бо якдигар аст, ҳамон равише, ки як қозӣ дар доварӣ байни инсонҳо анҷом медиҳад.

Бинобар ин касоне, ки толиби ҳақ ҳастанд ва мехоҳанд ба ҳақ бирасанд, бояд ин се ояти Қуръонро дар назар дошта бошанд ва фиреби дигаронро нахӯранд. Чӣ қадар воқеиятҳое дар таърих вуҷуд дорад, ки мо ба хотири сустӣ ва беаҳамиятиямон аз онҳо бехабарем! Чӣ қадар корҳое аст, ки мо онҳоро ба гумони ин ки дастури Ислом аст, анҷом медиҳем, вале дар воқеъ ҳеҷ асле дар Ислом надоранд. Барои ошноӣ бо ин гуна матолиб бояд аз неъмати бузурги ақл, ки Қуръон фаровон ба арзиши он таъкид карда аст,

истифода кунем ва худамон бо баррасии ҳамаҷониба ҳаққу ботилро фарқ бигзорем, то аз шакку шубҳа берун шуда бо биноӣ ва басират вазифаи динии худро анҷом диҳем.

Ба ин матлаб, низ ишора мекунем, ки мо дар ин китоб танҳо аз аҳодису ахбори бузургони аҳли суннат истифода кардем ва ҳатто як хабар ва ҳадис ҳам аз китобҳои ғайри аҳли суннат барои собит кардани ин мавзӯъ мавриди истидлол қарор надодем.

Аз онҷо, ки мо дар ин китоб барои муаррифии уламое, ки орои онҳоро нақл кардем бештар аз китобҳои Заҳабӣ истифода намудем, муносиб дидем ба таври мухтасар ишорае ҳам ба тарҷумаи ҳоли ӯ дошта бошем.

Заркалӣ мегӯяд: Дар китоби хаттии яке аз муосиронаш дидам, ки дар он мегӯяд: "Чандин мартаба бо Заҳабӣ нишастем пас, аз ӯ аз улуми адаб ва арабӣ савол мекардам ва дидам, ки дар он улум монанди сел ҷавалон мезанад ва агар зинда мемонд шахси аҷибе буд. Баъд мегӯяд: "Ҳофизи муаррих, алломаи муҳаққиқ буд".1

Солеҳи Шомӣ аз китоби Субкӣ нақл карда, ки ӯ дар васфи Заҳабӣ чунин гуфтааст:

"Муҳаддиси замон, хотами ҳофизони қоим ба нигаҳдории ин фан, ҳомили парчами аҳли суннат ва ҷамоат, имоми замонаш дар ҳифз ва итқон".2

Заҳабӣ шофеӣ мазҳаб буда аст. Ибни Ҳаҷари Асқалонӣ, ки аз бузургтарин уламои ҳадис ва риҷолии аҳли суннат мебошад Заҳабиро устоди худаш медонад ва ҳамчунин Ибни Касир. Заҳабӣ аз ҳамнишинону ҳамдарсони Ибни Таймия буда, вале баъд аз он ки Ибни Таймия роҳи инҳирофро пеш гирифта аз ӯ ҷудо шуда ва бо ӯ мухолифатҳо кардааст, ки дар ин китоб бо баъзе аз

---

1-Ал-Аълом ч.5.с.626.

2-"Субул-ул-ҳудо вар-рашод"-и Солеҳи Шомӣ ч.1.с.84.

назароти ӯ ошно хоҳем шуд.

Ва ҳамчунин мо саъй кардем аз ахборе, ки назди бузургони аҳли суннат мўътабар аст истифода кунем ва дар аксари маворид назари уламои риҷолро дар бораи санади ахбори зикршуда овардем ва дар баъзе аз маворид баъд аз баррасии санад худамон бар сиҳҳати он ишора кардем.

Хулоса ҳар чӣ дар ин китоб мехонед аз китобҳои маъруф ва шинохташудаи аҳли суннат буда, баёнгари ин аст, ки аҳли суннат дар ҷоиз будани тавассул ва истиғоса иттифоқи назар доранд.

Ва мо ин амалро ба нияти иттилоърасонӣ ва равшан шудани каҷравии мухолифони тавассул ва истиғоса анҷом додем, то иншоаллоҳ дар расидан ба ҳаққу саодати абадӣ, гиреҳкушо ва намоёнандаи роҳи ҳақ бошад.

## Фасли аввал

### Дар баёни шунидан ва дидани гузаштагон

Қабл аз он ки вориди ин баҳс шавем, ба назароти бародарони ваҳҳобӣ дар ин мавриду ишора мекунем, то равшантар гардад, ки онҳо чӣ гуна бар осори фаровон ва мусалламҳои исломӣ пушт кардаанд.

Далели ваҳҳобиҳо бар нашнидани мурдаҳо

Яке аз муҳимтарин чизе, ки сабаб шуда, то ваҳҳобиҳо тавассул ва истиғоса ба Расули Худо **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳ** ва дигаронро ҳаром бидонанд ин аст, ки онҳо мӯътақиданд мурдаҳо сухани зиндаҳоро намешунаванд ва наметавонанд ҷавоби зиндаҳоро бидиҳанд, ба ин гумон, ки ояти Қуръон ин гуна муаррифӣ кардааст. Ва барои таъйиди ин ақидаи худ ба ин ояти шарифаи Қуръон истидлол мекунанд:

"وما انت بمسمع من في القبور". سوره فاطر 22

Дар ин оят Худованд мефармояд: "Ҳаргиз мурдаҳо ва зиндаҳо баробар нестанд. Худо паёми худро ба гӯши ҳар, ки бихоҳад мерасонад. **Ва ту наметавонӣ сухани худро ба гӯши касоне, ки дар гур ҳастанд бирасонӣ**".

Муҳаққиқи “Сияру аълом-ун-нубало”-и Заҳабӣ дар ҷилди 7. дар ҳошияи тарҷумаи рақами 156 бо далел қарор додани ин оят мегӯяд: "Мурдаҳо бо насси Қуръон намешунаванд".

Муҳаммад Халил Ҳаррос мегӯяд: "Арвоҳи гузаштагон, ҳеҷ огоҳӣ ва робита бо зиндаҳо ва ин олам надоранд."1

Боз ҳамин нависандаи ваҳҳобӣ мегӯяд: "Мо ба салом (барои мурдаҳо) амр шудаем, вале онҳо (мурдаҳо) амр ба ҷавоби саломи мо нашудаанд, чун ҳам намешунаванд ва ҳам наметавонанд ҷавоб диҳанд."2

---

1-"Ар-Рад ало китоби "Ҳукмул Ислом фит-тавассул бил-анбиё вал-авлиё"-и Ҳаррос саҳ.19.

2-Китоби қаблӣ.

Пас, тибқи ин ақидаи ваҳҳобиҳо, Ислом ба кори лағву беҳуда мусулмононро амр кардааст.

Албонӣ мегӯяд: "Қуръон ва суннат ва нусуси қатъӣ, далолат бар ин мекунад, ки мурдаҳо намешунаванд. Ва агар бар фарз ҳам, ки бишнаванд наметавонанд ҷавоб бидиҳанд. (ба ин далел, ки) Худованд дар Қуръон мефармояд:

**"يا أيها الناس ضرب مثل فاستمعوا له إن الذين تدعون من دون الله لن يخلقوا ذبابا ولو اجتمعوا له وإن يسلبهم الذباب شيئا لا يستنقذوه منه ضعف الطالب والمطلوب ما قدروا الله حق قدره إن الله لقوي عزيز".**

"Эй мардум (масале зада шуда барои мушрикон) ба ин масал гӯш бидиҳед, ғайри Худо (бутҳоеро), ки мехонед гарчӣ ҳама бо ҳам ҷамъ шаванд қодир нестанд, ки як магасе халқ кунанд ва агар магаси (нотавон) чизеро аз онҳо бигирад, қодир нестанд, ки онро баргардонанд. Бидонед, ки толиб ва матлуб ҳар ду нотавонанд. (Ин мушрикон) Худоро нашнохтанд. Худованд зотест бениҳоят тавоно ва беҳамто."1

**"والذين تدعون من دونه ما يملكون من قطمير إن تدعوهم لا يسمعوا دعاءكم ولو سمعوا ما استجابوا لكم ويوم القيامة يكفرون بشرككم ولا ينبئك مثل خبير".**

"Ва касонеро, ки ҷуз Худо мехонед, (дар ҷаҳон) молики пӯсти хурмое ҳам, нестанд. Агар онҳоро бихонед, дуои шуморо намешунаванд ва агар бишнаванд ҷавоби шуморо намедиҳанд ва рӯзи қиёмат ба хотири ин ки онҳоро шарики Худо қарор додед, аз шумо безорӣ ҷӯянд ва ҳеҷ касе мисли Худои доно, туро (аз ҳақоиқ) огоҳ намегардонад."2

Ин ду ояти шарифа ва баъзе оёти дигарро, ки дар бораи мушрикон сӯҳбат мекунад, ваҳҳобиҳо далел бар нашнидани мурдагон ва ширк будани тавассул ва талаби ёрӣ аз ғайри Худо қарор додаанд, ки мо дар фасли ҷудогонае дар бораи

---

1-Сураи Ҳаҷ ояти 73-74.

2-Сураи Фотир 13-14.

ин оёт ва сухани ваҳҳобиҳо баҳсе хоҳем дошт.

Пас, аз ин назарот мункири шунидани мурдаҳо будани ваҳҳобиҳо собит мешавад.

### Ҷавоб аз бардошти онҳо аз оёти ёдшуда

Дар бораи маънои ояти (аҳли қубурро наметавонӣ бишнавонӣ) муфассирин ва бузургони аҳли суннат мегӯянд:

Ибни Қутайба, ки аз донишмандони бузурги қарни севвуми аҳли суннат аст баъд аз истидлол ва собит кардани ин ки гузаштагон мешунаванд дар мавриди маънои ин оят чунин мегӯяд:

وأما قوله تعالى **إنك لا تسمع الموتى وما أنت بمسمع من فى القبور** فليس من هذا فى شئ لانه أراد بالموتى ههنا الجهال وهم أيضا أهل القبور يريد إنك لا تقدر على إفهام من جعله الله تعالى جاهلا ولا تقدر على إسماع من جعله الله تعالى أصم عن الهدى وفى صدر هذه الآيات دليل على ما نقول لانه قال **لا يستوى الاعمى والبصير** يريد بالاعمى الكافر وبالبصير المؤمن **ولا الظلمات ولا النور** يعنى بالظلمات الكفر وبالنور الايمان **ولا الظل ولا الحرور** يعنى بالظل الجنة وبالحرور النار **وما يستوى الاحياء ولا الاموات** يعنى بالآحياء العقلاء وبالاموات الجهلاء ثم قال **إن الله يسمع من يشاء وما أنت بمسمع من فى القبور** يعنى أنك لا تسمع الجهلاء الذين كأنهم موتى فى القبور ومثل هذا كثير فى القرآن ولم يرد بالموتى الذين ضربهم مثلا للجهلاء شهدا بدر فيحتج بهم علينا أولئك عنده احياء.

Аммо қавли Худованд, ки "**Ба дурустӣ, ки ту наметавонӣ мурдаҳоро бишнавонӣ**" ҳеҷ далолате бар нашнидани мурда намекунад, чун Худованд дар ин ҷо ҷоҳилонро ирода карда, ки ҷоҳилон аҳли қубур низ ҳастанд. Худованд мехоҳад бифармояд, ки ту қодир ба фаҳмондани он касе, ки Худо ӯро ҷоҳил қарор дода нестӣ ва

қодир бар шунавондани касе, ки Худо гӯши ӯро аз ҳидоят кар қарор дода низ нестӣ. Садри ин оёт далел аст бар он чӣ ки мегӯем, чун садри оят мефармояд: "**Ва нобино ва бино ҳаргиз баробар нестанд**" аз нобино кофирро ирода карда ва аз бино мӯъминро "**Ва на зулматҳо ва нур**" манзур аз зулумот куфр аст ва манзур аз нур, имон. "**Ва на сояи (оромишбахш) ва боди доғу сӯзон**" манзур аз соя биҳишт аст ва манзур аз гармо оташ "**Ва ҳаргиз мурдаҳо ва зиндаҳо баробар нестанд**" манзур аз зиндаҳо, инсонҳои оқил ва манзур аз мурдаҳо, ҷоҳилон ҳастанд, баъд фармуд: "**Худованд паёми худро ба гӯши ҳар кӣ бихоҳад мерасонад ва ту наметавонӣ сухани худро ба гӯши он касоне, ки дар гӯр хобидаанд бирасонӣ**" яне ту ҷоҳилонро, ки гӯё дар қабрҳояшон мурдаанд наметавонӣ бишнавонӣ. Ва ин гуна оёт дар Қуръон зиёд аст, ки аз мурда ҷоҳилонро хоста масал бизанад ва иродаи шуҳадои бадр накарда, чун онҳо назди Худо зиндаанд.[1]

**Шарҳи ҳоли Ибни Қутайба**: Заҳабӣ мегӯяд: "Алломаи бузург ва оншо бо фанҳои мухталиф ва соҳиби китобҳо. Абӯбакри Хатиб гуфтааст, ки: Сиқа ва диндор ва фозил буд. Ӯ соҳиби ҳадис набуд, вале аз бузургони олимони машҳур ва соҳиби фанҳои мухталиф ва улуми муҳим буд.[2] Китобҳои зиёдеро аз тасонифаш ном бурдаанд, ки аз ҷумлаи онҳо "Таъвилу мухталифул ҳадис" мебошад.

Ҳасан ибни Алии Саққоф аз донишмандони бузурги шофеии муосир дар тафсири ин оят мегӯяд:

**إعلم يرحمك الله تعالى أن بعض من توهم أن الأموات لا يسمعون ظنوا أن قول الله تعالى (وما أنت بمسمع من فى القبور) دليلا على ذلك، وليس كذلك، بل هذه الآية دليل على أن الكفار المصرين على الباطل لن ينتفعوا بالتذكير والموعظة كما أن الأموات**

---

1-Таъвилу мухталифул ҳадис"-и Ибни Қутайба саҳ.143.

2-"Сияру аълом-ун-нубало"-и Заҳабӣ ҷ.13.с.298.р.138.

الذين صاروا إلى قبورهم لن ينتفعوا بما يسمعونه من التذكير والموعظة بعد أن خرجوا من الدنيا على كفرهم، فشبه الله تعالى هؤلاء الكفار المصرين بالأموات من هذا الوجه، ونص على ذلك أهل التفسير فراجعه، وانى أنقل لك قول واحد منهم: جاء فى مختصر تفسير ابن كثير رحمه الله للشيخ الصابونى حفظه الله تعالى 3 /45 فى تفسير آية وما أنت بمسمع من فى القبور إن المعنى: أى كما لا ينتفع الأموات بعد موتهم وصيرورتهم إلى قبورهم وهم كفار بالهداية والدعوة إليها كذلك هؤلاء المشركون الذين كتب عليهم الشقاوة لا حيلة لك فيهم، ولا تستطيع هدايتهم إن أنت إلا نذير. واعلم أن الله تعالى قال إنك لا تسمع الموتى ولا تسمع الصم الدعاء إذا ولوا مدبرين النمل 80، وأنت تعلم أن الأموات لا يولون مدبرين بعد العظة والتذكير وإنما المراد بذلك الكفار ولذلك قال النبى صلى الله عليه وآله وسلم كما فى الصحيحين: مثل الذى يذكر الله تعالى والذى لا يذكره مثل الحى والميت. فتأمل. الضمير فى قوله سبحانه : (إذا ولوا مدبرين) عائد على الموتى وعلى الصم، لأن المراد بكل منهما الكفار، وهذا ظاهر بداهة، فالموتى والصم هم الكفار لا الاجساد، ونص على ذلك أئمة محققو المفسرين ، بالاضافة إلى الأدلة التى أوردتها فى هذه الرسالة فى اثبات سماع الأموات بلا شك.

Бидон Худо туро раҳмат кунад, ҳамоно баъзеҳо таваҳҳум кардаанд, ки мурдаҳо намешунаванд ва гумон кардаанд, ки ин қавли Худованд "**Ва ту наметавонӣ аҳли қубурро бишнавонӣ**" бар ин гуфторашон далолат мекунад ва ҳол он ки чунин нест, балки ин оят далел бар ин аст, ки куффоре, ки бар ботили худ исрор меварзанд бо ёдоварӣ ва мавъиза нафъ намебаранд чунон, ки мурдаҳое, ки ба сӯи қубурашон рафтанд ба василаи он чӣ дар қубурашон аз ёдоварӣ ва мавъизае, ки мешунаванд баъд аз он ки аз дунё дар ҳоли куфр хориҷ шуданд, нафъ намебаранд. Пас Худованд куффореро, ки бар ботил исрор меварзанд ба мурдаҳо ташбеҳ фармуда аст ва муфассирон низ бар он ба равшанӣ ишора кардаанд пас ба онҳо муроҷиа бикун ва ман сухани яке аз онҳоро барои ту нақл мекунам: Дар мухтасари тафсири Ибни Касир раҳимаҳуллоҳ нигоштаи шайх Собунӣ ҳафизаҳуллоҳ ҷ.3.с.45 дар тафсири ояти "**Ва**

**ту наметавонӣ аҳли қубурро бишнавонӣ**" мегӯяд: Чунон, ки мурдаҳо баъд аз марг ва кӯч карданашон бар қабрҳояшон дар ҳоле, ки бар даъват ва ҳидоят куфр варзидаанд ҳам чунин ин мушриконе, ки Худованд шақовату бадбахтиро барояшон лозим гардонида, ту (эй Паёмбар) роҳе барои ҳидояти онҳо надорӣ ва наметавонӣ онҳоро ҳидоят кунӣ "**Ва ту танҳо бимдиҳандай**". Бидон, ки ҳамоно Худованди Мутаол фармуд: "**Мусалламан ту наметавонӣ суханатро ба гӯши мурдагон бирасонӣ ва наметавонӣ карҳоро ҳангоме, ки рӯй мегардонанд ва пушт мекунанд, фаро хонӣ**"! Ва ту медонӣ, ки ҳамоно мурдаҳо баъд аз марг аз мавъиза ва ёдоварӣ рӯй намегардонанд ва ҳатман дар ин ҷо манзур куффор мебошанд бинобар ин Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам чунон, ки дар саҳеҳайн омада фармуд: "**Масали касе, ки Худоро ёд мекунад ва касе, ки Худоро ёд намекунад масали зиндаву мурда аст**".[1] Пас фикр бикун, ки замир дар (изо валлав мудбирин) бар мурдаҳо ва карҳо бар мегардад, чун манзур аз ҳар дуи онҳо куффор мебошанад ва ин хеле равшан аст, пас манзур аз мурдаҳо ва карҳо куффор ҳастанд на ҷасадҳои мурда ва ба ин матлаб имомони муҳаққиқ ва муфассирон таъкид намудаанд ва ин илова бар далелҳое, ки дар ин китоб дар исботи шунидани мурдаҳо зикр кардем. Ва баъд Саққоф суханони Табариро аз тафсираш муҷаллади 11 ҷ.25.с12 ва имому ҳофиз Абӯҳайёнро нақл мекунад, ки онҳо низ ин оётро дақиқан ҳамин гуна маъно кардаанд.[2]

Ёдовар мешавем, ки Ибни Ҷавзӣ ва Ибни Қайюм низ ин оятро ҳамин гуна тафсир кардаанд ва Қуртубӣ низ аз Ҳасани Басрӣ ва Исои Сақафӣ ва Амр ибни Маймун (ки

---

1-Саҳеҳи Бухорӣ ҷ.7.с.168 ва дигарон.

2-"Ал-Иғоса"-и Ҳасан ибни Алии Саққоф с.6. Мухтасари тафсири Ибни Касир ҷ.3.с.145.

ҳама аз тобеин ҳастанд) нақл кардааст, ки онҳо низ ин оятро ҳамин гуна маъно кардаанд.[1]

Ибни Касир, низ ин оятро ҳамин гуна маъно карда, ӯ мегӯяд: Ҳамон гуна, ки мурдагон баъд аз мунтақил шудан ба қабр аз суханони ту нафъ намебаранд, чун нисбат ба ҳидоят ва даъват кофир буданд, ҳамон гуна ин мушриконро, низ ту наметавонӣ ба роҳи ҳақ ҳидоят кунӣ".[2]

Ибни Касир баъд аз нақли назари уммулмӯъминин Оиша, ки бо истидлол бар ин оят гуфта аст, ки мурдагон намешунаванд ва ҳадиси сухан гуфтани Расули Худо **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам**-ро бар хилофи дигарон аз саҳоба саъй мекарда бар нашнидан маъно кунад, мегӯяд: Ин оят бо ин гуна аҳодис ҳеҷ гуна мухолифат ва таорузе надорад ва савоб сухани саҳоба ва касоне аст, ки баъд аз саҳоба буданд, ки эътиқод доштанд мурдагон мешунаванд".[3]

Солеҳи Шомӣ баъд аз он ки дар бораи ин фаҳми уммулмӯъминин Оиша, ки бо истидлол ба ин оят шунидани мурдаҳоро инкор карда аст, аз уламо далелҳо бар хато будани фаҳми ӯ меоварад ва дар охир ҳадисеро, (ки мегӯяд санадаш саҳеҳ аст) аз уммулмӯъминин Оиша аз муснади Аҳмад ривоят карда ва баъд мегӯяд: Аз ин ҳадиси уммулмӯъминин Оиша фаҳмида мешавад, ки ӯ аз назари аввалаш баъд аз шунидани аҳодиси саҳобагони дигар дар ин мавзӯъ, баргашта бошад".[4]

Дар оянда аҳодисеро, низ хоҳем зикр кард, ки бо сароҳат далолат мекунад, ки уммулмӯъминин Оиша эътиқод дошта бар ин ки мурдагон мешунаванд ва ҳатто

---

1-"Зод-ул-масир"-и Ибни Ҷавзӣ ҷ.6.с.252. Тафсир Қуртубӣ ҷ.14.с.340. Ар-Рӯҳ"-и Ибни Қайюм с.45-46.

2- Тафсир ҷ.3.с.560.

3-Таърихи Ибни Касир ҷ.3.с.356. Сираи набавияи Ибни Касир ҷ.2.с.450.

4-"Субул-ул-ҳудо вар-рашод"-и Солеҳи Шомӣ ҷ.4.с.85.

мебинанд.

## Далели ваҳҳобиҳо аз оёти дигар

Албонӣ дар идома мегӯяд: "Ва оятҳои дигаре, ки онро дар муқаддимаи китоб шарҳ додем, пас бисёре аз мусулмонони хуб (тайийибин) ба василаи он ба роҳи рост ҳидоят шуданд, баъд аз он ки дар гумроҳӣ буданд. (Пас ин суханаш тасреҳ аст бар гумроҳ будани Ибни Таймия, чун ӯ мӯътақид ба шунидан ва ҷавоб додани мурдаҳо аст). Худоро ҳамд, ки моро ҳидоят намуд ва ба василаи мо дигаронро низ ҳидоят намуд."1

Шакке нест, ки сабаби нозил шудани ин оёт мушриконанд, ки бутро ба эътиқоди худоӣ мехонданд, Худованди Мутаол дар ин оёт масал мезанад, ки агар ҳатто магас ҳам аз ин бутҳо чизеро бигирад инҳо қодир нестанд, ки онро аз он магас баргардонанд. Оё қиёси Расули гиромии Ислом **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳ** бо ин бутҳои сангӣ кори дурусте аст? Оё Паёмбари азимушшаън баъд аз реҳлат аз олами моддӣ ба олами болотар дигар ҳеҷ фарқе бо ин бутҳо надоранд, Чӣ гуна мумкин аст, кӯмак хостан аз як инсони оддӣ ширк набошад, вале кӯмак хостан аз Расули Худо ширк бошад! Агар ба ҳар касе, ки таассуби мазҳабӣ надошта бошад, ин ду оятро барояш бихонӣ, ба роҳатӣ ҷавоб медиҳад, ки манзури ин оёт он касоне ҳастанд, ки ба ғайри Худо мақоми худоӣ қоил шуданд ва ба унвони Худо онро мехонанд.

Ин аст далел мактаби ваҳҳобият нисбат дар ин, ки талаби ёрӣ аз Расули Худо **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи**-ро бо истидлол ба ин гуна оёт ширк медонанд. Агар ин истидлоли онон дуруст бошад бидуни шак тамоми

---

1-Муқаддимаи "Оётул байийинот фи адами симоил амвот"-и Нӯъмон ибни Маҳмуди Олӯсӣ.

ваҳҳобиҳо мушрик хоҳанд буд. Чун вақте ин оят далел бар ширк будани кӯмак хостан аз касе бошад, ҳеҷ фарқе байни зинда ва мурда нахоҳад дошт. Пас, бинобар ин истидлол ва фаҳми ваҳҳобиҳо, ҳар, ки аз ҳар касе кӯмак бихоҳад мушрик хоҳад буд, чӣ аз зинда ва чӣ аз мурда.

Ва аз оёти дигаре, ки ваҳҳобиҳо ба он истидлол мекунанд ояти панҷуми сураи Фотиҳа аст, ки мефармояд:

"Фақат туро мепарастем ва танҳо аз ту кӯмак мехоҳем."

Ваҳҳобиҳо мегӯянд: Бинобар ин оят кӯмак хостан аз мурда ширк аст. Чаро? Чун мефармояд: Фақат аз Худо кӯмак бихоҳед.

Ин оят, низ монанди оёти қаблӣ аст. Агар хуб диққат кунем ба ин ҳақиқат хоҳем расид, ки агар ин бардошти ваҳҳобиҳо дуруст бошад, бояд бигӯем: Ҳамаи инсонҳо ҳатто паёмбарони илоҳӣ (наузу биллоҳ) мушрик будаанд. Чаро? Чун, ин ояти шарифа мефармояд: Фақат аз Худо кӯмак бихоҳед. Намефармояд, ки дар ғайри мавриди зинда аз Худо кӯмак бихоҳед. Ин оят ҳеҷ фарқе байни зинда ва мурда нагузоштааст. Чӣ аз зинда ва чӣ аз мурда агар кӯмак бихоҳед (бинобар истидлоли ваҳҳобиҳо) мушрик хоҳед шуд.

Худованд достони ҳазрати Сулаймон **алайҳис-салом**-ро дар Қуръон бозгӯ мефармояд, ки ҳазрати Сулаймон ба ёронаш фармуд:

**قال يا أيها الملؤا أيكم يأتيني بعرشها قبل أن يأتوني مسلمين قال عفريت من الجن أنا آتيك به قبل أن تقوم من مقامك وإني عليه لقوي أمين قال الذي عنده علم من الكتاب أنا آتيك به قبل أن يرتد إليك طرفك فلما رآه مستقرا عنده قال هذا من فضل ربي ليبلوني أأشكر أم أكفر ومن شكر فإنما يشكر لنفسه ومن كفر فإن ربي غني كريم".**

(Сулаймон рӯ ба ҳозирон карду) Гуфт: Кадом як аз шумо тахти Билқисро қабл аз он ки таслими амри ман шавад, хоҳад овард. Ифрит аз ҷин гуфт: Ман қабл аз ин ки ту аз ҷоят баланд шавӣ, онро меоварам ва ман ба ин кор қодир ва аминам. Он касе, ки илме аз китоб дар наздаш буд

(Осиф ибни Бархиё) гуфт: Ман қабл аз ин ки ту чашм ба ҳам бизанӣ онро хоҳам овард, пас тахтро дар пеши худ ҳозир дид ва гуфт: Ин аз фазли Парвардигори ман аст..."1

Бинобар ақидае, ки ваҳҳобиҳо аз оятҳои мавриди назарашон доранд, ин амали ҳазрати Сулаймон **алайҳис-салом** ширк мешавад ширк. Ва ҳамон гуна, ки ишора кардем ғайри мушрик дар дунё боқӣ нахоҳад монд. Ин аст ҳидояте, ки Албонӣ ба худаш мефахрад ва мегӯяд: Хелеҳо, ки дар гумроҳӣ буданд ва чун инсонҳои хуб буданд бо хондани ин гуна далелҳо ҳидоят шудаанд.

(Инсони мунсиф байни истидлол ва бардошти хавориҷ бо бардошти ваҳҳобиҳо чӣ фарқе хоҳад дид. Бухорӣ ривоят мекунад, ки Ибни Умар хавориҷро бадтарини халқи Худо медонист ва мегуфт: Хавориҷ оётеро, ки дар бораи куффор нозил шуда бар мӯъминон татбиқ мекарданд."2

Хавориҷ бо ақидаи шайтонии худ, мӯъминонро дар роҳи Худо мекуштанд. Яъне ба гумони шайтонии худ, кори савоб анҷом медонанд ва ба мӯъминкушии худ фахр мекарданд. Ва бо вуҷуди ин, ки ингуна ақидаи ботили равшан доштанд, вале боз дар ин роҳи ботил ба гумони роҳи ҳақ, собит буданд. Ва имрӯз ваҳҳобиҳо низ ҳамон роҳро пеш гирифтаанд. Бо истидлол ба оёте, ки дар бораи мушрикон ва куффор нозил шуда, мӯъминонро ба гумони худ дар роҳи Худо мекушанд ва ба ин амали худ, яъне ба мӯъмину мусулмонкушӣ, фахр ҳам мекунанд. Мутаассифона хеле аз ҷавононеро, ки имрӯза зери таъсири ақидаи ваҳҳобият қарор гирифтаанд, барои муаррифии беҳтари ваҳҳобият бар ӯ, савол бикунӣ, ки хавориҷ кӣ буданд ва оё хабаре аз онҳо дорӣ, мегӯянд баъзе чизҳо медонам яъне номе аз хавориҷ шунидаанд ва бас. Пас чӣ

---

1-Сураи Намл оёти 38-40.

2-Саҳеҳи Бухорӣ ҷ.8.саҳ.51. Фатҳ-ул-Борӣ ҷ.12.саҳ.252.

гуна ба ин ҷавоне, ки аз воқеияти хавориҷе, ки бо иттифоқи ҳамаи гурӯҳҳои исломӣ аҳли ҷаҳаннам ҳастанд ошноӣ бо рафтори кирдор ва ҳақиқати он надорад, метавон оқимати шӯму дардноки ақида ва рафторҳои ваҳҳобиятро муаррифӣ намуд!

Албатта барои инсонҳои мунсиф ва ошоҳ далеле барои собит кардани ботил будани ин истидлолҳои ваҳҳобиҳо лозим нест, чун хеле равшан аст. Вале мо танҳо ишора мекунем, ки дар ду ояти аввал манзур аз хондан, яъне ба унвони Худо хондани дигарон аст. Ва оят сароҳат дорад бар мушрикон, ки бутҳоро ба ҷои Худо мепарастиданд ва аз бутҳо кӯмак мехостанд, ки дар тафосир низ ба он ишора шудааст.

Ва дар ояти сураи Фотиҳа, низ манзур он кӯмакест, ки кӯмакдиҳандаро мустақил бидонем. Яъне аз касе кӯмак ва ёрӣ хоста шавад бо ин эътиқод, ки ӯ мустақиллан дорои қудрат аст ва ҳар чӣ дорад аз худ дорад ва бидуни қудрат ва иҷозаи Худованд метавонад ҳар чӣ хоста анҷом бидиҳад. Ин гуна кӯмак хостан аст, ки ширк мешавад. Ин бардошти ваҳҳобиҳо ва истидлол ба ин гуна оёт ва ширк донистани тавассул ба Паёмбари гиромӣ **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳ** бо ҷоиз донистани талаби ёрӣ аз зиндаҳо бо ин ки онҳо ҳам ғайри Худо ҳастанд мухолифат дорад агар далелҳои онҳо дуруст бошад ҳатман худашон, низ бояд мушрик бошанд! Ва ҳамчунин агар бардошти онҳо аз ин гуна оёт дуруст бошад, зиндагии башарият ба ҳам мехӯрад ва касе наметавонад, ҳатто аз фарзандаш, аз ғуломаш ва аз зердасташ бихоҳад, то кореро анҷом диҳад, чун кӯмак хостан аз ғайри Худо мешавад ва бинобар ин бардошт, мушрик хоҳад шуд.

Ҷолиб ин ҷост, ки дар ҳеҷ як аз ин гуна оятҳо, ки ваҳҳобият бар ширк будани тавассул ва истиғоса истидлол кардаанд, муфассирони исломӣ ва олимон аз замони саҳоба то кунун касе чунин бардоштро аз ин оёт накардааст,

ҳатто Ибни Касир, ки аз шогтрдони Ибни Таймия буда ва ҷои тааҷҷуб аст, ки бо вуҷуди ин чӣ гуна ваҳҳобиҳо худро салафӣ мехонанд!

Ин матлаб хеле равшан аст ва мо низ намехостем дар бораи он сухане дошта бошем, вале сухан аз паси худ сухан меоварад ва ин гуфтору истидлоли Албонӣ, ки мо фақат мехостем ба ин ақидаи ваҳҳобиҳо, ки мегӯянд, мурда намешунавад, ишора бикунем, пеш омаду ба ин гуфтори дур аз мантиқ ва ҳақиқати ваҳҳобиҳо, низ ишора шуд.

Ва бояд ба ин матлаб, низ ишора кунем, ки Албонӣ, ки мегӯяд: Хелеҳо баъд аз гумроҳӣ бо хондани муқаддимаи ӯ бар китоби Олӯсӣ дар мавриди нашнидани мурдаҳо ба роҳи рост ҳидоят шудаанд, ба равшанӣ мерасонад, ки он Шайхул Исломе, ки раҳбари Албонӣ аст ва Албонӣ асли ин ақидаи ботилро аз ӯ фаро гирифта, яне Ибни Таймия, ҳам дар гумроҳӣ буда ва дар ҳамон гумроҳӣ ҳам аз дунё рафта аст. Ва ин тибқи ақида ва ин сухани худи Албонӣ аст. Чун ӯ эътиқод ба шунидани мурдаро гумроҳӣ дониста аст, вале Ибни Таймия ба шунидани мурдагон эътиқод дошта ва бо ҳамон эътиқод, низ аз дунё рафта аст.

Ёдовар мешавем, ки сираи мусулмонон дар замони Расули Худо **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳ** ва баъд аз он бар ин буда, ки ба авлиёи Худо ва солеҳин мутавассил мешуданд ва ба зеҳни ҳеҷ як аз онҳо намеомад, ки ин амал ҳаром ё ширк бошад. Онҳо мӯътақид буданд, ки гузаштагон аъмолу рафтори моро мушоҳида мекунанду мебинанд ва бо рафтан аз ин дунё, аз ин дунё комилан бехабар ва ноогоҳ нестанд, балки аз аҳволи мо огоҳӣ доранд.

Пас, чун яке аз ақоиди мусаллами ваҳҳобиҳо инкори шунидан ва ҷавоб додани гузаштагон аст, пеш аз ҳар чиз бо оёту аҳодис ва ахборе, ки гувоҳӣ медиҳанд, ки гузаштагон аз аъмолу рафтори мо огоҳ ҳастанд ва бо ин дунё робита доранд, ошно мешавем.

## Гувоҳии Қуръон бар шунидани гузаштагон

قال الله سبحانه: "فَأَخَذَتْهُمُ الرَّجْفَةُ فَأَصْبَحُوا فِي دارِهِمْ جاثِمينَ. فَتَوَلّى عَنْهُمْ وَقالَ يا قَومِ لَقَدْ أَبْلَغْتُكُمْ رِسالَةَ رَبّي وَنَصَحْتُ لَكُمْ وَلَكِنْ لا تُحِبُّونَ النّاصحينَ".

Ин оятҳо дар қиссаи ҳазрати Солеҳи паёмбар нозил шуда онгоҳ, ки қавми худро ба итоати Худованд ва зарар нарасондан ба мӯъҷизаи он ҳазрат (шутур) даъват кард, вале онҳо ба сухани ӯ гӯш надоданд ва он шутурро куштанд. **Пас азоби Худованд ба онҳо нозил шуд ва дар хонаҳояшон ба ҳалокат расиданд. Саранҷом заминларза онҳоро фаро гирифт ва субгоҳон танҳо ҷисми беҷонашон боқӣ монда буд. (Дар ин ҳангом дар ҳоле, ки онҳо мурда буданд ҳазрати Солеҳ) аз онҳо рӯй гардоду (ба онҳо хитоб кард ва бо онҳо сухан гуфту) фармуд: "Ман ба шумо паёми Парвардгорамро расондам ва шуморо насиҳат кардам, вале шумо насиҳаткунандагонро дӯст намедоред.**"1

Пас, аз ин оят истифода мешавад, ки ҳазрати Солеҳ бо мурдаҳо сухан гуфт ва агар онҳо намешуниданд ва дарк намекарданд он ҳазрат ин гуна онҳоро мавриди хитоб қарор намедод ва Қуръон, низ онро таъйид намекард.

Дар ояти дигар чунин мефармояд:

قال سبحانه: فَأَخَذَتْهُمُ الرَّجْفَةُ فَأَصْبَحُوا فِي دارِهِمْ جاثِمينَ الَّذِينَ كَذَّبُوا شُعَيْباً كَأَنْ لَمْ يَغْنَوا فِيها الَّذِينَ كَذَّبُوا شُعَيْباً كانُوا هُمُ الْخاسرينَ فَتَوَلّى عَنْهُمْ وَقالَ يا قَوْمِ لَقَدْ أَبْلَغْتُكُمْ رِسالاتِ رَبّي وَنَصَحْتُ لَكُمْ فَكَيْفَ آسى عَلى قَومٍ كافِرينَ".

"Сипас заминларза онҳоро фаро гирифт ва субҳ ба монанди ҷасадҳои беҷон дар хонаҳояшон афтода буданд. Онҳо, ки Шуайбро таксиб карданд (чунон нобуд шуданд, ки) гӯё ҳаргиз дар он хонаҳо сукунат надоштанд...ва онҳо зиёнкор буданд. Сипас Шуайб аз онҳо рӯй гардонду гуфт: Эй қавми ман! Ман паёмҳои Парвардигорамро ба шумо

---

1-Сураи Аъроф оёти 78-79.

расондам ва барои шумо хайрхоҳӣ кардам, бо ин ҳол чӣ гуна ба ҳоли қавми беимон таассуф бихӯрам". 1

Ин ояти шарифа низ монанди ояти қаблист. Ва ҳазрати Шуайб қавми худро баъд аз маргашон мавриди хитоб қарор дод ва бо онҳо сухан гуфт.

Дар ин маврид моро эътирофи Албонӣ ба ин воқеият басанда мекунад. Чун Албонӣ баъд аз ин ки мегӯяд: Ибни Касир дар тафсираш гуфта, ки ҳазрати Солеҳ ва Шуайб баъд аз марги қавмашон бо онҳо сухан гуфтанд, ба он эътироф мекунад, вале мисли ҳамеша баҳонаҷӯӣ мекунад ва мегӯяд: Ин махсуси паёмбарон аст.2

Ёдовар мешавем, ки Албонӣ ҳар ҷое, ки натавонист ахборро такзиб ё тазъиф кунад даст ба ин гуна баҳонаҷӯиҳо мезанад, то ҳақро бипӯшонад. Дар достони тавассули нобино низ хоҳад омад, ки онҷо низ ночор дар охир мегӯяд: Ин махсус Расули Худо аст, пас ҳар, ки аз ин ҳадис тавассул ба зотро фаҳмид, пас танҳо ба он ҳазрат мутавассил шавад на бар паёмбарони дигар ва авлиё ва...Ин ҷосухан гуфтан бо мурдаро махсуси паёмбарон муаррифӣ кард, вале дар тавассул паёмбаронро низ аз ин ихтисос хориҷ мекунад, ки дар бахши тавассул хоҳад омад.

**قال سبحانه: وَسْئَلْ مَنْ أَرْسَلْنا مِنْ قَبْلِكَ مِنْ رُسُلِنا أَجَعَلْنا مِنْ دُونِ الرَّحْمنِ الِهةً يُعْبَدُونَ".**

Боз Худованд ба Расули Худо **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳ** мефармояд: "Аз паёмбарони қабл аз худат бипурс, ки оё мо ғайр аз Раҳмон илоҳе қарор додем, то онро бипарастанд."3

Мулоҳиза мекунед, ки Худованди Мутаол ба Расули гиромии Ислом **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳ** дастур медиҳад, ки аз паёмбарон, ки аз дунё рафтаанд, бипурсанд.

---

1- Сураи Аъроф оёти 91-93.

2-"Оётул баййинот фи адами симоил амвот"-и Олӯсӣ саҳ.59 дар ҳошия.

3-Сураи Зухруф ояти 45.

Пас, Қуръон бо сароҳат шунидани гузаштагонро таъйид мекунад ва бо эътирофи Албонӣ, ки сардамдори мункирони шунидани гузаштагон аст, ба баёни назароти муфассирон дар исботи он, ниёзе нахоҳад буд.

Шунидани гузаштагон дар аҳодис

Дар Аҳодису ахбори исломӣ ривоёти фаровоне вуҷуд дорад, ки бо равшанӣ ба шунидану ҷавоб додани мурдаҳо бар саломи зиндаҳо далолат доранд. Вале бо вуҷуди ин ҳама мо мебинем, ки ваҳҳобиҳо дар баробари ин ҳама ахбори мутавотиру мусалламӣ исломӣ истодаанд ва мегӯяд мурдаҳо на мешунаванд ва на метавонанд ҷавоб бидиҳанд.

Пеш аз ҳама мо дар ин мавзӯъ мехоҳем ба ин далели равшану мусаллами таърихӣ аз замони Расули гиромӣ **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳ** то ба имрӯз ишора кунем ва он ин ки "ҳамаи мусулмонон аз замони Паёмбар **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳ** то ба имрӯз ҳамеша дар намозҳояшон бо сиғаи хитоб ба Паёмбар **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳ**, салом медиҳанд." Ва ин худ далолат бар ин дорад, ки он ҳазрат саломи умматонашонро мешунаванд ва ҷавоби саломи онҳоро, низ медиҳанд ва ин лозимаи саломи мо бо сиғаи хитоб аст. Агар Паёмбар **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳ** саломи моро нашнаванд ин амали мо кори лағву беҳуда хоҳад буд. Ҳамаи мусулмонон иттифоқ доранд, ки кори лағву беҳуда намозро ботил мекунад. Пас равшан мешавад, ки он ҳазрат саломи умматонашонро мешунаванд, бояд диққат дошта бошем, ки Албонӣ бо тамассук ба хабаре аз Ибни Масъуд мегӯяд: "Ибни Масъуд гуфта, ки баъд аз Паёмбар гуфтем: Салом бар Паёмбар. Яъне аз хитоб ба ғиёб баргаштем.

Пас Албонӣ барои ин ки ҷавобе аз ин суннати мусаллам ва қатъӣ дода бошад ба ин хабаре, ки мусулмонон ба он эътино накардаанд чанг задааст, вале бояд бидонем, ки Ибни Таймия ва Муҳаммад ибни Абдулваҳҳоб бо сиғаи хитоб дар намоз салом медоданд ва ҳамчунин имрӯз

ваҳҳобиҳо ин гуна амал мекунанд. Пас ин амалашонро чӣ гуна тавҷеҳ мекунанд! Ва дар ин масъала аз кӣ пайравӣ мекунанд, аз Албонӣ ё аз Ибни Таймия ва Ибни Абдулваҳҳоб!

Акнун бояд бубинем, ки бақияи мусулмонон дар ин бора чӣ мегӯянд ва ваҳҳобиҳо чӣ мегӯянд. Яке аз таноқузоти ваҳҳобиҳо бо раҳбару поягузори ақидаашон Ибни Таймия дар ҳамин мавзӯъ аст, ки Ибни Таймия ва ду шогирдаш Ибни Қайюм ва Ибни Касир беҳеҷ гуна қайду шарте шунидану ҷавоб додани мурдаҳо ва баҳраманд шудани онҳо аз талқину дуои зиндаҳоро қабул кардаанд ва дар китобҳояшон ба он таъкид варзида онро аз мусалламот донистаанд, вале пайравони имрӯзи ин мактаб бо истидлол ба ояти ёдшуда ин матлабро комилан мункир шудаанд. Ва мутаассифона гоҳе ҳам хеле суханони зишт ва занандае дар бораи Расули Худо **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳ** ба забон ҷорӣ мекунанд. Ба унвони мисол дар таърих сабт шуда, ки:

Баъзе аз пайравони Муҳаммад ибни Абдулваҳҳоб дар назди ӯ мегуфтанд: Ин асои ман беҳтар аз Муҳаммад **“саллаллоҳу алайҳи ва олиҳ”** аст чун дар куштани мор ва монанди он ман аз асоям кӯмак мегирам ва фоида мебарам ва Муҳаммад **“саллаллоҳу алайҳи ва олиҳ»** ба дурустӣ, ки мурдааст ва аслан фоидаи наметавонад бирасонад”.1

Ин курӣ ва нобиноӣ, инҳоро то ин ҳад густох карда, то ин гуна суханҳоро дар бораи Расули гиромии Ислом **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳ** бигӯянд.

Эътирофи Ибни Таймия ва ду шогирдаш бар шунидани гузаштагон

Ибни Таймия мегӯяд:

**"ولا ريب أن النبي** صلى الله عليه (وآله) وسلم **بل ومن هو دونه حي يسمع كلام الناس كما**

1-"Ад-Дурар-ус-сунния”-и Зайнӣ Деҳлон ҷ.1.с.42. "Ал-Фаҷр-ус-содиқ”-и Зуҳовии ҳанафӣ с.18. "Ат-Тавассул бин-набӣ ва ҷаҳалатул ваҳҳобия”-и Абӯҳомид ибни Марзуқи истанбулии ҳанафӣ с.245.

**قال** صلی الله علیه (وآله) وسلم **ما من رجل يسلم علي إلا رد الله علي روحي حتی أرد عليه السلام وما من رجل يمر بقبر الرجل كان يعرفه في الدنيا فيسلم عليه إلا رد الله عليه روحه حتی يرد عليه". رواه ابن عبد البر و صححه".**

"Шакке нест дар ин ки Паёмбар **саллаллоҳу алайҳи (ва олиҳ) ва саллам**, балки ғайри он ҳазрат низ зинда аст ва сухани мардумро (зиндаҳоро) мешунавад чунон, ки Паёмбар **саллаллоҳу алайҳи (ва олиҳи) ва саллам** фармуд: Ҳеҷ касе бар ман салом намедиҳад магар ин ки Худованд бар ман рӯҳамро бармегардонад, то ин ки ҷавоби саломашро бидиҳам ва дар ҳадиси дигар "ҳеҷ марде нест, ки аз қабри касе, ки ӯро дар дунё мешинохта бигзарад ва ба ӯ салом диҳад, магар ин ки Худо рӯҳашро ба ӯ баргардонад то ин ки ҷавоби саломашро бидиҳад" Дар "Иқтизо-ус-сирот" мегӯяд: Аммо ин ки мурдаҳо садои қироати Қуръон ва ғайри онро мешунаванд, ҳақ аст."1 Баъд мегӯяд: Ибни Абдулбар ин ҳадисро ривоят карда ва саҳеҳ гуфта аст.

Ёдовар мешавем, ки дар ин ҳадис, ки Ибни Абдулбар ривоят карда иборати "**бар ӯ рӯҳашро бармегардонад**" вуҷуд надорад маълум аст, ки ё Ибни Таймия барои он ки ин ҳадисро бо ақидаи худаш ҳамоҳанг кунад онро аз худаш ба ҳадиси Расули гиромии Ислом **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳ** изофа карда ва ё он қадар ба ҳофизааш иттико карда, ки бо фаромӯшӣ онро аз худ изофа карда аст, ки дар ҳар ду сурат ҳам амали зиште анҷом дода аст.

Ибни Касир, низ мегӯяд:

**وثبت عنه** صلی الله علیه (وآله)وسلم **تعليمه لأمته إذا سلموا علی أهل القبور أن يسلموا عليهم سلام من يخاطبونه فيقول المسلم السلام عليكم دار قوم مؤمنين وهذا خطاب لمن يسمع ويعقل وقد تواترت الاثار عنهم (عن السلف) بأن الميت يعرف بزيارة الحي له ويستبشر.**

Ибни Касир мегӯяд: "Собит шуда аз Паёмбар таълим додани он ҳазрат бар умматашон, салом доданро бар аҳли

---

1-«Ар-Рад алал Бакрӣ» ҷ.1.с.454. «Иқтизо-ус-сирот»-и Ибни Таймия ҷ.1.с.379.

қубур ва ин ки бо сиғаи хитоб бар онҳо салом бикунанд ва бигӯянд «салом бар шумо мӯъминон» ва ин хитоб барои касе аст, ки салом ва суханро мешунавад ва тааққул мекунад ва аз салаф ахбори мутавотир ба мо расида, ки маййит он шахси зиндаеро, ки бар зиёрати ӯ меояд, мешиносад ва ӯро башорат медиҳад.»1

Ибни Қайюм, низ мегӯяд:

**"وقد شرع النبي** صلى الله عليه (وآله) وسلم **لأمته إذا سلموا على أهل القبور أن يسلموا عليهم سلام من يخاطبونه فيقول السلام عليكم دار قوم مؤمنين وهذا خطاب لمن يسمع ويعقل ولولا ذلك لكان هذا الخطاب بمنزلة خطاب المعدوم والجماد والسلف مجمعون على هذا وقد تواترت الآثار عنهم بأن الميت يعرف زيارة الحي له ويستبشر به".**

Ибни Қайюм низ мегӯяд: "Ба дурустӣ, ки Паёмбар **саллаллоҳу алайҳи (ва олиҳи) ва саллам** барои умматаш ташреъ намуд, ки ҳар вақт ба аҳли қубур салом карданд бо сиғаи хитоб салом бидиҳанд ва бигӯянд: Салом бар шумо гурӯҳи мӯъминон. Ва ин хитоб барои касе аст, ки мешунавад ва тааққул мекунад ва агар намешунид ин хитоб ба монанди хитоб ба маъдум ва ба нестӣ ва ба чизҳои ҷомид (монанди сангу чӯб) буд ва салаф бар ин иҷмоъ доранд ва ба дурустӣ, ки ахбор дар ин мавзӯъ ба тавотур расида, ки мурда вақте зиндаҳо ӯро зиёрат кунанд мефаҳмад ва башорат дода мешавад."2

Бо таваҷҷӯҳ ба ин суханони Ибни Таймия ва шогирдонаш Ибни Қайюм ва Ибни Касир собит мешавад, ки инҳо дар бораи шунидани мурда ва дарки онҳо бо бақияи мусулмонон ҳамназар ҳастанд. Вале имрӯз ваҳҳобиҳо башиддат шунидани мурдаҳоро инкор мекунанд, чун эътиқод ба шунидани мурдаҳо, ботил ва дурӯғ будани тӯҳматҳои ваҳҳобиҳоро нисбати мусулмонон собит

1 -Тафсири Ибни Касир ҷ.3.с.439.

2-«Ар-Руҳ»-и Ибни Қайюм ҷ.1.с.5.

мекунад, ки онҳо ҳамаи мусулмононро мушрик медонанд ва агар эътироф ба шунидани мурда кунанд ва ин аҳодисро қабул кунанд, бояд даст аз ин эътиқоди ботил бикашанд, чун онҳо тавассул ба зиндаро зоҳиран қабул доранд ва агар ба шунидани мурдаҳо низ эътироф кунанд ботил будани ақидаашон боз ҳам равшантар мешавад ва ба ин хотир ба монанди дигар хабарҳое, ки бо ақидаашон носозгор аст бо ахбори шунидани мурдаҳо, низ бо найранг бархӯрд мекунанд ва он аҳодис ва ахборро такзиб ва инкор мекунанд.

Вале шумо мебинед, ки Ибни Касир ва Ибни Қайюм ду шогирдони дастаи аввали Ибни Таймия эътироф мекунанд, ки ин хитоб ва салом бар касонест, ки онро дарк мекунанду мефаҳманд ва муҳимтар аз он ин ки ҳар ду мегӯянд: **«Аз салаф ба таватур ба мо расида, ки мурда зоирашро мешиносад ва ба ӯ башорат медиҳад**". Пас аз суханони инҳо истифода мешавад, ки бар шунидану дарки мурдаҳо ахбори мутавотир вуҷуд дорад ва ҳам ҳамин саломҳои мусулмонон ҳангоми зиёрат, ки баргирифта аз аҳодиси мутавотири Расули гиромӣ **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳ** аст, беҳтарин шоҳид бар ин гуфтор аст.

Ва ин шаҳодатест аз ин ду шогирди Ибни Таймия ки ваҳҳобиҳо ба хотири саҳеҳ нишон додани ақидаи ботили худ бар ахбори мутавотир пушт кардаанд ва ҳамчунин дурӯғ будани шиорашонро ки худро пайрави салаф медонанд низ ин гувоҳӣ собит мекунад, чун салаф бо гувоҳии Ибни Касир ва Ибни Қайю мӯътақид бар шунидании дарк кардани мурдаҳо буданд.

Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва олиҳ бар уммати худ таълим медиҳанд, ки бо сиғаи хитоб бар гузаштагон салом диҳанд

**عن عائشة أنها قالت: كان رسول الله** صلى الله عليه (آله) وسلم **كلما كانت ليلتها من رسول الله** صلى الله عليه (وآله) وسلم **يخرج من آخر الليل إلى البقيع فيقول السلام عليكم دار**

قوم مؤمنين وأتاكم ما توعدون غدا مؤجلون وإنا إن شاء الله بكم لاحقون اللهم اغفر لأهل بقيع.

Уммулмӯъминин Оиша мегӯяд: «Ҳар вақте, ки навбати ман буд Паёмбар **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳ** дар охири шаб ба қабристони Бақиъ мерафтанд ва мефармуданд: “Салом бар шумо аҳли қавми мӯъминон он чӣ ваъда дода шуда будед бар шумо омад (марг) ва мо низ ба шумо мулҳақ хоҳем шуд. Худовандо аҳли Бақиъро бубахш.”1

Ин ҳадис байни мусулмонон машҳур аст ва аз Абӯҳурайра ва Бурайда ва дигарон, низ ин гуна салом додан ва таълими Паёмбар **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳ** ба ҳангоми зиёрати қубур ривоят шудааст.

Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва олиҳ ва ҳазрати Мӯсо бо мурдаҳо сухан мегӯянд

**عن أنس بن مالك قال: "ان رسول الله** صلى الله عليه (وآله) وسلم **ترك قتلى بدر ثلاثا ثم أتاهم فقام عليهم فناداهم فقال يا أبا جهل بن هشام يا أمية بن خلف يا عتبة بن ربيعة يا شيبة بن ربيعة أليس قد وجدتم ما وعد ربكم حقا فإني قد وجدت ما وعدني ربي حقا فسمع عمر قول النبي** صلى الله عليه (وآله) وسلم **فقال يا رسول الله كيف يسمعوا وأنى يجيبوا وقد جيفوا قال والذي نفسي بيده ما أنتم بأسمع لما أقول منهم ولكنهم لا يقدرون أن يجيبوا ثم أمر بهم فسحبوا فألقوا في قليب بدر".**

Паёмбар “**саллаллоҳу алайҳи ва олиҳ**» баъд аз ҷанги Бадр хитоб ба аҷсоди мурдагони руасои мушрикон бо садои баланд фармуданд: “Эй Абӯҷаҳл ва эй Умайя, эй Утба ва... оё ваъдаеро, ки Худованд ба шумо дода ҳақ ёфтед. Ба дурустӣ, ки ман онҷиро, ки Парвардигорам ба ман ваъда дода ҳақ ёфтам. Умар ин суханро шунид ва пурсид: Эй

---

1-Саҳеҳи Муслим ҷ.1.с.118.р.249.ҷ.2.с.669.р.974. Саҳеҳи Ибни Хузайма ҷ.1.с.6.р.6. Саҳеҳи Ибни Ҳаббон ҷ.3.с.321.р.1046.ҷ.7.с.444.р.3171.ҷ.10.с.382.р.4523.ҷ.16.с.224. р.7240. Сунани Абӯдовуд ҷ.3.с.219.р.3237. Сунани Насоӣ ҷ.1.с.95.р.143-2166.ҷ.6. с.268.р.10930. Сунани Ибни Моҷа ҷ.1.с.494.р.1547. Муваттаи Молик ҷ.1.с.29.р.58. ҷ.2.с.300.р.7980-9281.ҷ.5.с.353.р.23035.ҷ.6.с.280.р.25510, ва дигарон.

Расули Худо **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳ** чӣ гуна метавонанд бишнаванд ва ҷавоб бидиҳанд дар ҳоле, ки онҳо мурда ҳастанд? Паёмбар **“саллаллоҳу алайҳи ва олиҳ»** фармуданд: Қасам ба он зоте, ки ҷони ман дар дасти ӯст, шумо ба онҷӣ, ки ман мегӯям шунавотар аз онҳо нестед фақад, онҳо наметавонанд ҷавоби маро бидиҳанд...”.1

Дар ҳадиси машҳури дигар чунин ворид шуда, ки Расули Худо **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳ** фармуданд:

"**Вақте мурдаро ба қабраш мегузоранд ва бармегарданд, мурда садои пои онҳоро мешунавад.**"2

Ин ҳадис аз Ибни Аббос, Анас, Барроъ, Абӯҳурайра бо чандин лафз ва санад ривоят шудааст.

Аз ин қабил аҳодиси саҳеҳ ва машҳур фаровон аст вале куҷост ин муддаои дурӯғини ваҳҳобиҳо, ки худро пайрави осору ҳадис ва салаф мешуморанд, вале бо ин ҳама оёт ва аҳодиси мутавотир ва мусаллам мухолифат мекунанд, то битавонанд аз ин роҳ ҳар гуна, ки мехоҳанд мусулмононро такфир кунанд ва ҳукми қатли мусулмононро содир кунанд. Оре, инҳо дар ҳамаи рафтор ва ақидаашон ингунаанд ва мусалламоти Исломро ба хотири ақидаи ғалаташон ба роҳатӣ инкор мекунанд ва бо ҷуръат барои мардумфиребӣ худро пайравӣ ахбору салафи солеҳ муаррифӣ кардаанд.

Ба назар мерасад ҳамин миқдор, ки Ибни Таймия ба шунидан ва ҷавоб додани мурдаҳо ба сухани зиндаҳо эътироф карда ва ҳамчунин Ибни Касир ва Ибни Қайюм

---

1-**Ровиён**: Абӯталҳа. Умар.Анас. Ибни Умар. Оиша.

**Китобҳо**: Саҳеҳи Муслим ҷ.4.с.2203.р.2873-2874. Саҳеҳи Бухорӣ ҷ.1.с.462.р.1304. ҷ.4.с.1461.р.3757-3802. Саҳеҳи Ибни Ҳаббон ҷ.11.с.99.р.4778.ҷ.14.с.423.р.6498-6525. ”Муснад”-и Аҳмад ҷ.2.с.131.р.6145.ҷ.3.с.104.р.12039-12493-12896-13320. ”Сунан”-и Нисоӣ ҷ.1.665.р.2201 ва дигарон

2-Саҳеҳи Муслим ҷ.8.с.162. Саҳеҳи ибни Ҳаббон ҷ.7.с.380-388. "Муснад"-и Аҳмад ҷ.2.с.347-445.ҷ.3.с.233. "Сунан"-и Абӯдовуд ҷ.2.с.425.р.4753. Мустадрак ҷ.1.с.379. Маҷмаъ-уз-завоид ҷ.3.с.51-54 ва дигарон.

гуфтаанд, ки ахбори мутавотир дар бораи шунидану дарк кардани мурдаҳо ба мо расида, кори моро осон мекунад ва мо ҳамаи ахбори фаровонеро, ки дар ин мавзӯъ ворид шуда зикр намекунем ва ҳамчунин бояд диққат дошта бошем, ки ин худ низ нишонаи расвоии дигари ваҳҳобиҳост, чун ҳар гуна ҳавову ҳавасашон бихоҳад бо Ислом ва мусалламоти он бозӣ мекунанд ва яке мегӯяд мурда мешунавад дигарӣ меояд онро инкор мекунад. Ва ин равиш, пайрави ҳавову ҳавас будани пайравони ин мактабро собит мекунад.

Дар хабари тӯлоние аз Амиралмӯъминин Алӣ **алайҳис-салом** чунин ворид шуда, ки:

"Вақте ҳазрати Ҳорун аз дунё рафт Бани Исроил ҳазрати Мӯсоро муттаҳам карданд, ки ту Ҳорунро куштӣ. Ҳазрати Мӯсо 70 нафар аз онҳоро интихоб карда ба сари қабри Ҳорун овард ва худи ҷаноби Ҳорун аз қабраш бо онҳо сухан гуфт ва хабар дод, ки ӯро Мӯсо накушта балки бо марги табиӣ мурдааст."1

Ва ояти 69-и сураи Аҳзоб ба ҳамин достон ишора кардааст.

---

1-"Мусаннаф"-и Ибни Абишайба ҷ.7.453. Тафсири Табарӣ ҷ.9.с.99.ҷ.22.с.65. "Маонӣ-ул-Қуръон"-и Наҳҳос ҷ.5.с.381. "Фатҳ-ул-борӣ"-и Ибни Ҳаҷар ҷ.6. с.313. Дур-ул-мансур ҷ.2.с.128 аз Ибни Абиҳотам, Абӯшайх ва дигарон.

## Тасреҳи Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва олиҳ бар дидани аъмоли умматонашон

Дар хабаре чунин ворид шуда, ки:

**قال النبي صلى الله عليه وآله وسلم: "حياتي خير لكم تحدثون ويحدث لكم ووفاتي خير لكم تعرض علي أعمالكم، فما رأيت من خير حمدت الله عليه، وما رأيت من شر استغفرت لكم".**

Паёмбар “**саллаллоҳу алайҳи ва олиҳ**» фармуданд: "Зинда буданам барои шумо хуб ва хайр аст, бо ман сухан мегӯед ва ман низ бо шумо сухан мегӯям ва вафотам низ барои шумо хуб ва хайр аст ба ман амалҳои шумо арза мешавад, ҳар чи аз хайру хуби дар корҳои шумо дидам Худоро ҳамд мегӯям ва он чи аз гуноҳ ва бадӣ дидам барои шумо талаби бахшиш мекунам".1

Ҳофиз Зайнуддин ва Валиюддини Ироқӣ падару писар, Ҳайсамӣ ва Суютӣ ва Муновӣ дар Файз-ул-қадир ва Ибни Ҳаҷар ва бинобар нақли Ибни Ҳаҷар чунон, ки Саққоф мегӯяд2 Ҳофиз Нававӣ, Ибни Тин, Қуртубӣ, Қозӣ Айёз ва...санади ин ҳадисро саҳеҳ гуфтаанд.

Ин ҳадиси шарифро муҳаддисон бо иттифоқ саҳеҳ донистаанд ва ҳамчунин ин ҳадис дорои як санад нест, ки битавон ба роҳатӣ мардумро фиреб дод, ки он заиф ва ғайри саҳеҳ аст, вале ин ҳадис бо ақидаи ботили ваҳҳобиҳо мухолиф аст банобар ин, Албонӣ ҳама кӯшишашро карда то онро тазъиф кунад ва касоне, ки бо ин мактаб ва ақидаву равиши онҳо ошно нестанд биёянд ва бубинанд, ки инҳо чӣ гуна бо мусалламот бозӣ мекунанд.

---

1-**Ровиён**: 1)Ибни Масъуд. 2)Анас. 3)Бакр ибни Абдуллоҳ.

**Китобҳо**: "Табақот-ул-кубро"-и Ибни Саъд ҷ.2.с.194. "Муснад"-и Баззор ҷ.5. с.308.р.1925. "Муснад"-и Ҳорис ибни Усомаи Ҳайсамӣ ҷ.2.с.884.р.953. "Тахриҷи аҳодис-ул-эҳё"-и Ҳофиз Ироқӣ ҷ.4.с.148. "Тарҳ-ут-тасриб"-и Ҳофиз Ироқӣ ҷ.3. с.297. "Маҷмаъ-уз-завоид"-и Ҳайсамӣ ҷ.9.с.24. "Ал-Муғнӣ" ҷ.4.с.148. ”Фатҳ-ул-борӣ”-и Ибни Ҳаҷар ҷ.11.с.385. "Хасоис-ул-кубро"-и Суютӣ ҷ.2.с.281.

2-Ал-Иғоса”-и Ҳасан ибни Алии Саққоф с.13.

## Абӯбакр бо Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва олиҳ сухан мегӯяд

ان أبو بكر أقبل على فرسه من مسكنه بالسنخ حتى نزل فدخل المسجد فلم يكلّم الناس حتى دخل على عائشة فتيمّم النبي صلى الله عليه (وآله) وسلم وهو مسجّى ببرد حبرة، فكشف عن وجهه ثم أكبّ عليه فقبّله ثم بكى، فقال: بأبي أنت يا نبيّ الله لا يجمع الله عليك موتتين أمّا الموتة التي كتبت عليك فقد متها".

Абӯбакр ҳангоми вафоти Расули Худо **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳ** савори бар асп аз хонааш, ки дар мантақаи Синх беруни Мадина буд омад ва ба масҷид дохил шуд пас бо мардум ҳеҷ сӯҳбате накард то ин ки ба хонаи Оиша дохил шуд ...пас сурати Паёмбарро боз кард сипас худро ба болои он ҳазрат андохт ва он ҳазратро бӯса карду гуфт: Падарам ба фидои ту эй набии Худо ҷамъ намекунад Худо барои ту ду маргро аммо он маргеро, ки барои ту навишта шуда ба дурустӣ, ки онро чашидӣ."1

Ин хабарро Ҷобир, Ибни Аббос, Оиша ва Саид ибни Мусайийиб нақл кардаанд.

Пас агар Паёмбар **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳ** намешунаванд чӣ гуна Абӯбакр ба он ҳазрат хитоб мекунад ва ҳарф мезанад. Оё ӯ низ ба ақидаи шумо дар ин маврид ба гумроҳӣ қадам гузошта?!

## Уммулмӯъминин Оиша эътиқод дорад, ки Умар ӯро дар қабраш мебинад

عن عائشة قالت: "كنت أدخل بيتي الذي دفن فيه رسول الله صلى الله عليه (وآله) وسلم وأبي فاضع ثوبي فأقول إنما هو زوجي وأبي فلما دفن عمر معهم فوالله ما دخلت إلا

---

1-Саҳеҳи Бухорӣ ҷ.2.с.70.ҷ.4.с.194.ҷ.5.с.143. Саҳеҳи Ибни Ҳаббон ҷ.14.с.588. Муснади Аҳмад ҷ.1.с.5-367.ҷ.6.с.117. "Сунан-ул-кубро"-и Насоӣ ҷ.1.с.605.р.1968. "Мусаннаф"-и Ибни Абишайба ҷ.3.с.259. "Мусаннаф"-и Абдураззоқ ҷ.11.с.441. р.20948. Табақот-ул-кубро"-и Ибни Саъд ҷ.2.с.266-270. Сияру аълом-ун-нубало ҷ.13.с.33.

وأنا مشدودة على ثيابي حياء من عمر".

Уммулмӯъминин Оиша мегӯяд: "Ман ҳамеша дар он хонаам, ки Паёмбар **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳ** ва падарам дафн шуда буданд либосамро мекашидам ва мегуфтам: Шавҳарам ва падарам ҳастанд (дар хона марди номаҳраме вуҷуд надорад). Пас вақте Умар ибни Хаттоб, низ дар он ҷо дафн шуд пас ба Худо қасам, ки ҳеҷ вақт дохили он хона нашудам, магар ин ки ба хотири ҳаё аз Умар либосамро ба худ мебастам ва онро аз танам намекашидам."1

Хеле ҷои тааҷҷуб аст, ки бо вуҷуди ин гуна ахбор ваҳҳобиҳо ин ақидаи фосиди худро аз куҷо гирифтаанд. Уммулмӯъминин Оиша мегӯяд, ба хотири ин ки Умар ба ман номаҳрам аст ман дар дохили хонаам низ либосамро канор намегузорам, пас яъне ӯ мегӯяд Умар маро мебинад, вале ваҳҳобиҳо ҳатто шунидани мурдаро мункир ҳастанд чӣ расад ба дидани онҳо.

## Гузаштагон аъмоли аҳли дунёро мебинанд

وعن أبي هريرة قال: سمعت رسول الله صلى الله عليه (وآله) وسلم قال: "إن أعمال بني آدم تعرض (عليَّ) كل خميس ليلة الجمعة فلا يقبل عمل قاطع رحم".

Паёмбар **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳ** фармуданд: Ҳар рӯзи панҷшанбе, шабҳои ҷумъа аъмоли бани одам бар ман арза мешавад ва аъмоли касоне, ки қотеи раҳм ҳастанд қабул нахоҳад шуд”.2 Ёдовар мешавем, ки Ибни Ҷавзӣ ба лафзи "аъмоли шумо ба ман арза мешавад" ривоят кардааст.

---

1-"Муснад"-и Аҳмад ҷ.6.с.202.р.25701. "Мустадрак"-и Ҳоким ҷ.3.с.61. Маҷмаъ-уз-завоид ҷ.8.с.26.ҷ.9.с.37. Ҳоким ва Заҳабӣ бинобар шарти Бухорӣ ва Муслим ва Ҳайсамӣ дар ҳар ду маврид санади ин хабарро саҳеҳ гуфтаанд.

2-«Муснад»-и Аҳмад ҷ.2.с.483.р.10277. «Адабул-муфрад»-и Бухорӣ ҷ.1.с.35.р.61. «Шаъбул-имон»-и Байҳақӣ ҷ.6.с.224.р.7966. «Ат-Тарғиб ват-тарҳиб»-и Мунзарӣ ҷ.3.с.233.р.3824. «Маҷмаъ-уз-завоид» ҷ.8.с.151. “Фатҳ-ул-борӣ”-и Ибни Ҳаҷар ҷ.10.с.410. Ал-Вафо биаҳволил мустафо»-и Ибни Ҷавзӣ р.1563 то 1564. Ҳайсамӣ ва Мунзарӣ санади ин ҳадисро саҳеҳ гуфтаанд.

عن النعمان بن بشير قال وهو على المنبر: "سمعت رسول الله صلى الله عليه (وآله) وسلم يقول ألا إنه لم يبق من الدنيا إلا مثل الذباب تمر في جوها فالله الله في إخوانكم من أهل القبور فإن أعمالكم تعرض عليهم.

Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва олиҳ мефармуданд: Огоҳ бошед, ки боқӣ намонда аз дунё умре магар ба андозаи гузаштани паша аз ҳаво, пас Худоро Худоро, дар бораи бародаронатон аз аҳли қубур, пас ба дурустӣ, ки кор ва амалҳои шумо бар онҳо (ба мурдагон дар қабр) арза мешавад."1

عن جابر وأنس بن مالك قالا: قال النبي صلى الله عليه (وآله) وسلم: "ان أعمالكم تعرض على أقاربكم وعشائركم من الأموات فان كان خيرا استبشروا به وان كان غير ذلك قالوا اللهم لا تمتهم حتى تهديهم كما هديتنا".

"Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва олиҳ фармуданд: Амалҳои шумо бар хешовандону наздиконатон, ки мурда ҳастанд арза мешавад. Агар амали хайру солеҳ бошад хушҳол мешаванд ва агар ғайри он бошад мегӯянд: Худоё, онҳоро намирон то ин, ки ҳидояташон кунӣ ҳамонгуна, ки моро ҳидоят кардӣ.2

عن أبي أيوب قال: "إن أعمالكم تعرض على أقاربكم وعشائركم من أهل الآخرة فإن كان خيرا فرحوا واستبشروا وقالوا اللهم هذا فضلك ورحمتك فأتم نعمتك عليه وأمته عليها ويعرض عليهم عمل المسيء فيقولون اللهم ألهمه عملا ترضي به عنه وتقربه إليك.

Абӯайюби Ансорӣ мегӯяд: Амалҳои шумо бар хешовандону наздиконатон аз аҳли охират (мурдагон) арза мешавад. Агар амали хайру солеҳ бошад, хушҳол мешаванд

---

1-"Ал-Куно»-и Бухорӣ ҷ.1.с.8.р.47. «Мустадрак"-и Ҳоким ҷ.4.с.342.р.7849. "Шаъбул-имон»-и Байҳақӣ ҷ.7.с.261.р.10242. Дур-ул-мансур ҷ.3.с.238 аз Ибни Абидунё. Ҳоким санади ин ҳадисро саҳеҳ гуфтааст.

2-«Муснад»-и Аҳмад ҷ.3.с.164.р.12706. «Муснад»-и Таёлусӣ ҷ.1.с.248.р.1794. Маҷмаъ-уз-завоид ҷ.2.с.327-328. "Таъҷил-ул-манфиа"-и Ибни Ҳаҷар ҷ.1.с.540. р.1508. Тафсири Ибни Касир ҷ.2.с.401, бо санади дигар. Канз-ул-уммол ҷ.15.с.674.р.42738. Санади Аҳмад дар муснад саҳеҳ аст.

ва мегӯянд: Худоё ин фазлу раҳмати туст, пас неъмататро барои ӯ тамом кун ва ӯро бо ҳамин ҳол ва амал бимирон. Ва амали бад низ барои онҳо арза мешавад ва онҳо мегӯянд: Худоё анҷоми амалеро барои ӯ илҳом кун, ки ту аз он розӣ бошӣ ва сабаби тақарруби ӯ ба сӯи ту бишавад.»1

**"ان أبا الدرداء كان يقول ان أعمالكم تعرض على موتاكم فيسرون ويساؤن كان يقول أبو الدرداء أللهم اني اعوذ بك من أن أعمل عملا يخزى به عبد الله بن رواحة".**

“Абӯдардо ҳамеша мегуфт: Ба дурустӣ, ки амалҳои шумо ба мурдагонатон арза мешавад ва онҳо ба зудӣ амали шуморо мебинанд, гоҳе хушҳол мешаванду, гоҳе нороҳат. Ва доим мегуфт: Худоё ман ба ту паноҳ мебарам аз ин ки кореро анҷом диҳам, ки ба сабаби он амал Абдуллоҳ ибни Равоҳа хор шавад.»2

Бояд диққат дошта бошем, ки санади ин хабар саҳеҳ аст ва Абудардо аз бузургони саҳоба мебошад.

**عن أيوب قال "تعرض أعمال الأحياء على الموتى فإذا رأوا حسنا فرحوا واستبشروا وإن رأوا سوءا قالوا اللهم راجع به".**

Аюб мегӯяд: «Амалу корҳои зиндаҳо ба мурдаҳо арза мешавад. Пас агар амали хуб бубинанд хушҳол мешаванд ва агар амали бад бубинанд мегӯянд: Худоё ба сӯи амали хуб ӯро баргардон.”3

Санади ин хабар саҳеҳ аст.

**Шарҳи ҳоли Айюб**: Заҳабӣ мегӯяд: Айюби Сахтиёнӣ, имом, сарвари олимон ва фақеҳон ва сарвари ҷавонони аҳли Басра. Ва мадҳу ситоиши фаровони дигар аз ӯ шуда аст ва ӯ мутаваффои соли 131 мебошад.4

---

1-"Муснади шомийин»-и Табаронӣ ҷ.2.с.383.р.1544. “Мӯъҷам-ул-авсат”-и Табаронӣ ҷ.1.с.54.р.148. «Мӯъҷам-ул-кабир” ҷ.4.с.129.р.3887. Маҷмаъ-уз-завоид ҷ.2.с.327.

2 -«Аз-Зӯҳд»-и Ибни Муборак ҷ.1.с.42.р.165. Тафсири Ибни Касир ҷ.3. с.440. "Ар-Руҳ"-и Ибни Қайюм ҷ.1.с.8-9.

3-Тафсири Ибни Касир ҷ.3.с.440. "Ар-Руҳ"-и Ибни Қайюм ҷ.1.с.8.

4-Сияру аълом-ун-нубало ҷ.6.с.15.р.7.

سعيد بن المسيب يقول: "ليس من يوم إلا يعرض فيه على النبي صلى الله عليه وآله وسلم أمته غدوة وعشية فيعرفهم بسيماهم ليشهد عليهم يقول الله تبارك وتعالى "فكيف إذا جئنا من كل أمة بشهيد وجئنا بك على هؤلاء شهيدا".

«Саид ибни Мусаййиб мегуфт: «Ҳеҷ рӯзе нест магар ин, ки субҳ ва шом барои Паёмбар, умматонаш арза мешаванд ва он ҳазрат онҳоро аз симояшон мешиносад, то бар онҳо гувоҳӣ диҳад. Ва Худованд дар Қуръон мефармояд: Чӣ гуна хоҳед буд он вақте, ки аз ҳар уммате шоҳиде биоварем ва туро барои ин мардум шоҳид оварем."1

**Шарҳи ҳоли Саид**: Заҳабӣ мегӯяд: Имоми илм, олими аҳли Мадина, сарвари тобеин дар замонаш, ӯ мутаваффои соли 93 ё 95-и ҳиҷрӣ мебошад.2 Дар саҳифаҳои оянда шарҳи ҳолашро муфассалтар зикр хоҳем кард.

قال رسول الله صلى الله عليه (وآله) وسلم: "إن من أفضل أيامكم يوم الجمعة فيه خلق آدم وفيه قبض وفيه النفخة وفيه الصعقة فأكثروا عليّ من الصلاة فيه فإن صلاتكم معروضة عليّ قالوا وكيف تعرض صلاتنا عليك وقد أرمت فقال إن الله عز وجل حرم على الأرض أن تأكل اجساد الأنبياء".

«Расули Худо **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳ** фармуданд: Рӯзи ҷумъа аз беҳтарини рӯзҳоятон аст. Ва дар он рӯз Одам халқ шуда ва ҳам аз дунё рафта ва дар он (сур) дамида шуда ва дар он нидо сардода, пас шумо низ дар он рӯз зиёд бар ман салавот фиристед, ба дурустӣ, ки салавоти шумо бар ман арза хоҳад шуд. Асҳоб гуфтанд: чӣ гуна салавоти мо бар шумо арза мешавад дар ҳоле, ки (бадани) шумо мепӯсад? Ҳазрат фармуданд: Ҳамоно Худованд хӯрдани баданҳои паёмбаронро бар замин ҳаром гардондааст.»3

---

1 -«Аз-Зӯҳд»-и Ибни Муборак ҷ.1.с.42.р.166, санади ин хабар саҳеҳ аст.

2-Сияру аълом-ун-нубало ҷ.4.с.207.р.88.

3-Сунани Ибни Моҷа ҷ.1.с.345.р.1085-1636. "Сунани Абӯдовуд ҷ.1.с.236.р.1047-1531. "Сунан-ул-кубро"-и Насоӣ ҷ.1.с.519.р.1666. Саҳеҳи Ибни Хузайма ҷ.3.с.118. Саҳеҳи Ибни Ҳаббон ҷ.3.с.191. "Муснад"-и Аҳмад ҷ.4.с.8. Мустадрак ҷ.1.с.278.

Ин ҳадис аз се саҳоба ривоят шуда ва Ҳоким, Нававӣ, Заҳабӣ, Ибни Ҳаҷар, Ҳайсамӣ, Мунзарӣ ва ҳатто Албонӣ дар “Ирво-ул-ғалил ҷ.1.с.34.р.4 санади ин ҳадисро саҳеҳ гуфтаанд, ки мо аз зикри мобақии масодири он худдорӣ намудем.

**قال رسول الله صلى الله عليه (وآله) وسلم: "أكثروا عليّ من الصلاة في كل يوم الجمعة فإن صلاة أمتي تعرض عليّ في كل يوم جمعة فمن كان أكثرهم عليّ صلاة كان أقربهم مني منزلة".**

Расули Худо **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳ** фармуданд: Дар ҳар рӯзи ҷумъа бар ман зиёд салавот бифристед. Бадурустӣ, ки салавоти умматам дар ҳар ҷумъа бар ман арза мешавад ва ҳар, ки аз умматам бештар бар ман салавот бифристан дар охират ба ман наздиктар хоҳанд буд.»1

Ибни Таймия ҳадиси арза шудани салавот бар Паёмбар **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам**-ро дар китоби тавассулаш аз аҳодиси машҳур дониста, вале муҳаққиқи китобаш саъй карда, то онро заиф муаррифӣ кунад, чун ақидаашон ҳатто бо арзи аъмол ҳам созгор нест.2

---

1-**Ровиён аз саҳоба**: Имом Ҳасан. Шаддод ибни Авс. Анас. Абуамома. Холид ибни Саъдон. Абӯҳурайра. Авс ибни Авс.
**Китобҳо**: Саҳеҳи Ибни Хузайма ҷ.3.с.118.р.1733-1734. Саҳеҳи Ибни Ҳаббон ҷ.3. с.191.р.910. Сунани Доримӣ ҷ.1.с.445.р.1572. Сунани Абӯдовуд ҷ.1.с.275.р.1047. ҷ.2.с.88.р.1531. Сунани Насоӣ ҷ.1.с.519.р.1666. Сунани Ибни Моҷа ҷ.1.с.345-524. р.1085-1636. Мусаннаф»-и Ибни Абишайба ҷ.2.с.254.р.8697. Муснади Аҳмад ҷ.4. с.8. Мустадрак ҷ.1.с.413.р.1029.ҷ.4.с.604.р.8681. Сунани Байҳақӣ ҷ.3.с.249. р.5790-5791. Шаъбул-имон»-и Байҳақӣ ҷ.3.с.110. р.3032. “Фатҳ-ул-борӣ”-и Ибни Ҳаҷар ҷ.11.с.143-167. Ат-Тарғиб ват-тарҳиб”-и Мунзирӣ ҷ.2. с.328.р.2583. Маҷмаъ-уз-завоид ҷ.2.с.169-247.ҷ.10.с.162. "Кашф-ул-хафо»-и Аҷӯлонӣ ҷ.1.с.190 ва санади ҳар дуи ин ҳадис саҳеҳ аст ва Ҳоким, Заҳабӣ, Ҳайсамӣ, Ибни Ҳаҷар, ва Мунзирӣ, низ санади ин ҳадисро саҳеҳ гуфтаанд.
2-"Қоидату ҷалия фит-тавассул вал-васила"-и Ибни Таймия р.423-425.

## Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам салавоти умматонашонро мешунаванд

قال رسول الله صلى الله عليه (وآله) وسلم: "...صلوا عليّ فإن صلاتكم تبلغني حيث كنتم".

“Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва олиҳ фармуданд: Бар ман салавот бифристед, ҳамоно салавоти шумо ҳарҷо ҳам, ки шумо бошед бар ман мерасад.”1

قال رسول الله صلى الله عليه وآله وسلم: "من صلى عليّ عند قبري سمعته ومن صلى عليّ نائيا بلغته".

“Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва олиҳ фармуданд: Ҳар, ки бар ман дар назди қабрам салавот бифристад онро мешунавам ва ҳар, ки бар ман аз дур салавот бифристад бар ман хоҳад расид”.2

Ибни Ҳаҷар ин ҳадисро аз Абушайх нақл карда ва мегӯяд: Санадаш хеле хуб аст ва Абдулҳақ ва Саховӣ низ санади ин ҳадисро саҳеҳ гуфтаанд ва ин ҳадис дорои чандин санад аст.

Ёдовар мешавем, ки санадеро, ки Ибни Ҳаҷар аз Абушайх нақл карда ва санадашро хеле хуб гуфта аст, ғайр аз санаде аст, ки дигарон бо он нақл кардаанд.

قال رسول الله صلى الله عليه (وآله) وسلم: "ليس من عبد يصلي عليّ الا بلغني صوته حيث كان".

“Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва олиҳ фармуданд: Ҳеҷ касе нест, ки бар ман салавот бифристад магар ин ки ҳаркуҷо, ки бошад, овозаш бар ман хоҳад расид.»3

---

1-Сунани Абӯдовуд ҷ.2.с.218.р.2042. Муснади Аҳмад ҷ.2.с.367.р.8790. Мусаннаф Абдураззоқ ҷ.3.с.71-577.р.4839-6724. “Мусаннаф»-и Ибни Абишайба ҷ.2.с.150. р.7541-7542.ҷ.3.с.30.р.11818. Фатҳ-ул-борӣ ҷ.6.с.488. Маҷмаъ-уз-завоид ҷ.10. с.142. Ибни Ҳаҷар санади ин ҳадисро саҳеҳ гуфтааст, ва дигарон.

2-"Шаъб-ул-имон»-и Байҳақӣ ҷ.2.с.218.р.1583. “Ҳаёт-ул-анбиё”-и Байҳақӣ с.15. Таърихи Бағдод ҷ.3.с.297. "Аш-Шифо»-и Қозӣ Айёз ҷ.2.с.79. “Қавлул-бадиъ”-и Саховӣ с.154. Тафсири Ибни Касир ҷ.3.с.516. Фатҳ-ул-борӣ ҷ.6.с.488. “Шарҳи Сунани Насой”-и Суютӣ ҷ.4.с.110. Канз-ул-уммол р.2165-2197-2198. Файз-ул-қадир ҷ.6.с.170.

3-«Субулул ҳудои вар-рашод»-и Солеҳи Шомӣ ҷ.12.с.359, ин ҳадисро аз

**دخل عباد بن عباد على إبراهيم بن صالح وهو على فلسطين فقال عظني قال بم أعظك أصلحك الله بلغني أن أعمال الأحياء تعرض على أقاربهم من الموتى فانظر ما يعرض على رسول الله** صلى الله عليه (وآله) وسلم **من عملك فبكى إبراهيم حتى أخضل لحيته.**

Аҳмад ибни Абуҳаворӣ (ки аз мӯҳаддисони мавриди эътимод аст ва дар соли 164-и ҳиҷрӣ даргузашта аст) аз бародараш Муҳаммад нақл мекунад, ки ӯ гуфтааст: “Ибод ибни Ибод ба Иброҳим ибни Солеҳ дар Фаластин дохил шуд ва гуфт: Маро мавъиза кун! Ӯ гуфт: Ба чӣ чиз туро мавъиза кунам, Худо туро ислоҳ кунад. Ба ман хабар расида, ки амалу корҳои зиндаҳо ба наздиконашон аз мурдаҳо арза мешавад, пас бингар, ки ба Расули Худо **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳ** чӣ амале аз ту арза мешавад. Иброҳим бо шунидани ин сухан чандон гиря кард, ки ришаш бо ашкаш тар шуд.»1

**عن صدقة بن سليمان الجعفري قال: كانت لي شرة سمجة فمات أبي فتبت وندمت على ما فرطت ثم زللت أيما زلة فرأيت أبي في المنام فقال أي بني ما كان أشد فرحي بك وأعمالك تعرض علينا فنشبهها بأعمال الصالحين فلما كانت هذه المرة استحييت لذلك حياء شديدا فلا تخزني فيمن حولي من الأموات قال فكنت أسمعه بعد ذلك يقول في دعائه في السحر وكان جارا لي بالكوفة أسألك إيابة لا رجعة فيها ولا حور يا مصلح الصالحين ويا هادي المضلين ويا أرحم الراحمين.**

Садақа ибни Сулаймон мегӯяд: «Ман шахси баде будам, ки падарам аз дунё рафт, пас тавба кардаму аз зиёдаравиҳоям дар гуноҳ пушаймон шудам ва марги падарам сахт маро дигаргун кард. Баъд як лағзише аз ман сар зад, пас падарамро дар хоб дидам, ки ба ман гуфт: Эй писарҷон чӣ қадар ман бавасилаи ту ва амалҳоят хушҳол мешудам вақте, ки он амалҳои ту ба амалҳои солеҳон

---

Табаронӣ нақл карда ва санадашро саҳеҳ гуфтааст.

1-Таърихи Ибни Асокир ч.6.с.446. Тафсири Ибни Касир ч.3.с.448. санади ин хабар саҳеҳ аст.

монанд буд ва бар мо арза мешуд. Аммо ин бор сахт шарманда шудам. Пас дигар маро дар назди атрофиёнам хор накун. Ровӣ мегӯяд: Ӯ ҳамсояи ман дар Кӯфа буд ва ман баъд аз он мешунидам, ки ӯ дар дуояш саҳарҳо мегуфт: Аз ту баргаштеро мехоҳам, ки баъд аз он баргаште набошад, эй ислоҳ кунандаи солеҳон ва эй ҳидоят кунандаи гумроҳон ва эй меҳрубонтарини меҳрубонон.»1

**Паёмбарон дар қубурашон намоз мехонанд**

**ان النبي** صلى الله عليه وآله وسلم **قال: "الأنبياء أحياء في قبورهم يصلون".**

Паёмбар **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳ** фармуданд: "Паёмбарон зинда ҳастанд, дар қабрҳояшон намоз мехонанд".2

**عن أنس بن مالك قال: "قال رسول الله** صلى الله عليه وآله وسلم **ثم مررت بموسى ليلة أسري بي وهو قائم يصلي في قبره ثم الكثيب الأحمر".**

Паёмбар **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳ** фармуданд: "Дар шаби меъроҷ аз назди Мӯсо гузаштам ва дидам, ки ӯ дар қабраш истода буд ва намоз мехонд...".3

**قال رسول الله** صلى الله عليه وآله وسلم: **"وقد رأيتني في جماعة من الأنبياء فإذا موسى قائم يصلي فإذا رجل ضرب جعد كأنه من رجال شنوءة وإذا عيسى بن مريم عليه السلام قائم يصلي أقرب الناس به شبها عروة بن مسعود الثقفي وإذا إبراهيم** عليه السلام **قائم يصلي أشبه الناس به صاحبكم يعني نفسه فحانت الصلاة فأممتهم فلما فرغت من الصلاة قال قائل يا محمد هذا مالك صاحب عليه فالتفت إليه فبدأني بالسلام".**

---

1 -«Китобут-таввобин»-и Ибни Қудома с.224. Тафсири Ибни Касир ҷ.3.с.448.

2-"Муснад"-и Баззор. "Муснад"-и Абӯяъло ҷ.6.с.147.р.3425. "Ахбори Исфаҳон"-и Абӯнаим ҷ.2.с.44. "Эҳё-ул-маййит"-и Байҳақӣ с.15. "Ал-Фирдавс бимаъсур-ил-хитоб"-и Дайламӣ ҷ.1с.119. "Комил"-и Ибни Адӣ ҷ.2.с.739. "Фатҳ-ул-борӣ"-и Ибни Ҳаҷар ҷ.6. с.487.ҷ.7.с.29. "Талхис-ул-ҳабир"-и Ибни Ҳаҷар ҷ.2.с.126. "Лисон-ул-мизон"-и Ибни Ҳаҷар ҷ.2.с.236.р.1033. "Маҷмаъ-уз-завоид"-и Ҳайсамӣ ҷ.8.с.211. "Шарҳ"-и Суютӣ ҷ.4. с.110. "Шарҳ"-и Зурқонӣ ҷ.4.с.357. Ибни Ҳаҷар дар ҳар се китобаш ва Ҳайсамӣ санади ин ҳадисро саҳеҳ гуфтаанд.

3-1)"Саҳеҳ"-и Ибни Ҳаббон ҷ.1.с.242.р.50. 2)"Муснад"-и Абӯяъло ҷ.6.с.71. р.3325. 3)"Мӯъҷам-ул-авсат"-и Табаронӣ ҷ.8.с.13.р.7806. 4)"Илал"-и Доруқутнӣ ҷ.7.с.262. 5)"Фатҳ-ул-борӣ"-и Ибни Ҳаҷар ҷ.6.с.487. 6)"Талхис-ул-ҳабир"-и Ибни Ҳаҷар ҷ.2.с.162. 7)"Сияру аълом-ун-нубало"-и Заҳабӣ ҷ.16.с.99.

Паёмбар **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳ** фармуданд: "Дар шаби меъроҷ худро дар миёни ҷамоате аз анбиё дидам пас ногаҳон дидам, ки Мӯсо истода ва намоз мехонад... ва Исо истода намоз мехонад... ва ногаҳон Иброҳимро дидам, ки истода намоз мехонад... пас намоз шурӯъ шуду ман имом шудам, вақте аз намоз фориғ шудам гӯяндае гуфт: Эй Муҳаммад ин Молик аст соҳиби ҷаҳаннам, пас вақте ман ба ӯ таваҷҷӯҳ кардам бо салом ба ман суханро шурӯъ кард.1

## Паёмбарон дар масҷиди Ақсо бо имомати Паёмбар **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳ** намоз хонданд

**قال رسول الله صلى الله عليه وآله وسلم لقد رأيتني في الحجر وقريش تسألني عن مسراى فسألوني عن اشياء من بيت المقدس لم اثبتها فكربت كربا ما كربت مثله قط فرفعه الله لي أنظر اليه فما يسألوني عن شيء الا انبأتهم به وقد رأيتني في جماعة من الانبياء فاذا موسى قائم يصلي فاذا رجل ضرب جعد كأنه من رجال شنوءة واذا عيسى قائم يصلي اقرب الناس به شبها عروة بن مسعود الثقفي واذا ابراهيم قائم يصلي اشبه الناس به صاحبكم يعني نفسه فحانت الصلاة واممتهم فلما فرغت من الصلاة قال لي قائل يا محمد هذا مالك صاحب عليه (على النار) فالتفت اليه فبدأني بالسلام.**

Ва ин ҳадис аз ахбори мутавотири дигарест, ки баён мекунад: Паёмбар **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳ** дар шаби меъроҷ дар масҷиди “Байтул-муқаддас” намоз хонданд ки, тамоми анбиё дар он намоз ба он ҳазрат иқтидо намуданд. Ибни Касир мегӯяд: Машҳур ин аст, ки Паёмбар **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳ** ба меъроҷ рафтанд ва баъд паёмбарон ҳамроҳи он ҳазрат ба Байтул-муқаддас фуруд омаданд ва намоз хонданд.2

---

1-Саҳеҳи Муслим ҷ.1.с.156.р.172. "Муснад"-и Абӯавона ҷ.1.с.131.р.550 "Табақот-ул-кубро"-и Ибни Саъд ҷ.1.с.215. ”Сунан-ул-кубро”-и Насоӣ ҷ.6.с.373-455. р.11284-11480. “Сираи набавия”-и Ибни Ҳишом ҷ.2.с.251. Тафсири Ибни Касир ҷ.3.с.22.

2-Саҳеҳи Муслим ҷ.1.с.156.р.172. “Муснад”-и Аҳмад ҷ.1.с.257.р.2324. «Сунан»-и Насоӣ р.11480. «Табақоти Ибни Саъд ҷ.1.с.215. “Фатҳ-ул-борӣ” ҷ.6.с.487.ҷ.7. с.200-208-209. “Мӯъҷам-ул-кабир” ҷ.10.с.69.р.9976. “Муснади шомийин”-и

Чунон, ки мебинед тамоми паёмбарон, ки ба ҳасаби зоҳир мурда ҳастанд дар масҷиди Ақсо ҳозир шуданд ва бо иқтидо ба Паёмбари гиромии Ислом **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳ,** намоз хонданд. Намоз ҳамон дуо, истиғфор ва тазарруъ аст, пас чӣ гуна мумкин набошад, ки онҳо аз барои дигарон, низ талаби бахшиш намоянд.

**عن بن عباس قال: "ضرب بعض أصحاب النبي** صلى الله عليه (وآله) وسلم **خباءه على قبر وهو لا يحسب أنه قبر فإذا فيه إنسان يقرأ سورة تبارك الذي بيده الملك حتى ختمها فأتى النبي** صلى الله عليه وآله وسلم **فقال يا رسول الله إني ضربت خبائي على قبر وأنا لا أحسب أنه قبر فإذا فيه إنسان يقرأ سورة تبارك الملك حتى ختمها فقال رسول الله** صلى الله عليه وآله وسلم **هي المانعة هي المنجية تنجيه من عذاب القبر".**

Ибни Аббос мегӯяд: "Баъзе аз асҳоби Паёмбар **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳ** ба қабр хайма зад дар ҳоле, ки намедонист он қабр аст, ногаҳон фаҳмид, ки дар онҷо шахсе аст, ки сураи Таборакро мехонад, то ин ки он сурароро тамом кард. Он шахс ба ҳузури Расули Худо омад ва гуфт: Эй Расули Худо ман ба қабре хайма задам дар ҳоле, ки намедонистам, ки он қабр аст. Пас ногаҳон мутаваҷҷеҳ шудам, ки марде дар он сураи Таборакро мехонад ва онро тамом кард. Паёмбар **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳ** фармуданд: Он сура монеъ ва наҷотдиҳанда аз азоби қабр мебошад.1

---

Табаронӣ ҷ.1.с.194.р.341. “Муснад”-и Баззор ҷ.5.с.15.р.1568. “Мӯъҷам”-и Абӯяъло ҷ.1.с.43. “Ал-Имон”-и Ибни Мунда ҷ.2.с.746.р.740. “Ҳилят-ул-авлиё”-и Абӯнаим ҷ.4.с.235. “Мустадрак”-и Ҳоким ҷ.4.с.648.р.8793. “Аҳодис-ул-мухтора” ҷ.9.с.552. Тафсири Ибни Касир ҷ.3.с.15-17-22 ин ҳадис аз Абӯзар, Ибни Масъуд, Ибни Аббос, Убӯимома, Молик ибни Саъсаа, Умар ибни Хаттоб, Анас ва Абӯҳурайра ривоят шудааст.

1-Саҳеҳи Тирмизӣ ҷ.5.с.164.р.2890.ҷ.12.с.174.р.12801. «Ат-Тарғиб ват-тарҳиб»-и Мунзарӣ ҷ.2.с.247.р.2266. Тафсири Ибни Касир ҷ.4.с.396. Таҳзиб-ул-камол ҷ.31.с.479. Ҷомеъ-ус-сағир»-и Суютӣ ҷ.2.с.56. Тирмизӣ санади ин ҳадисро хуб гуфта ва гуфтааст, ки аз Абӯҳурайра низ дар ин мавзӯъ ҳадис дорем.

## Аҳли қубур зиндаҳоро мешиносанд ва ҷавоби саломи онҳоро медиҳанд

**عن ابن عباس قال: قال رسول الله صلى الله عليه وآله وسلم: "ما من أحد يمر بقبر أخيه المؤمن يعرفه في الدنيا فسلم عليه إلا عرفه ورد عليه السلام".**

Паёмбар **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳ** фармуданд: "Ҳар касе аз назди қабри бародари мўъминаш, ки дар дунё ўро мешинохта бигзарад ва ба ў салом бидиҳад, он бародари мўъмини мурдааш ўро хоҳад шинохт ва ҷавоби саломашро хоҳад дод."1

Абдулҳақ ва Ибни Раҷаби ҳанбалӣ санади ин ҳадисро саҳеҳ гуфтаанд ва Ибни Касир, Инби Қайюм, Суютӣ ва Муттақӣ баъд аз зикри ин ҳадис ба саҳеҳ гуфтани Ибни Абдулбар ишора кардаанд. Ибни Қайюм ва Ибни Таймия дар чандин китоби худ онро нақл карда ва саҳеҳ донистаанд, вале пайравони Ибни Таймия ба раҳбарии Албонӣ имрўз ин ҳадисро тазъиф мекунанд, чун ба ин натиҷа расидаанд, ки ин ҳадис бар ботил будани ақидаашон далолат мекунад, бинобар ин онро ғайри саҳеҳ муаррифӣ мекунанд.

Ҳамчунин ин ҳадис аз Абўҳурайра низ бо санади саҳеҳ ривоят шуда, ки соҳиби "Канз-ул-уммол" дар шумора 42602 онро аз Хатиб ва Ибни Асокир ва Ибни Наҷҷор нақл карда ва санадашро хеле хуб гуфтааст. Фақат дар он бо ин изофа, ки "агар аз қабре бигзарад, ки соҳиби онро намешинохта бошад ва ба он салом диҳад ў низ ҷавоби

---

1-"Ал-Маҷруҳин"-и Ибни Ҳаббон ҷ.2.с.58. "Истизкор"-и Ибни Абдулбар ҷ.1. с.234. Таърихи Бағдод ҷ.6.с.37-135.р.3175, бо ду санади саҳеҳ. Таърихи Ибни Асокир ҷ.10.с.380.ҷ.27.с.65 бо се санад. "Минҳоҷ-ус-сунна"-и Ибни Таймия ҷ.2. с.442. "Ал-Фатовол-кубро"-и Ибни Таймия ҷ.1.с.289 ва "Зиёрат-ул қубур ҷ.1.с.16 ва "Маҷмўъ-ул-фатово" ҷ.24.с.297. "Сияру аълом-ун-нубало"-и Заҳабӣ ҷ.12.с.590. "Ҳошия"-и Ибни Қайюм ҷ.11.с.93. "Ар-Руҳ"-и Ибни Қайюм ҷ.1.с.5. Тафсири Ибни Касир ҷ.3.с.448. "Ҷомеъ-ус-сағир"-и Суютӣ ҷ.2.с.518.р.8062. "Ал-Ҳовӣ"-и Суютӣ ҷ.2.с.175. Канз-ул-уммол" ҷ.42556-42602. "Авн-ул-маъбуд"-и Азимободӣ ҷ.3.с.261, санадашро саҳеҳ гуфтааст. Найл-ул-автор»-и Шавконӣ ҷ.3.с.305.

саломашро хоҳад дод" оварда шудааст.

Ибни Таймия дар китоби «Маҷмӯъ-ул-фатово”-аш ин ҳадисро дар ҷилди 1-4-24-27, беш аз даҳ мартаба бо такрор нақл карда ва бар саҳеҳ буданаш иқрор кардааст ва ба шунидану баҳрамандшудани мурда аз дуо ва талқинро низ иқрор кардааст.

Ибни Қайюм баъд аз нақли ин ҳадис мегӯяд: "Ин нас аст бар ин ки мурда ба монанди зинда ҷавоби саломро медиҳад."1

Ёдовар мешавем, ки ин ҳадис ҳамон ҳадисе аст, ки Ибни Таймия чунон, ки дар гузашта зикр шуд иборати «руҳашро бар ӯ бармегардонад” ро аз худаш бар ин ҳадис изофа карда буд.

## Шуҳадо то рӯзи қиёмат ҷавоби саломи саломдиҳандаро медиҳанд

**عن عبد الله بن ابي فروة قال: "انّ النبي زار قبور الشهداء باحد فقال: اللهم انّ عبدك ونبيك يشهد انّ هؤلاء شهداء وانه من زارهم وسلم عليهم الى يوم القيامة ردوا عليه".**

"Абдуллоҳ мегӯяд: "Паёмбар **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳ** қабри шуҳадоро дар Уҳуд зиёрат карда фармуданд: Худоё ба дурустӣ, ки банда ва набият гувоҳӣ медиҳад, инҳо шаҳидон ҳастанд ва ҳар, ки то рӯзи қиёмат инҳоро зиёрат кунад ва ба онҳо салом диҳад, ҷавоби саломашонро хоҳанд дод. Аттоф (яке аз ровиёни ин ҳадис) гуфт: Холаам ба ман хабар дод, ки қабри шаҳидонро зиёрат карда ва ба онҳо салом дода ва шаҳидон ҷавоби саломашро дода ва гуфтаанд, ки: Ба Худо қасам мо шуморо мешиносем ҳамон гуна, ки якдигарро мешиносем. Ман тарсидаму ба маркабам савор шуда баргуштам".2

Ҳоким мегӯяд: Ин санад Мадании ва саҳеҳ аст. Ҳайсамӣ

---

1-Ар-Руҳ"-и Ибни Қайюм ҷ.1.с.5.

2-"Мӯъҷам-ул-кабир"-и Табаронӣ ҷ.20.с.364. "Мустадрак"-и Ҳоким ҷ.3.с.29. "Далоил-ун-нубувва"-и Байҳақӣ ҷ.3.с.307. Маҷмаъ-уз-завоид ҷ.6.с.123. Канз-ул-уммол ҷ.10.с.372. р.29897.

ин ҳадисро аз Ибни Умар ва Ибни Умайр ривоят кардааст.

**"ان رسول الله** صلى الله عليه وآله **حين انصرف من احد مر على مصعب ابن عمير هو مقتول على طريقة فوقف عليه رسول الله** صلى الله عليه وآله **ودعا له ثم قرأ هذه الآية "من المؤمنين رجال صدقوا ما عاهدوا الله عليه فمنهم من قضى نحبه ومنهم من ينتظر وما بدلوا تبديلا" ثم قال رسول الله** صلى الله عليه وآله وسلم **اشهد ان هؤلاء شهداء عند الله يوم القيامة فاتوهم وزوروهم والذى نفسي بيده لا يسلم عليهم احد إلى يوم القيامة الا ردوا عليه".**

Абӯҳурайра мегӯяд: "Расули Худо **саллаллоҳу алайҳи (ва олиҳи) ва саллам** вақте аз Уҳуд бар мегашт ба Мусъаб ибни Умайр гузаштанд дар ҳоле, ки ӯ кушта шуда буд ва барои ӯ дуо карда ояти "**Дар миёни мӯъминон мардоне ҳастанд, ки бар сари аҳде, ки бо Худо бастанд содиқона истодаанд ва баъзеи онҳо паймони худро ба охир бурданд (ва дар роҳи Худо шарбати шаҳодат нӯшиданд) ва баъзеи дигар дар интизоранд ва ҳаргиз тағйир ва табдиле дар аҳди худ надоранд**”-ро хонданд, сипас фармуданд: Шаҳодат медиҳам, ки инҳо шаҳидонанд дар назди Худованд дар рӯзи қиёмат, пас ба сари қабри онҳо биёед ва онҳоро зиёрат кунед. Ба Худо савганд касе ба онҳо, то рӯзи қиёмат салом намедиҳад, магар ин ки онҳо ҷавоби саломашро хоҳанд дод."1

Ин ҳадис аз Хаббоб ибни Арат, Умар ибни Хаттоб, Саҳл ибни Саъд, Абӯҳурайра, Ҷуол ибни Суроқа, Ибни Умар, Убайд ибни Умайр ривоят шудааст.

Ҳоким ва Заҳабӣ санади ин ҳадисро саҳеҳ гуфтаанд ва санади Ибни Муборак ва Ибни Ҷаъд, низ саҳеҳ аст. Вале,

---

1-"Ал-Ҷиҳод"-и Ибни Муборак саҳ.110.р.95. "Муснад"-и Ибни Ҷаъд с.433. "Табақот-ул-кубро"-и Ибни Саъд ҷ.3.с.121. Мӯъҷам-ул-кабир ҷ.20.с.364. "Мустадрак"-и Ҳоким ҷ.2.саҳ.248. "Далоил-ун-нубувва"-и Байҳақӣ ҷ.3.с.307. Маҷмаъ-уз-завоид ҷ.3.с.60.ҷ.6.с.123. Канз-ул-уммол ҷ.10.с.372.р.29892-29894-29896. "Аҳодис-уз-заифа"-и Албонӣ шумораи 5221.

Албонӣ бо пайравӣ аз ҳавову ҳавас хоста ин ҳадисро таксиб кунад, чун бо ақидааш носозгор аст ва бинобар ин онро дар китоби "Аҳодиси заифа"-аш ворид карда ва гуфта санади ин ҳадис ё матнаш (шак аз ман) музтариб аст. Вале воқеъ ин аст, ки ин ҳадис дар авҷи сиҳҳат аст, илова бар он ки ҳафт нафар аз саҳоба онро ривоят кардаанд.

"Абӯҳурайра ҳамроҳи шахсе аз қабре гузаштанд пас Абӯҳурайра гуфт: Салом бидеҳ. Ӯ гуфт: Ба қабр салом диҳад? Гуфт: Агар дар дунё як рӯз ҳам туро дида бошад, ҳоло туро хоҳад шинохт."1

"Саъд ибни Абиваққос вақте аз қубури шуҳадо мегузашт ба онҳо салом медод ва ба ҳамроҳонаш мегуфт: Оё ба шаҳидон, ки ҷавоби саломатонро медиҳанд, салом намедиҳед."2

## Салом додани ҳазрати Исо ба Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва олиҳ дар қабр

**عن أبي هريرة قال: قال رسول الله** صلى الله عليه (وآله) وسلم: **"ليهبطن عيسى بن مريم حكما عدلا وإماما مقسطا، وليسلكن فجاء حاجا أو معتمرا أو بنيتهما، وليأتين قبري حتى يسلم عليَّ ولأردن عليه".**

Паёмбар **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳ** фармуданд: "Ҳатман Исо фуруд меояд дар ҳоле, ки ҳоким ва пешвои одил хоҳад буд. Ва ҳатман ин равишро пеш мегирад ва барои ҳаҷ ё умра ё ба нияти ин ду биёяд ҳатман ба назди қабрам меояд, то ба ман салом кунад ва ман низ ҳатман ҷавоби саломашро хоҳам дод."3

**وعن أبي هريرة قال: "سمعت رسول الله** صلى الله عليه (وآله) وسلم **يقول: والذي نفس أبي القاسم بيده لينزلن عيسى بن مريم إماما مقسطا وحكما عدلا فليكسرن الصليب**

---

1-"Мусаннаф"-и Абдураззоқ ҷ.3.саҳ.576.р.6723.

2-"Мусаннаф"-и Ибни Абишайба ҷ.3.с.221.р.7. Таърихи Ибни Касир ҷ.4.с.51.

3-"Мустадрак"-и Ҳоким ҷ.2.с.651.р.4162. Таърихи ибни Асикир ҷ.47.с.493. Файз-ул-қадир»-и Муновӣ ҷ.5.с.392. Ҷомеъ-ус-сағир»-и Суютӣ р.7742. Ҳоким ва Заҳабӣ санади ин ҳадисро саҳеҳ гуфтаанд.

ويقتلن الخنزير وليصلحن ذات البين وليذهبن الشحناء وليعرضن المال فلا يقبله أحد ثم لئن قام على قبري فقال يا محمد لأجبته".

Абӯҳурайра мегӯяд: «Аз Паёмбар **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳ** шунидам, ки мефармуданд: Савганд ба зоте, ки ҷони Абулқосим ба дасти ӯст, Исо ибни Марям дар ҳоле, ки имому ҳокими додгар аст нозил хоҳад шуд, пас салибҳоро мешиканад хукро мекушад ва байни мардум ислоҳ хоҳад кард ва кинаҳоро аз байн хоҳад бурд ва ҳатман молу сарват барояш арза мешавад, вале ӯ қабул намекунад, сипас агар бар қабри ман биистад ва бигӯяд: Эй Муҳаммад «**саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам**» ҳатман ҷавоби ӯро хоҳам дод."1

Ҳайсамӣ ва Шомӣ санади ин ҳадисро саҳеҳ гуфтаанд.

Қобили зикр аст, ки ин ду ҳадис бо чандин санад аз Абӯҳурайра ривоят шудааст ва ҳамчунин, ваҳҳобиҳо имрӯза мегӯянд: "Гуфтани ё Муҳаммад **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳ** ва... баъд аз марги онҳо ширк аст. Пас аз ин гуна аҳодис ва ақидаи ваҳҳобиҳо чунин истифода мешавад, ки ҳатто Паёмбар **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳ**, низ бинобар ақидаи онҳо натавонистаанд бифаҳманд ва бишносанд, ки ширк чист ва низ бинобар ақидаи онҳо ҳазрати Исо **алайҳис-салом**, низ гумроҳ ва мушрик хоҳанд буд!.

Оре, ин воқеиятест, ки ваҳҳобиҳо ба монанди хавориҷ ҳамаи мусулмононро бефаҳм ва хориҷ аз дин медонанд ва бинобар ин ақидаи онҳо, ҳатто шореи муқаддас низ натавониста аст, ки ширкро бишносад ва ҳам бишносонад чӣ расад ба дигарон.

Ва бояд таваҷҷӯҳ дошта бошем, ки ҳадиси салом додани ҳазрати Исо ба он ҳазрат бинобар шарти Бухорӣ ва Муслим саҳеҳ мебошад.

عن الحويرث بن الرئاب قال بينا أنا بالأثاية إذ خرج علينا إنسان من قبره يلتهب

---

1-«Муснад"-и Абӯяъло ҷ.11.с.462.р.6584. Маҷмаъ-уз-завоид ҷ.8.с.211. Таърихи ибни Асокир ҷ.47.с.493. "Субулул ҳудои вар-рашод"-и Солеҳи Шомӣ ҷ.12.с.357.

**وجهه ورأسه نارا وهو في جامعة من حديد فقال اسقني اسقني من الإداوة وخرج إنسان في إثره فقال لا تسق الكافر لا تسق الكافر فأدركه وأخذ بطرف السلسة فجذبه فكبه ثم جره حتى دخلا القبر جميعا قال الحويرث فضربت بي الناقة لا أقدر منها على شيء حتى التوت بعرق الظبية فبركت فنزلت فصليت المغرب والعشاء الآخرة ثم ركبت حتى أصبحت بالمدينة فأتيت عمر بن الخطاب وأخبرته الخبر فقال يا حويرث والله ما أتهمك ولقد أخبرتني خبرا شديدا ثم أرسل عمر إلى مشيخة من كنفي الصفراء قد أدركوا الجاهلية ثم دعا الحويرث فقال إن هذا قد أخبرني حديثا ولست أتهمه حدثهم يا حويرث ما حدثتني فحدثتهم فقالوا قد عرفناه يا أمير المؤمنين هذا رجل من بني غفار مات في الجاهلية فحمد الله عمر وسر بذلك حيث اخبروه أنه مات في الجاهلية وسألهم عمر عنه فقالوا يا أمير المؤمنين كان رجلا من رجال الجاهلية ولم يكن يرى للضيف حقا".**

Ҳувайрис ибни Риоб мегӯяд: "Дар ҳоле, ки мо дар Асоя (номи макон) будем шахсе аз қабраш берун омад дар ҳоле, ки аз сару сураташ оташ аланга мезад ва ӯ дар ғуллу занҷир буд, пас гуфт: Аз обе, ки дорӣ маро сероб кун. Пас аз паи ӯ шахси дигаре берун омаду гуфт: Ба кофир об надеҳ, ба кофир об надеҳ, пас ӯро гирифт ва аз занҷираш кашон-кашон бурд, то ин ки ҳар ду бо ҳам дохили қабр шуданд...Ба назди Умар ибни Хаттоб омадам ва ӯро аз он чӣ дидам бо хабар кардам, Умар гуфт: Эй Ҳувайрис ба Худо савганд ман туро муттаҳам намекунам, чун ба дурустӣ, ки хабари сахте барои ман овардӣ...".1

Аттоф ибни Холид мегӯяд: Холаам ба ман нақл кард, ки дар ҷое, ки дилам мехост сари қабри Ҳамза намоз хондам, сипас қабри шаҳидонро зиёрат кардам дар ҳоле, ки ду ҷавон ҳамроҳи ман буданд ва ба шаҳидон салом додам ва ҷавоби саломи онҳоро шунидам, ки гуфтанд: Ба Худо қасам мо шуморо мешиносем ҳамонгуна, ки якдигарро

---

1-"Ман оша баъдал мавт"-и Ибни Абидунё ҷ.1.с.51.р.56. "Икром-уз-зайф"-и Ҳарабӣ саҳ.54 мутаваффои 285. "Исоба"-и Ибни Ҳаҷар ҷ.2. с.159.р.2025.

мешиносем."1

Ду ҳадис ба ин маъно ривоят шуда ва дар дигарӣ гуфта шудааст: Шунидам, ки аз зери замин садо ва ҷавоби саломам меомад.

Ҳоким санади ин хабарро саҳеҳ гуфта ва Заҳабӣ гуфта, ки мурсал аст. Ва санади Ибни Абидунё ғайр аз санади Ҳоким буда ва санади он низ саҳеҳ аст.

Ибни Касир достони дигаре нақл карда, ки дар он низ ҷавоби саломашро холаи Аттоф шунидааст.

Аттоф ибни Холид мутаваллиди соли 60-и ҳиҷрӣ ва аз тобеин будааст.

**عن سعيد بن المسيب قال: "دخلت المقابر المدينة مع علي بن ابي طالب قام علي الى قبر فاطمة فانصرف الناس فتكلم وانشأ يقول:**

**لكل اجتماع من خليلين فرقة وان بقائي بعدكم لقليل...**

**ثم نادى يا اهل القبور من المؤمنين تخبرونا باخباركم ام تريدون ان نخبركم السلام عليكم ورحمة الله قال وسمعنا صوتا وعليك السلام ورحمة الله وبركاته يا امير المؤمنين خبرنا عما كان بعدنا فقال علي اما ازواجكم فقد تزوجوا واما اموالكم فقد اقتسموا... فهذه اخباركم عندنا وما اخبارنا عندكم فاجابه الميت".**

Саид мегӯяд: "Ҳамроҳ Алӣ ибни Абитолиб дохили қабристони Мадина шудам Алӣ бар сари қабри Фотима истод ва мардум баргаштанд пас ӯ ба сухан даромаду ин шеърро хонд:

Ҳар ду дӯсте, ки бо ҳам ҷамъ мешаванд, рӯзе меояд, ки аз ҳам ҷудо хоҳанд шуд. Бақои ман, низ (дар ин дунё) баъд аз шумо кам аст...сипас ба мӯъминони аҳли қубур нидо карду фармуд: Оё аз ахбори худ ба мо хабар медиҳед ё мехоҳед мо аз ахбори шумо хабар диҳем, салому раҳмати Худо бар шумо бод. Ва садоеро шунидем, ки гуфт: Ва бар ту

---

1-"Ман оша баъдал мавт"-и Ибни Абидунё ҷ.1.с.39.р.42. "Мустадрак"-и Ҳоким ҷ.3.с.29. "Далоил-ун-нубувва"-и Байҳақӣ ҷ.3.с.308. Таърихи Ибни Касир. "Сиратун-набавия"-и Ибни Касир ҷ.3.с.90.

салом ва раҳмату баракоти Худо эй Амиралмўъминин, хабар бидеҳ аз он чӣ ки баъд аз мо рух дод... сипас аҳли қубур, низ аз ахбори худ хабар доданд."1

Ин хабарро ибни Ҳаббон бо лафзи дигар аз Анас ва Ҳоким хеле мухтасар аз Имом Ҳусайн алайҳис-салом ривоят кардаанд.

### Мурдагон бо касоне, ки аз паи ҷаноза мераванд сухан мегўянд

**قال رسول الله** صلى الله عليه وآله: **"اذا وضعت الجنازة واحتملها الرجال على اعناقهم فان كانت صالحة قالت: قدموني وان كانت غير صالحة قالت يا وليها اين تذهبون بها يسمع صوتها كل شئ الا الانسان ولو سمعها لصعق".**

Паёмбар **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳ** фармуданд: "Вақте ҷаноза ба тобут гузошта мешавад ва мардум ўро барои бурдан ба сўи қабристон мебардоранд, пас агар шахси солеҳ бошад мегўяд: Зуд маро бубаред ва агар ғайри солеҳ бошад мегўяд: Эй валии мурда маро ба куҷо мебаред. Садои ўро ҳама чиз ғайр аз инсон мешунавад ва агар инсон онро бишнавад ҳатман аз ҳўш хоҳад рафт (ва бетобӣ мекунад)."2

Дар хабари тўлоние ворид шуда, ки дар замони Умар ибни Хаттоб ҷавони обиде аз дунё рафт. Умар ба сари қабраш омаду гуфт: Эй фалонӣ "**барои касе, ки аз Худо метарсад, ду биҳишт хоҳад буд**".3 Он ҷавон аз дохили қабр ҷавоб дод, ки: Эй Умар Худованд дар биҳишт онро барои ман ду мартаба ато фармуд.4

---

1-"Ас-Сиқот»-и Ибни Ҳаббон ҷ..9с.234 бо лафзи дигар. Мустадраки Ҳоким ҷ.3.с.163. Таърихи Ибни Асокир ҷ.27.саҳ.395.р.3246. "Шарҳ-ус-судур"-и Суютӣ.

2-Саҳеҳи Бухорӣ ҷ.2.с.87-88-103 бо ду санад. Саҳеҳи Ибни Ҳаббон ҷ.7.с.311-312. "Мусаннаф"-и Ибни Абишайба ҷ.3.с.254. Муснад"-и Аҳмад ҷ.3.с.41-58. "Сунан-ул-кубро"-и Насоӣ ҷ.1.с.624.р.2036.

3-Сураи Ар-Раҳмон ояти 46.

4-Таърихи Ибни Асокир ҷ.45.саҳ.450. Канз-ул-уммол ҷ.2.с.516.р.4634.

## Мурда бо зоири худ унс мегирад

فروى ابن أبي الدنيا في كتاب القبول عن عائشة قالت: "قال رسول الله صلى الله عليه وآله ما من رجل يزور قبر أخيه ويجلس عنده إلا ورد عليه السلام واستأنس به حتى يقوم.

Ибни Касир аз Ибни Абидунё ривоят карда, ки: Паёмбар **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳ** фармуданд: Ҳеҷ касе нест, ки қабри бародари худро зиёрат кунад ва сари қабри ӯ биншинад магар ин ки саломашро ҷавоб медиҳад ва бо ӯ унс мегирад, то вақте, ки зоир иродаи рафтан кунад."1

حضرنا عمرو بن العاص وهو في سياقة الموت ...قال: فإذا أنا مت فلا تصحبني نائحة ولا نار فإذا دفنتموني فشنوا علي التراب شنا ثم أقيموا حول قبري قدر ما تنحر جزور ويقسم لحمها حتى أستأنس بكم وأنظر ماذا أراجع به رسل ربي".

Амр ибни Ос, (ки аз асҳоб Паёмбар буд) вақте дар бистари марг буд ба фарзандаш васият намуд: "Ҳар вақт ман мурдам касе ҳамроҳи ҷанозаи ман навҳа накунад ва пас аз он ки маро даруни қабр гузоштед рӯи ман зиёд хок бирезед ва ба андозаи замони қурбони кардани як шутур ва тақсими гӯшти он дар сари қабри ман бимонед, то ман бо шумо унс бигирам ва бидонам, ки чӣ гуна ҷавоби фариштагони илоҳиро хоҳам дод."2

Ин сухани Амр маънои ҳадиси қабл аст, ки Расули гиромӣ **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳ** фармуданд. Ва Ибни Қайюм баъд аз нақли ин хабар мегӯяд: Ин хабар далолат мекунад, ки мурда бо зинда унс мегирад ва ба вуҷуди онҳо хушҳол мешавад.3

---

1-«Ал-Фирдавс бимаъсурил-хитоб»-и Дайламӣ ҷ.4.с.19.р.6055. Тафсири Ибни Касир ҷ.3.с.439. «Ар-Руҳ»-и Ибни Қайюм ҷ.1.с.5-12. Канз-ул-уммол ҷ.15.с.565. р.42601. «Лисон-ул-мизон»-и Ибни Ҳаҷар ҷ.3.с.297.р.1240, ин ҳадис аз уммулмӯъминин Оиша ва Абӯҳурайра ривоят шудааст.

2-Саҳеҳи Муслим ҷ.1.с.112.р.121. Ас-Сиқот"-и Ибни Ҳаббон ҷ.3.с.267. Табақот-ул-кубро"-и Ибни Саъд ҷ.4.саҳ.259. Талхис-ул-ҳабир"-и Ибни Ҳаҷар ҷ.5.с.243.

3-Ар-руҳ ҷ.1.саҳ.19.

**عن ربعي بن حراش قال مات أخ لي كان أصومنا في اليوم الحار وأقومنا في الليلة الباردة فقعدت عند رأسه أبكيه قال فرفع يده فكشف الثوب عن وجهه وقال السلام عليكم قلت أي أخي أحياة بعد الموت قال نعم إني لقيت ربي عز وجل فلقيني بروح وريحان ولقيت ربا غير غضبان وإنه كساني ثيابا خضرا من سندس وإستبرق وإني وجدت الأمر أيسر مما تحسبون، الا وانّ ابي القاسم ينتظر الصلاة عليّ فعجلوني ثم كان بمنزلة الحصاة رمي بها في طست فبلغ ذلك عائشة رضى الله عنها فصدقته وقالت قد كنا نسمع أن رجلا من هذه الأمة يتكلم بعد موته".**

Рабиъ ибни Ҳаррош мегӯяд: "Бародарам, ки дар ҳавоҳои гарм беш аз мо рӯза медошт ва беш аз мо шабҳои сардро бо ибодат мегузаронд, мурд. Ман бар сари ӯ нишаста гиря мекардам, ки дасташро баланд карду порчаро аз сураташ канор зад ва гуфт: Саломун алайкум. Ман гуфтам: Эй бародар оё баъд аз марг ҳаёт аст? Гуфт: Оре, ман Парвардигорамро мулоқот кардам ва Ӯ низ бо руҳу райҳон ва бидуни ин ки ба ман ғазаб карда бошад бо ман мулоқот намуд ва бар ман либоси сабз аз сундус ва истабрақ пӯшонид ва ман корро осонтар аз он чӣ ки шумо гумон мекардед ёфтам. Огоҳ бошед, ки Абӯлқосим мунтазири намоз хондан бар ман аст пас маро зуд (ба қабристон) бубаред. Сипас ӯро хеле зуд ба қабристон бурдем. Хабари сухангуфтани ӯ ба Оиша расид, Оиша онро тасдиқ карду гуфт: Мо дар гузашта мешунидем, ки марде аз ин уммат баъд аз маргаш сухан хоҳад гуфт." 1

Ин хабар бо се санади саҳеҳ ривоят шудааст ва ин сухани Оиша, ки гуфт: Ҳамеша мешунидем, ки марде аз ин уммат баъд аз марг сухан мегӯяд, ҳадисест аз Расули Худо

---

1-"Ал-Изоҳ"-и Фазл ибни Шозон с.393. "Ман оша баъдал мавт"-и Ибни Абидунё ч.1.с.18-19.р.9-10-11. "Сияру аълом-ун-нубало"-и Заҳабӣ ч.4.с.362.р.139 Заҳабӣ аз Абӯнаим ва Солеҳи Шомӣ аз Байҳақӣ ва гуфта, ки Байҳақӣ санад ин хабарро саҳеҳ гуфтааст муҳаққиқи сияри Заҳабӣ низ санади ин хабарро саҳеҳ гуфтааст.

**саллаллоҳу алайҳи ва олиҳ**, ки дар китобҳои ривоӣ ворид шудааст.1

Дар ҳадиси дигаре чунин ворид шуда, ки Рабиъ ибни Ҳаррош гуфтааст: Ҳаргиз нахоҳам хандид, то ин ки бидонам ҷоям дар биҳишт аст ё дар ҷаҳаннам, пас то марг касе ӯро хандон надид ва баъд аз марг диданд, ки ҳамеша табассум мекард. Бародараш Рабиӣ, низ баъд аз дидани вай ҳамин аҳдро кард. Ва касе, ки ӯро ғусл дода, хабар дода, ки ӯ низ баъд аз маргаш табассум мекард."2

Ибни Абидунё дар шумораи 14 ва 25 низ ахбори дигаре, низ дар бораи сухан гуфтани мурдагон, нақл кардааст.

**قال رسول الله** صلى الله عليه وآله: "**الميت يعرف من يغسله ويحمله**".

Расули Худо **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳ** фармуданд: "Мурда касонеро, ки ӯро ғусл медиҳанд ва ҷанозаашро мебардоранд, мешиносад."3

Суютӣ аз Ибни Аббос ривоят мекунад, ки Расули Худо **саллаллоҳу алалйҳи ва олиҳ** фармуданд: "Ҳеҷ касе намемирад магар ин ки ғуслдиҳандаашро мешиносад ва...".4

**وصح عن عمرو بن دينار أنه قال ما من ميت يموت إلا وهو يعلم ما يكون في أهله بعده وأنهم ليغسلونه ويكفنونه وانه لينظر إليهم".**

Ибни Қайюм мегӯяд: "Аз Амр ибни Динор собит шуда, ки гуфтааст: "Ҳеҷ мурдае нест, магар ин ки медонад баъд аз ӯ дар аҳлаш чӣ мегузарад ва онҳо ӯро ғусл медиҳанд ва кафан мекунанд дар ҳоле, ки ӯ ба онҳо нигоҳ мекунад".5

---

1-"Мӯъҷам-ул-авсат" ҷ.6.с.72. "Маҷмаъ-уз-завоид"-и Ҳайсамӣ ҷ.8.с.291. санади ин ҳадис саҳеҳ аст.

2-"Ман оша баъдал мавт"-и Ибни Абидунё ҷ.1.с.20.12. "Ас-Сиқот"-и Ибни Ҳаббон ҷ.4.с.226. Таърихи Бағдод ҷ.8.с.433. "Сияру аълом-ун-нубало"-и Заҳабӣ ҷ.4.с.361.

3-"Муснад"-и Аҳмад ҷ.3.с.62. Мӯъҷам-ул-авсат ҷ.7.с.257. Таърихи Бағдод ҷ.12. с.208.

4-Дур-ул-мансур ҷ.6.с.167 аз Ибни Мардувайҳ.

5-Ар-Руҳи Ибни Қайюм ҷ.1.с.12. Амр ибни Динор аз бузургони тобеин аст. Сияру аълом-ун-нубало"-и Заҳабӣ ҷ.5.с.300.р.144.

**وصح عن مجاهد أنه قال إن الرجل ليبشر في قبره بصلاح ولده من بعده.**

"Ибни Қайюм мегӯяд: "Аз Муҷоҳид собит шуда, ки гуфтааст: "Ҳатман инсон ба хотири корҳои хуби фарзандаш баъд аз ӯ, дар қабраш башорат дода мешавад".1

**Шарҳи ҳоли Муҷоҳид**: Ӯ аз бузургони муҳаддисин ва муфассирони тобеин ва аз шогирдони Ибни Аббос мебошад.

**عن رجل من آل عاصم الجحدري قال: "رأيت عاصما الجحدري في منامي بعد موته بسنتين فقلت أليس قد مت قال بلى قلت فأين أنت قال أنا والله في روضة من رياض الجنة أنا ونفر من أصحابي نجتمع كل ليلة جمعة وصبيحتها إلى بكر بن عبدالله المزني فنتلقى أخباركم قال قلت أجسامكم أم أرواحكم قال هيهات قد بليت الأجسام وإنما تتلاقى الأرواح قال قلت فهل تعلمون بزيارتنا إياكم قال نعلم بها عشية الجمعة ويوم الجمعة كله ويوم السبت إلى طلوع الشمس قال قلت فكيف ذلك دون الأيام كلها قال لفضل يوم الجمعة وعظمته.**

«Яке аз хонаводаи Осим мегӯяд: «Ду сол баъд аз вафоти Осим ӯро дар хоб дидам ва гуфтам: Магар ту намурдӣ? Гуфт: Оре. Гуфтам: Пас куҷо ҳастӣ? Гуфт: Ман ба Худо қасам, дар боғе аз боғҳои биҳишт ҳастам ва дар ҳар шаби ҷумъа бо гурӯҳе аз ёронам дар назди Бакр ибни Абдуллоҳ ҷамъ мешавем ва хабарҳои шумо ба мо мерасад. Аз ӯ пурсидам: Баданҳоятон ё арвоҳатон? Гуфт: Ҳаргиз, баданҳоямон пусида, вале авроҳамон бо ҳам мулоқот мекунанд. Пурсидам, ки: Оё аз зиёрате, ки мо шуморо мекунем, огоҳ мешавед? Гуфт: Тамоми шабу рӯзи ҷумъа ва рӯзи шанбе то баромадани хуршед, аз зиёрати шумо огоҳӣ дорем. Гуфтам: Ин чӣ гуна аст, чаро ҳамаи рӯзҳо намефаҳмед? Гуфт: Ин ба хотири фазлу азамати рӯзи ҷумъа аст.»2

**Шарҳи ҳоли Осим**: Осим ибни Аҷҷоҷ, аз қуррои

---

1-Ар-Руҳи Ибни Қайюм ҷ.1.с.12. Тафсири Қуртубӣ ҷ.10.с.102. Дур-ул-мансури Суютӣ ҷ.5.с.263 аз Абӯнаим.

2-"Шаъб-ул-имон"-и Байҳақӣ ҷ.7.с.18.р.9300. Тафсири Ибни Касир ҷ.3.с.439. Ар-Руҳ"-и Ибни Қайюм ҷ.1.с.5, ҳар ду аз Ибни Абидунё.

машҳур ва аз тобеин буда, ки мутаваффои соли 129-и ҳиҷрӣ аст. Шарҳи ҳоли ӯро дар «Ал-Ҷарҳ ват-таъдил»-и Розӣ р.1926 пайдо мекунед.

**ثنا حسن القصاب قال: "كنت أغدو مع محمد بن واسع في كل غداة سبت حتى نأتي أهل الجبان فنقف على القبور فنسلم عليه وندعو لهم ثم ننصرف فقلت ذات يوم لو صرت هذا اليوم يوم الإثنين قال بلغني أن الموتى يعلمون بزوارهم يوم الجمعة ويوما قبلها ويوما بعدها".**

Ҳасани Қассоб мегӯяд: "Ҳар субҳи шанбеҳо ҳамроҳ бо Муҳаммад ибни Восеъ ба зиёрати қабрҳо мерафтем ва ба онҳо салом медодему барояшон дуо мекардем, сипас бармегаштем. Рӯзе гуфтам, ки рӯзҳои душанбе биравем. Муҳаммад гуфт: Ба ман ин хабар расида, ки мурдаҳо рӯзҳои ҷумъа ва якрӯз қаблу якрӯз баъдаш аз зиёраткунандаҳояшон огоҳ мешаванд.”1

**Шарҳи ҳоли Ҳасани Қассоб**: Ҳасан ибни Абдуллоҳ аз тобеин буда ва аз муҳаддисони мавриди эътимод аст. Шарҳи ҳоли ӯро дар «Ас-сиқот»-и Ибни Ҳаббон р.7161 ва «Ал-Ҷарҳ ват-таъдил»-и Розӣ р.93 пайдо мекунед.

**Шарҳи ҳоли Муҳаммад ибни Восеъ**: Ӯ низ аз муҳаддисони мавриди эътимод ва мутаваффои соли 123-и ҳиҷрӣ аст. Ас-Сиқоти Ибни Ҳаббон ҷ.7.с.366.

**عن الضحاك أنه قال: "من زار قبرا يوم السبت قبل طلوع الشمس علم الميت بزيارته فقيل له وكيف ذلك قال لمكان يوم الجمعة".**

Суфёни Саврӣ мегӯяд: Аз Заҳҳок бар ман ин гуна хабар расид, ки ӯ гуфтааст: Ҳар ки қабреро рӯзи шанбе қабл аз тулӯи хуршед зиёрат кунад, мурда аз он огоҳ хоҳад шуд. Ба ӯ гуфтанд, ки ин чӣ гуна аст? Гуфт: “Ба хотири рӯзи

---

1-“Шаъб-ул-имон”-и Байҳақӣ ҷ.7.с.18.р.9301. Тафсири Ибни Касир ҷ.3.с.439. Ар-Руҳ"-и Ибни Қайюм ҷ.1.с.6. «Файз-ул-қадир»-и Мунобӣ ҷ.4.с.81. Субулул ҳудои вар-рашод ҷ.12.с.401.

ҷумъа."[1]

**Шарҳи ҳоли Заҳҳок**: Заҳабӣ мегӯяд: Ӯ зарфи илм буд ва аз тобеин буда ва соли 105 даргузашта аст.[2]

**عن أبى التياح قال: "كان مطرف بن عبد الله يبدر ويدخل كل جمعة فربما نور له في سوطه فادلج ذات ليلة وهو على فرسه حتى إذا كان عند مقابر يقوم (هدم به) فرأى أهل القبور كل صاحب قبر جالسا على قبره فقالوا هذا مطرف يأتى الجمعة قلت وتعلمون عندكم يوم الجمعة قالوا نعم ونعلم ما يقول فيه الطير قلت وما يقولون قالوا يقولون سلام عليكم".**

Абӯлтайёҳ мегӯяд: "Шабе Мутриф омад ва назди қабрҳо гурӯҳеро дид ва ӯ савор бар асбаш буд ва аҳли қабристонро дид, ки ҳар як аз соҳиби қабр дар қабраш нишаста, пас гуфтанд: Ин Мутриф аст, ки рӯзҳои ҷумъа меояд. Ман гуфтам: Шумо низ рӯзи ҷумъаро медонед? Гуфтанд: Оре ва ҳамчунин медонем, ки дар он рӯз паррандаҳо чӣ мегӯянд. Гуфтам: Чӣ мегӯянд? Гуфтанд: Мегӯянд: Салом бар шумо."[3]

Ибни Касир бо ду санад ин хабарро ривоят карда ва санаде, ки дар тафсираш бо он ривоят кардааст, саҳеҳ мебошад бебаррасии санади дуввум.

**Шарҳи ҳоли Мутриф ва Абӯлтайёҳ**: Ӯ Мутраф ибни Абдуллоҳ аз бузургони тобеин, Заҳабӣ мегӯяд: Имоми пешво ва ҳуҷҷат. Ӯ шахсеро, ки дурӯғ гуфт вақте нафрин кард билофосила мурд. Ӯ мутаваффои соли 95-и ҳиҷрӣ аст. Ва Абӯлтайёҳ Язид ибни Ҳумайд, ӯ низ аз тобеин буда ва дар соли 128 даргузашта аст Заҳабӣ мегӯяд: Имом ва ҳуҷҷат аст.[4]

---

1-"Шаъб-ул-имон"-и Байҳақӣ ҷ.7.с.18.р.9302. Тафсири Ибни Касир ҷ.3.с.439. Ар-Руҳ"-и Ибни Қайюм ҷ.1.с.6.

2-Сияру аълом-ун-нубало ҷ.4.с.598.р.238.

3-Ар-Руҳ ҷ.1.с.6. Тафсири Ибни Касир ҷ.3.с.448. Таърихи Ибни Касир ҷ.6.с.310.

4-Сияру аълом-ун-нубало"-и Заҳабӣ ҷ.4.с.187.р.77.ҷ.5.с.251.р.115.

## Ҷавоб додани Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва олиҳ саломи баъзеҳоро

**وروى ابن النجار عن إبراهيم بن يسار (ابن بشار) قال: "حججت في بعض السنين فجئت المدينة فتقدمت إلى قبر رسول الله** صلى الله عليه (وآله) وسلم **فسلمت عليه فسمعت من داخل الحجرة: وعليك السلام".**

Ибни Наҷҷор аз Иброҳим ибни Башшор нақл мекунад: “Баъзе аз солҳое, ки ҳаҷ кардам ба Мадина омадам ва ба назди қабри Расули Худо рафта ба он ҳазрат салом додам ва аз дохили ҳуҷра ҷавоб шунидам, ки фармуд: Ва бар ту салом”.1

**Шарҳи ҳоли ӯ**: Иброҳим ибни Ясор ё Ибни Башшор мутаваффои соли 224-и ҳиҷрӣ ва аз муҳаддисони мавриди эътимод будааст. Таҳзиб-ут-таҳзиб»-и Ибни Ҳаҷар ҷ.1.с.94.

**عن أبي نصر الكرجي قال: "كنت جالسا عند قبر النبي ودخل شيخ أبوبكر الديار بكري لزيارت قبر النبي فقال: السلام عليك يا رسول الله! فسمعت صوتا من الحجرة: وعليك السلام يا أبوبكر. وسمعه من حضر".**

“Абӯнасри Караҷӣ мегӯяд: “(Баъд аз зиёрати қабри Паёмбар) дар гӯшае канори қабр нишаста будам, ки Шайх Абӯбакр Диёри Бакрӣ барои зиёрати қабри Паёмбар дохили масҷид шуд ва гуфт: Салом бар ту эй Расули Худо! Ва ман садоеро аз дохили ҳуҷра (аз қабр) шунидам, ки ҷавоб дод: Ва бар ту салом эй Абӯбакр ва ҳар, ки дар он ҷо буд он садоро шунид.”2

**Шарҳи ҳоли Абӯнаср**: Заҳабӣ мегӯяд: “Абдулвоҳид ибни Абдулмалик Абӯнасри караҷӣ, яке аз касоне, ки ба зӯҳду кӯшиш шинохта шудааст. Ӯ бо ҷин сухан мегуфта ва дар Макка бо Хизр **алайҳис-салом** дидор кардааст... Ӯ

---

1-«Файз-ул-қадир»-и Мунови ҷ.2.с.608. «Субулул ҳудои вар-рашод»-и Солеҳи Шомӣ ҷ.12.с.357.

2-«Зайли Таърихи Бағдод»-и Ибни Наҷҷор ҷ.1.с.151. «Субулул ҳудои вар-рашод»-и Солеҳи Шомӣ ҷ.10.с.467.

мутаваффои соли 569-и ҳиҷрӣ мебошад."[1]

**إن سليمان بن سحيم قال: "رأيت النبي صلى الله عليه وسلم في النوم فقلت: يا رسول الله، هؤلاء الذين يأتونك فيسلمون عليك، أتفقه سلامهم قال: نعم وأرد عليهم".**

Сулаймон ибни Саҳим мегӯяд: Расули Худоро дар хоб дидам ва ба он ҳазрат гуфтам: Эй Расули Худо, ин мардум, ки ба назди (қабри) шумо меоянд ва бар шумо салом медиҳанд оё шумо саломи онҳоро мефаҳмӣ? Фармуданд: Оре ва ҷавоби саломи онҳоро низ медиҳам." 2

**عن سعيد بن المسيب قال: "لقد رأيتني ليالي الحرة، وما في المسجد غيري وما يأتي وقت أذان إلا سمعت الأذان من القبر".**

"Саид ибни Мусаййиб мегӯяд: Ба дурустӣ, ки медидӣ маро дар шабҳои Ҳирра дар ҳоле, ки ғайр аз ман дар масҷид касе набуд. Ҳеҷ гоҳ вақти азон (намоз) намешуд магар ин ки ман садои азонро аз қабри Паёмбар мешунидам."3

**وروى ابن سعد عنه أنه كان يلازم الناس أيام الحرة والناس يقتتلون قال: فكنت إذا حانت الصلاة أسمع أذانا يخرج من القبر".**

Саид Ибни Мусаййиб дар рӯзҳои Ҳирра мулозими мардум буд дар ҳоле, ки мардум меҷангиданд. Ӯ мегӯяд: Ҳар гоҳ вақти намоз мешуд садои озонеро мешунидам, ки аз дохили қабри Паёмбар берун меомад.»4

**عن سعيد بن المسيب قال: "لقد رأيتني في ليالي الحرة وما في مسجد رسول الله**

---

1-"Мухтасару таърихи Ибни Дабисӣ"-и Заҳабӣ с.267.р.983.

2-«Аш-Шифо»-и Қозӣ Айёз ҷ.2.с.80. «Дуррул мансур»-и Суютӣ ҷ.1.с.237 аз Ибни Абидунё ва Байҳақӣ. «Субулул ҳудои вар-рашод»-и Солеҳи Шомӣ ҷ.12.с.357. Сулаймон ибни Саҳим, Абӯаюби Ҳошимӣ аз бузургони тобеин буда ва дар аввалҳои хилофати Мансури Аббосӣ вафот кардааст. Ас-Сиқот»-и Ибни Ҳаббон р.3051. Табақоти Ибни Саъд ҷ.1.с.331 ва дигарон.

3-«Табақотул кубро»-и Ибни Саъд ҷ.5.с.132. "Сияру аълом-ун-нубало"-и Заҳабӣ ҷ.4.с.228. «Субулул ҳудои вар-рашод»-и Солеҳи Шомӣ ҷ.12.с.357, аз Далоилун-нубувваи Абӯнаим..

4-«Табақот-ул-кубро»-и Ибни Саъд ҷ.5.с.132. Сияру аълом-ун-нубало»-и Заҳабӣ ҷ.4.с.229. «Субулул ҳудои вар-рашод»-и Солеҳи Шомӣ ҷ.12.с.357.

صلی الله علیه وآله وسلم أحد غيري وما يأتي وقت صلاة إلا سمعت الأذان من القبر ثم أقيم فأصلي وإن أهل الشام ليدخلون المسجد زمرا فيقولون انظروا إلى هذا الشيخ المجنون".

Боз аз Саид ибни Мусаййиб нақл шуда, ки мегӯяд: “Ба дурустӣ, ки медидӣ маро дар шабҳои Ҳирра дар ҳоле, ки ғайр аз ман дар масҷид касе набуд. Ҳеҷ гоҳ вақти азон (намоз) намешуд магар ин ки ман садои азонро аз қабри Паёмбар мешунидам, сипас баланд шуда намозамро мехондам. Ба дурустӣ, ки аҳли Шом гурӯҳ, гурӯҳ ба масҷид меомаданд ва мегуфтанд: Ба ин шайхи девона нигоҳ кунед.»1

Ибни Таймия мегӯяд: "Ин хабарҳо ҳамааш ҳақ аст ва ҳеҷ шакке дар он нест."2

وروى الزبير بن بكار عنه قال: "لم أزل أسمع الأذان والإقامة في قبر رسول الله صلی الله علیه (وآله) وسلم أيام الحرة حتى عاد الناس".

«Боз Зубайр ибни Баккор аз Саид нақл мекунад, ки гуфтааст: «Дар рӯзҳои Ҳирра ҳамеша азону иқомаро аз қабри Паёмбар **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳ** мешунидам, то вақте ки мардум баргаштанд.»3

Саид ибни Мусаййиб аз бузургоне аст, ки бо пайравӣ аз суфоришоти Ислом дар мавориди канорагирӣ аз салотини золиму ситамгар дар он шароит душвор, ки муҳадисон ва бузургони зиёде аз тарси салотин охирати худро ба дунё фурухтаанд дар муқобили хулафои золими Бани Умайя истодагӣ мекард ва ҳаргиз ба суроғи онҳо ҳатто дар ҳолоте, ки бо исрори фаровон ӯро фаро мехонданд ба маҷлиси онҳо ҳозир намешуд ва афроди имсоли Шаабӣ ва Ибни Шаҳоби Зӯҳриро ба хотири ҳамкорӣ бо ин золимон мазаммат менамуд ва аз нақл ҳадис ба онҳо худдорӣ

---

1-"Каромотул-авлиё"-и Лолакоӣ ҷ.1.с.166.р.120. Дар сунани Доримӣ, ҷ.1.с.44 низ ба ҳамин маъно ҳадис нақл шудааст.

2-Иқтизо-ус-сирот"-и Ибни Таймия ҷ.1.с.373.

3-"Субулул ҳудои вар-рашод"-и Солеҳи Шомӣ ҷ.12.с.357.

мекард ва онҳоро аз худ меронд. Ӯ ҳаргиз атоёи хулафои Бани Умайяро қабул намекард.

Ин ахбор низ ишора ба ин дорад, ки замоне, ки бо дастури Язид писари Муовия шомиён ба Мадина ҳуҷум оварданд ва бадтарин ҷиноятҳоро бар мардуми Мадина раво диданд, ки таърих чунин фоҷиаро ба худ надида Саид Ибни Мусакйийиб зоҳиран паноҳ оварда ба қабри Расули Худо саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам ва ҳамчунин эҳтимолан ин як навъ диддорӣ ва оромиш бахшидан аз ҷониби Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам ба Саид ибни Мусаййиб бошад, чун ҳамон гуна, ки худи ӯ баён мекунад ва дигарон низ дар таърих сабт кардаанд касе аз тарс ба масҷид ҳам намеомад ва ӯ танҳо дар масҷид мемонда ва намозро низ танҳоӣ мехондааст.

**Шарҳи ҳоли Саид ибни Мусаййиб**: Заҳабӣ мегӯяд: "Имоми илм ва олими аҳли Мадина ва сарвари тобеин дар замонаш. Ӯ дар соли дуввуми хилофати Умар ибни Хаттоб ба дунё омада. Саид мегӯяд: чиҳил сол намози ҷамоатам тарк нашуд ва боз мегӯяд: Муддати 30 сол аст, ки муаззин азон нагуфт магар ин ки ман дар масҷид ҳозир будам. Аҳмад ибни Ҳанбал ва дигарон гуфтаанд, ки мурсалоти Саид ҳуҷҷатанд. Ибни Мадинӣ мегӯяд: Ман касеро аз тобеин суроғ надорам, ки олимтар аз Саид бошад ва ӯ дар ҳузури саҳоба фатво медодааст. Ӯро олими уламо ва фақеҳи фуқаҳо васф кардаанд. Ибни (Халлакон низ дар вафаёт-ул-аъён ҷ.2.с.375.р.262 мегӯяд: Саид сарвари тобеин буд ва ӯ байни ҳадис ва фиқҳ ва зӯҳд ва ибодат ва вараъ ҷамъ карда буд) ӯ дар байтулмол ҳаққе дошт ва барои дарёфти он ӯро фаро мехонданд ва ӯ мегуфт: Ман ҳоҷате бар он надорам то ин ки Худо байни ман ва Бани Марвон (хулафои золими Бани Умайя) ҳукм фармояд. Ҳамчунин дар шарҳи ҳолаш дар Сияру аълом-ун-нубало чандин достонҳои ҷолиби хондани бо салотин Бани Умайя

монанди Абдулмалик ибни Марвон ва Валид ибни Абдулмалик ва Ҳаҷҷоҷ нақл шуда ва ӯ бо ин хулафои золим ҳамчунин байъат низ накарда ва хеле мавриди азияту озори онҳо қарор гирифта ва ҳам чунин бо дастури хулафо мардум аз ҳамнишинӣ бо ӯ манъ шуда буданд. Ӯ ба мардум чунин мегуфт: Чашмонатонро бо нигоҳ ба ёварони золимон (равшан аст, ки манзураш муҳаддисоне мисли Зӯҳрӣ ва Шаабӣ мебошанд) пур накунед, магар ба инкор бо қалбҳоятон, то ин ки аъмолатон аз байн наравад ва ботил нашавад. Ҳам чунин Абдулмалик ибни Марвон духтари Саидро барои писараш Валид хостгорӣ мекунад ва Саид рад намуд ва ба ин хотир Абдулмалик дар ҳавои сард Саидро сад тозиёна шаллоқ зад.[1]

Оре, Чунин шахсиятҳои бузург ба роҳатӣ аз садои олами барзах мутталеъ мешаванд ва он ҳам дар рӯз чандин мартаба ва барои ҳар намозе, ки чандин рӯз идома меёбад ва мӯътақиданд, ки ҳама рӯза бар он ҳазрат умматонашон арза мешаванд чӣ расад бар дидану шунидани садои аҳли дунё, вале афроде, ки маърифати динӣ надоранд содатарин чизҳоро низ монанди ваҳҳрбиҳо инкор мекунанд.

Абӯмансури бағдодии шофеӣ мегӯяд: Мутакаллимон ва муҳаққиқон аз асҳоби мо гуфтаанд: "Ҳатман Паёмбари мо **саллаллоҳу алайҳи (ва олиҳи) ва саллам** баъд аз реҳлаташ аз дунё, зинда аст ва бо бандагӣ ва тооти умматонаш хушҳол мешавад ва ба дурустӣ, ки анбиё дуруди Худо бар онҳо бод баданҳояшон аз байн намеравад ва ба зудӣ дар фасли севвум сухани Ибни Ҳабиб меояд, ки гуфтааст: Ба дурустӣ, ки Паёмбар **саллаллоҳу алайҳи (ва олиҳи) ва саллам** мешунавад ва истодани туро дар пешгоҳаш медонад ва мебинад.[2]

**Шарҳи ҳоли Абӯмансур**: Заҳабӣ мегӯяд: Алломаи

1-Сияру аълом-ун-нубало ҷ.4.с.219.р.88.

2-"Вафо-ул-вафо"-и Самҳудӣ ҷ.4.с.1354 ба нақл аз китоби Абӯмансур.

бореъ устод Абӯмансури бағдодӣ яке аз бузургони мазҳаби шофеӣ аз имомони усул ва садри Ислом буд бо иҷмои аҳли фазл ва ӯ мутаваффои соли 429 ҳиҷрӣ мебошад.[1]

Ҳамаи ин ахбор, ки инсонро ба ҳақиқати он ба яқин мерасонад, собит мекунад, ки бешак гузаштагон ҳам мешунаванд ва ҳам ҷавоби аҳли дунёро метавонанд бидиҳанд. Ва аз ин ахбор ва суханони саҳоба ва тобеин метавон ин гуна натиҷа гирифт, ки шунидану дидани гузаштагон бинобар ақидаи онҳо, як амри табиӣ ва мусалламе будааст.

## Салом бар Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам ва дигарон назди қабр

**قال ابن القاسم ورأيت أهل المدينة إذا خرجوا منها أو دخلوا أتوا القبر فسلموا.**

Ибни Қосим мегӯяд: "Аҳли Мадинаро дидам, ки ҳар вақт мехостанд аз Мадина берун раванд ва ё ба Мадина баргарданд ба назди қабри Паёмбар **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам** меомаданд ва ба он ҳазрат салом медоданд."[2]

**وقال نافع: "كان ابن عمر يسلم على القبر رأيته مائة مرة أو أكثر يجيء الى القبر فيقول السلام على النبى السلام على أبى بكر السلام على أبى ثم ينصرف".**

Нофеъ мегӯяд: "Ибни Умар бар (аҳли) қабр салом медод ва беш аз сад мартаба дидам, ки ӯ ба сари қабри Паёмбар **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳ** меомад ва мегуфт: Салом бар Паёмбар салом бар Абӯбакр салом бар падарам сипас бармегашт." [3]

**ان عبد الله بن عمر كان يقف على قبر النبي فيصلي على النبي وعلى أبي بكر وعلى عمر".**

Нақл шуда, ки: Абдуллоҳ ибни Умар бар сари қабри Расули Худо **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳ** меистод ва ба он ҳазрат ва

---

1-Сияру аълом-ун-нубало ҷ.17.с.572.р.377.

2-"Маҷмӯъ-ул-фатово"-и Ибни Таймия ҷ.1.с.231.

3-«Аш-Шифо битаърифи ҳуқуқи мустафо»-и Қозӣ Айёз ҷ.2.с.86. «Маҷмӯъ-ул-фатово»-и Ибни Таймия ҷ.1.с.231. «Аҳком-ул-ҷаноиз»-и Албонӣ с.224.

ба Абӯбакру Умар дуруд мефиристод."[1]

Нофеъ мегӯяд: Ҳар вақт Ибни Умар аз сафар бармегашт ба сари қабри Паёмбар меомад ва мегуфт: "Салом бар ту эй Расули Худо, салом бар ту эй Абӯбакр, салом бар ту эй падар".[2]

Санади ин хабар саҳеҳ аст

Аз баъзе саҳобаи дигар монанди Анас собит шуда, ки танҳо ба нияти салом додан ба сари қабри Расули гиромии Ислом **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам** меомаданд.

Рафтани мардум ба сари қабр барои салом ба Расули Худо **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам** аз масъалаҳоест, ки аз замони саҳоба вуҷуд дошта ва фаровон нақл шудааст ва худи Ибни Таймия ахбори зиёде дар китоби "Қоидату ҷалия фи тавассул вал васила"-аш[3] нақл кардааст. Ва ин амал худ метавонад далели маҳкаме бошад бар мӯътақид будани саҳоба ба дидан ва шунидани Расули Худо **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам**, чун агар он ҳазрат набинанд ва нашнаванд, рафтани ба сари қабри он ҳазрат танҳо барои салом ва рӯй кардан ба қабри он ҳазрат ба ҳангоми салом, маъное нахоҳад дошт ва амали беҳуда хоҳад буд. Дар ҳоле, ки ҳамон гуна, ки худи Ибни Таймия эътироф кардааст иттифоқи имомон бар ин аст, ки ба ҳангоми салом бояд рӯй ба қабр салом кард.

Вале, боз муҳаққиқи китоби «Тавассул»-и Ибни Таймия омадани саҳоба барои салом бар сари қабри он ҳазратро мункир мешавад. Оре, ҳар чӣ бо ақидаашон носозгор аст, онро рад мекунанд ва боз худро салафӣ ва аҳли ҳадис ном гузоштаанд.

Ибни Таймия мегӯяд: "Саҳоба ва тобеин ва пешвоён, ба Паёмбар **саллаллоҳу алайҳи (ва олиҳи) ва саллам** салом медоданд, чун саломеро, ки аз наздик дода мешавад Паёмбар мешунавад

---

1-«Ал-Муватта»-и Имом Молик ҷ.3.с.210. «Аш-Шифо»-и Қози Айёз ҷ.2.с.86.

2-"Мусаннаф"-и Абдураззоқ ҷ.3.с.576.р.6723.

3-Дар шумораи 394.

ва саломеро, ки аз дур дода мешавад, ба ӯ мерасад."1 Ёдовар мешавем, ки муҳаққиқи китоби Ибни Таймия боз саъй карда, то ин сухани Ибни Таймияро низ рад ва ботил кунад.

Ибни Таймия мегӯяд: "Ҳангоми салом ба Расули Худо **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам** рӯ ба қабри он ҳазрат бояд биистад ва ин сухани аксари олимон монанди Молик, Шофеӣ ва Аҳмад ва ғайри инҳост, вале асҳоби Абӯҳанифа мегӯянд: Дар ҳоли салом низ рӯй ба қабр накунад.2

Аммо дар бораи ин нисбате, ки Ибни Таймия ба ҳанафиҳо дода, бояд бигӯем, ки ин нисбат воқеият надорад, балки пайравони Абӯҳанифа, ҳам тавассулро ҷоиз дониста ва китобҳо дар бораи он навиштаанд ва ҳам дар салом додан низ ҳамраъй бо дигарон ҳастанд.

Ва ин гуфтор аз ин ҷо низ собит мешавад, ки Мулло Алии Қорӣ дар шарҳи "Муснади Абӯҳанифа" нақл карда, ки Абӯҳанифа аз Нофеъ ва ӯ аз Ибни Умар нақл карда, ки:

**"من السنة اي سنة الصحابة ومن تبعهم من الأمة أن تأتي قبر النبي وتجعل ظهرك الى القبلة".**

"Аз суннат яъне суннати саҳоба ва касоне аз ин уммат, ки пайрави роҳи онҳо буданд ин аст, ки ба назди қабр меоӣ ва пушт ба қибла (ва рӯй ба қабри он ҳазрат) меистӣ."3

Боз аз Абӯҳанифа нақл шуда, ки мегӯяд: "Айюби Сахтиёнӣ омад ва ба қабри Паёмбар **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳ** наздик шуд ва пушт ба қибла ва рӯ ба қабри он ҳазрат истод, пас гиря кард беин ки зоҳири худро ба гирякунанда даровarад.4

Пас ботил ва беасос будани ин нисбат ба пайравони

---

1-"Маҷмӯъ-ул-фатово" ҷ.1.с.233. "Қоидату ҷалия фит-тавассул вал-васила" р.44.

2-"Маҷмӯъ-ул-фатово"-и Ибни Таймия ҷ.1.с.230 ва Иқтизо-ус-сирот ҷ.1.с.394.

3-"Шарҳи Муснади Абӯҳанифа"-и Мулло Алии Қорӣ с.201.

4-"Шифо-ус-сиқом"-и Субкӣ саҳ.74 ба нақл аз "Муснади Абӯҳунифа"-и Талҳа ибни Муҳаммад ибни Ҷаъфар. Аюби Сахтиёни аз бузургони тобеин аст.

Абӯҳанифа собит мешавад. Шояд ин нисбати Ибни Таймия ба ин хотир бошад, ки мехоҳад дар ҳамаи масъалаҳои хилофӣ Абӯҳанифаро ҳамраъйи худаш муаррифӣ кунад чунон, ки Албонӣ дар китоби тавассулаш мегӯяд: "Мо дар масъалаи манъ дар хондани Худованд ба ҳаққи дигарон танҳо нестем, балки Абӯҳанифа ва ду шогирдаш, низ ҳамраъйи мо ҳастанд.1

Абдуллоҳ ибни Умар мегӯяд: "Ҳар ки аз назди қабри ин шаҳидон бигзарад ва ба онҳо салом бидиҳад онҳо ҳамеша то рӯзи қиёмат, ҷавоби саломашро медиҳанд."2

### Мулоқоти руҳи зиндаҳо бо руҳи мурдаҳо

**وقد قال الله تعالى "الله يتوفي الأنفس حين موتها والتي لم تمت في منامها فيمسك التى قضى عليها الموت ويرسل الأخرى إلى أجل مسمى إن في ذلك لآيات لقوم يتفكرون".**

"Худост, ки вақти марг арвоҳи халқро мегирад ва онро, ки ҳанӯз вақти маргаш нарасида низ дар ҳоли хоб руҳашро қабз мекунад, сипас онро, ки ҳукм ба маргаш карда руҳашро нигаҳ медорад ва онро, ки ҳукм ба маргаш накарда то вақти муайян ба баданаш бармегардонад ва дар ин кор низ далели қудрати илоҳӣ барои мутафаккирон падидор аст."3

**قال عمر بن الخطاب: عجبت لرؤيا الرجل يرى الشيء لم يخطر له على بال فيكون كآخذ بيد ويرى الشيء فلا يكون شيئا فقال على بن أبى طالب يا أمير المؤمنين يقول الله عز وجل الله يتوفي الأنفس حين موتها والتي لم تمت في منامها فيمسك التي قضى عليها الموت ويرسل الأخرى إلى أجل مسمى" قال والأرواح يعرج بها في منامها فما رأت وهي في السماء فهو الحق فإذا ردت إلى أجسادها تلقتها الشياطين في الهواء**

---

1-"Ат-Тавассул анвоуҳу ва аҳкомуҳ"-и Албонӣ.
2-"Таърихи мадина"-и Умар ибни Шубба ҷ.1.с.132.
3-Сураи Зумар ояти 42.

**فكذبتها فما رأت من ذلك فهو الباطل قال فجعل عمر يتعجب من قول علي".**

Умар ибни Хаттоб гуфт: "Тааҷҷуб кардам аз хоби марде, ки чизеро мебинад, ки ба зеҳнаш ҳам наомада, гӯё ки аз дасташ гирифта ва ҳам чизеро мебинад, ки дар воқеъ чизе набуда. Пас Имом Алӣ **алайҳис-салом** фармуд: "Эй амиралмӯъминин Худованд мефармояд: "Худост, ки вақти марг арвоҳи халқро мегирад ва онро, ки ҳанӯз вақти маргаш нарасида, низ дар ҳоли хоб руҳашро қабз мекунад, сипас онро, ки ҳукм ба маргаш карда руҳашро нигаҳ медорад ва онро, ки ҳукм ба маргаш накарда то вақти муайян ба баданаш бармегардонад ва дар ин кор низ далели қудрати илоҳӣ барои мутафаккирон падидор аст"1 Сипас Имом фармуданд: Арвоҳ ҳангоми хоб ба осмон бурда мешаванд пас, ҳар чӣ дар вақти дар осмон будан дид он ҳақ аст ва вақте ба ҷисмаш баргашт шаётин дар ҳаво чизҳоеро бар ӯ илқо мекунанд ва онро такзиб мекунанд, пас ҳар чӣ дар ин ҳолат мебинад ботил аст. Умар бо шунидани ин суханон ба тааҷҷуб омад".2

**عن ابن عباس في هذه الآية قال "بلغني أن أرواح الأحياء والأموات تلتقي في المنام فيتساءلون بينهم فيمسك الله أرواح الموتى ويرسل أرواح الأحياء إلى أجسادها".**

Ибни Аббос дар бораи ин оят мегӯяд: "Ба ман чунин расида, ки дар вақти хоб арвоҳи зиндаҳо ва мурдаҳо бо ҳам мулоқот мекунанд, сипас Худованд аврохи мурдаҳоро нигаҳ медорад ва арвоҳи зиндаҳоро ба баданҳояшон мефиристад."3

**وقال سعيد بن المسيب التقى عبد الله بن سلام وسلمان الفارسي فقال أحدهما**

---

1-Сураи Зумар ояти 42.

2-"Ар-Руҳ"-и Ибни Қайюм ҷ.1.с.31. Канз-ул-уммол ҷ.2.с.491.р.4580. Дар-ул-мансур ҷ.5. с.329 аз тафсир Ибни Абиҳотам ва Ибни Мардувайҳ.

3-Мӯъҷам-ул-авсат ҷ.1.с.45. Тафсири Табарӣ ҷ.24.с.12.р.23230-23231. Ат-Тамҳид"-и Ибни Абдулбар ҷ.5.с.241. "Маонӣ-ул-қуръон"-и Наҳҳос ҷ.6.с.178. Маҷмаъ-уз-завоид ҷ.7.с.100 ва санадашро саҳеҳ гуфтааст. Руҳ"-и Ибни Қайюм ҷ.1.с.22.

للآخر ان مت قبلي فالقني فاخبرني ما لقيت من ربك وإن أنا مت قبلك لقيتك فأخبرتك فقال الآخر وهل تلتقي الأموات والأحياء قال نعم أرواحهم في الجنة تذهب حيث تشاء".

Саид ибни Мусаййиб мегӯяд: "Абдуллоҳ ибни Салом ва Салмони Форсӣ бо ҳам мулоқот карданд ва яке аз онҳо ба дигарӣ гуфт: Агар пеш аз ман мурдӣ бо ман (дар хоб) мулоқот бикун ва аз он чӣ ки аз Парвардигорат мулоқот кардӣ ба ман хабар бидеҳ ва агар ман пеш аз ту бимирам бо ту мулоқот карда ба ту хабари он ҷоро хоҳам дод. Абдуллоҳ гуфт: Магар мурдагон ва зиндагон бо ҳам мулоқот мекунанд? Гуфт: Оре, арвоҳи онҳо дар биҳишт (биҳишти барзах) ҳар куҷо бихоҳад меравад."1

"ولما حضرت شريح بن عابد الوفاة دخل عليه غضيف بن الحارث فقال يا أبا الحجاج إن قدرت على أن تأتينا بعد الموت فتخبرنا بما ترى فافعل".

Ҳангоми вафоти Шурайҳ ибни Обид, Ғузайф ибни Ҳорис ба ӯ ворид шуду гуфт: Эй Абоҳаҷҷоҷ агар тавонистӣ баъд аз маргат ба назди мо (дар хоб) биёӣ ва бар мо он чиро, ки дар он ҷо мебинӣ хабар бидиҳӣ, ин корро бикун."2 Ва дар табақотул кубро омада, ки дар хоби ӯ омад ва аз ҳоли худаш ба ӯ хабар дод.

Шурайҳ ва Ғузайф ҳар ду аз саҳобаи Расули Худо **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳ** ҳастанд.

شواهد هذه المسألة وأدلتها اكثر من أن يحصيها إلا الله تعالى والحس والواقع من أعدل الشهود بها فتلقي أرواح الأحياء والأموات كما تلاقي أرواح الأحياء.

Ибни Қайюм қабл аз зикри ин ахбор мегӯяд: "Шавоҳиди ин масъала (вохурии арвоҳи зиндаҳо бо мурдаҳо) бештар аз он аст, ки ғайр аз Худо касе битавонад онро бишморад ва ҳиссу воқеиятҳо беҳтарин гувоҳ бар ин аст, ки арвоҳи зиндаҳо ва мурдаҳо бо ҳам мулоқот

---

1-"Ар-Руҳ"-и Ибни Қайюм ҷ.1.с.22. Дур-ул-мансур ҷ.6.с.325 аз Ибни Муборак ва ӯ аз Саид ибни Мусаййиб.

2-"Табақот-ул-кубро"-и Ибни Саъд ҷ.7.с.415. "Ар-Руҳ"-и Ибни Қайюм ҷ.1.с.22.

мекунанд чунон, ки арвоҳи зиндаҳо бо ҳам мулоқот мекунанд.”

Баъд Ибни Қайюм даҳҳо аҳодис ва достон дар ин мавридзикр кардааст, ки мо фақат ба баъзеи онҳо ишора кардем.

Бояд диққат дошта бошем, ки аз достони Салмон ва Абдуллоҳ ибни Салом ва... истифода мешавад, ки онҳо чӣ рӯҳияе доштаанд ва ғаму ҳаммашон ин буда, ки баъд аз марг, яке бо дигарӣ, ки дар дунё аст бо ҳам мулоқот кунанд ва аз ахбори барзах якдигарро огоҳ созанд. Вале дар замони мо аксари мардум бо таъсирпазирӣ аз диду ақидаи ваҳҳобият марг дар назарашон ба монанди нестӣ аст ва ваҳҳобиҳо он қадар дар нодонӣ ва бемаърифатӣ фурӯ рафтаанд, ки мегӯяд: Паёмбар **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳ** монанди санг аст. Яъне ҳамон гуна, ки санг ҳеҷ ҳис ва фаҳму дарке надорад Расули гиромии Ислом **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳ** низ бинобар эътиқоди онҳо баъд аз марг мисли санг хоҳад буд. Ва ин ақидаи онҳост, ки гоҳе ҳам онро ба ҳангоми баҳсу гуфтугӯҳо зоҳир мекунанд.

Ваҳҳобиҳо бо ин ақидаи худ ҳатто барои инсонҳои ҷоҳил ва нодон, низ ошкор мекунанд, ки иддаҳои онҳо дар пайравӣ аз Қуръону суннат ва салаф дурӯғест ошкор ва ҳар ки миқдоре ошноӣ бо Ислом ва ахбори исломӣ дошта бошад хоҳад дид, ки инҳо чӣ миқдор ба мусалламоти Ислом пушт кардаанд ва чӣ гуна аз ҳавову ҳавас пайравӣ мекунанд ва монанди хавориҷ ҳамаи умматисломӣ ва ҳатто яке пас аз дигарӣ раҳбарони худро низ такфир мекунанд ва нисбати ширк ба онҳо низ медиҳанд!

**عن الفضل بن الموفق ابن خال سفيان بن عيينة قال لما مات أبي جزعت عليه جزعا شديدا فكنت آتي قبره في كل يوم ثم قصرت عن ذلك ما شاء الله ثم أني أتيته يوما فبينا أنا جالس ثم القبر غلبتني عيناي فنمت فرأيت كأن قبر أبي قد انفرج وكأنه قاعد في قبره متوشح أكفانه عليه سحنة الموتى قال فكأني بكيت لما رأيته قال يا بني ما أبطأ بك عني قلت وإنك لتعلم بمجيئي قال ما جئت مرة إلا علمتها وقد كنت تأتيني**

**فأسر بك ويسر من حولي بدعائك قال فكنت آتيه بعد ذلك كثيرا.**

Фазл ибни Муваффақ мегӯяд: «Вақте падарам мурд сахт барои ӯ бетобӣ кардам. Пас ҳар рӯз ба сари қабраш меомадам, сипас то он ҷое, ки Худо хост рафтан ба сари қабрашро кам кардам. Баъд аз он, рӯзе ба сари қабраш омадам ва дар ҳоле, ки нишаста будам хоб бар чашмам ғалаба карду хобидам ва дидам, ки гӯё қабри падарам кушода шуда ва ӯ бар қабраш нишаста буд, кафанаф ба ҳам печида ва ӯ шаклу қиёфаи мурдагонро дошт, мегӯяд: Гӯё ман вақте ӯро дидам гиря кардам. Падарам ба ман гуфт: Эй писарам! Чӣ чиз туро аз омадан ба назди ман суст кард? Гуфтам: Магар ту аз омадани ман бохабар мешавӣ? Гуфт: Ҳеҷ боре наомадӣ магар ин ки аз омаданат огоҳ будам. Ба дурустӣ, ки ба назди мо меомадӣ ва маро хушҳол мекардӣ ва ҳар кӣ дар атрофи ман ҳастанд бо дуои ту хушҳол мешуданд. Фазл мегӯяд: Баъд аз он зиёд ба сари қабраш мерафтам.”1

**حدثني محمد حدثني يحيى بن بسطام حدثنى عثمان بن سودة (سويد) الطفاوى قال وكانت أمه من العابدات وكان يقال لها راهبة قال لما احتضرت رفعت رأسها إلى السماء فقالت يا ذخرى وذخيرتى ومن عليه اعتمادى في حياتى وبعد موتى لا تخذلنى عند الموت ولا توحشنى في قبرى قال فماتت فكنت آتيها في كل جمعة فأدعو لها وأستغفر لها ولأهل القبور فرأيتها ذات يوم في منامى فقلت لها يا أمه كيف أنت قالت أى بنى ان للموت لكربة شديدة وإنى بحمد الله لفي برزخ محمود نفترش فيه الريحان ونتوسد فيه السندس والاستبرق إلى يوم النشور فقلت لها ألك حاجة قالت نعم قلت وما هى قالت لا تدع ما كنت تصنع من زيارتنا والدعاء لنا فإنى لأبشر بمجيئك يوم الجمعة إذا أقبلت من أهلك يقال لي يا راهبة هذا ابنك قد أقبل فأسر ويسر بذلك من حولى من الأموات.**

Усмон ибни Савда, ки модараш аз занҳои обид буда, ки ба ӯ роҳиба мегуфтаанд мегӯяд: "Вақте лаҳзаи марг ба ӯ

---

1-“Шаъб-ул-имон”-и Байҳақӣ ҷ.6.с.202.р.7903. Тафсири Ибни Касир ҷ.3.с.439. Ар-Руҳ"-и Ибни Қайюм ҷ.1.с.6.

расид сарашро ба осмон баланд карду гуфт: Эй захираи ман ва касе, ки дар ҳаёту мамотам эътимодам бар ӯст, ҳангоми марг маро хор нагардон ва дар қабрам ваҳшатзадаам накун. Модарам мурд ва ман ҳар ҷумъа ба сари қабраш меомадам ва барои ӯ ва аҳли қубур дуо ва истиғфор мекардам, пас дар он рӯз ӯро дар хоб дидам ва гуфтам: Эй модар ҳолат чӣ гуна аст? Гуфт: Эй писарам ба дурустӣ, ки марг дорои балои сахте аст ва Худоро шукр ман дар барзахи Маҳмуд ... то рӯзи қиёмат хоҳам буд. Пас ман гуфтам: Оё ҳоҷате бар мо дорӣ? Гуфт: Оре. Гуфтам: Чӣ ҳоҷат дорӣ? Гуфт: Ин ки рӯзҳои ҷумъа ба зиёрати мо меой ва барои мо дуо мекунӣ, пас онро тарк накун ва ман ба омадани ту рӯзҳои ҷумъа башорат дода мешавам ва аз он ман ва атрофиёнам хушҳол мешавем."1

**عن يزيد بن أبى حبيب قال: "ان سليم بن عمير مر على مقبرة وهو حاقن قد غلبه البول فقال له بعض أصحابه لو نزلت إلى هذه المقابر فبلت في بعض حفرها فبكى ثم قال سبحان الله والله إنى لأستحي من الأموات كما استحي من الأحياء".**

Язид ибни Абӯҳабиб мегӯяд: "Салим ибни Умайр аз назди қабристоне гузашт дар ҳоле, ки сахт бавлаш меомад баъзе аз ҳамроҳонаш ба ӯ гуфтанд, ки магар намешавад ба ин қабристон дохил шуда ба ягон чоҳҳои он бавлатро бикунӣ. Ӯ гиря карду гуфт: Субҳоналлоҳ, ман ҳаё мекунам аз мурдаҳо ҳамон гуна ки аз зиндаҳо ҳаё мекунам."2

Ибни Қайюм баъд аз нақли ин хабар мегӯяд: "Агар мурда ӯро намедид ва аз кораш огоҳӣ пайдо намекард, ҳатман аз мурда шарм намедошт".

Боз Ибни Қайюм мегӯяд:

**ويكفي في هذا تسمية المسلم عليهم زائرا ولولا أنهم يشعرون به لما صح تسميته**

---

1-Ар-Руҳ"-и Ибни Қайюм ҷ.1.с.6-7. Тафсири Ибни Касир ҷ.3.с.448.

2-"Ар-Руҳ"-и Ибни Қайюм ҷ.1.с.7. Язид ибни Абиҳабиб аз Тобеин ва муфтии Миср буда ва дар соли 128 даргузашта, шарҳи ҳолаш дар Сияри Заҳабӣ ҷ.6.р.10 омада аст.

**زائرا فإن المزور إن لم يعلم بزيارة من زاره لم يصح أن يقال زاره هذا هو المعقول من الزيارة عند جميع الأمم وكذلك السلام عليهم أيضا فإن السلام على من لا يشعر ولا يعلم بالمسلم محال وقد علم النبي أمته إذا زاروا القبور أن يقولوا سلام عليكم أهل الديار من المؤمنين والمسلمين وإنا إن شاء الله بكم لاحقون يرحم الله المستقدمين منا ومنكم والمستأخرين نسأل الله لنا ولكم العافية وهذا السلام والخطاب والنداء لموجود يسمع ويخاطب ويعقل ويردو إن لم يسمع المسلم الرد وإذا صلى الرجل قريبا منهم شاهدوه وعلموا صلاته وغبطوه على ذلك**

Ибни Қайюм мегӯяд: "Кифоят мекунад дар ин масъала (дар фаҳмидану ҷавоб додани мурдаҳо) зиёраткунанда номидани мусулмоне, ки ба назди онҳо меравад ва агар мурдаҳо зиёрати зиёраткунандаҳоро нафаҳманд зоир номидани онҳо нодуруст хоҳад буд. Пас агар шахси зиёратшаванда (мурда) надонад, ки чӣ касе ӯро зиёрат кардааст дуруст нест, ки гуфта шавад: "**Ӯро зиёрат кард**" ва ин он чизест, ки дар назди ҳамаи умматҳо маъқул аст ва ҳамчунин салом додан бар мурдаҳо ва ҳатман салом бар касе, ки намефаҳмад ва мутаваҷҷеҳи саломдиҳанда намешавад, маҳол аст. Дар ҳоле ки Расули Худо **саллаллоҳу алайҳи (ва олиҳ) ва саллам** бар умматаш таълим дод, ки ҳар вақт қабрҳоро зиёрат кунанд бигӯянд: Салом бар шумо аҳли диёр аз мӯъминон ва мусулмонон ва мо иншоаллоҳ ба шумо мулҳақ мешавем... ва ин салом ва хитоб ва нидо ба касест, ки ҳозир аст ва мешунавад ва хитоб ва тааққул мекунад ва ҷавоби саломро медиҳад, гарчӣ муслим (саломдиҳанда) онро нафаҳмад ва ҳар вақт шахсе дар наздикии онҳо намоз бихонад онро мушоҳида мекунанд ва мефаҳманд ва бар намози ӯ ғибта мехӯранд (ки мо наметавонам намоз бихонем, чун дар қабр таклиф надоранд)."1

---

1-"Ар-Руҳ"-и Ибни Қайюм ҷ.1.саҳ.8.

عن أبى عثمان النهدى قال: "أن ابن ساس خرج في جنازة في يوم وعليه ثياب خفاف فانتهى إلى قبر قال فصليت ركعتين ثم اتكأت عليه فوالله إن قلبى ليقظان إذ سمعت صوتا من القبر إليك عنى لا تؤذنى فإنكم قوم تعملون ولا تعلمون ونحن قوم نعلم ولا نعمل ولأن يكون لى مثل ركعتيك أحب إلي من كذا وكذا".

Абӯусмони Наҳдӣ мегӯяд: "Ибни Сос аз паи ҷанозае хориҷ шуд дар ҳоле, ки либоси нозуке бар тан дошт пас он ҳангом, ки бар сари қабре расид гуфт, ки: Ду ракъат намоз хондам, сипас бар он қабр такя кардам ва ба Худо қасам қалбам бедор буд. Ногаҳон садоеро аз он қабр шунидам, ки мегуфт: Аз ман дур шав ва маро азият накун. Шумо (зиндаҳо) касоне ҳастед, ки амал мекунем, вале қадру ҳақиқати он амалро намедонед (яқин ба охират ва таваҷҷӯҳ ба амалатон надоред), вале мо (мурдаҳо) аз ҳақиқати охират огоҳӣ ва илм дорем вале наметавонем амал кунем. Пас агар барои ман (савобе) ба монанди ин ду ракъати ту бошад бароям беҳтар аз (ҳамаи дунё ва мо фиҳост).1

Ибни Қайюм мегӯяд: "Ин мурда аз намоз хондан ва такя кардани як инсон бар қабраш огоҳ шуд ва онро донист".

Абӯусмони наҳдӣ замони Расули Худо **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи**-ро дарк карда, вале он ҳазратро надида аст, шарҳи ҳолаш дар Сияру аълом-ун-нубало»-и Заҳабӣ ч.4.р.67 омада аст.

عن أبو قلابة قال: "أقبلت من الشام إلى البصرة فنزلت منزلا فتطهرت وصليت ركعتين بليل ثم وضعت رأسى على قبر فنمت ثم انتبهت فإذا صاحب القبر يشتكينى يقول قد آذيتني منذ الليلة ثم قال إنكم تعملون ولا تعلمون ونحن نعلم ولا نقدر على العمل ثم قال الركعتان اللتان ركعتهما خير من الدنيا وما فيها ثم قال جزى الله أهل الدنيا خيرا أقرئهم منا السلام فإنه يدخل علينا من دعائهم نور أمثال الجبال".

Абӯқулоба мегӯяд: "Аз Шом ба Басра рафтам пас ба хонае ворид шуда худро пок кардам ва шабона ду ракъат намоз хондам, сипас сарамро бар қабре гузошта хобидам.

---

1-"Ар-Руҳ"-и Ибни Қайюм ч.1.с.8.

Сипас мутаваҷҷеҳ шудам, ки ногаҳон соҳиби қабр шикоят мекунад ва мегӯяд: Аз аввали шаб то ба ҳол маро азият кардӣ. Сипас гуфт: шумо (зиндаҳо) касоне ҳастед, ки амал мекунем, вале қадру ҳақиқати он амалро намедонед (яқин ба охират ва таваҷҷӯҳ ба амалатон надоред), вале мо (мурдаҳо) аз ҳақиқати охират огоҳӣ ва илм дорем, вале наметавонем амал кунем. Сипас гуфт: Ин ду ракъат намозе, ки ту хондӣ беҳтар аст аз ҳамаи дунё ва ҳар чӣ ки дар дунё аст, сипас гуфт: Худо ба аҳли дунё ҷазои хайр бидиҳад ба онҳо аз мо салом бирасон пас ба дурустӣ, ки аз дуои онҳо нуре монанди кӯҳҳо бар мо дохил мешавад". 1

Ахбори фаровоне дар ин мавзӯъ дар китобҳои исломӣ ворид шудааст ва Ибни Қайюм, низ мегӯяд: "Ин гуна ахбор он қадар зиёд ҳастанд, ки ҷуз Худо касе наметавонад онро бишморад ва ба ҳисоби он бирасад.2

**أبا الدرداء هاشم بن محمد يقول: "سمعت رجلا من أهل العلم يقول إنه كان يزور قبر أبيه فطال عليه ذلك فقلت أزور التراب فرأيته في منامي فقال يا بني مالك لا تفعل بي كما كنت تفعله فقلت أزور التراب فقال لا تعجل يا بني فوالله لقد كنت تشرف علي فيبشرني بك جيراني ولقد كنت تنصرف فما أزال أراك حتى تدخل الكوفة.**

Ҳошим ибни Муҳаммад мегӯяд: «Аз марде, ки соҳиби илм буд шунидам, ки мегуфт: Ӯ ҳамеша қабри падарашро зиёрат мекарда ва зиёд ин корро идома дода. Мегӯяд: Бо худ гуфтам, ки оё хокро зиёрат бикунам? Пас дар хоб падарамро дидам, ки гуфт: Эй писарам чӣ шуда бар ту ки он кореро, ки қаблан барои ман мекардӣ ҳоло намекунӣ? Ман гуфтам: Оё хокро зиёрат кунам! Гуфт: Шитоб накун эй писарам, ба Худо қасам ту ба назди ман меомадӣ ва ҳамсояҳоям ба хотири ин амали ту ба ман башорат медоданд. Ба дурустӣ, ки ту аз назди қабри ман бар

---

1-"Ар-Руҳ"-и Ибни Қайюм ҷ.1.с.8. Абӯқулоба мутаваффои соли 104-и ҳиҷрӣ ва аз бузургони тобеин аст. «Сияру аълом-ун-нубало»-и Заҳабӣ ҷ.4.р.178.

2-"Ар-Руҳ"-и Ибни Қайюм ҷ.1.саҳ.9.

мегаштӣ, дар ҳоле ки ман туро, ҳамеша медидам, то вақте, ки ба Кӯфа дохил мешудӣ.1

**وهذا باب فيه آثار كثيرة عن الصحابة وكان بعض الأنصار من أقارب عبدالله بن رواحة يقول اللهم إني أعوذ بك من عمل أخزى به عبدالله بن رواحة كان يقول ذلك بعد أن استشهد عبدالله وقد شرع السلام على الموتى والسلام على من لم يشعر ولا يعلم بالمسلم محال وقد علم النبي صلى الله عليه وسلم أمته إذا رأوا القبور أن يقولوا سلام عليكم أهل الديار من المؤمنين وإنا إن شاء الله بكم لاحقون يرحم الله المستقدمين منا ومنكم والمستأخرين نسأل الله لنا ولكم العافية فهذا السلام والخطاب والنداء لموجود يسمع ويخاطب ويعقل ويرد وإن لم يسمع المسلم".**

Ибни Касир баъд аз нақли ин ахбор мегӯяд: «Осору ахбори зиёде дар ин бора аз саҳоба расидааст. Яке аз ансор аз наздикони Абдуллоҳ ибни Равоҳа мегуфт: Худоё ман паноҳ мебарам бар ту аз амале, ки сабаби хории Абдуллоҳ ибни Равоҳа шавад. Ва ин суханро баъд аз шаҳодати Абдуллоҳ ибни Равоҳа мегуфт. Ба дурустӣ, ки салом ташреъ шуда аст бар мурдагон ва салом ҳам бар касе, ки онро намефаҳмад, маҳол аст. Паёмбар ба умматаш таълим дод, ҳар гоҳ қубурро диданд бигӯянд: «Салом бар шумо аҳли диёр аз мӯъминон ва мо иншоаллоҳ ба шумо хоҳем пайваст... ва ин салом ва хитоб бар касе аст, ки вуҷуд дорад ва мешунавад ва хитоб мекунад ва таақкул мекунад ва ҷавоби саломро медиҳад, гарчӣ муслим (мо) онро нашнавем."2

**انّ عمر بن عبد العزيز كان يبعث بالرسول قاصداً من الشام إلى المدينة ليقرئ النبي السلام ثمّ يرجع.**

Умар ибни Абдулазиз касеро аз Шом ба Мадина

---

1-"Шаъб-ул-имон"-и Байҳақӣ ҷ.6.с.202.р.7904. "Ар-Руҳ"-и ҷ.1.с.12. Ҳишом ибни Муҳаммад, муаззини Байтулмуқаддас буда ва аз устодону машоихи Таҳовӣ дар Маонӣ-ул-осор аст. Шарҳи Маониул-осор ҷ.1.с.18. Ас-Сиқот"-и Ибни Ҳаббон ҷ.9.с.244 ва низ ҳамаи ровиёни ин хабар сиқа ва мавриди эътимод ҳастанд.
2-Тафсири Ибни Касир ҷ.3.с.440.

мефиристонд то аз тарафи ӯ ба Паёмбар **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам** саломашро бирасонад.1

**روى يزيد بن أبي سعيد، مولى المهري قال: قدمت على عمر بن عبد العزيز فلمّا ودّعته قال: إليك حاجة إذا أتيت المدينة سترى قبر النبيّ فاقرأه منّي السلام.**

Язид ибни Абӯсаид мегӯяд: "Ба назди Умар ибни Абдулазиз рафтам пас вақте хостам бо ӯ видоъ бикунам гуфт: Ман як ҳоҷате ба ту дорам вақте ба Мадина расидӣ ба зудӣ қабри Паёмбар **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам**ро хоҳӣ дид пас саломи маро ба он ҳазрат бирасон".2

Ибни Баттаи Ҳанбалӣ, ки мутаваффои соли 387-и ҳиҷрӣ аст дар бораи зиёрати қабри Расули Худо **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам** мегӯяд: "Ба назди қабр меравӣ ва рӯ ба рӯи он меистӣ ва қибларо пушти сари худ қарор медиҳӣ ва мегӯӣ: Салом бар ту эй Паёмбар ва раҳмату баракоти Худо... сипас дуо ва саломро тавсиф мекунад ва боз мегӯяд: Мардумеро дарк кардем ва онҳоро дидем ва аз касоне, ки мо онҳоро надидем низ ба мо хабарашон расид, ки ҳар гоҳ касе мехост ба ҳаҷ биравад аҳлу хонаводаааш бар ӯ мегуфтанд, ки саломи моро ба Паёмбар ва Абӯбакр ва Умар бирасон. Ва ин амалро касе инкор накард ва касе ҳам бо он мухолифат накардааст."3

إنّ عمر لما صالح أهل بيت المقدس وقدم عليه كعب الأحبار وأسلم وفرح عمر بإسلامه، قال عمر له: هل لك أن تسير معي إلى المدينة وتزور قبره صلى الله عليه (وآله) وسلم وتتمتع بزيارته ؟ قال: نعم.

“Умар вақте бо аҳли Байтул муқаддас сулҳ кард ва Каъбул Аҳбор мусулмон шуд, хушҳол шуду ба ӯ гуфт: Оё мехоҳӣ ҳамроҳи ман ба Мадина биёӣ ва қабри Паёмбарро зиёрат кунӣ ва ба василаи зиёрати ӯ баҳраманд бишавӣ?

---

1-"Маносик"-и Ибни Абиосим, мутаваффои 287-и ҳиҷрӣ. “Шаъб-ул-имон”-и Байҳақӣ. Шифо-ус-сиқом с.142. Дафъ-уш-шабаҳ с.183. “Аш-Шифо"-и Айёз.

2-"Шифо-ус-сиқом"-и Субкӣ с.60.

3-Шифоус-сиқом"-и Субкӣ с.45. "Ал-Ибона"-и Ибни Батта.

Каъб гуфт: Оре, меоям.»1

Аз Умар ибни Хаттоб ва дигарон, низ дар ин мавзӯъ ахбори дигар низ ворид шудааст.

Пас аз ин ахбору аҳодис собит мешавад, ки гузаштагон, ҳам мефаҳманд ва ҳам мебинанд ва аз аҳволу кирдори аҳли дунё хабар доранд. Ва ҳамчунин собит шуд, ки ин ахбор қатъӣ ва яқин овар ҳастанд, пас бо вуҷуди ин гуна ахбори мутавотир, ки ба мутавотир будани он ҳатто Ибни Касир ва Ибни Қайюм эътироф кардаанд, шакке боқӣ намемонад, ки гузаштагон мешунаванду мебинанд.

### Талқин бар мурдагон

"ويدل على هذا أيضا ما جرى عليه عمل الناس قديما وإلى الآن من تلقين الميت في قبره ولولا أنه يسمع ذلك وينتفع به لم يكن فيه فائدة وكان عبثا وقد سئل عنه الإمام أحمد رحمه الله فاستحسنه واحتج عليه بالعمل".

Ибни Қайюм мегӯяд: "Далолат мекунад (бар шунидани гузаштагон) бар ин амале, ки мардум аз қадим то ба имрӯз анҷом медиҳанд. Ва он талқин бар мурда аст, дар қабраш. Ва агар мурда он талқинро нашнавад ва аз он фоида набарад ин амал беҳуда хоҳад буд. Ба дурустӣ, ки аз Имом Аҳмад дар бораи талқин пурсиданд ва ӯ онро хуб донист ва бар амал ба он истидлол намуд".2

"قال رسول الله صلى الله عليه وآله إذا مات أحدكم فسويتم عليه التراب فليقم أحدكم على رأس قبره ثم يقول يا فلان ابن فلانة فإنه يسمع ولايجيب ثم ليقل يا فلان ابن فلانة الثانية فإنه يستوي قاعدا ثم ليقل يا فلان ابن فلانة يقول أرشدنا رحمك الله ولكنكم لاتسمعون فيقول أذكر ما خرجت عليه من الدنيا شهادة أن لا إله إلا الله وان محمد رسول الله وأنك رضيت بالله ربا وبالإسلام دينا وبمحمد نبيا وبالقرآن إماما فان منكرا ونكيرا يتأخر كل واحد منهما ويقول انطلق بنا ما يقعدنا عند هذا وقد لقن حجته ويكون

1-"Шарҳи Мавоҳибуд-диния»-и Зарқонӣ ҷ.8.с.299.

2 -"Ар-Руҳ"-и Ибни Қайюм ҷ.1.саҳ.13.

الله ورسوله حجيجه دونهما فقال رجل يا رسول الله فإن لم يعرف أمه قال ينسبه إلى امه حواء".

Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва олиҳ фармуданд: Ҳар вақт касе аз шумо мурд ва ба қабраш хок рехтед, як нафар ба сари қабраш истода бигӯяд: Эй фалон писари фалон зан, пас ӯ мешунавад вале ҷавоб намедиҳад, сипас дубора бигӯяд: Эй фалонӣ писари фалон зан. Пас мурда баланд шуда менишинад сипас барои мартабаи севвум бигӯяд: Эй фалонӣ ... пас он мурда мегӯяд: Маро роҳнамоӣ кун, ки Худо туро раҳмат кунад, вале шумо ин сухани ӯро намешунавед, пас бигӯяд (роҳнамои кунад): "Ёд кун он чиро, ки бо эътиқод бар он аз дунё рафтӣ, шаҳодати ло илоҳа иллаллоҳ ва Муҳаммад саллаллоҳу алайҳи ва олиҳ банда ва расулаш ва ба ин ки ту аз рабубияти Худо ва ба динат будан Ислом ва ба паёмбарии Муҳаммад саллаллоҳу алайҳи ва олиҳ ва пешво будани Қуръон пас Мункару Накир аз дасти ҳам мегиранду мегӯяд: Биё биравем, ки ҳуҷҷаташро баён кард. Пас Худо ва Расулаш ҳуҷҷатҳои ӯ хоҳанд буд на он ду. Пурсид: Агар номи модараш мр надонам чӣ? Фармуданд: Ба модараш Ҳавво нисбат медиҳад."1

Дар ҳадиси дигар чунин омада аст, ки:

عن أبي أمامة إذا أنا مت فاصنعوا بي كما أمرنا رسول الله صلى الله عليه وآله وسلم أن نصنع بموتانا أمرنا رسول الله صلى الله عليه وآله وسلم فقال إذا مات أحد من إخوانكم فسويتم التراب على قبره فليقم أحدكم على رأس قبره ثم ليقل يا فلان بن فلانة فإنه يسمعه ولا يجيب ثم يقول يا فلان بن فلانة فإنه يستوي قاعدا ثم يقول يا فلان بن فلانة فإنه يقول أرشدنا يرحمك الله ولكن لا تشعرون فليقل اذكر ما خرجت عليه من الدنيا شهادة أن لا إله إلا الله وأن محمدا عبده ورسوله وأنك رضيت بالله ربا وبالإسلام دينا وبمحمد نبيا وبالقرآن إماما فإن منكرا ونكيرا يأخذ كل واحد منهما بيد صاحبه ويقول انطلق بنا ما

---

1 -Маҷмаъ-уз-завоид ҷ.2.с.324. "Ар-Руҳ" ҷ.1.с.13. Дур-ул-мансур ҷ.4.с.84 аз Ибни Мунда ва Табаронӣ.

**يقعدنا ثم من لقن حجته قال فقال رجل يا رسول الله فإن لم يعرف أمه قال ينسبه إلى أمه حواء يا فلان بن حواء". وإسناده صالح.**

Абӯамома мегӯяд: "Вақте ман мурдам ба ман ҳамон корро кунед, ки Паёмбар моро ба он амр мекард ва он ин ки ҳазрат фармуд: Ҳар вақт касе аз бародарони шумо мурд ва ба қабраш хок рехтед касе аз шумо ба сари қабраш биистад сипас бигӯяд: Эй фалонӣ, пас ӯ мешунавад вале ҷавоб намедиҳад сипас дубора бигӯяд: Эй фалонӣ писари фалон зан. Пас мурда баланд шуда менишинад сипас барои мартабаи севвум бигӯяд: Эй фалонӣ ... пас он мурда мегӯяд: Маро роҳнамои кун, ки Худо ба ту раҳм бикунад, вале шумо ин сухани мурдаро намешунавед, пас бигӯяд (роҳнамои кунад): "Ёд кун он чиро, ки бо ақида бар он аз дунё рафтӣ шаҳодати ло илоҳа иллаллоҳ ва Муҳаммад **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳ** банда ва расулаш ва ба ин ки ту аз рабубияти Худо ва ба динат будан Ислом ва ба паёмбарии Муҳаммад **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳ** ва пешво будани Қуръон пас Мункару Накир аз дасти ҳам мегиранду мегӯяд: Биё биравем ва мо коре надорем дар назди касе, ки ҳуҷҷуташ бароят талқин шуд."1

Ибни Ҳаҷар дар Талхис-ул-ҳабир баъд аз нақли ин хабар якчанд шоҳиди саҳеҳи дигар барои он зикр мекунад ва ҳамчунин Заҳабӣ гуфта аст, ки ин ҳадис бо санади дигаре аз Саид, низ ривоят шудааст.

**فلولا ان المخاطب يسمع لكان ذلك بمنزلة الخطاب للتراب والخشب والحجر والمعدوم وهذا وان استحسنه واحد فالعلماء قاطبة على استقباحه واستهجانه وقد روى أبو داود في**

---

1-«Мӯъҷам-ул-кабир» ҷ.8.с.249.р.7979. «Хулостул баҳрул мунир»-и Умар ибни Алии Ансорӣ ҷ.1.с.274.р.958. «Маҷмаъ-уз-завоид ҷ.3.с.45. Талхис-ул-ҳабир»-и Ибни Ҳаҷар ҷ.2.с.135. Сияру аълом-ун-нубало"-и Заҳабӣ ҷ.3.с.362. "Субулус-салом»-и Санаонӣ ҷ.2.с.113. “Найл-ул-автор”-и Шавконӣ ҷ.4.с.139. Ибни Ҳаҷар ва Санаонӣ санади ин хабарро саҳеҳ гуфтаанд, ва Умар ибни Алӣ мегӯяд: Барои ин ҳадис шоҳиди бисёре вуҷуд дорад.

سننه بإسناد لا بأس به أن النبي صلى الله عليه وآله وسلم حضر جنازة رجل فلما دفن قال سلوا لأخيكم التثبت فإنه الآن يسأل فأخبر أنه يسأل حينئذ وإذا كان يسأل فإنه يسمع التلقين وقد صح عن النبي صلى الله عليه وآله وسلم أن الميت يسمع قرع نعالهم إذا ولوا منصرفين".

Ибни Қайюм баъд аз нақли ин ҳадис мегӯяд: "Агар мухотаб (мурда) нашнавад ин талқин (ва салом ва хитоб ба мурда) ба монанди хитоб ба хоку чӯбу санг ва хитоб ба нестӣ хоҳад буд. Ва ин корро агар касе ҳам хуб бишморад, вале олимон бо иттифоқ онро қабеҳ ва бад медонанд. Абӯдовуд ҳадисе дар сунанаш ривоят карда, ки санадаш хуб аст ва дар он: Паёмбар ба ҷанозае ҳозир шуда баъд аз дафн фармуд: Барои бародаратон собитқадам монданро бихоҳед, ки ӯ ҳозир савол мешавад.

Пас Паёмбар аз савол шудани ӯ хабар дод ва вақте савол мешавад, пас мешунавад. Ва аз Паёмбар собит шуда, ки мурда садои пои шуморо вақти баргаштатон (баъд аз дафн) мешунавад".1

Баъд Ибни Қайюм достонҳои зиёде аз бузургони тобеин ва уламо нақл мекунад, ки ба фарзандонашон вақти мурдан тавсия мекунанд, ки баъд аз гузоштан ба қабр талқин бикунанд ва калимаи шаҳодат барояшон бигӯянд. Ва баъд дар хоб мебинанд ва мегӯянд, ки агар он ло илоҳа иллаллоҳе, ки ту талқин кардӣ, набуд ман ҳалок мешудам...

Ва достонҳои аҷиби дигар аз саҳоба, ки баъд аз марг дар хоби саҳобаи дигар омад васият мекунад, ки аз фалонӣ қарз доранд ва он қарзамро адо кун. Ва Абӯбакр, низ онро тасдиқ мекунад ва...барои ошнои бо ин ахбор метавонед ба китоб Ар-Рӯҳ-и Ибни Қайюм муроҷиа кунед.

Ибни Ҳаҷар мегӯяд:

اذا سوي على الميت قبره وانصرف الناس عنه كانوا يستحبون أن يقال للميت عند قبره يا فلان قل لا إله إلا الله قل أشهد أن لا إله إلا الله ثلاث مرات قل ربي الله وديني

---

1 -Ар-Руҳ"-и Ибни Қайюм ҷ.1.с.14.

**الإسلام ونبيي محمد ثم ينصرف.**

Ривоят шуда, ки гуфтанд: "Ҳар вақт қабри мурда баробар карда мешавад ва мардум бармегарданд мустаҳаб аст, ки бар сари қабри мурда гуфта шавад: Эй фалонӣ бигӯ ло илоҳа иллаллоҳ бигӯ ашҳаду алло илоҳа иллаллоҳ се мартаба, бигӯ Парвардигорам Аллоҳ ва динам Ислом ва Паёмбарам Муҳаммад **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳ**, сипас бар мегардад".1

Пас аз ин ахбор низ ба роҳатӣ метавон шунидан ва ҷавоб додани гузаштагонро истифода намуд. Оре, аз ҳамаи ин ахбор собит мешавад ваҳҳобиҳо, ки худро пайрави осор ва салаф мешуморанд ва онро шиори худ қарор додаанд, то замоне бар ин шиор пойбанданд, ки оёт ва ривоёт ва равиши салаф бо ҳавою ҳаваси онҳо созгор бошад ва дар ғайри ин сурат бо баҳонаҳои гуногун, ҳақоиқро тазъиф ва инкор мекунанд, ки бо намунаҳое аз он ошно шудем.

## Қабр боғе аз боғҳои биҳишт аст

**قال رسول الله** صلى الله عليه (وآله) وسلم: **"القبر حفرة من حفر جهنم أو روضة من رياض الجنة".**

Паёмбар **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳ** фармуданд: "Қабр чоҳе аз чоҳҳои ҷаҳаннам ё боғе аз боғҳои биҳишт аст".2

Ин ҳадисро аз Расули Худо **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳ** ҳар як аз Абӯҳурайра, Абусаиди Худрӣ, Ибни Умар ва Фузайл ривоят кардаанд.

Ҳамчунин ҳамин суханро Имом Алӣ **алайҳис-салом** низ дар хутбаи тӯлоние баён фармудаанд.3

Ҳадиси мавриди иттифоқи дигаре аз Паёмбар **саллаллоҳу**

---

1 -«Талхис-ул-ҳабир»-и Ибни Ҳаҷар ҷ.5.с243.

2-Санани Тирмизӣ ҷ.4.с.55.р.2579. "Исботу азобул қабр"-и Байҳақӣ с.55. Таърихи Ибни Асокир ҷ.48.с.443. Маҷмаъ-уз-завоид ҷ.3.с.46. Канз-ул-уммол ҷ.15.с.603. р.42397.

3-"Таърихи Ибни Асокир ҷ.42.с.496-497. Таърихи Ибни Касир ҷ.8.с.7. Канз-ул-уммол ҷ.15.с.702.р.42802.

**алайҳи ва олиҳи ва саллам** далели маҳкамест бар ҳақиқати ин матлаб, ки он ҳазрат фармуданд:

**قال رسول الله** صلى الله عليه (وآله) وسلم: **"ما بين منبري وبيتي روضة من رياض الجنة".**

"Мобайни минбар ва хонаам боғе аз боғҳои биҳишт ҳаст".1

Пас бинобар ин аҳодис, низ ҳаёт доштани аҳли қубур дар барзах собит мешавад ва ҳамчунин равшан аст, ки вақте ҳаёт доранд табиатан ҳам мешунаванд ва ҳам метавонанд аз ахбори аҳли дунё низ хабар дошта бошанд.

То инҷо бо оёт ва ривоёт ва назароти бузургони аҳли суннат дар мавриди шунидан ва дидан ва ҷавоб додани гузаштагон ошно шудем ва хеле дур аз эҳтимол аст, ки баъд аз ин ҳама ахбор, инсони мунсиф ва дур аз ғараз дар шунида ва ҷавоб додани гузаштагон шак бикунад. Албонӣ ва Албониҳо то кай ва чӣ гуна метавонанд ин ҳама ахборро бо баҳонаҳое якеро тазъиф ва дигариро, ки наметавонанд тазъиф кунанд ҳамл ба мухсуси баъзе аз қишри ҷомеа кунанд?! Магар мешавад бо ин равиш аз сари ин ҳама ахбори мутавотир гузашт.

Бояд хуб таваҷҷӯҳ дошта бошем, ки Ибни Касир ва Ибни Қайюм, ки қарнҳо қабл аз Албонӣ ва ваҳобияти имрӯз зистаанд ба далолати ин ахбори мутавотир бинобар фаҳму дарки ақли салим бар шунидан ва тавон ҷавоб додани гузаштагон ишора кардаанд, чун онҳо дар ин мавзӯъ бо инсоф ва бидуни ғараз вориди майдон шудаанд ба ин ҳақоиқ эътироф ва таъкид кардаанд.

Акнун, ки шунидану дидан ва тавон ҷавоб додан доштан гузаштагон собио шуд, ботил будани ақидаи ваҳҳобият дар ҳаром ва ширк будани тавассул ва истиғоса бар гузаштагон низ собит мешавад ва ҳамакнун ба баррасии назарони онҳо

---

1-Саҳеҳи Бухорӣ ҷ.2.с.57-58. Саҳеҳи Муслим ҷ.4.с.123. "Муснад"-и Аҳмад ҷ.2. с.236-276.ҷ.3.с.389.ҷ.4.с.39. "Муватта"-и Молик ҷ.1.с.197.р.10-11 ва дигарон.

дар мавриди тавассул ва мавзӯъҳои дигар мепардозем ва ҳам чунин бо оёт ва ахбори ҷавози тавассул ва истиғоса ошно хоҳем шуд.

## Фасли дуввум

### Тавассул аз назари мункирон ва мувофиқон

Пас акнун дар ин боб ба суроғи тавассул ва назароту аҳодис дар бораи он меравем то бо тавассул ошно бишавем, ки оё Ислом ба он иҷоза додааст ё на ва оё он ширк аст ё ҳеҷ иртиботе бо ширк надорад. Пас баъд аз ишора ба назари мункирони тавассул ва ҷавоби мухтасар ба онҳо, бо осори исломие, ки аз ҷоиз ва матлуб будани тавассул хабар медиҳад, ошно хоҳем шуд.

Назароти ваҳҳобиҳо дар бораи тавассул

Ибни Таймия мегӯяд:

"ان رسول الله صلى الله عليه (وآله) وسلم لا جاه له ولا يتوسل به".

"Ба дурустӣ, ки Паёмбар ҷоҳу мақоме надорад ва ба ӯ тавассул ҷуста намешавад".1

Абӯбакри Ҷазоирӣ аз уламои ваҳҳобӣ мегӯяд:

"إن دعاء الصالحين والاستغاثة بهم والتوسل بجاههم لم يكن في دين الله تعالى قربة ولا عملا صالحا فيتوسل به أبدا ، وإنما كان شركا في عبادة الله محرما يخرج فاعله من الدين ويوجب له الخلود في جهنم".

"Хондани солеҳин ва истиғоса бар онҳо ва тавассул ба мақомашон, дар дини Худо на қурбат буда ва на амали солеҳ, то бишавад ба он тавассул ҷуст ва он фақат ширк дар ибодати Худо мебошад, ки анҷомдиҳандаашро аз дин хориҷ карда сабаби мондани ӯ барои ҳамеша дар ҷаҳаннам мешавад".2

وفى الجملة فقد نقل عن بعض السلف والعلماء السؤال به بخلاف دعاء الموتى والغائبين من الأنبياء والملائكة والصالحين والإستغاثة بهم والشكوى اليهم فهذا مما لم

---

1-"Ат-Тавфиқ-ур-раббонӣ"-и ҷамоате аз уламо с.56. Ибни Ҳаҷар дар китобҳояш бинобар нақли ваҳҳобиҳо дар "Ҷило-ул-айнайн..."-и Саййид Нӯъмон Хайруддин маъруф ба Ибни Олусии бағдодӣ саҳ.495.

2-"Рафъ-ул-манора фи тахриҷи аҳодисит-тавассул ваз-зиёра"-и Саид Мамдӯҳи шофеӣ с.48 ба нақл аз китоби "Ақидатул мӯъмин"-и Абӯбакри Ҷазоирӣ с.144.

**يفعله أحد من السلف من الصحابة والتابعين لهم بإحسان ولا رخص فيه أحد من أئمة المسلمين".**

Ибни Таймия мегӯяд: "Ба таври куллӣ аз баъзе салаф ва олимон ҷоиз будани) савол ва талаб ба василаи Паёмбар нақл шудааст, бар хилофи хондани мурдаҳо ва паёмбарони ғоиб ва фариштаҳо ва солеҳин ва истиғоса ва шикоят бар онҳо ва инҳо аз чизҳоест, ки ҳеҷ як аз салаф аз саҳоба ва тобеин онро накарда ва ҳеҷ як аз имомони муслимин бар он иҷоза низ надодааст."1

Ишора мекунем, ки Ибни Таймия дар ин ҷо ба тавассули салаф ва уламо эътироф карда, ки ҳамин миқдор эътирофашро, низ дар ҷойҳои дигар инкор кардааст.

Оре, акнун таваҷҷӯҳ кунед, ки чӣ қадар Ибни Таймия сухани бузург ба забон ҷорӣ карда ва ба чӣ воқеияти бузурге эътироф карда аст онҷо ки мегӯяд:

**وكذلك سؤال بعضهم للنبي صلى الله عليه وسلم أو لغيره من أمته حاجته فتقضى له فإن هذا قد وقع كثيرا وليس هو مما نحن فيه وعليك أن تعلم أن إجابة النبي صلى الله عليه وسلم أو غيره لهؤلاء السائلين ليس مما يدل على استحباب السؤال ...وفيهم من أجيب وأمر بالخروج من المدينة فهذا القدر إذا وقع يكون كرامة لصاحب القبر... وكذلك ما يذكر من الكرامات وخوارق العادات التي توجد عند قبور الأنبياء والصالحين مثل نزول الأنوار والملائكة عندها وتوقي الشياطين والبهائم لها واندفاع النار عنها وعمن جاورها وشفاعة بعضهم في جيرانه من الموتى واستحباب الاندفاع عند بعضهم وحصول الأنس والسكينة عندها ونزول العذاب بمن استهان بها فجنس هذا حق ليس مما نحن فيه وما في قبور الأنبياء والصالحين من كرامة الله ورحمته وما لها عند الله من الحرمة والكرامة فوق ما يتوهمه أكثر الخلق".**

"Ва ҳамчунин савол кардани баъзе аз мардум аз уммати Паёмбар ҳоҷаташро аз Паёмбар ва ё аз ғайри он ҳазрат, ки ҳоҷаташ бароварда шуда. Пас ин гуна иттифоқҳо зиёд пеш

---

1-"Маҷмӯъ-ул-фатово"-и Ибни Таймия ҷ.1.с.265.

омада ва ин дар баҳси мо дахолате надорад. Бар ту бод бидонӣ, ки баровардани Паёмбар ё ғайри он ҳазрат ҳоҷати саволкунандагонро чизе нест, ки далолат бар мустаҳаб будани савол аз онҳо кунад. Аз ин мардум касоне буданд, ки ҳоҷаташон (баъд аз ҳоҷат хостан аз қабри Паёмбар **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳ**) бароварда шуд ва (аз тарафи Паёмбар ба василаи хоб) амр шуд, ки аз Мадина берун равад. Пас, ин миқдор агар воқеъ шуд аз кароммоти соҳиби қабр аст...ва ҳамчунин он чӣ ки аз каромот ва корҳои хориқулода назди қубури анбиё ва солеҳин, монанди нозил шудани нурҳо ва фариштаҳо бар он қабр ва тарсидану дурӣ ҷӯстани шаётин ва ҳайвонот аз он қабрҳо ва дафъи оташ аз он қабр ва аз касе, ки ҳамсояи он қабр аст ва шафоати баъзе аз онҳо дар бораи касе, ки дар қабр ҳамсояи ӯ шуда... ва ҳамчунин ба вуҷуд омадани унсу оромиш ба касоне, ки назди он қабр ҳастанд ва нозил шудани азоб ба касе, ки ба он қабр иҳонат карда ва монанди инҳо, ки зикр шуда ҳама ҳақ ҳастанд, ки хориҷ аз баҳси мо аст. Ва он чӣ дар қабрҳои паёмбарон ва солеҳин аз каромату раҳмати илоҳӣ ва эҳтироме, ки барои он қабрҳо низди Худо вуҷуд дорад, болотар аз ин аст, ки аксари мардум фикр мекунанд".1

Оре, пас диққат дошта бошем, ки бо ин эътирофот, касе агар ба хотири эътиқод ба имдоду кӯмаки гузаштагон мушрик шумурда шавад, (чунон, ки Албонӣ дар китоби тавассулаш мегӯяд, ки эътиқод ба имдод ғайбӣ ширк аст) Ибни Таймия беш аз ҳама сазовортар ба он хоҳад буд. Шояд ҳеҷ касе ин миқдор бо ин лаҳн ба ин ҳақоиқ эътироф накарда бошад, вале ин эътироф аз монанди Ибни Таймия хеле бо арзиш ва қобили истифода аст. Пас бояд пайравони ӯ ё аз пайравии ӯ даст бикашанд ва аз ӯ безорӣ биҷӯянд ва

---

1-"Иқтизо-ус-сирот"-и Ибни Таймия ҷ.1.саҳ.374. Ар-Рад алал Бакрӣ ҷ.1.саҳ.454 қариб ба ҳамин маъно.

мактаби наве барои худ созанд ва ё аз такфири мусулмонон (ки биттабъ худро такфир мекунанд) даст бикашанд ва илло бояд пеш аз ҳама Ибни Таймияро бигўянд, ки мушрик шуда, чун ў мўътақид ба имдоду кўмаки ғайбӣ ва он ҳам кўмаки мурдагон шудааст!

Боз Ибни Таймия мегўяд:

**"والتوجه المشروع الذي كان الصحابة يفعلونه فإن ذلك إنما كان بدعائه و شفاعته حيا وقد نص غير واحد من أهل العلم على أنه لا يجوز سؤال الله بالأنبياء و الصالحين فكيف بالاستغاثة بهم مع أن الاستغاثة بالميت و الغائب مما لا يعلم بين أئمة المسلمين نزاع في أن ذلك من أعظم المنكرات ومن كان عالما بآثار السلف علم أن أحدا منهم لم يفعل هذا وإنما كانوا يتوسلون بدعائهم أحياء فيسألونهم أن يسألوا الله لهم مع سؤالهم هم الله كما قال عمر بن الخطاب اللهم إنا كنا إذا أجدبنا نتوسل إليك بنبينا فتسقينا و إنا نتوسل إليك بعم نبينا فاسقنا فيسقون".**

"Рў овардани машрўе, ки саҳоба мекарданд он, ҳамон таваҷҷўҳ ба дуо ва шафоати Паёмбар дар замони ҳаёташ буд. Аҳли илм тасреҳ кардаанд, ки хостани Худованд ба ҳаққи паёмбарон ва солеҳин ҷоиз нест чӣ расад ба истиғоса бар онҳо бо ин ки истиғоса бар мурда ва ғоиб аз он чизҳоест, ки байни пешвоён ҳеҷ ихтилофе нест, ки он аз бузургтарин мункирот аст ва ҳар, ки бо осори гузаштагон ошно бошад медонад, ки ҳеҷ як аз онҳо ин амалро накарданд. Ва саҳоба фақат ба дуои Паёмбар дар ҳоли ҳаёташ мутавассил мешуданд ...".1

Ин суханро бо сухани қаблии ў баррасӣ кунем ин ҳақиқат равшан мешавад, ки ин ду суханаш яке аз таноқузҳои ошкори дигари Ибни Таймия аст. Ба ақидаи мо чун Ибни Таймия пайрави ҳавою ҳавас ва худхоҳ буда аст, барои ҷалби дигарон ҳар чӣ мехоста мегуфта ва бинобар ин таноқуз ва дурўғҳои фаровоне аз ў ба ҷо мондааст. Албатта

---

1-"Ар-Рад алал Бакрӣ"-и Ибни Таймия ҷ.1.саҳ.260.

бо вуҷуди ин ки собит шуда Ибни Таймия аз ин ақидаи фосидаш баргаштааст, вале ба ҳар ҳол дар ин гуфтораш як чанд дурӯғ вуҷуд дорад, ки мо ба он ишора мекунем ва далоили дурӯғ будани он дар ҷой-ҷои ҳамин китоб зикр шудааст, ки аз сухани қаблии ӯ низ собит мешавад.

Аввал ин ки мегӯяд: Беш аз як нафар аз олимон гуфтаанд, ки ҳоҷат хостан аз Худо ба ҳаққи паёмбарон ва солеҳин ҷоиз нест.

Ин суханаш дурӯғ аст, чун аввалан дар таърих касе шинохта нашуда, ки ин суханро гуфта бошад ва сониян агар касе ҳам гуфта бошад, ҳеҷ арзише нахоҳад дошт, чун аҳодиси зиёде дар таъйиди ин масъала ворид шуда ва муҳаддисон онро саҳеҳ гуфтаанд. Вале Ибни Таймия ва Албонӣ ба Абӯҳанифа ин нисбатро додаанд, ки пайравони Абӯҳанифа онро дурӯғ гуфта ва рад кардаанд. Ва ҳамчунин агар бар фарзе, ки Абӯҳанифа онро ҷоиз надониста бошад, таъбири ба беш аз як нафар аз имомон, таъбири ғалате буда як навъ фиребкории Ибни Таймияро собит мекунад.

Дуввум ин ки мегӯяд: Низоъ ва хилофе байни имомон нест, ки истиғоса аз бузургтарин мункирот аст.

Дар ҳоле, ки мавзӯъ комилан бар акси ин сухани Ибни Таймия аст ва ин низ яке аз дурӯғҳои бузурги Ибни Таймия мебошад, чун на танҳо ин ки имомони дин онро амали мункар намедонанд, балки худашон дар мавориди лозим ба он амал кардаанд, ки дар баҳси истиғоса бо истиғосаи Умар ибни Хаттоб, Усмон, Ибни Муборак, Аҳмад ибни Ҳанбал, Табаронӣ ва дигарон ошно хоҳем шуд.

Ва ин ки бо қотеият мегӯяд: "Ҳар ки бо осори салаф ошно бошад медонад, ки касе аз онҳо ин корро накардаанд" бисёр дур аз эҳтимол аст, ки ӯ аз астиғосаи салаф бехабар бошад. Чун ӯ ва Албонӣ аз ин гуна суханон зиёд гуфтаанд ва худашон дар ҷойҳои мухталифи китобашон бо нақли ахбори истиғоса кардани салаф ба дурӯғ будани он

гуфторашон шаҳодат додаанд.

Боз Ибни Таймия мегӯяд:

**ولا يستطيع أحد أن ينقل عن أحد من الصحابة ولا من السلف أنهم بعد موته طلبوا منه إغاثة ولا نصرا ولا إعانة ولا استسقوا بقبره ولا استنصروا به كما كانوا يفعلون ذلك في حياته ولا فعل ذلك أحد من أهل العلم والإيمان وإنما يحكى مثل ذلك عن أقوام جهال أتوا قبره فسألوه بعض الأطعمة أو استنصروه على بعض الظلمة فحصل بعض ذلك وذلك لكرامته على ربه ولحفظ إيمان أولئك الجهال فإنهم إذا لم تقض حاجتهم وقع في قلوبهم الشك وضعف إيمانهم أو وقع منهم إساءة أدب ونفس طلبهم الحاجات من الأموات هو إساءة أدب فقضى الله حاجتهم لئلا يضعف إيمانهم به وبما جاء به لئلا يرتدوا عن الإيمان فإنهم كانوا قريبي عهد بإيمان".**

"Ҳеҷ касе наметавонад, ки ҳатто аз як нафар саҳоба ё гузаштагони салаф хабаре нақл кунад (пайдо кунад), ки онҳо баъд аз марги Паёмбар ба ӯ истиғоса карда бошанд ё кӯмак хоста бошанд ва ё ба василаи қабраш талаби борон карда бошанд ва ё ба василаи ӯ талаби ёрӣ карда бошанд ҳамон гуна, ки дар ҳоли ҳаёташ мекарданд ва ҳеҷ касе аз аҳли илм ва имон низ ин корро накардааст. Ва танҳо аз инсонҳои ҷоҳил ҳикоят шуда, ки ба сари қабри Паёмбар омада аз ӯ ғазо талаб мекарданд ё талаби ёрӣ бар зидди баъзе аз золимон мекарданд, ки баъзе аз онҳо ҳосил мешуд (ҳоҷаташон бароварда мешуд) ва он ба хотири кароматӣ Паёмбар бар Парвардигораш аст ва ҳам барои ҳифзи имони он ҷоҳилон. Пас онҳо агар ҳоҷатҳояшон бароварда намешуд дар қалбҳояшон шак ба вуҷуд меомад ва имонашон заиф мешуд ва онҳо беадабӣ (нисбат ба Паёмбар) мекарданд ва худи ҳамин талаби ҳоҷат карданашон аз мурда беадабӣ дар ҳаққи онҳост. Пас Худованд ҳоҷоташонро баровард, то имонашон ба хотири бароварда нашудани ҳоҷаташон заиф нашавад, чун онҳо

афроди тоза мусулмон буданд".1

Ибни Таймия ошкортарин дурӯғҳоро инҷо ба забон ҷорӣ кардааст, ки дар воқеъ ман намедонам чӣ гуна дурӯғҳои ӯро баён кунам.

Аввалан дурӯғе, ки ин ҷо гуфта ин аст, ки касе наметавонад як хабаре аз саҳоба ва аҳли илм биоварад. Ва дурӯғ будани ин суханаш аз ахборе, ки мо дар ин китоб овардем равшан мешавад. Ва ҳамчунин лозим нест, ки кӯмак хостан аз он ҳазрат танҳо дар сари қабрашон бошад ва дар ғайри он суратро низ ин сухани ӯ дар бар мегирад. Ва худи Ибни Таймия достони Ибни Умарро, ки вақте пояш аз кор монд ва гуфт: Ё Муҳаммадо.2 Пояш хуб шуд, дар китоб "Калимут-тайийиб"-аш оварда аст, ки ин амалаш аз рӯи илму огоҳӣ дурӯғ гуфтани ӯро собит мекунад.

Оре, Ибни Таймия ҳамон гуна, ки хоҳад омад достони аъробиро, ки дар замони саҳоба ва хилофати Умар ибни Хаттоб воқеъ шуда аст, ки ӯ аз Паёмбар **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳ** талаби борон мекунад баҳси берун аз ин мавзӯъ дониста ва ба достони Абуаюби Ансорӣ ва Билол ҳеҷ ишорае дар китобҳояш накарда, ки он ахбор низ дохили ҳамин мавзӯъ ҳастанд.

Вале аз уламо ва тобеин фаровон хабар расида аст, ки аз он ҳазрат дар қабрашон ва ҳатто ба ғайр аз он ҳазрат низ истиғоса ва талаби борон кардаанд ва худи Ибни Таймия баъзе аз он хабарҳоро дар китобҳояш нақл карда аст, монанди Аҳмад ибни Ҳанбал ва дигарон ки дар ҷои худ дар ин китоб ишора шудааст. Ва ҳамаи ин хабарҳо собит мекунад, ки сухани Ибни Таймия дурӯғи ошкор аст.

Аммо ин ки мегӯяд: Ҷоҳилон ин корро мекарданд.

Бар фарзе, ки мо бигӯем ин сухани Ибни Таймия дуруст

---

1-"Ар-Рад алал Бакрӣ"-и Ибни Таймия ҷ.1.саҳ.201.

2-"Калимут-тайийиб"-и Ибни Таймия саҳ.73 ба асли достон ва ин хабар дар ин китоб ишора шудааст.

аст, вале ҳаргиз ба хотири ин ки имони онҳо заиф мешавад ва муртад мешаванд ва... Паёмбар ҳоҷати ӯро бароварда нахоҳад кард ва Худованд, низ ҳоҷатравояш намекунад. Ва ин як мардумфиребии ошкор ва афсонаи маҳз аст, чун худи Ибни Таймия дар китоби "Тавассул"-аш ин гуна корҳоро аз бузургтарин навъи ширк дониста ва пайравонаш по аз ӯ фаротар гузошта корҳои камтар аз онро низ ширк мешуморанд. Вақте бинобар ақидаи ваҳҳобиҳо ва Ибни Таймия ин амал ширк бошад чӣ фарқ мекунад, ки Худованд ба хотири заиф нашудани ин шахсе, ки мушрик шуда ҳоҷаташро бароварад, то ин шахсе, ки мушрик шуда мабодо имонаш заиф шавад. Агар диққат бикунем хоҳем дид, ки чӣ миқдор ин сухани Ибни Таймия ба афсона наздиктару бепояву асос аст.

وكذلك لا يقول لمن مات من الأنبياء والصالحين يا نبى الله يا رسول الله ادع الله لى سل الله لى استغفر الله لى سل الله لى أن يغفر لى أو يهدينى أو ينصرنى أو يعافينى ولا يقول أشكو اليك ذنوبى أو نقص رزقى أو تسلط العدو على أو أشكو إليك فلانا الذى ظلمنى ولا يقول أنا نزيلك أنا ضيفك أنا جارك أو أنت تجير من يستجير أو أنت خير معاذ يستعاذ فهذا مما علم بالإضطرار من دين الإسلام وبالنقل المتواتر وبإجماع المسلمين أن النبى صلى الله عليه وسلم لم يشرع هذا لأمته وكذلك الأنبياء قبله لم يشرعوا شيئا من ذلك بل أهل الكتاب ليس عندهم عن الأنبياء نقل بذلك كما أن المسلمين ليس عندهم عن نبيهم نقل بذلك ولا فعل هذا أحد من أصحاب نبيهم والتابعين لهم بإحسان ولا استحب ذلك أحد من أئمة المسلمين لا الأئمة الأربعة ولا غيرهم ولا ذكر أحد من الأئمة لا فى مناسك الحج ولا غيرها أنه يستحب لأحد أن يسأل النبى عند قبره أن يشفع له أو يدعو لأمته أو يشكو إليه ما نزل بأمته من مصائب الدنيا والدين وكان أصحابه يبتلون بأنواع من البلاء بعد موته فتارة بالجدب وتارة بنقص الرزق وتارة بالخوف وقوة العدو وتارة بالذنوب والمعاصى...".

Хулоса ин ки Ибни Таймия мегӯяд: "Ҳар гуна кӯмак хостан ва паноҳ бурдан ва талаби дуо кардан аз Паёмбар **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳ** ғайри машрӯъ аст ва дар динҳои қабл аз

Ислом низ вуҷуд надошта ва ҳеҷ як аз саҳоба ва тобеин онро накарданд ва имомони муслимин ва имомон чаҳоргона ва ҳеҷ касе онро мустаҳаб надониста. Ва касе нагуфта, ки савол кардан аз Паёмбар назди қабраш, ки ӯро шафоат кунад ё барои умматаш дуо кунад ва ё мусибатҳои динӣ ва дунявиеро, ки ба умматаш фуруд омада ба он ҳазрат шикоят кунад. Ба саҳоба мусибатҳо ворид мешуд вале онҳо ба қабри Паёмбар шикоят намебурданд...".1

Дар ин гуфтораш танҳо ба ин суханаш ишора мекунем, ки мегӯяд: "Касе ҳам ба қабри Паёмбар шикоят набурда ва ҳеҷ як аз саҳоба ва тобеин онро накарда ва ҳеҷ як аз имомони чаҳормазҳаб ва ғайри онҳо, онро мустаҳаб надонистаанд...". Ва ин суханро, ки касе шикоят накарда аст, дар ҷойҳои дигари китобаш, низ такрор кардааст.2

Дар ҳоле, ки баъд аз зикри достони Молики дор, ки аъробие ба қабри он ҳазрат дар замони Умар ибни Хаттоб аз хушксолӣ шикоят карда, мегӯяд:

Ин мавриди баҳси мо нест ва ман зиёд аз ин гуна хабарҳо ҳатто ба ғайри Паёмбар, низ медонам, ки иттифоқ афтодааст.

Пас, медонад, ки ин гуна иттифоқҳо афтодааст, вале ошкоро дар ҷойҳои дигар дурӯғ мегӯяд. Оре, ӯ аз ин гуна дурӯғҳо фаровон гуфтааст.

Пас бо ин гуфтораш дурӯғгӯии худро боз собит карда, ки мо баъд аз зикри хабари Молики дор, ба он ишора кардем.

Боз мегӯяд:

**ولم يذكر أحد من العلماء أنه يشرع التوسل والاستسقاء بالنبي والصالح بعد موته ولا في مغيبه ولا استحبوا ذلك في الإستسقاء...".**

"Ҳеҷ як аз олимон нагуфтаанд, ки тавассул ва талаби

---

1-"Маҷмӯъ-ул-фатово"-и Ибни Таймия ҷ.1.саҳ.161.

2-"Маҷмӯъ-ул-фатово"-и Ибни Таймия ҷ.1.саҳ.233.

борон ба васила Паёмбар ва шахси солеҳ баъд аз маргашон ё дар ҳоли ғайбаташ машрӯъ аст ва ҳамчунин онро мустаҳаб низ надонистааст".1

Ибни Таймия ин суханро бо ҳамин таъбир дар китобҳои дигараш низ гуфтааст. Ва дар бораи истиғоса бар мурда ё ғоиб низ гуфтааст, ки:

"Аз ҳеҷ як олим истиғоса ба мурда ва ғоиб нақл нашудааст."2

Ин ҷо ба назар мерасад Ибни Таймия дурӯғгӯиро ба авҷаш расонда, чун дар китобҳои мухталифи худ ба такрор гуфта ва ба ин ҳақиқат эътироф карда, ки Аҳмад Ибни Ҳанбал ба Расули Худо **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳ** дар дуоҳояш мутавассил мешуд. Ва ин яке аз он мавоеидест, ки дар боло зикр кардем. Бо вуҷуди ин ки медонад Аҳмад ва ғайри ӯ низ тавассулро ҷоиз донистаанд, боз мегӯяд: Ҳеҷ як аз олимон тавассулро ҷоиз надонистаанд.

Ва дар баҳси истиғоса ба дурӯғи ошкор будани ин гуфтораш бештар ошно хоҳем шуд.

**لكنه موجود في كلام بعض الناس مثل الشيخ يحيى الصرصري ففي شعره قطعة منه والشيخ محمد بن النعمان كان له كتاب المستغيثين بالنبي** صلى الله عليه (وآله) وسلم **في اليقظة والمنام وهذا الرجل قد نقل منه فيما يغلب على ظني وهؤلاء لهم صلاح ودين لكنهم ليسوا من أهل العلم العالمين بمدارك الأحكام الذين يؤخذ بقولهم في شرائع الإسلام ومعرفة الحلال والحرام وليس معهم دليل شرعي ولا نقل عن عالم مرضي بل عادة جروا عليها كما جرت عادة كثير من الناس بأنه يستغيث بشيخه في الشدائد".**

Ибни Таймия баъд аз ин ки мегӯяд: Истиғоса ба мурда ва ғоибро ҳеҷ як аз олимон нақл накарда ва машрӯъ надонистаанд, мегӯяд:

"Вале ин (истиғоса бар мурда) дар сухани баъзе аз мардум мавҷуд аст монанди Шайх Яҳёи Сарсарӣ дар порае

1-"Зиёратул қубур"-и Ибни Таймия ҷ.1.саҳ.4.
2-“Ар-Рад алал Бакрӣ”-и Ибни Таймия ҷ.2.саҳ.479.

аз шеъраш ва Шайх Муҳаммад ибни Нӯъмон, ки китобе дар ин бора ба номи "Ал-Мустағисин биннабӣ фил яқзати вал маном" навишта ва ин мард аз он ҷое, ки гумон мекунам, дар бораи истиғоса ба мурда чизҳое навишта аст. Ва инҳо дорои салоҳ ва дин ҳастанд, вале аз аҳли илм ва олимони ба аҳкоме, ки суханашон дар бораи шариати дин ва ҳалолу ҳаром мавриди қабул бошад нестанд ва далели шаръӣ, низ ҳамроҳи онҳо нест ва аз олиме, ки мавриди ризоят бошад ҳам нақл накардаанд, балки одате аст, ки бар он рафтаанд ҳамон гуна, ки бисёре аз мардум ин одатро доранд, ки дар сахтиҳо ба бузургонашон истиғоса мекунанд".1

Оре, ҳамон гуна ки мебинем Ибни Таймия, Муҳаммад ибни Нӯъмонро аз мардуми оддӣ таъбир мекунад гӯё мехоҳад бигӯяд, ки ин роҳи олимон нест, вагарна мо бо он мухолифат намекардем. Албатта ин низ як равиши мардумфиребӣ аст вагарна хеле равшан аст, ки ӯ аз олимон буда ва ин марди бузург ҳатто худаш фиребгар будани худашро бо ин гуфтораш, ки ӯ китобе навишта, ба дигарон равшан кардааст. Чӣ гуна мумкин аст ӯ аз мардуми оддӣ ва ғайри олим буда ва китобе навишта бошад ва он ҳам дар бораи истиғоса. Ва ҳамчунин Яҳё ибни Юсуф, ки аз шоирони машҳур буда аст то ҷое, ки ӯро ба Ҳассон ибни Собит ташбеҳ кардаанд ва Заҳабӣ аз ӯ ба сарвари шоирон таъбир кардааст.

**Шарҳи ҳоли Яҳё ибни Юсуфи Сарсарӣ**: Умар Ризо Каҳола мегӯяд: "Фақеҳ, адиб, луғавӣ ва шоир"2 Заҳабӣ аз ӯ ба сарвари шоирон таъбир карда ва Ибни Касир низ аз ӯ ситоиш кардааст. "Сияру аълом-ун-нубало"-и Заҳабӣ ч.23.с.323.р.222.

**Шарҳи ҳоли Ибни Нӯъмон**: Солеҳи Шомӣ мегӯяд: "Имом ва аллома сарварам Абӯабдуллоҳ ибни Нӯъмон дар

1-"Ар-Рад алал Бакрӣ ч.2.саҳ.479.

2-"Мӯъҷам-ул-муаллифин"-и Умар Ризо Каҳола ч.13.с.236.

ин бора китобе навишта аст ба номи “Мисбоҳ-уз-зулом фи мустағисин би хайрил аном фил яқзати мал маном” ва дар он мўъҷизаҳои аҷоибе аз қабри он ҳазратро нақл карда ва касе, ки аз камтарин шинохте бархўрдор бошад дар воқеияти он шак намекунад. Пас бар ту бод ба хондани ин китоб, ки он дар ин боб ҷомеъ аст".1 Ў моликӣ мазҳаб ва мутаваффои соли 683 мебошад

Бояд диққат дошта бошем, ки ин ҷо Ибни Таймия аз ин ду нафар, ки истиғосаро ҷоиз донистаанд ба "баъзе мардум" таъбир мекунад, вале пайравонаш вақте ба истиғосаи Табаронӣ, ки ҷойгоҳи илмии ў барои ҳама равшан аст мерасанд мегўяд: Ин амал ба гўянда ва анҷом диҳандааш мардуд аст ва вақте ба истиғосаи Аҳмад ибни Ҳанбал мерасанд бо сукут аз канори он мегузаранд гўё, ки он ҳеҷ робитае бо баҳси истиғоса надорад ва садҳо пинҳонкорӣ ва найрангу фиреби дигар, ки барои саҳеҳ ва дуруст ҷилва додани ақидаи фосидашон анҷом медиҳанд.

Ва ҳамчунин Ибни Таймия мегўяд: Аз олиме, ки мавриди ризоят бошад ҳам нақл накардааст.

Аҷаб, садҳо аҳодис ва ахбори саҳеҳ аз Расули Худо **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам**-ро ба хотири ин ки бо ақидаашон носозгор аст ў ва пайравонаш бо баҳонаҳое рад ва тазъиф ва тавҷеҳ мекунанд, вале ин ҷо мегўяд: **Аз олиме, ки мавриди ризоят бошад ҳам нақл накардааст**.

Вале ин ҷо низ Ибни Таймия дурўғ гуфта ва дурўғгўии ўро аз суханони Самҳудӣ ба даст меоварем, ки мегўяд: "Баёни он чӣ ки баъзеҳо назди қабри Расули Худо ба он ҳазрат истиғоса карданд ва ё назди қабраш аз ў чизе талаб карданд, ки хостаашон дода шуд аз он чизҳое, ки имом Муҳаммад ибни Мўсо ибни Нўъмон дар китобаш "Мисбоҳ-уз-зулом фил мустағисин бихайрил аном" нақл кардааст.

---

1-“Субулул-ҳудои вар-рашод фи сирати хайрил ибод" ҷ.12.саҳ.407-408.

Баъд Самҳудӣ чандин маворидро зикр мекунад, ки аз ҷумла онҳо истиғоса Мункадир ибни Муҳаммад, ки аз бузургони тобеин буда ва истиғосаи Абӯисҳоқ Иброҳим ибни Саид, ки ӯ низ ё аз бузургони қарни севвум буда ва ё аз бузургони қарни чаҳорум ки дар оянда баён хоҳад шуд ва истиғоса ибни Муқрӣ ки ҳамроҳ бо ду олами бузурги дигар буда, ки достони инҳо ҳамроҳ бо шарҳи ҳолашон дар оянда хоҳад омад ва боз Самҳудӣ чандин достони дигар аз ин китоб нақл кардааст.

Боз Ибни Таймия аз паи ин каломаш мегӯяд: "Хелеҳо ин корҳоро мекарданд (истиғоса ва тавассул бар мурдаро) вале ҳеҷ далеле аз Паёмбар **саллаллоҳу алайҳи (ва олиҳи) ва саллам** ва саҳоба бар ин корашон надоштанд.

Вале ҳақиқат ин аст, ки онҳо чун далел доштанд ва бо ҳамаи ин ахборе, ки дар бораи тавассул ва истиғоса дар оёти Қуръон ва ривоёт ворид шуда аст ошно буданд ва илму маърифат ба он доштанд он корро мекарданд, на ин ки монанди Ибни Таймия ва пайравонаш ҳам садҳо дарӯғ барои дуруст ҷилва додани ақидаи худашон гуфта бошанд ва ҳам ин ки бар хилофи якдигар амал карда ақидаи раҳбарашонро ботил ва раҳбарашонро мушрик муаррифӣ карда бошанд ҳамон гуна, ки Ибни Таймия ва ваҳҳобиҳо бо ақида ба ширк будани истиғоса ва тавассул Аҳмад ибни Ҳанбал ва дигар гузаштагони ҳанбалиро мушрик медонанд ва ҳам бинобар ақидаи кунунии ваҳҳобиҳо худи Ибни Таймия низ мушрик хоҳад буд, ки дар ҷои худ ба он ишора мешавад.

Аҳодис ва ахбори матлуб будани тавассул бар гузаштагон

Хуб аст қабл аз ворид шудан ба оёту ривоёт, ба маънои тавассул ва анвои он ишора бикунем.

Тавассул, яъне восита қарор додани касе байни худ аз шахси дигар дар ҳалли мушкилот ва монанди он мебошад.

Тавассул чанд навъ аст:

1-Тавассул ба шахс. Монанди ин ки гуфта шавад: Худоё ба хотири фалонӣ маро бубахш. Тавассули саҳоба дар замони он ҳазрат аксараш аз ин қабил тавассул буда аст, вале ваҳҳобиҳо ин гуна тавассулро ҳатто ба шахси зинда ҳам ҷоиз намедонанд.

2-Тавассул ба дуо. Ба ин маъно, ки ба назди Паёмбар **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам** биравӣ ва талаби дуо бикунӣ. Ваҳҳобиҳо тамоми тавассули саҳоба ба Паёмбар **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам**-ро аз ин навъ тавассул медонанд ва ҳатто Ибни Таймия тавассули Аҳмад ибни Ҳанбалро низ аз ин навъ донista дар ҳоле, ки ин навъ тавассулро низ баъд аз ҳаёти он ҳазрат ваҳҳобиҳо ҳаром медонанд.

3-Тавассул ба ҳаққу мақому ҷоҳи дигарон. Монанди: Худоё ба ҳаққи Муҳаммад ва оли он ҳазрат моро бубахш.

Ёдовар мешавем, ки гарчӣ мо дар ин китоб ваҳҳобиҳоро тавассул ба зиндаро қабул доранд мегӯем, вале воқеъ ин аст, ки онҳо фақат тавассул ба дуоро қабул доранд, вале чун чандон ба ин суханашон таъкид накарда ва гоҳе мутлақан тавассул ба зиндаро ҷоиз гуфтаанд, ба ин хотир мо низ мегӯем, онҳо тавассул ба зиндаро қабул доранд, вагарна онҳо инро ҳам қабул надоранд. Яъне тавассул ба шахсро гарчӣ зинда ҳам бошад Албонӣ дар китоби тавассулаш ширк донista аст, ки мо дар ҷои худ ба он ишора кардем.

Ахбори фаровоне бар ҷоиз будани тавассул бар гузаштагон ворид шуда, ки аз писандида будани тавассул хабар медиҳад, ки мо бо ёрии Худованди Мутаол, ба онҳо ишора мекунем.

**Далели аввал бар ҷоиз будани тавассул аз Қуръон**

1-Дар тафсири ин ояти шарифа

**"ولما جاءهم كتاب من عندالله مصدق لما معهم وكانوا من قبل يستفتحون على الذين كفروا فلما جاءهم ما عرفوا كفروا به فلعنة الله على الكافرين".**

«Ҳангоме, ки аз тарафи Худо китобе ба онҳо нозил шуд, ки тасдиққунандаи китоби онҳо аст ва онҳо худ пеш аз ин (ба василаи ӯ) бар куффор пирӯзӣ меҷӯстанд ҳоло, ки ҳамон шинохтаи онҳо ба наздашон омада, ба он кофир шуданд. Пас лаънати Худо бар кофирон бод». Сураи Бақара-89.

Муҳаддисон ва муфассирон дар тафсири ин оят, ривоят кардаанд, ки: "Яҳуди Мадина ва Хайбар пеш аз беъсат ҳаргоҳ бо ҳамсоягони араб ва мушрики худ аз қабилаҳои Авсу Хазраҷ ва ғайри онҳо меҷангиданд ба номи Расули Худо **«саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам»**, ки дар Таврот ёфта буданд бар онҳо талаби ёрӣ ва пирӯзӣ мекарданд ва пирӯз мешуданд ва бар зидди куффор дуо мекарданд ва мегуфтанд: Худоё ба ҳаққи набии уммӣ аз ту мехоҳем, ки моро бар онҳо пирӯз гардонӣ. Ё мегуфтанд: Парвардигоро! Ба номи паёмбарат моро бар онҳо пирӯз гардон...".1

Вале ҳангоме, ки Қуръон, ки тасдиққунандаи Тавроту Инҷил аст, ба василаи ҳамон касе, ки ба хубӣ ва бешак ӯро мешинохтанд яъне ҳазрати Муҳаммад **«саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам»** ба сӯяшон омад, ба он ҳазрат кофир шуданд, чун ӯ аз Бани Исроил (аз насли ҳазрати Яъқуб) набуд».

Дар ҳадисе, ки Ибни Абиҳотам ва баъзеи дигарон нақл кардаанд, се нафар аз саҳоба ба мутавассил шудани яҳудиён бар Паёмбар **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам** гувоҳӣ додаанд, ки шумо қабл аз беъсати Паёмбар **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳ** ба василаи он ҳазрат талаби пирӯзӣ мекардед, пас чаро акнун

1-Сираи Ибни Ҳишом ҷ.3.с.83. Тафсири Ибни Абӯҳотами. Тафсири Табарӣ. "Далоил-ун-нубувва"-и Байҳақӣ с.343-345. Тафсири Саълабӣ. "Асбоб-ун-нузул"-и Воҳидӣ саҳ.16. Тафсири Нишопурӣ дар ҳошияи Табари ҷ.1.с.333. Мустадраки Ҳоким ҷ.4.с.263. Тафсири Қуртубӣ ҷ.2.с.27. "Бадоиъ-ул-фавоид"-и Ибни Қайюм ҷ.5.с.954. Тафсири Ибни Касир ҷ.1.с.125. Таърихи Ибни Касир ҷ.2.с.378, бо се санад. "Сиратун-набавия"-и Ибни Касир ҷ.1.с.292, бо се санад. "Исоба"-и Ибни Ҳаҷар ҷ.2.с.383.р.2390. "Уюн-ул-асар"-и Ибни Саййидин-нос ҷ.1.с.281. Тафсири Саолибӣ ҷ.1.с.279. Тафсири Ҷалолайн. *Лубобун-нуқул»*-и Суютӣ с.11. "Дур-ул-мансур»-и Суютӣ ҷ.1.с.88 бо чаҳор санад ва тафосири дигар.

имон намеоваред? Ва он се нафар иборатанд аз: Маоз ибни Ҷабал, Бушр ибни Барроъ ва Довуд ибни Салама.

Ин хабар аз Ибни Аббос бо чаҳор санад ва аз Рабиъ, Қутода ва дигарон нақл шудааст.

Ишора мекунем, ки ду гуна ҳадис дар бораи ин оят ворид шуда, ки дар дуввуми гӯё яҳуд ин гуна дуо мекарданд: Худоё он паёмбаратро зудтар ба мо бирасон, то мо ҳамроҳи ӯ бо ин мушрикон биҷангем ва пирӯз шавем.

Вале ин ҳадисе, ки мо нақл кардем дурусттар хоҳад буд, чун ин ҳадисро бештари муҳаддисон нақл кардаанд ва санадҳои бештаре дорад.

2-**Ояти дуввум**: Худованди Мутаол мефармояд:

**"...ولو أنهم إذ ظلموا أنفسهم جاءوك فاستغفروا الله واستغفر لهم الرسول لوجدوا الله توابا رحيما".**

"...Ва агар ин мардум, ҳангоме, ки ба худ зулм карданд ба назди ту меомаданд, ва аз Худо талаби омурзиш мекарданд, ва Паёмбар ҳам барои онҳо талаби омурзиш мекард, Худоро тавбапазиру меҳрубон меёфтанд."1

Ва ин оят, ҳам шомили ҳангоми ҳаёт мешавад ва ҳам баъд аз ҳаёт. Муфассирон низ аз ин оят ҳамин бардоштро кардаанд ва бинобар ин мебинем, ки онҳо дар зери ин оят қиссаи аъробиро нақл кардаанд чунон, ки Ибни Касир ин корро карда ва мулоҳиза хоҳед кард. Ва дигарон низ ба ҳамин матлаб ишора кардаанд аз ҷумлаи онҳо аллома Саид Абдуллоҳ инби Сиддиқ мегӯяд:

"Ин оят ом аст ва шомили ҳаёт ва баъд аз ҳаёт мешавад ва мунҳасир кардани он фақат барои ҳаёт далел лозим дорад, ки чунин далеле вуҷуд надорад.2

Баъзе аз муфассирон ва дар раъси онҳо Ибни Касир, ки аз шогирдону ҳомиёни сарсахти Ибни Таймия аст,

---

1- Сураи Нисо ояти 64.

2-"Маҳкам-ул-матин" с.44. "Иршод-ул-Фуҳул" с-122.

достонеро дар зери ояти ёдшуда ривоят кардаанд ва ин рафтори онҳо далолат бар ин мекунад, ки онҳо аз ин оят ҷоиз будани тавассул бар Паёмбар **«саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам»** баъд аз ҳаёти он ҳазратро бардошт карда ва бар ин ақида будаанд.

Ва аммо он достон: "Атабӣ мегӯяд: Дар назди қабри Паёмбари гиромӣ **«саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам»** нишаста будам, ки аъробие омад ва гуфт: Салом бар ту эй Расули Худо, шунидам, ки Худованд мефармояд: "Ва агар ин мардум, вақте ки ба худ зулм мекунанд ба назди ту меомаданд, ва аз Худо талаби омурзиш мекарданд ва Паёмбар ҳам барои онҳо талаби омурзиш мекард, Худоро тавбапазир ва меҳрубон меёфтанд". Ба дурустӣ, ки ман ба назди ту омадам, то туро барои бахшиши гуноҳонам ба сӯи Парвардигорам шафеъ қарор диҳам, сипас ин шеърро хонд:

Эй беҳтарин касе, ки дар бузургтарин ҷойгоҳ дафн шудаӣ,

Ҷонам фидои он қабре, ки ту дар он сокин ҳастӣ

Дар он иффату ҷуд ва карам вуҷуд дорад

Сипас аъробӣ баргашту рафт ва дар ҳамин лаҳза ба чашми ман хоб ғалаба кард ва ман хобидам ва Паёмбар **«саллаллоҳу алайҳи ва олиҳ»**-ро дар хоб дидам, ки он ҳазрат ба ман фармуданд: "Эй Атабӣ худро ба аъробӣ бирасон ва ба ӯ башорат деҳ, ки ба дурустӣ, ки Худованд ӯро бахшид".1

**Шарҳи ҳоли Атабӣ**: Атабӣ, Муҳаммад ибни Убайдуллоҳ аз асҳоби Суфён ибни Уйайна буда ва дар соли 228-и ҳиҷрӣ

---

1-"Шаъб-ул-имон"-и Байҳақӣ ҷ.3.с.496.р.4178. «Муғнӣ»-и Ибни Қудома ҷ.3. с.291-588. "Шарҳ-ул-кабир"-и Ибни Қудома ҷ.3.с.494. "Ал-Азкор"-и Нававии шофеӣ с.290. "Ал-Маҷмӯъ"-и Нававӣ ҷ.8.с.274. Тафсири Саолибӣ ҷ.2.с.257. Тафсири Ибни Касир ҷ.1.с.521. "Дур-ул-мансур ҷ.1.с.238. "Субулул ҳудои вар-рашод»-и Муҳаммад ибни Юсуфи Шомӣ ҷ.12.с.380, аз Ибни Асокир ва китоби «Масирул-азмис-сокин»-и Ибни Ҷавзӣ. "Канз-ул-уммол" ҷ.4.с.259.р.10422. "Дафъ-уш-шабаҳ анир-расул» с.143. "Кашшоф-ул-қиноъ"-и Баҳӯтии Ҳанбалӣ ҷ.2.с.600.

даргузаштааст ва Заҳабӣ аз ӯ ба аллома таъбир кардааст.1

Ибни Касир мегӯяд: "Ба дурустӣ, ки ин достони машҳурро ҷамоате нақл кардаанд ва аз ҷумлаи онҳо Шайх Абӯмансури Саббоғ дар китоби "Аш-Шомил"-аш.

Ин достон аз ғайри Атабӣ, низ нақл шудааст. Суютӣ ҳамин достони аъробиро аз Байҳақӣ нақл карда, ки ӯ аз Абӯҳарб (ё Муҳаммад ибни Ҳарби) Ҳилолӣ нақл кардааст.

Абӯмансури Саббоғ, ки Ибни Касир ва Муттақӣ ин достонро аз ӯ нақл кардаанд, Абӯнаср машҳур ба Ибни Саббоғ аст.

**Шарҳи ҳоли Ибни Саббоғ**: Заҳабӣ мегӯяд: "Имом, аллома, шайхи шофеиҳо Абӯнаср Абдуссаид ибни Муҳаммад... фақеҳи маъруф ба Ибни Саббоғ нависандаи китоби "Аш-Шомил" ва... Дар соли 400-и ҳиҷрӣ таваллуд шуда аст, Ибни Халлакон гуфта аст, ки шахси бо тақво ва солеҳ буд ва китоби шомилаш аз саҳеҳтарин китоби асҳоби мо аст.2

**Шарҳи ҳоли Байҳақӣ аз ровиёни ин достон**: Заҳабӣ мегӯяд: "Ӯ ҳофиз, аллома, сабт, фақеҳ, шайхул Ислом аст".3

Чунон, ки мулоҳиза кардед ин қиссаро бисёре аз бузургон ва уламои маъруфи аҳли суннат дар китобҳои худ нақл кардаанд, вале ҳеҷ кадом онро кори бад ва мункире надонистаанд, чӣ расад ба ширк!

Саид Мамдӯҳ мегӯяд: «Ин қиссаро имоме, ки фазлу илми ӯро ҳама қабул доранд, Нававии шофеӣ (мутаваффои 676-и ҳиҷрӣ) дар китоби «Ал-Азкор»-аш нақл карда, вале муҳаққиқи китобаш, (ки пайравӣ мактаби ваҳҳобият аст) дар чопе, ки соли 1409-и ҳиҷрӣ дар "Дорул ҳудо"-и Риёзи Арабистон чоп шудааст даст аз амонатдорӣ кашида ва ин қиссаро ҳазф кардааст. Ва ба ин таҳриф басанда накарда ва монанди онро дар ҷойҳои дигар, низ анҷом додааст, ба монанди ин ки Имом Нававӣ дар ҳамин китоби "Ал-Азкор"

---

1-Таърихи Бағдод ҷ.3.с.126. "Сияру аълом-ун-нубало»-и Заҳабӣ ҷ.11. с.96.р.29.

2 -Сияру аълом-ун-нубало ҷ.18.саҳ.464.р.238.

3-"Сияру аълом-ун-нубало"-и Заҳабӣ ҷ.18.саҳ.163.р.86.

фаслеро ба унвони “**дар зиёрати қабри Расули Худо** **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳ** **ва зикрҳои зиёрат...**» оварда аст.

Вале ин муҳаққиқ ин иборати Нававиро таҳриф карда ва ба ҷои иборати ӯ навиштааст:

Фасл «дар зиёрати масҷиди Расули Худо.” Сипас Саид Мамдӯҳ мегӯяд: Аз Худо битарсанд ин бозикунандгон (бо осори исломӣ) бубин чӣ гуна ботилро бо ботил ёрӣ мекунанд ва ин мард ботилро таъйид кард ва ба Имом Нававӣ ва мазҳаби Шофеӣ нисбати дурӯғ баст ва рост фармуд Расули Худо **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳ** онҷо, ки фармуд: “Агар ҳаё надорӣ ҳар чӣ мехоҳӣ анҷом бидеҳ.”1

**Шарҳи ҳоли Нававӣ**: Заҳабӣ мегӯяд: Имом, ҳофизи ягона, шайхул Ислом, парчами авлиё Мӯҳйиддин Яҳё ибни Шараф, соҳиби китобҳои бофоида. Қутбидин гуфта, ки: Нававӣ дар илм, тақво ва ибодат ягонаи замонаш буд.2

Аз ин қисса ҳамчунин истифода мешавад, ки як араби оддӣ ва софдил аз ин ояти шарифа ингуна бардошт мекунад, ки омадан ба назди Паёмбар **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳ**, ҳам замони ҳаёти он ҳазратро шомил мешавад ва ҳам баъд аз ҳаётро.

Ва ҳамчунин Саълабӣ муфассири бузурги аҳли суннат дар зери ҳамин оят аз Имом Содиқ ва он ҳазрат аз Имом Алӣ **алайҳимос-салом** достони аъробиеро оварда, ки ҳазрати Алӣ **алайҳис-салом** фармуданд:

Баъд аз се рӯзи дафни Паёмбар **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам** аъробие омаду худро ба қабри он ҳазрат андохт ва ояти 64-и сураи Нисоро хонд..., ки ин достон баъдан зикр хоҳад шуд.

Саълабӣ ин олим ва муфассири бузурги аҳли суннат аз ин оят ин гуна бардошт карда, ки омадан ба назди Паёмбари гиромии Ислом **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳ**, дар ин оят

---

1-Рафъ-ул-манора» Саид Мамдӯҳ с.56, дар ҳошия.

2-"Тазкират-ул-ҳуффоз"-и Заҳабӣ ҷ.4.с.147.р.1162.

фарқе байни ҳаёту баъд аз ҳаёти он ҳазрат намекунад ва ҳамчунин ҳеҷ ишколе ба ин достон накардааст.

**Шарҳи ҳоли Саълабӣ**: Заҳабӣ дар васфи Саълабӣ мегӯяд: "Имом, ҳофиз, аллома ва шайхи тафсир... яке аз зарфҳои илм ва ростгӯ, сиқа, доно ба арабӣ ва воиз буд. Ӯ мутаваффои соли 428-и ҳиҷрӣ мебошад".1

Пас баъд аз нақли ин ҳама уламо ва сукути онҳо, дурӯғгӯии Ибни Таймия ки дар гузашта бо суханонаш ошно шудем инҷо низ собит мегардад ва ҳамчунин ёдовар мешавем, ки аз ин ҷо ба баъд бо ошноӣ бо ахбор ва оятҳо ва ривоёт онҳоро бо суханони Ибни Таймия мавриди баррасӣ қарор диҳед то бо шахсияти рал Таймия бдурӯғҳояш бештар ошно гардед.

Дар оянда хоҳем дид, ки хеле аз уламо дар китобҳои худ бар ҷоиз будани тавассул бар ин ояти шарифа истидлол карда ва онро далел бар ҷавози тавассул, донистаанд.

Бояд ба ин нукта хуб таваҷҷӯҳ кунем, ки Ислом дар мавориде, ки мумкин аст бардошти хатое аз оят ё ҳадис бишавад, матлабро равшан карда ва ҳаргиз аз он гуна маворид бо сукут нагузашта аст. Ин ҷо низ агар тавассул ва омадан ба назди Паёмбар **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам** махсуси ҳаёти он ҳазрат мебуд, ҳатман он ҳазрат тазаккур медоданд, ки мабодо баъд аз ҳаёти дунявии ман ин корро анҷом диҳед ба хусус, ки агар кӯмак хостан аз он ҳазрат баъд аз ҳаёташон ширк мебуд. Ин гуна мавoридро Ислом дар ҷойҳое, ки эҳтимоли гумроҳӣ вуҷуд дошта, баён мефармуд, ки чанд намуна дар оянда зикр хоҳем кард. Вале бар дар ривоёти саҳеҳ баъд аз таълим тавассул ба ҳазрат мефармоянд: “Ҳар вақт мушкиле бароят пеш омад ин гуна амал кун (яъне бар ман мутавассил бишав) ки дар баҳси ривоёт бо он ошно хоҳем шуд.

---

1-Сияру аълом-ун-нубало ҷ.17.саҳ.435.р.291.

3-Дар баъзе аз китобҳои аҳли суннат ворид шуда, ки вақте ҳазрати Фотимаи Заҳро **алайҳо салом** он хутбаи таърихӣ ва машҳури худро баъд аз Расули Худо **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам** эрод намуданд, дар он хутба ба ин матлаб, низ ишора карда мефармоянд:

"Худоеро ҳамду ситоиш кунед, ки ба хотири азамату нураш, ҳар ки дар замину осмон аст, ба сӯи ӯ васила меҷӯяд ва мо (Аҳли Байт) василаи ӯ дар байни мардум ҳастем."1

Ва ин сухани ҳазрати Заҳро **салавотуллоҳи алайҳо** ишора ба ин ояти шарифа аст, ки Худованд мефармояд:

**"يا ايها الذين آمنوا اتقوا الله وابتغوا إليه الوسيلة وجاهدوا في سبيله لعلكم تفلحون".**

"Эй касоне, ки имон овардаед тақво пеша кунед ва ба сӯи ӯ васила биҷӯед ва дар роҳи Худо ҷиҳод кунед шояд растагор шавед."

(Ҳамчунин дар бораи ин ояти шарифа аз Расули Худо ва Амиралмӯъминин ва Имом Ризо **салавотуллоҳи алайҳим** аҳодисе ривоят шуда, ки манзур аз васила дар ин оятро, Аҳли Байт муаррифӣ кардаанд ва муаййиди он ахбор, сухани ҳазрати Заҳро **алайҳо салом** аст, ки дар китобҳои аҳли суннат ба он ишора шудааст.)

Ва ҳамчунин Ҳузайфаи ямонӣ низ дар бораи ин оят мегӯяд:

**"عن حذيفة أنه سمع قارئا يقرأ "يا أيها الذين آمنوا اتقوا الله وابتغوا إليه الوسيلة" قال: القربة ثم قال: لقد علم المحفوظون من أصحاب محمد** صلى الله عليه وآله **أن ابن أم عبد من أقربهم إلى الله وسيلة".**

"Ҳузайфа шунид, ки касе ин ояти шарифа "**эй касоне, ки имон овардаед тақво пеша кунед ва ба сӯи ӯ васила биҷӯед**"-ро мехонад, гуфт: Мақсад наздикӣ ҷустан аст.

---

1-"Китоби "Балоғотун-нисо"-и Абӯлфазл ибни Абӯтоҳир мутаваффои соли 380-и ҳиҷрӣ саҳ.12-18. "Манолу толиб шарҳи ғарибут-тивол"-и Ибни Асир саҳ.501 то 528. "Ал-Фоиқ"-и Замахшарӣ ҷ.3.саҳ.331.ҷ.4.саҳ.186. "Ғариб-ул-ҳадис"-и Ибни Қутайба ҷ.1.саҳ.590, ба асли хутба ишора карда. @Шарҳи Наҳҷ-ул-балоға"-и Ибни Абилҳадид ҷ.16.саҳ.211, аз китоби "Сақифа"-и Ҷавҳарӣ.

Сипас гуфт: Он касоне аз асҳоби Паёмбар, ки дорои манзалат ҳастанд медонанд, ки Ибни Масъуд наздиктарини онҳост ба сӯи Худованд аз ҷиҳати васила."1

**عن حذيفة قال: "لقد علم المحفوظون من أصحاب محمد أن ابن أم عبد من أقربهم إلى الله وسيلة".**

Ҳузайфаи Ямонӣ мегӯяд: “Он касоне аз асҳоби Паёмбар, ки дорои манзалату мақоми воло ҳастанд медонанд, ки Абдуллоҳ ибни Масъуд, наздиктарини онҳост аз ҷиҳати васила гирифтан ба сӯи Худованд.”2

Аз ин ҳадис ба даст меояд, ки Ҳузайфа, Абдуллоҳ ибни Масъудро аз масодиқи ин ояти шарифа медонистааст. Пас вақте Ҳузайфа Ибни Масъудро аз масодиқ ин оят медонат равшан аст, ки аз назари ӯ Аҳли Байт мисдоқи боризи ин оЯт хоҳанд буд, ҳамон гуна, ки худашон низ аз он хабар доданд ва фармуданд, ки мо Аҳли Байт василаи Худо байни мардум ҳастем.  Пас равшан мешавад, ки ин оят, ҳам шомили аъмоли солеҳ мешавад ва ҳам паёмбарону солеҳин.

Ва ин ҳадиси Ҳузайфа бо санадҳои гуногун ва саҳеҳ дар китобҳои дигар низ ворид шудааст.

4-Ояти дигар, аҳду паймоне аст, ки Ҳазрати Яъқуб аз фарзандонаш барои фиристодани ҳазрати Юсуф ба ҳамроҳи онҳо гирифт ва он, ояти зер аст:

**"قال لن أرسله معكم حتى تؤتون موثقا من الله لتأتنني به إلا أن يحاط بكم فلما آتوه موثقهم قال الله على ما نقول وكيل". يوسف 66**

"Ибни Ҷавзӣ аз Ибни Аббос нақл мекунад, ки:

---

1-"Мустадрак"-и Ҳоким ҷ.2.с.341.р.3216. Фатҳ-ул-борӣ ҷ.7.саҳ.80 санади ин ҳадис саҳеҳ аст.

2-Саҳеҳи Ибни Ҳаббон ҷ.15.с.538.р.7063. Муснади Аҳмад ҷ.5.с.394.р.23390. "Илал” ва “Маърифат-ур-риҷол"-и Аҳмад ҷ.3.с.160.р.4713. "Фазоил-ус-саҳоба»-и Аҳмад ҷ.2.с.841.р.1542-1548. Муснади Баззор р.1817-2884. Мӯъҷам-ул-кабир р.8481 то 8485. Муснади Таёлусӣ с.57. Фатҳ-ул-борӣ ҷ.7.с.103.

"قوله تعالى فلما آتوه موثقهم أي أعطوه العهد وفيه قولان أحدهما أنهم حلفوا له بحق محمد صلى الله عليه (وآله) وسلم ومنزلته من ربه قاله الضحاك عن ابن عباس والثاني أنهم حلفوا بالله تعالى قاله السدي".

"Фарзандони ҳазрати Яъқуб ба он ҳазрат ба ҳаққу манзалати Паёмбар гиромӣ **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам** дар пешгоҳи Худованд, қасам ёд карданд."1

Бояд таваҷҷӯҳ дошта бошем, ки Суддиро, ки ин мисоқу паймонро қасам ба Худо дониста, Ибни Муин заиф дониста ва Шаабӣ гуфта, ки ӯ нисбат ба Қуръон ҷоҳил буд.2 Илова бар ин, ҳаргиз сухани Суддӣ дар муқобили сухани Ибни Аббос арзише нахоҳад дошт, чун сухани ӯ мустанад нест ва наметавонад ҳуҷҷат бошад. Вале дар мавриди Ибни Аббос, аҳли суннат сухани ӯро ҳуҷҷат медонанд, илова бар ин ки эҳтимоли зиёд аст, ки Ибни Аббос ин тафсирро аз Расули Худо **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам** шунида бошад.

### 5-Тавассули ҳазрати Одам ба Расули гиромии Ислом **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам**

Аз оёти дигаре, ки дар аҳодис манзур аз он оят, тавассул тафсир шудааст оят ва хабари зер аст:

**عن عمر بن الخطاب قال: قال رسول الله** صلى الله عليه (وآله) وسلم: **"لما اقترف آدم الخطيئة قال: يا رب أسألك بحق محمد لما غفرت لي، فقال الله: يا آدم وكيف عرفت محمدا ولم أخلقه، قال: يا رب لأنك لما خلقتني بيدك ونفخت في مِن روحك رفعت رأسي فرأيت على قوائم العرش مكتوبا لا إله إلا الله محمد رسول الله، فعلمت أنك لم تضف إلى اسمك إلا أحب الخلق إليك، فقال الله صدقت يا آدم إنه لأحب الخلق إلي دعوتني بحقه فقد غفرت لك ولولا محمد ما خلقتك".**

Умар ибни Хаттоб мегӯяд: «Паёмбар **«саллаллоҳу алайҳи ва**

---

1-"Зодул масир"-и Ибни Ҷавзӣ ҷ.4.саҳ.192. Ин қавли Ибни Аббосро Заҷҷоҷ соҳиби китоби "Маонӣ-ул-Қуръон"-и низ нақл кардааст ва Заҷҷоҷ, аз имомони бузурги аҳли суннат буда ва дар соли 311-и ҳиҷрӣ даргузаштааст.

2 Сияру аълом-ун-нубало ҷ.5.с.264 шарҳи ҳоли 124.

**олиҳ»** фармуданд: Замоне, ки аз Одам он хато сар зад гуфт: "Эй Парвардигор ба ҳаққи Муҳаммад **«саллаллоҳу алайҳи ва олиҳ»** аз ту мехоҳам, ки гуноҳи маро бубахшӣ. Худованд фармуд: "Ту чӣ гуна Муҳаммадро шинохтӣ дар ҳоле, ки ман ӯро ҳануз халқ накардам, Одам гуфт: Вақте, ки ту маро халқ кардӣ ва аз руҳи худ дар ман дамидӣ сарамро бардоштам ва дидам, ки дар поя<br>ҳои аршат навишта шуда буд: "Нест худое ба ҷуз Аллоҳ ва Муҳаммад **«саллаллоҳу алайҳи ва олиҳ»** Расули Худост ва донистам, ки ту изофа намекунӣ ба номи худат магар дӯстдоштатарин халқатро, пас Худованд фармуд: Рост гуфтӣ эй Одам ба дурустӣ, ки ӯ дӯстдоштатарини халқ барои ман аст ту маро ба ҳаққи ӯ хондӣ ва ба дурустӣ, ки ман туро бахшидам ва агар ӯ набуд ман туро халқ намекардам".1

Ин ҳади аз Имом Алӣ **алайҳис-салом** ва Умар ибни Хаттоб ва Абдурраҳмон ибни Абӯзиёд ва Имом Зайнул-обидин **алайҳис-салом** ва Имом Боқир **алайҳис-салом** ривоят шудааст. Чунон, ки мулоҳиза мекунед ин ҳадисро, ки манзур аз калимот дар оят ба ҳазрати Одам алайҳис-салом тавассул ба Расули Худо **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам** буда, ин ҳама саҳоба ва салаф аз уламо ва муҳаддисин ривоят кардаанд, бинобар ин ба сухани касоне, ки бо ғаразҳое баъзе аз санадҳои ин ҳадисро тазъиф карда ва асли онро зери суол мебаранд ҳеҷ таваҷҷӯҳе нахоҳад шуд.

Абӯбакр ибни Муҳаммади Ҳасании димишқӣ аз ин ки Ҳоким ин ҳадисро саҳеҳ гуфтааст, дифоъ мекунад ва мегӯяд:

---

1-"Мӯъҷам-ул-авсат" ҷ.6.с.313.р.6502. "Мӯъҷам-ус-сағир"-и Табаронӣ ҷ.2.с.82. "Мустадрак"-и Ҳоким ҷ.2.с.672.р.4228. "Ал-Фирдавс бимаъсур-ил-хитоб"-и Дайламӣ ҷ.3.с.151.р.4409. "Далоил-ун-нубувва"-и Байҳақӣ ҷ.5.с.489. "Ал-Вафо биаҳволил мустафо»-и Ибни Ҷавзӣ с.3.р.4. "Аш-Шифо битаърифи Ҳуқуқи мустафо"-и Айёз ҷ.1.с.173. Таърихи Ибни Асокир ҷ.7.с.437. Маҷмаъ-уз-завоид ҷ.8.с.253. Тафсири Олусӣ. "Дур-ул-мансур"-и Суютӣ ҷ.1.с.58-60 аз Ибни Манзур. "Шифо-ус-сиқом"-и Субкӣ с.39. "Муғнил-мӯҳтоҷ"-и Муҳаммад ибни Шарбинӣ ҷ.1.с.512. "Вафо-ул-вафо"-и Самҳудӣ ҷ.2.с.408. Ҳоким, Субкӣ ва Самҳудӣ санади ин ҳадисро саҳеҳ гуфтаанд.

Баъд аз тасҳеҳи Ҳоким ба таъни дигарон таваҷҷӯҳ намешавад. Ва ин ҳадис ба боло будани шаъну шарафи Расули Худо **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам** далолат мекунад. Шояд ин таън кунанда аз касоне аст, ки шаъни он ҳазратро сабук шумурда ва гӯё дар воло донистани шаъни он ҳазрат байни мо ва онҳо ихтилофе вуҷуд дорад...".[1]

**"سئِل النَّبيُّ** صلّى الله عليه وآله وسلم **عن الكلمات الّتي تلقّى آدم من رَّبِّه فتاب عليه[2] قال: سأله بحقّ محمّدٍ وعليٍّ وفاطمة والحسن والحسين إلاَّ تُبْتَ عليَّ فتاب عليه".**

Аз Паёмбари гиромии Ислом **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳ** савол шуд: Аз калимоте, ки Одам аз Парвардигораш дарёфт кард ва ба василаи он калимот тавбаи Одам пазируфта шуд, чӣ калимоте буд? Паёмбари гиромии Ислом **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳ** фармуданд: Одам аз Худованд ба ҳаққи Муҳаммад, **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳ** Алӣ, Фотима ва Ҳасану Ҳусайн хост, ки тавбааш пазируфта шавад ва Худованд низ тавбаашро қабул фармуд".[3]

Ибни Таймия мегӯяд: Одам беҳтар аз Алӣ ва Фотима ва Ҳасану Ҳусайн аст, чӣ гуна мумкин аст Худоро ба ҳаққи касе, ки худ аз ӯ гиромитар ба Худо аст қасам диҳад."

Аз суханони Ибни Таймия, ки дар ҷойҳои дигар гуфтааст равшан мешавад, ки ӯ ин суханро ба хотири душманӣ бо Аҳли Байт гуфтааст ва мо он дуро дар таноқузоти ваҳҳобиҳо муфассал баён кардем, ки дар оянда хоҳад омад.

---

1-"Дафъ-уш-шабаҳ анир-расул вар-рисола" с.138 муаллиф мутаваффои 829 ва аз мазҳаби шофеӣ аст.

2 -Сураи Бақара-37

3-**Ровиён**: Имом Алӣ. Ибни Аббос. Ибни Масъуд. Ибни Умар. Имом Содиқ. **Китобҳо**: Ал-Мавзӯот»-и Фитанӣ с.98. "Маноқиб»-и Ибни Мағозалӣ с.63.р.89. Таърихи Ибни Асокир ҷ.7.с.386, бо ду санад. "Дурр-ул-мансур" ҷ.1.с.60-61 аз Ибни Наҷҷор. "Ҷамъ-уҷ-ҷамовеъ"-и Суютӣ. "Ал-Фирдавс"-и Дайламӣ ҷ.3. с.151. р.4409. "Шавоҳид-ут-танзил"-и Ҳасконӣ ҷ.1.с.101-102. "Кифоят-ут-толиб»-и Ганҷӣ с.121. "Янобиъ-ул-мавадда" ҷ.1.с.65-288. "Мунтахати канз-ул-уммол" ҷ.1. с.419.ҷ.2.с.248. Канз-ул-уммол ҷ.2.с.358. р.4237.

Дар ҳадиси дигар чунин омада аст, ки:

**قال حدثني إبراهيم بن محمد عن عثمان بن عبد الرحمان القرشي عن عبد الكريم القرشي قال: "فلما اشتد جوع آدم** عليه السلام **رفع رأسه إلى السماء فقال يا سماء أطعميني فأنا آدم صفي الله تعالى فأوحىالله عز وجل إلى السماء أن أجيبي عبدي فقالت يا آدم لسنا نطعم اليوم من عصى الله تعالى فبكى آدم** عليه السلام **أيضا أربعين صباحا فلما اشتد جوعه رفع رأسه إلى السماء فقال أسألك يا رب بحق النبي الأمي الذي تريد أن تخرجه من صلبي إلا تبت علي وأطعمتني".**

1-Вақте, ки гуруснагии Одам **алайҳис-салом** сахт шуд, сарашро ба сӯи осмон бардошту гуфт: Эй осмон бар ман таом бидеҳ, ки ман Одам баргузидаи Худо ҳастам. Худованд ба осмон ваҳй намуд, ки ҷавоби бандаамро бидеҳ. Осмон гуфт: Эй Одам, мо имрӯз бар касе, ки Худоро нофармонӣ карда таом намедиҳем. Ҳазрати Одам чиҳил рӯз гиря кард, пас вақте гуруснагияш бештар шиддат гирифт, сарашро ба осмон бардошту ин гуна дуо кард: Парвардигоро ман аз ту ба ҳаққи набии уммие, ки аз сулби ман мехоҳӣ берунаш биёварӣ мехоҳам, ки маро бубахш ва бар ман таом ато фармо."

**قال محمد بن يوسف وحدثني محمد بن جعفر عن أبيه قال: "كان من دعاء آدم** عليه السلام **رب ظلمت نفسي فاغفر لي وأرحمني إنه لا يغفر الذنوب غيرك فأوحى الله عز وجل إليه يا آدم ومن أين عرفت ذلك النبي الأمي ولم أخلقه بعد فقال آدم** عليه السلام **إني رأيت على العرش مكتوبا لا إله إلا الله محمد رسول الله فعلمت أن ذلك النبي من صلبي فبحق ذلك النبي إلا ما أطعمتني فأوحى الله عز وجل إلى جبرئيل أن اهبط إلى عبدي.**

2-Дар ҳадиси дуввуме, ки дар ҳамин китоб ривоят шуда, баъд аз тавбаи ҳазрати Одам Худованд мефармояд:

"...Эй Одам ту чӣ гуна ин набии уммиро шинохтӣ, ҳол он ки ман ҳанӯз ӯро наофаридаам? Одам гуфт: Ман дар Арш дидам, ки «ло илоҳа иллаллоҳ Муҳаммадун Расулуллоҳ" навишта шуда буд ва донистам, ки ин набӣ аз сулбам хоҳад буд, пас ба ҳаққи ҳамон набӣ туро мехоҳам, ки бар ман таом диҳӣ. Худованд ба Ҷабраил ваҳй фармуд, ки

ба назди бандаам бирав (ва Ҷабраил низ барои ҳазрати Одам таом овард).»1

Муаллифи ин китоб Абдуллоҳ ибни Муҳаммад, мутаваллиди соли 275 аз уламои бузурги аҳли суннат мебошад. Заҳабӣ дар васфи ӯ менависад: Имом, Ҳофиз, содиқ, муҳаддиси Исфаҳон.2

Ду далели дигар ба ҳақиқати тавассули ҳазрати Одам ба Паёмбар **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам** шоҳиди ин ҳадис аст:

1-Дар гуфтугӯи Имом Молик бо Мансур омадааст, ки Молик гуфт: “Паёмбар василаи ту ва василаи падарат Одам аст.”3

Субкӣ, Самҳудӣ ва Ибни Ҳаҷар санади ин хабарро саҳеҳ гуфтаанд. Ва аз ин хабар равшан мешавад, ки ҳадиси тавассули Одам ба Паёмбар **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳ** дар он замон машҳур буда ва аз назари Молик ҳадиси саҳеҳ будааст.

2-Дар оятҳои 39 ва 40-и сураи Оли Имрон ва 171-и сураи Нисо ва баъзе оёти дигар аз ҳазрати Исо бо лафзи «калимаи Худованд» таъбир шудааст. Пас аз ин оёт низ метавон ҳақиқати тавассули ҳазрати Одам ба Аҳли Байт **алайҳимус-салом**-ро собит кард, чун аз суннати илоҳӣ будани истеъмол **калима** ба ашхос, аз оёти Қуръон собит мешавад.

Ва ҳамчунин ахбори фаровоне, ки дар бораи хилқати Расули Худо **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам** қабл аз Одам **алайҳис-салом** ворид шудааст метавонад, муайииди ин достон ва аҳодиси ёдшуда бошад.

**ونقل العلقمي عن علي بن الحسين عن أبيه عن جده مرفوعا انه قال كنت نورا بين يدي ربي عز وجل قبل أن أصحهما آدم بأربعة عشر ألف عام.**

Паёмбар **«саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам»** фармуданд: 14-

---

1-"Ал-Узма”-и Абдуллоҳ ибни Муҳаммад ибни Ҷаъфар ибни Ҳайён ҷ.5.с.1596. р.106261-106262.

2-"Сияру аълом-ун-нубало"-и Заҳабӣ ҷ.16.с.276.р.196.

3-Аш-Шафо битаърифи ҳуқуқил мустафо»-и Қозӣ Айёз ҷ.2.с.41. Субулул ҳудои вар-рашод»-и Солеҳи Шомӣ ҷ.12.с.395. Шифоус-сиқом»-и Субкӣ. Вафоул-вафо»-и Самҳӯдӣ ҷ.2.с.422.

ҳазор сол қабл аз ин ки Одам халқ шавад, ман нуре будам дар пешгоҳи Парвардигорам.”1

**"وإذا أخذنا من النبيين ميثاقهم ومنك ومن نوح" كنت أول النبيين في الخلق وآخرهم في البعث".**

“Паёмбар «саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам» зери ояти шарифаи **“Ҳангоме, ки аз паёмбарон аҳд гирифтем, аз ту ва аз Нӯҳ...”** фармуданд: Ман пеш аз ҳамаи паёмбарон хақл шудам ва охирини онҳо дар беъсат ҳастам".2

Ин ҳадис бо чандин санад аз Абӯҳурайра, Қутода ва Ҳасани Басрӣ ривоят шудааст ва санадҳояш низ саҳеҳ ҳастанд. Ибни Касир баъд аз он ки бо се санад ин ҳадисро аз "Далоил-ун-нубувва"-и Абӯнаим нақл мекунад ба саҳеҳ будани онҳо ишора мекунад.

**قال الله عز وجل: "وجعلتك أول النبيين خلقا وآخرهم بعثا".**

“Худованд мефармояд: Туро аввалини паёмбарон дар хилқат ва охиринашон дар беъсат қарор додем.”3

**عبد الله بن شقيق قال: قال رجل يا رسول الله متى كنت نبيا؟ قال رسول الله** صلى الله عليه (وآله) وسلم: **كنت نبيا وآدم بين الروح والجسد.**

“Шахсе аз Паёмбар «саллаллоҳу алайҳи (ва олиҳи) ва саллам» пурсид, ки шумо чӣ вақт набӣ (паёмбар) будед? Ҳазрат фармуданд: Он вақте, ки Одам байни руҳу ҷисм буд ман паёмбар будам (яъне қабл аз хилқати Одам).”4

---

1-"Кашф-ул-хафо»-и Аҷӯлонӣ ҷ.1.с.266.р.827.ҷ.2.с.169.р.2007, аз “Ал-Аҳком”-и Ибни Қаттон. Субулул ҳудои вар-рашод»-и Солеҳӣ шомӣ ҷ.1.с.69.

2-Тафсири Табарӣ ҷ.21.с.152. "Муснад-уш-шомийин"-и Табаронӣ ҷ.4.с.36.р.2662. Тафсири Саълабӣ. Тафсири Бағавӣ. Тафсири Ибни Касир. Таърихи Ибни Касир ҷ.2.с.376-393. Дур-ул-мансур ҷ.5.с.184, аз Ибни Абиҳотам ва дигарон. Канз-ул-уммол ҷ.11.с.452.р.32126.

3-"Табақот-ул-кубро”-и Ибни Саъд ҷ.1.с.148. Ас-Сунна»-и Халлол ҷ.1.с.187.р.199. Тафсири Табарӣ ҷ.15.с.10. “Ал-Фирдасв бимаъсурил-хитоб”-и Дайламӣ ҷ.3.с.282. р.4850.ҷ.4.м.414.р.7195. Тафсири Ибни Касир ҷ.3.с.21-470, бо чаҳор санад. Маҷмаъ-уз-завоид ҷ.1.с.71. «Кашфул-хафо”-и Аҷӯлонӣ ҷ.2.с.169.р.2007. "Файз-ул-қадир»-и Мунавӣ ҷ.5.с.53. Ҳайсамӣ санади ин ҳадисро саҳеҳ гуфтаст.

4-**Ровиён**: Ибни Аббос. Майсара. Шақиқ. Мутриф ибни Абдуллоҳ. Абӯҷадъо.

"عن بن عباس قال: أوحى الله إلى عيسى عليه السلام يا عيسى آمن بمحمد وامر من أدركه من أمتك أن يؤمنوا به فلولا محمد ما خلقت آدم ولولا محمد ما خلقت الجنة ولا النار ولقد خلقت العرش على الماء فاضطرب فكتبت عليه لا إله إلا الله محمد رسول الله فسكن".

«Худованди Мутаол ба ҳазрати Исо ваҳй намуд, ки эй Исо ба Муҳаммад **«саллаллоҳу алайҳи ва олиҳ»** имон биёвар ва умматони худро, ки ӯро дарк мекунанд амр бикун то ба ӯ имон биоваранд. Агар Муҳаммад **«саллаллоҳу алайҳи ва олиҳ»** набуд ман Одамро халқ намекардам ва агар Муҳаммад набуд на биҳиштро халқ мекардам ва на ҷаҳаннамро. Ба дурустӣ, ки Аршро бар рӯи об халқ кардам, ки музтариб ва парешон шуд, пас бар он калимаи "нест худое ба ҷуз Аллоҳ ва Муҳаммад расули ӯст"-ро навиштам баъд ором гирифт."[1]

"قال الله تعالى: يا محمد صلى الله عليه وآله وسلم لو لاك ما خلقت آدم".

«Худованди мутаол мефармояд: Эй Муҳаммад агар ба хотири ту набуд Омадро халқ намекардам.»[2]

يا آدم لولا محمد ما خلقتك".

"Эй Одам, Агар Муҳаммад **«саллаллоҳу алайҳи ва олиҳ»** набуд туро халқ намекардам."[3]

Ҳамаи ин аҳодис ин матлабро, ки Расули Худо **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам** қабл аз Одам халқ шудаанд, собит мекунад, пас ҳақиқати тавассули ҳазрати Одам **алайҳис-салом**

---

Омир. Абдуллоҳ ибни Шақиқ.

**Китобҳо**: Муснади Аҳмад ҷ.4.с.66.ҷ.5.с.379.р.23260. Саҳеҳи Тирмизӣ ҷ.5.с.585. р.3609. Табақоти Инби Саъд ҷ.1.с.148.ҷ.7.с.59. Мусаннаф Ибни Абишайба ҷ.7. с.329.р.36553. Мӯъҷам-ул-авсат ҷ.4.с.272.р.4175. Мӯъҷам-ул-кабир ҷ.12.с.92-119. р.12571-12646.ҷ.20.с.353.р.773. Мустадрак ҷ.2.с.665.р.4209. Маҷмаъ-уз-завоид ҷ.8. с.223. Сияру аълом-ун-нуболо ҷ.7.с.384.ҷ.13.с.451. Исоба ҷ.6.с.239. Тирмизӣ, Ҳоким, Ибни Ҳаҷар, Заҳабӣ ва Ҳайсамӣ санади ин ҳадисро саҳеҳ гуфтаанд.

1-"Табақот-ул-муҳаддисин биисбаҳон"-и Ибни Ҳаббон ҷ.3.с.287. "Мустадрак"-и Ҳоким ҷ.2.с.671.р.4227. Ҳоким санади ин ҳадисро саҳеҳ гуфтааст.

2-"Ас-Сунна"-и Халлол ҷ.1.с.237.р.273. Канз-ул-уммол р.32025.

3-Далоилун-нубувваи Байҳақӣ. Ал-Вафо биаҳволил мустафо»-и Ибни Ҷавзӣ с.27.р.7. Мизонул-эътидол"-и Заҳабӣ ҷ.4.с.199.р.4609. Лисонул-мизон"-и Ибни Ҳаҷар ҷ.3.с.359.р.1451.

ба он ҳазрат, низ собит хоҳад шуд ва ин далоил барои инсонҳои мунсиф кифоят мекунанд.

### Таваccул дар суннат ва аҳодиси исломӣ

Ҳадиси машҳуре, ки сиҳҳати он мавриди иттифоқи ҳамагон аст, беҳтарин шоҳид бар машрӯъ будани тавассул мебошад, ки баҳсро бо ишора ба он сар мекунем:

**عن عثمان بن حنيف قال: ان رجلا ضريرا أتى النبي** صلى الله عليه (وآله) وسلم **فقال: ادع الله تعالى أن يعافيني. قال: إن شئت أخرت ذلك وإن شئت دعوت قال فادعه قال فانطلق فتوضأ ثم صل ركعتين ثم ادعو بهذا الدعاء: اللهم أسألك وأتوجه إليك بنبيك محمد** صلى الله عليه (وآله) وسلم **نبي الرحمة يا محمد إني أتوجه بك إلى ربي في حاجتي هذه فتقضيها لي اللهم شفعه في. قال ابن حنيف: فوالله ما تفرقنا وطال بنا الحديث حتّى دخل علينا كأن لم يكن به ضرّ.**

«Усмон ибни Ҳунайф мегӯяд: Марди нобиное ба маҳзари Паёмбар **«саллаллоҳу алайҳи ва олиҳ»** омад ва ба он ҳазрат гуфт, ки аз Худо бихоҳ то барои ман офият бахшад, Паёмбар **«саллаллоҳу алайҳи ва олиҳ»** фармуданд: Агар мехоҳӣ сабр бикун (барои охиратат беҳтар аст) ва агар мехоҳӣ дуо мекунам. Ӯ гуфт: Дуо бикун. Пас Паёмбар **«саллаллоҳу алайҳи ва олиҳ»** ба ӯ фармуданд: "Бирав вузӯ бигир ва дар вузӯи худ диққат бикун сипас ду ракъат намоз бихон ва баъд ингуна дуо бикун: "Худоё ман аз ту мехоҳам ва ба ту рӯй меоварам ба василаи паёмбарат Муҳаммад **«саллаллоҳу алайҳи ва олиҳ»**, ки паёмбари раҳмат аст, эй Муҳаммад **«саллаллоҳу алайҳи ва олиҳ»** ман дар бораи ҳоҷатам ба василаи ту ба сӯи Парвардигорам рӯй овардам, то ҳоҷати маро бароварда бифармоӣ. Худоё шафоати ӯро дар бораи ман бипазир. Усмон ибни Ҳунайф мегӯяд: Ба Худо қасам мо аз ҳам ҷудо нашуда будем ва сӯҳбати мо тӯл кашид, то ин ки он мард баргашт ва ба ҳузури мо дохил шуд дар ҳоле, ки гӯё ҳеҷ маризие дар

гузашта дар ӯ вуҷуд надошта бошад".1

Дар ҳадиси дигар чунин ворид шуда:

"عن عثمان بن حنيف قال: ان رجلا أعمى أتى النبي صلى الله عليه (وآله) وسلم فقال: إني أصبت في بصري فادع الله لي، قال: لا اذهب فتوضأ وصل ركعتين، ثم قل: اللهم إني أسألك وأتوجه إليك بنبيي محمد نبي الرحمة يا محمد إني أستشفع بك على ربي في رد بصري، اللهم شفع نبيي في رد بصري، وإن كانت حاجة فافعل مثل ذلك".

Усмон ибни Ҳунайф мегӯяд: "Марди нобиное ба маҳзари Паёмбар «саллаллоҳу алайҳи ва олиҳ» омад ва гуфт: "Ин бало ба чашми ман омада, пас барои ман дуо бикун, Паёмбар «саллаллоҳу алайҳи ва олиҳ» фармуданд: "Не, бирав вузӯ бигир ва ду ракъат намоз бихон сипас бигӯ: "Худоё ман аз ту мехоҳам ва ба сӯи ту рӯй меоварам ба василаи паёмбарам Муҳаммад «саллаллоҳу алайҳи ва олиҳ» паёмбари раҳмат эй Муҳаммад «саллаллоҳу алайҳи ва олиҳ» ман туро дар пешгоҳи Парвардигорам барои баргаштани чашмам шафеъ қарор медиҳам, Худоё паёмбарамро дар баргаштани чашмам шафеи ман қарор деҳ. Сипас Паёмбари гиромӣ «саллаллоҳу алайҳи ва олиҳ» ба ӯ фармуданд: **Ҳар вақт ҳоҷате доштӣ ин гуна амал бикун**".2

Шавконӣ мегӯяд: “Ин ҳадис далел аст бар ҷоиз будани тавассул ба Паёмбар «саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам» бо ин эътиқод, ки анҷомдиҳандаи корҳо Худост. Ҳар чиро хост

---

1-Саҳеҳи Ибни Хузайма ҷ.2.с.225.р.1219. Саҳеҳи Тирмизӣ ҷ.5.с.569.р.3578. “Сунан”-и Ибни Моҷа ҷ.1с.441.р.1385. ”Сунан”-и Насоӣ ҷ.6.с.168-169.р.10494-10495-10496. ”Муснад”-и Аҳмад ҷ.4.с.138. "Илал"-и Абӯҳотам ҷ.2.с.190.р.2064. "Таърих-ул-кабир"-и Бухорӣ ҷ.9.с.209. ”Мустадрак”-и Ҳоким ҷ.1.с.458-700-707. р.1180-1909-1929-1930 бо чаҳор санад. Тирмизӣ, Ибни Моҷа, Ҳоким, Заҳабӣ ва дигарон санади ин ҳадисро саҳеҳ гуфтаанд.

2-"Таърихи Ибни Абӯхайсама, бо санади саҳеҳ. “Қоидату ҷалия фит-тавассул вал васила"-и Ибни Таймия с.106. ”Маҷмӯъ-ул-фатово”-и Ибни Таймия ҷ.1.с.327 ва санадаш низ мисли қабли бо изофаи Ҳаммод ибни Салама аст, ки ӯ низ сиқа ва мавриди эътимод аст ва санади ҳадис аз камоли сиҳҳат бархӯрдор аст ва ҳеҷ гуна баҳсе дар санад вуҷуд надорад.

мешавад ва ҳар чиро ҳам нахост намешавад."[1]

Албонӣ баъд аз ин ки саъй карда ин тавассулро тавассули ба дуо муаррифӣ кунад дар охир мегӯяд:

"Агар саҳеҳ бошад, ки ин нобино ба зоту шахси Паёмбар мутавассил шуда (на, танҳо ба дуо), пас ин аз хусусиёти худи Паёмбар аст ва намешавад ба паёмбарони дигар ва авлиё мутавассил шуд. Дохил кардани дигарон ба ин ҳукм аз чизҳоест, ки назари саҳеҳ онро қабул намекунад, чун Паёмбар сарвар ва афзали ҳамаи паёмбарон аст. Пас ҳар, ки мӯътақид бошад, ки ин нобино ба худи Паёмбар мутавассил шуд, ӯ низ ба Паёмбар мутавассил шавад ва ба ғайри он ҳазрат мутавассил нашавад. Ва аз Аҳмад ибни Ҳанбал ва Иззудин ибни Абдуссалом[2] низ расида, ки онҳо ба Паёмбар мутавассил мешуданд ва тавассул ба он ҳазратро ҷоиз медонистанд."[3]

Оре ингуна Албонӣ, ноилоҷ дар охир ба ҳақ эътироф карда ва ба ҷоиз будани тавассул ба Расули гиромии Ислом **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам** фатво додааст. (Ва худро бинобар фатвоҳои дигари худаш ва ҳам маслакони ваҳҳобияш мушрик қарор додааст).

Аз ин ҳадиси шариф чанд матлаб истифода мешавад:

1-Тавассул ба дуои Паёмбар **«саллаллоҳу алайҳи ва олиҳ»**

2-Ҷоиз будани тавассул ба нафс ва худи Паёмбар **«саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам»**, ки ин матлаб аз ҷумлаҳои зер истифода мешавад:

А-Ҷумлаи "Худоё ман аз ту мехоҳам ва ба сӯи ту рӯй меоварам ба василаи паёмбарат", ки мақсад аз "ба василаи паёмбарат" нафси қудсӣ ва шахсияти бузурги Паёмбар **«саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам»** аст на дуои он ҳазрат.

Б-Калимаи "Муҳаммад набии раҳмат", ки тавсифи

---

1-Тӯҳфатуз-зокирин с.162.

2 -Иззидин, низ аз имомони қарни шаш ва ҳафтум будааст.

3 -"Рафъ-ул-манора"-и Маҳмуд Саид Мамдӯҳ с.23. Ат-Тавассул»-и Албонӣ с.77.

Паёмбар «саллаллоҳу алайҳи ва олиҳ» ба “набии раҳмат” далолат бар ин мекунад, ки тавассул ба нафс ва худи он ҳазрат ба ин хотир аст, ки нафси он ҳазрат дорои фазлу каромат аст.

В-“Эй Муҳаммад «саллаллоҳу алайҳи ва олиҳ» ман ба василаи ту ба Парвардигорам рӯй меоварам” ин ҷумла низ ба равшанӣ далолат бар ин дорад, ки он шахси нобино мувофиқи таълими Паёмбари гиромии Ислом «саллаллоҳу алайҳи ва олиҳ» худи он ҳазратро васила барои дуояш қарор дод. Чунон, ки мулоҳиза мекунед, гарчӣ он шахс ба дуои Паёмбар «саллаллоҳу алайҳи ва олиҳ» мутавассил шуд, вале он ҳазрат ба ӯ таълим доданд, ки ба худи он ҳазрат мутавассил шавад, чун он ҳазрат дар пешгоҳи Худованди Мутаол дорои фазилат ва каромат ҳастанд, пас аз ин ҳадис истифода мешавад, ки инсон метавонад ҳам ба дуо ва ҳам ба худи анбиё ва солеҳин мутавассил шавад.

4-Нуктаи дигар, ки он муҳимтар аз дигар мавορид аст ва ин ҳадиси шариф ба равшанӣ бар он далолат мекунад ин аст, ки тавассул бар Паёмбари гиромӣ «саллаллоҳу алайҳи ва олиҳ» фарқе байни ин ки он ҳазрат дар қайди ҳаёт бошанд, ё аз дунё рафта бошанд надорад ва ин матлаб бо равшанӣ аз ин ҳадис истифода мешавад. Ниҳояти ин, ки Паёмбари гиромӣ «саллаллоҳу алайҳи ва олиҳ» аз дунё рафтаанд ин аст, ки он ҳазрат аз мо ғоиб ҳастанд ва дар ин ҳадиси шариф низ ҳазрат ба он шахси нобино таълим доданд, ки баргардад ва баъд аз ду ракъат намоз хондан он гуна, ки зикр шуд дуо кунад ва он шахси нобино баъд аз таълими он ҳазрат баргашт ва дар ҷое, ки на ӯ Паёмбарро медид ва на Паёмбар «саллаллоҳу алайҳи ва олиҳ» ӯро медиданд ин корро анҷом дод. Ин матлаб аз фақароти охири ҳадис низ истифода мешавад, ки ровӣ мегӯяд: Мо аз ҳам ҷудо нашуда будем, ки он марди нобино бар мо дохил шуд, дар ҳоле, ки гӯё қаблан ҳеҷ гуна беморие дар ӯ набуда бошад. Пас ин ҳадис низ ба равшанӣ далолат бар ин дорад, ки мутавассил

шудан ба он ҳазрат дар ҳоли ҳаёт ва баъд аз ҳаёт ҳеҷ гуна фарқе нахоҳад дошт.

5-Дар ҳадиси дуввум, Паёмбар **«саллаллоҳу алайҳи ва олиҳ»** ба он шахси нобино фармуданд: “Ҳар вақте гирифтор шудӣ ва мушкилие бароят пеш омад, ҳамин корро анҷом деҳ”.

Изофа бар он ду бахши қаблии ҳадис, ки далолат ба ҷавози тавассул бар он ҳазратро баъд аз ҳаёташон, низ дошт ин бахш аз ҳадис низ бо далолату равшании комилтар ҷоиз будани тавассул ба он ҳазрат баъд аз ҳаёташонро низ имзо мекунад.

Пас диққат дошта бошем, ки бар ҷавози тавассул ахбори зиёде вуҷуд дорад, ки баъзе аз онҳоро дар ин китоб мушоҳида хоҳед кард, вале бояд ба ин воқеият ишора шавад, ки агар барои ҷавози тавассул бар касоне, ки аз дунё рафтаанд ғайр аз ҳамин як ҳадис дигар ҳеҷ гуна ахборе вуҷуд надошта бошад, ҳамин як ҳадис матлабро комилан баён карда ва роҳҳои лаҷоҷат ва худкомагиро ба худхоҳоне, ки ба душманӣ ва мухолифат бо ин ҳалоли илоҳӣ бархостаанд бастааст. Ҳамчунин бояд гуфт, ки пас аз равшан шудани ин матлаб метавон ба ин воқеият ишора кард, ки он касоне, ки мегӯянд, тавассул бар мурда ҳаром ва ширк аст лозимаи суханашон ин аст, ки гӯё Расули Худо **«саллаллоҳу алайҳи ва олиҳ»** он марди нобино ва уммати худро ташвиқ ба ширк варзидан карда бошанд, ки бояд аз ин гуна афкор ба Худои Мутаол паноҳ бурд. Ва аз хонандаи гиромӣ хоҳиш мешавад дар бораи ин ду ҳадиси боло хуб фукр бикунанд ва онро бо суханони мункирони тавассул баррасӣ кунанд.

Ибни Таймия мегӯяд: Агар нобино ба худи Паёмбар мутавассил шуда буд ва он ҳазрат дар бораи ӯ дуо накарда буданд ва он нобино танҳо бо тавассул ҳоҷаташ бароварда шуда буд, нобиноёни саҳоба ва ё баъзе аз онҳо ҳамин амалро анҷом медоданд. Рӯй гардондани саҳоба аз он, бо ин

ки онҳо аз собиқини аввалин аз муҳоҷирин ва ансор ҳастанд ва онҳо донотар ҳастанд аз мо ба Худованд ва паёмбараш ва ба ҳуқуқи Худо ва Расул ва ба ин ки кадом дуо машрӯъ ва нофеъ ва кадомаш номашрӯъ ва ғайри нофеъ аст ва рӯй овардани саҳоба дар талаби борон ва ҳоҷатҳои дигарашон ба ашхоси зинда ва мутавассил шудан ба ғайри Паёмбар, ки фуқаҳо дар боби талаби борон ба он ишора кардаанд, нишонаи он аст, ки машрӯъ ҳамон аст, ки саҳоба онро анҷом додаанд на оне, ки аз он рӯй гардондаанд. Ва тавассул ба Паёмбар дар ҳоли ҳаёти он ҳазрат ҳамон талаби дуо ва шафоати он ҳазрат аст, ки он машрӯъ аст ва ҳамеша ҳам мусулмонон аз он ҳазрат дар ҳоли ҳаёташон мехостанд, ки барои онҳо дуо бикунанд. Аммо баъд аз марги он ҳазрат, саҳоба аз он ҳазрат талаби дуо намекарданд, на дар назди қабри он ҳазрат ва на дар ҷои дигар".[1]

Ин буд суханони Ибни Таймия ва таҳлили дур аз ҳақиқати ӯ нисбати ин ҳадис.

Аввалан агар хуб диққат кунем ин ҷо Ибни Таймия хуб равшан карда, ки мӯътақид аст ҳатто дар ҳоли ҳаёт, ба шахси Паёмбар намешавад тавассул ҷуст ва фақат ба дуои он ҳазрат мешавад мутавассил шуд на ба худи он ҳазрат, ки ин ақида хеле аҷибтар аст!

Бояд ба ин гуфтори Ибни Таймия таваҷҷӯҳ шавад, ки мегӯяд: Ин тавассул ба дуои Паёмбар **«саллаллоҳу алайҳи ва олиҳ»** аст. Яъне, чун он саҳобӣ аз Паёмбар **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳ** талаби дуо кард ва дар навбати аввал мутавассил ба худи он ҳазрат нашуд, Ибни Таймия аз ин амал истифодаи ғалат мекунад ва дастури Паёмбари гиромиро, ки бо равшанӣ таълим доданд, ки ба худи он ҳазрат мутавассил шавад, нодида гирифта ва бо дастак қарор додани он, худ ва

1-«Маҷмӯъ-ул-фатово» ҷ.1.с.326.

дигаронро мехоҳад фиреб бидиҳад, ки ин тавассул ба дуои он ҳазрат аст на ба худи он ҳазрат. Бояд таваҷҷӯҳ дошта бошем, ки ин сухани Ибни Таймия ҳеҷ гуна шабоҳате бо таълими Паёмбар «саллаллоҳу алайҳи ва олиҳ» бар он марди нобино надорад ва ин равиш, фақат худ ва мардум фиребӣ ва пинҳон кардани воқеиятҳост.

Ҳамчунин ин сухани ӯ, ки мегӯяд:

“Саҳоба ҳама аз ин равиш яъне аз мутавассил шудан ба Паёмбар баъд аз ҳаёташон рӯй гардонда ва ба шахси зинда мутавассил мешудаанд”.

Албатта худи Ибни Таймия суханоне дар ин бора гуфта, ки аз онҳо собит мешавад, ки ӯ дар ин ҷо бо огоҳӣ ин гуна ба дурӯғгӯӣ пардохта аст.

Бояд дар ҷавобаш гуфт, ки ин яке аз садҳо дурӯғҳои Ибни Таймия аст, ки мо дар китоби ҷудогонае дар муаррифии Ибни Таймия ба онҳо ишора хоҳем намуд ва дар сафаҳоти баъд бо мушоҳида ба ахбори саҳоба дурӯғ будани ин даъвои ӯ дар ҳамин китоб, низ равшан хоҳад шуд.

Бо вуҷуди ин бояд ба ин воқеият ишора кунем, ки бар фарзи дуруст будани даъвои Ибни Таймия, ин муддао ҳеҷгуна далел намешавад, ки мо аз сухани Паёмбари гиромӣ «саллаллоҳу алайҳи ва олиҳ» рӯй гардонем ва ба хотири амал накардани саҳоба онро ғайри машрӯъ бидонем. Мо бояд амали дигаронро бо суннати Паёмбари гиромӣ «саллаллоҳу алайҳи ва олиҳ» бисанҷем на ин ки суннати он ҳазратро бо амали дигарон.

Вале муҳим ин аст, ки Ибни Таймия саҳобаро дар фаҳми маонии ҳадис ва ин ки кадом як аз дуо машрӯъ ва кадом номашрӯъ аст, аз худаш ва пайравонаш донотар медонад, вале ба зуди хоҳед дид, ки ин сухан низ то он ҷо дуруст аст, ки сухани саҳоба бо ҳавою ҳаваси Ибни Таймия созгор бошад, вагарна фаҳми саҳоба аз ҳадисро, низ ноқис ва нодуруст муаррифӣ мекунад, ки дар ҳадиси зер ҳақиқати

ин гуфторро мулоҳиза хоҳед кард.

## Саҳобӣ бар тавассул ба Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва олиҳ баъд аз ҳаёти он ҳазрат амр мекунад

"عن عثمان بن حنيف: "ان رجلا كان يختلف إلى عثمان بن عفان في حاجة له فكان عثمان لا يلتفت إليه ولا ينظر في حاجته، فلقي عثمان بن حنيف فشكا ذلك إليه، فقال له عثمان بن حنيف: ائت الميضاة فتوضأ ثم ائت المسجد فصل فيه ركعتين ثم قل: اللهم إني أسألك وأتوجه إليك بنبينا محمد صلى الله عليه (وآله) وسلم نبي الرحمة، يا محمد إني أتوجه بك إلى ربك (ربي) جل وعز فيقضي لي حاجتي، وتذكر حاجتك. ورح إلي حتى أروح معك. فانطلق الرجل فصنع ما قال له عثمان ثم أتى باب عثمان فجاء البواب حتى أخذ بيده فأدخله على عثمان بن عفان فأجلسه معه على الطنفسة وقال: حاجتك؟ فذكر حاجته فقضاها له ثم قال له: ما ذكرت حاجتك حتى كانت هذه الساعة، وقال: ما كانت لك من حاجة فأتنا، ثم إن الرجل خرج من عنده فلقي عثمان بن حنيف، فقال له: جزاك الله خيرا، ما كان ينظر في حاجتي ولا يلتفت إلي حتى كلمته في، فقال عثمان بن حنيف: والله ما كلمته ولكن شهدت رسول الله صلى الله عليه (وآله) وسلم وأتاه ضرير فشكا عليه ذهاب بصره، فقال له النبي صلى الله عليه (وآله) وسلم: أفتصبر، فقال: يا رسول الله إنه لي قائد وقد شق عليَّ، فقال له النبي صلى الله عليه (وآله) وسلم: ائت الميضاة فتوضأ، ثم صل ركعتين، ثم ادع بهذه الدعوات. قال عثمان بن حنيف: فوالله ما تفرقنا وطال بنا الحديث حتى دخل علينا الرجل كأنه لم يكن به ضرر قط".

«Усмон ибни Ҳунайф мегӯяд: Марде барои баровcovarда шудани ҳоҷаташ ба назди Усмон ибни Аффон (халифаи севвум) зиёд рафту омад мекард, вале Усмон ба ӯ таваҷҷӯҳе намекард ва фикре барои баровардани ҳоҷати ӯ намекард. Пас он мард ба Усмон ибни Ҳунайф бархӯрд кард ва ба ӯ дар ин бора шикоят кард. Усмон ба ӯ гуфт: Бирав вузӯ бигир ва баъд ба масҷид бирав ва дар он, ду ракъат намоз бихон, сипас бигӯ: Худоё ман аз ту мехоҳам ва ба ту рӯй меоварам, ба василаи паёмбарамон Муҳаммад «саллаллоҳу алайҳи ва олиҳ» ки паёмбари раҳмат аст, эй Муҳаммад «саллаллоҳу

**алайҳи ва олиҳ»** ман рӯй овардам ба василаи ту ба сӯи Парвардигорат, пас ҳоҷати маро бароварда бигардон, сипас ҳоҷататро зикр бикун...

Пас он мард рафт ва он чиро, ки Усмон барояш гуфта буд, анҷом дод сипас ба дари хонаи Усмон ибни Аффон рафт ва дарбони Усмон омад ва аз дасти ӯ гирифту ӯро ба назди Усмон дохил кард. Усмон ӯро шинонд ва гуфт: Чӣ ҳоҷат дорӣ? Он мард ҳоҷаташро гуфт ва Усмон ҳоҷаташро баровард ва гуфт: То ба ҳозир ҳоҷатат ба ёдам набуд ва ҳозир ба ёдам омад ва гуфт, ҳар чӣ ҳоҷат дорӣ ба назди мо биё. Сипас он мард аз назди ӯ хориҷ шуд ва Усмон ибни Ҳунайфро дид ва ба ӯ гуфт: "Худо ба ту ҷазои хайр бидиҳад, халифа ба ҳоҷати ман назаре намекард ва ҳеҷ таваҷҷӯҳе ба ман наменамуд то вақте, ки ту бо ӯ дар бораи ман сӯҳбат кардӣ. Усмон ибни Ҳунайф ба ӯ гуфт: Ба Худо қасам ман бо ӯ дар ин бора сӯҳбате накардам, вале шоҳид будам, ки шахси нобиное ба маҳзари Паёмбар **«саллаллоҳу алайҳи ва олиҳ»** омад ва аз нобиноии худ шикоят кард, Паёмбар ба ӯ фармуданд: Оё сабр мекунӣ? ӯ гуфт: Эй Расули Худо ман бо роҳнамо мегардам ва барои ман сахт аст. Пас Паёмбар **«саллаллоҳу алайҳи ва олиҳ»** ба ӯ фармуданд: "Бирав вузӯ бигир ва сипас ду ракъат намоз бихон сипас бо ин дуо Худоро бихон. Усмон ибни Ҳунайф гуфт: Ба Худо қасам мо аз ҳам ҷудо нашуда будем ва сӯҳбати мо идома дошт, ки он мард баргашт дар ҳоле, ки гӯё ҳеҷ беморие дар гузашта дар ӯ вуҷуд надошта бошад".[1]

Акнун бояд бубинем, ки Ибни Таймия дар бораи ин

---

1-Мӯъҷам-ул-кабир ҷ.9.с.30.р.8311. "Мӯъҷам-ус-сағир"-и Табаронӣ ҷ.1.с.306.р.508. "Мустадрак" ҷ.1.с.707.р.1929, ишора ба ин ҳадис ва саҳеҳ будани он кардааст. "Далоил-ун-нубувва"-и Байҳақӣ ҷ.6.с.167-168. "Ат-Тарғиб ват-тарҳиб"-и Мунзарӣ ҷ.1.с.273. "Маҷмаъ-уз-завоид"-и Ҳайсамӣ ҷ.2.с.179. “Шарҳи сунани Ибни Моҷа"-и Суютӣ ҷ.1.с.99.р.1385. Табаронӣ, Ҳайсамӣ ва Суютӣ санади ин ҳадисро саҳеҳ гуфтаанд. Худи Ибни Таймия низ дар “Маҷмӯъ-ул-фатово” ҷ.1.с.273-274 якчанд санад барои ин ҳадис зикр кардааст.

ҳадис чӣ мегӯяд ва чӣ гуна Усмон ибни Ҳунайфро дар фаҳми ҳадис муттаҳам мекунад.

**Ибни Таймия мегӯяд**: Усмон ибни Ҳунайф он шахсро ба дуое, ки машрӯъ аст амр накард, балки ба баъзе аз он амр кард ва гумон кард, ки ин амал баъд аз марги Паёмбар низ машрӯъ аст. Аммо лафзи ҳадис ин бардошт ва гумони Усмонро ботил мекунад, чун шахси нобино аз Паёмбар хост, ки барои ӯ дуо кунад...”[1] (Пас таълим додани Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам назди Ибни Таймия ҳеҷ арзише надорад, ки онро надида мегирад ва ҳеҷ аҳамияти бар он намедиҳад).

Чунон, ки мушоҳида мекунед дар ин маврид, ки амали саҳоба мухолиф бо ҳавою ҳаваси Ибни Таймия аст, сухани аввалашро ба боди фаромӯшӣ супурда ва саҳобаро, ки дар шинохти дуои машрӯъ аз ғайри машрӯъ донотар аз худаш муаррифӣ карда буд, вале ин ҷо Усмонро муттаҳам мекунад, ки ӯ он мардро ба дуое, ки номашрӯъ аст амр ва роҳнамоӣ намуд. Боз ин ҷо мулоҳиза мекунед, ки Ибни Таймия матни ҳадис ва сухани Паёмбари гиромиро, ки бо равшанӣ далолат бар ҷоиз будани тавассул бар худи он ҳазрат, ҳатто баъд аз ҳаёти он ҳазрат мекунад, нодида мегирад ва Усмонро муттаҳам ба каҷфаҳмӣ мекунад.

Бояд ба ин матлаб низ ишора намуд, ки имрӯз пайравони Ибни Таймия ба ҳамин сухани ӯ ки дар боло зикр шуд, истидлол мекунанд ва бо ишора ба сухани Ибни Таймия аз канори ин ҳадис мегузаранд гӯё, ки сухани Ибни Таймия гарчӣ ба афсона наздиктар бошад низ, ҳуҷҷат аст ва ин амали саҳобаи ҷалилро, ки баргирифта аз суннати мусалламИ Паёмбари гиромии Ислом **«саллаллоҳу алайҳи ва олиҳ»** аст ботил мекунад. Аз тарафи дигар чунон, ки зикр шуд

---

1-Маҷмӯъ-ул-фатово”-и Ибни Таймия ҷ.1.с.275 ва Қоидату ҷалия фит-тавассул вал-васила р.546.

Ибни Таймия бар сиҳҳати исноди ин ҳадис эътироф карда, вале аз роҳи найранг вориди майдон шуда ва гуфта, ки ин тавассул ба дуо Паёмбар аст. Вале пайравони Ибни Таймия диданд, ки ин амал воқеан ҳамон тавассуле аст, ки онро ширк медонанд саъй кардаанд, ки санади ин ҳадисро тазъиф кунанд. Ва барои огоҳӣ аз бархӯрд ва тазъифи пайравони Ибни Таймия ба китоби «Аҳодис-уз-заифа ва мавзӯа”-и Албонӣ мурочиа кунед.

Ибни Таймия худ аз тавассули Аҳмад ибни Ҳанбал ва салафи солеҳаш ба Паёмбари гиромии Ислом **«саллаллоҳу алайҳи ва олиҳ»** хабар медиҳад, ки инсон баъд аз ин ҳама ахбор, ки ҳатто худи ӯ бар сиҳҳати онҳо яқин дошта, бар лаҷоҷату худхоҳии ӯ ва таъкидаш бар ҳаром будани тавассул, тааҷҷуб мекунад. Гарчӣ худи ӯ дар охири умраш аз ин ақидаи фосид баргаштааст, вале роҳро барои пайравонаш боз карда, ки онҳо бо пайравӣ аз ӯ ва улгу қарор додани гуфтору рафтори ӯ чӣ корҳое дар дунё намекунанд ва чӣ балоҳое бар сари мусулмонон намеоваранд!

Пас ин се ҳадиси Усмон ибни Ҳунайф ба равшанӣ далолат бар ин мекунад, ки Паёмбари бузурги Ислом **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳ** тавассулро ҷоиз донистаанд ва ин аҳодис дурӯғгӯиҳои Ибни Таймияро, ки дар гузашта зикр кардем, собит мекунад, ки мегуфт: Ислом ба он иҷоза надода ва саҳоба низ ба он амал накардаанд.

### Имом Алӣ алайҳис-салом наздиктарин васила ба сӯи Худост

**روى ابن المغازلي عن أحمد بن محمد بن عبد الوهاب بن طاوان، عن الحسين بن محمد العلوي، عن أحمد بن محمد الجواربي، عن أحمد بن حازم، عن سهل بن عامر البجلي عن أبي خالد الأحمر، عن مجالد ، عن الشعبي، عن مسروق قال: قالت عائشة: يا مسروق إنك من ولدي، وإنك من أحبهم إلي، فهل عندك علم من المخدج؟ قال: قلت: نعم، قتله علي بن أبي طالب على نهر يقال لأعلاه تامرا ولأسفله النهروان، بين أحقاق**

**وطرقاء. قالت: إبغني على ذلك بينة، فأتيتها بخمسين رجلا من كل خمسين بعشرة - وكان الناس إذ ذاك أخماسا- يشهدون أن عليا (عليه السلام) قتله على نهر يقال لأعلاه تأمرا ولأسفله النهروان بين أخفاق وطرقاء. فقلت: يا أمة، أسألك بالله وبحق رسول الله وبحقي -فإني من ولدك- أي شئ سمعت رسول الله (صلى الله عليه وآله) يقول فيه؟ قالت: سمعت رسول الله (صلى الله عليه وآله) يقول: هم شر الخلق والخليفة، يقتلهم خير الخلق والخليقة، وأقربهم إلى الله وسيلة.**

Дар хабари тӯлоние чунин ворид шуда, ки Уммул мӯъминин Оиша ба Масруқ мегӯяд: “Эй Масруқ ту аз фарзандони манӣ ва аз маҳбубтарини онҳо бар ман ҳастӣ оё хабаре аз Мухаддиҷ (раҳбари хавориҷ) дорӣ? Гуфт: Оре, Алӣ ибни Абитолиб ӯро дар Наҳравон ба қатл расонд. Оиша гуфт: Бар ин гуфторат барои мо шоҳид биёвар. (Чун Амр ибни Ос ба Оиша гуфта буд, ки ман Мухаддиҷро дар Миср ба қатл расондам) Масруқ 50 нафарро овард, ки ба гуфтаи ӯ шаҳодат доданд. Масруқ гуфт: Эй модар ба Худо ва ба ҳаққи Паёмбар ва ҳаққи худам, ки фарзандат ҳастам аз ту мехоҳам чӣ чиз дар ин маврид аз Паёмбар шунидӣ? Оиша гуфт: Аз Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам шунидам, ки мефармуд: Онҳо (хавориҷ) бадтарини халқи Худо ҳастанд, ки беҳтарин халқи Худо ва наздиктарин шахс ба сӯи Худо аз ҷиҳати васила онҳоро хоҳад кушт.1

Шарҳи ҳоли Ибни Нӯъмон: Заҳабӣ мегӯяд: “Аллома ва қозии давлати Абайдия. Аввал моликӣ буд ва баъд ба мазҳаби ботиния гузашт. Дорои яди тӯлонӣ дар фанҳо ва илмҳо ва дар фиқҳ ва ихтилоф дошт. Ӯ мутаваффои 363.2 ва Заркалӣ ниӯ хеле ӯро мадҳ кардааст. Алъ-Аълом ҷ.8.с.41.

Мағозалӣ шофеимазҳаб буда ва мутаваффои соли 483-и ҳиҷрӣ мебошад.

---

1-Маноқиби Ибни Мағозалӣ саҳ.55. Шарҳул ахбори Ибни Нӯъмон ҷ.1.с.141.р.74.

2-Сияру аълом-ун-нубало»-и Заҳабӣ ҷ.16.с.150.р.106.

## Дастури Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва олиҳ ба ёд кардани эшон ҳангоми гирифторӣ

**عن أبي رافع قال: "قال رسول الله صلى الله عليه وآله وسلم: "إذا طنت أذن أحدكم فليذكرني، وليصل علي".**

Паёмбар «саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам» фармуданд: "Ҳар вақт гӯши яке аз шумо садо кунад пас маро ёд бикунад ва бар ман салавот бифристад".1

Аҷалунӣ баъд аз зикри ин ҳадис гуфта ки: "Ибни Хузайма дар Саҳеҳаш ин ҳадисро ривоят карда ва аз Оиша низ ба ҳамин маъно ҳадисе ривоят шудааст".2

Дар оянда хоҳем дид, ки Ибни Аббос ва Ибни Умар ба маънои ин ҳадис амал карда ва дигаронро ба он амр кардаанд. Пас аз ин ҳадиси саҳеҳ, ҳам ҷоиз будани тавассул ва ҳам истиғоса, истифода мешавад.

## Тавассули ҳазрати Мӯсо ба Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам

**"ان موسى عليه السلام قال يا رب إن كان قد خلق جاهي عندك فأسألك بحق النبي الأمي الذي تبعثه في آخر الزمان."**

Мӯсо алайҳис-салом фармуд: "...Туро ба ҳаққи паёмбари уммие, ки дар охируз-замон мабъус мекунӣ мехоҳам."3

**Шарҳи ҳоли Ибни Қудома, ровии ин хабар**: Заҳабӣ мегӯяд: "Имом, аллома, муҷтаҳид, шайхул Ислом. Мутаваллиди соли 541, соҳиби Муғнӣ. Ӯ дарёи илм ва аз

1-Мӯъҷам-ул-кабир ҷ.1.с.321.р.958. Мӯъҷам-ус-сағир ҷ.2.с.120.р.1104. "Мӯъҷам-ул-авсат"-и Табаронӣ ҷ.9.с.92. "Муснад"-и Баззор ҷ.4.с.32. "Китоб-ул-маҷруҳин"-и Ибни Ҳаббон ҷ.2.с.250. "Маҷмаъ-уз-завоид" ҷ.10.с.38. "Азкор"-и Нававӣ с.305.р.915. Ҳайсамӣ санади ин ҳадисро ҳасан (хуб) гуфтааст.

2-"Кашф-ул-хафо"-и Аҷалӯнӣ ҷ.1.с.103.р.292.

3-"Ал-Муғнӣ"-и Ибни Қудомаи ҳанбалӣ ҷ.5.с.10. "Китоб-ут-таввобин"-и Ибни Қудома саҳ.81.

олимони пок буд ва ҳанбалӣ мазҳаб буд".1

Дар гузашта низ аз Ибни Қудома тавассул ба қабри Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва салламро дар бахши тавассул ба Қуръон зикр карда будем. Чунон, ки мебинед Забабӣ ва биттабъ ҳамаи бузургони аҳли инҳоро ин гуна васф мекунанд, вале ваҳҳобиҳо ҳамаи онҳоро мушрик медонанд, чун онҳо бо нақл ахбори тавассул ва истиғоса, бо сукут онро имзо карда ва мўътақид будани худ бар ҷоиз будани онро эълон кардаанд.

## Тавассули Паёмбар «саллаллоҳу алайҳи ва олиҳ» бар фуқаро

**عن امية بن خالد قال: "كان رسول الله صلى الله عليه وآله يستفتح بصعاليك المهاجرين".**

"Расули Худо саллаллоҳу алайҳи ва олиҳ ҳамеша ба василаи фақирони муҳоҷир талаби пирўзӣ мекарданд".2

## Иқрори Ибни Таймия бар тавассули салаф

Ибни Таймия ин гуна хабари зерро нақл мекунад:

**"روى عن بعض السلف مثل ما رواه بن أبى الدنيا فى كتاب مجابى الدعاء قال حدثنا أبو هاشم سمعت كثير بن محمد ابن كثير بن رفاعة يقول جاء رجل الى عبد الملك بن سعيد بن أبجر فجس بطنه فقال بك داء لا يبرأ قال ما هو قال الدبيلة قال فتحول الرجل فقال الله الله ربى لا أشرك به شيئا اللهم إنى أتوجه اليك بنبيك محمد نبى الرحمة يا محمد إنى أتوجه بك الى ربك وربى يرحمنى مما بى قال فجس بطنه فقال قد برئت ما بك علة".**

«Ривоят шуда аз баъзе салаф мисли он чӣ ки ривоят карда Ибни Абидунё дар китоби “Муҷобӣ-уд-дуо”, ки Касир ибни Муҳаммад гуфтааст:

Марде ба назди Абдулмалик ибни Саид омад ва

---

1-Сияру аълом-ун-нубало ҷ.22.с.165.р.112.

2-"Мўъҷам-ул-кабир" ҷ.1.с.292.р.857 то 859 бо се санад. "Аҳодис-ул-мухтора"-и Муқаддасӣ ҷ.4.с.337-338.р.1507-1508. "Исоба"-и Ибни Ҳаҷар ҷ.1.с.245. "Маҷмаъ-уз-завоид" ҷ.10. с.262 ва дигарон. Ҳайсамӣ санади ин ҳадисро саҳеҳ гуфтааст.

Абдулмалик ба шиками он мард даст кашиду гуфт: Ту дарде дорӣ, ки дуруст намешавад. Ӯ гуфт: Чӣ аст он? Гуфт: Бемории дубайла (Бемории дарунӣ) пас гуфт: Он мард дигаргун шуд ва гуфт: Аллоҳ, Аллоҳ, Аллоҳ Парвардигори ман, ки чизеро ба ӯ шарик қарор намедиҳам. Худоё ман рӯй меоварам ба сӯи ту ба василаи паёмбарат паёмбари раҳмат эй Муҳаммад «саллаллоҳу алайҳи ва олиҳ» ман рӯй овардам ба василаи ту ба Парвардигорат ва Парвардигорам, то раҳм кунад Парвардигорам аз он чӣ ки дар ман аст. Сипас даст кашид ба шикамаш ва гуфт: Ба дурустӣ, ки аз он беморие, ки доштам шифо ёфтам."[1]

Ибни Таймия баъд аз нақли ин ҳадис мегӯяд:

**"قلت فهذا الدعاء ونحوه قد روى أنه دعا به السلف ونقل عن أحمد بن حنبل فى منسك المروذى التوسل بالنبى فى الدعاء ونهى عنه آخرون. فان كان مقصود المتوسلين التوسل بالإيمان به وبمحبته وبموالاته وبطاعته فلا نزاع بين الطائفتين وإن كان مقصودهم التوسل بذاته فهو محل النزاع وما تنازعوا فيه يرد الى الله والرسول".**

"Ин дуоест, ки салаф ба василаи он дуо мекарданд ва аз Аҳмад ибни Ҳанбал (имоми мазҳаби ҳанбалиҳо) низ дар «Мансак»-и Марузӣ тавассул бар Паёмбар «саллаллоҳу алайҳи ва олиҳ» дар дуо нақл шудааст ва дигарон аз он манъ кардаанд. Пас агар мақсади тавассулкунандагон тавассул бо имон ба он ҳазрат ва ба муҳаббат ва итоати он ҳазрат бошад, ҳеҷ низое байни ду гурӯҳ дар ин нест. Ва агар мақсадашон тавассул ба зоту шахси Паёмбар бошад, дар ин танозӯъ доранд. Ва ҳар ҷо танозӯъ пеш омад ба Худо ва Расулаш баргардонда мешавад"[2]

---

1"Маҷмӯъ-ул-фатово"-и Ибни Таймия ҷ.1.с.264. Абдулмалик ибни Саид аз бузургони мӯҳаддисин аст, ки амсоли Ибни Уйайна ва Суфёни Саврӣ аз ӯ ҳадис ривоят кардаанд ва Ибни Уйайна дар бораи ӯ гуфтааст: чашме мисли ӯро надидааст. Ал-Ҷарҳ-ват-таъдил"-и Розӣ ҷ.5.р.1661.

2-"Маҷмӯъ-ул-фатово"-и Ибни Таймия ҷ.1.с.264. "Қоидату ҷалия фит-тавассул вал-васила"-и Ибни Таймия р.524.

Боз Ибни Таймия мегӯяд:

"وأحمد فی إحدی الروایتین قد جوز القسم به فلذلك جوز التوسل به".

"Аҳмад дар яке аз ду ривоят қасам ба Паёмбарро ҷоиз doниста ва бинобар ин тавассул ба он ҳазратро, низ ҷоиз донистааст."[1]

Аз ин ахбор ва аз сухани Ибни Таймия ба равшани маълум мешавад, ки салаф ва саҳобаю тобеин ва дигарон ҳама ба ин равиш мубодират доштаанд ва Аҳмад ибни Ҳанбал низ ба Паёмбари гиромии Ислом **«саллаллоҳу алайҳи ва олиҳ»** мутавассил мешуда ва тавассул ба он ҳазратро ҷоиз медониста, ки дар сафаҳоти баъдӣ ба он ишора хоҳем кард. Чунон, ки мулоҳиза мекунед, ин ҳамон тавассуле аст, ки пайравони Ибни Таймия онро ширк мешуморанд ва Ибни Таймия ба он як номи наве гузошта, то аз ин роҳ мардумро бифиребад ва вонамуд кунад, ки ин тавассул ба шахси он ҳазрат нест. Вале пайравонаш бо тамоми вуҷуд кӯшиш мекунанд, ин гуна ахборро такзиб кунанд, чун медонанд, ки ин ҳамон тавассулест, ки ба ширк будани он мӯътақид ҳастанд.

Ва бояд ба ин воқеият хуб таваҷҷӯҳ дошта бошем, ки Ибни Таймия, ки худ гувоҳӣ медиҳад Аҳмад Ибни Ҳанбал ва дигарон аз салаф бо ин равиш ба Паёмбари гиромии Ислом **«саллаллоҳу алайҳи ва олиҳ»** мутавассил мешудаанд, дурӯғ будани тамоми гуфтори худ ва пайравонашро дар мавриди манъи дигарон аз тавассул ва рӯйгардондани саҳоба аз мутавассил шудан ба Паёмбари гиромӣ **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳ** собит мекунад.

Ва ин, ки Ибни Таймия гуфт: Дигарон аз ин гуна тавассул манъ кардаанд, низ аз дурӯғҳои бузурги дигари ӯст. Чунон, ки баъзе аз уламои аҳли суннат, низ гуфтаанд ва мо низ дар ин китоб ба он матлаб ишора хоҳем кард, ки ҷуз инсонҳои мутакаббиру худхоҳ ва ҳавопараст касе аз

---

1-"Маҷмӯъ-ул-фатово"-и Ибни Таймия ҷ.1.саҳ.140. "Ал-Фатовол-кубро" ҷ.1. с.351.

таваccул манъ накардааст ва ӯ ҳатто як нафарро наметавонад пайдо кунад, ки аз таваccул манъ карда бошад. Ва агар ба Абӯҳанифа ишора кунад боз ҳам дурӯғбудани ин суханаш собит хоҳад монд, чун аввалан он чӣ ки Ибни Таймия ва Албонӣ ба Абӯҳанифа нисбат медиҳанд бо эътирофи худи Албонӣ пайравони Абӯҳанифа ин нисбатро тaкзиб кардаанд. Ва ҳам ин, ки Ибни Таймия мегӯяд: Дигарон аз он манъ кардаанд, дурӯғи маҳз хоҳад буд.

Ва ҳамчунин ин суханаш, ки агар мақсад таваccул ба зот бошад дар он низоъ байни ду гурӯҳ аст.

Ин, ки Ибни Таймия дар ин ҷо мусулмононро ба ду гурӯҳ тақсим карда аз найрангу фиреби ӯст. Магар он гурӯҳи дуввум чӣ касоне ҳастанд. Ӯ наметавонад ғайр аз худаш ва Марвону Ҳаҷҷоҷи палид касеро пайдо кунад, ки дар ин маврид ихтилоф ба вуҷуд оварда бошад. Ва инҳо ҳеҷ далеле зикр накардаанд, ки касе бо таваccул ба шахси Расули Худо **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳ** мухолиф бошад. Вале Ибни Таймия ва Албонӣ ин нисбатро ба Абӯҳанифа додаанд дар ҳоле, ки худи Албонӣ баъд аз нисбат доданаш мегӯяд: "Пайравони Абӯҳанифа онро (ба шиддат) рад кардаанд".

Пас бо вуҷуди ин ки дар масъалаи таваccул ваҳҳобиҳо ин ҳама ҷанг ба роҳ андохтаанд, вале натавонистаанд ҳеҷ далеле бар ҳурмат ё ҳатто макрӯҳ будани он нишон диҳанд, ҷуз тамассук ба оёте, ки ҳеҷ робитае бо таваccул надорад ва нисбатҳои дурӯғ дар навишторҳо ба саҳобаву салаф, ки ҳеҷ касе аз онҳо ин гуна таваccул накарда бошанд.

## Иҷмои саҳоба бар ҷоиз будани талаби ёрӣ аз Паёмбар баъд аз ҳаёташон

Дар хабари саҳеҳе чунин омадааст:

**عن مالك الدار وكان خازن عمر على الطعام قال: "أصاب الناس قحط في زمن عمر، فجاء رجل إلى قبر النبي** صلى الله عليه (وآله) وسلم **فقال: يا رسول الله استسق لأمتك**

**فإنهم قد هلكوا، فأتى النبي صلى الله عليه وآله وسلم في المنام فقال: ائت عمر فاقرئه السلام وأخبره انكم مستقيون وقل له: عليك الكيس عليك الكيس، فأتى عمر فأخبره فبكى عمر ثم قال: يا رب لا ألوا إلا ما عجزت عنه.**

«Дар замони Умар қаҳтӣ пеш омад. Марде ба назди қабри Паёмбар **«саллаллоҳу алайҳи ва олиҳ»** омад ва гуфт: "Эй Расули Худо барои умматат талаби борон кун, ки онҳо наздик аст бимиранд. Пас Паёмбар **«саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам»** ба хоби ӯ омаданд ва ба ӯ фармуданд: "Ба назди Умар бирав ва ба ӯ салом расон ва бигӯ, ки шумо сероб мешавед ва ба ӯ бигӯ бар ту бод, ки ҳушёр бошӣ. Ва он мард ба Умар он хабарро расонд ва Умар гиря кард ва сипас гуфт: Эй Парвардигорам, ман кӯтоҳӣ накардам магар дар он чизе, ки аз анҷоми он нотавон шудам.»[1]

Ин ҳадис саҳеҳу собит мебошад, ки дар он таваҷҷӯҳ ва тавассули ошкор ба Паёмбар **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам** баъд аз ҳаёти он ҳазрат шудааст, ки бояд дар бораи ин хабар ба чанд матлаб ишора кунем:

1-Муҳаддисони исломӣ санади ин хабарро саҳеҳ гуфтаанд.

2-Ибни Ҳаҷар мегӯяд: “Шахси тавассулкунанда аз саҳобаи Паёмбар **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам** ба номи Ҳорис будааст.

3-Ин хабар беҳтарин шоҳид бар ботил будани дастовези ваҳҳобиҳо дар ин маврид аст, ки мегӯянд: «Агар тавассул бар мурда ҷоиз буд саҳоба мисли Умар, ба Аббос мутавассил намешуданд, балки ба Паёмбар мутавассил

---

1-"Мусаннаф"-и Ибни Абӯшайба ҷ.6.с.356.р.32002. Таърихи кабири Бухорӣ ҷ.7. с.304.р.1295. "Истиоб"-и Ибни Абдулбар ҷ.1.с.1149. "Фатҳ-ул-борӣ ҷ.2.с.495. "Исоба"-и Ибни Ҳаҷар ҷ.6.с.274.р.8362-8375. "Далоил-ун-нубувва"-и Байҳақӣ ҷ.7.с.47. Таърихи Ибни Асокир ҷ.44.с.345.ҷ.56.с.489. Таърихи Ибни Касир ҷ.7.с.101. "Ҷомеъ-ул-масонид"-и Ибни Касир ҷ.1.с.223. "Шарҳи Сунани Ибни Моҷа"-и Суютӣ ҷ.1.с.99.р.1385. Ибни Касир дар ҳар ду китобаш, Ибни Ҳаҷар ва Суютӣ санади ин ҳадисро саҳеҳ гуфтаанд.

мешуданд. Вале ин хабар ботил будани ин пиндори онҳоро собит мекунад, чун он шахсе, ки бар Паёмбар **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам** мутавассил шуд, ба Умар ибни Хаттоб ин хабар ва достони худро бозгӯ кард ва саҳоба низ аз ин хабар огоҳ шуданд, вале касе мункири он нашуд ва он мардро сарзаниш накард, ки чаро ин корро анҷом додааст!

4-Ва халифа Умар ибни Хаттоб ин хабари аъробиро тасдиқ кард ва бар он амал намуд.

Вале бо вуҷуди ин ки бузургтарин ҳадис ва риҷолшиноси аҳли суннат Ибни Ҳаҷар ва шогирди Ибни Таймия, Ибни Касир санади ин ҳадисро саҳеҳ гуфтаанд ва худи Ибни Таймия, низ онро қабул карда, вале ваҳҳобиҳо мекӯшанд онро заиф муаррифӣ кунанд. Оре, ваҳҳобиҳо ҳар ҷо ҳадис ва хабареро диданд, ки бар хилофи эътиқоди онҳост, онро рад ва тазъифу инкор кардаанд.

Албонӣ дар тавассулаш ба саҳеҳ гуфтани Ибни Касир ва Суютӣ ҳеҷ ишорае накарда аст, чун ба назараш расида, ки дар мавриди саҳеҳ гуфтани Ибни Ҳаҷар найрангеро метавонад ба кор бигирад ва дигаронро бифребад, бинобар ин мегӯяд:

"Баъзеҳо таваҳҳум кардаанд, ки Ибни Ҳаҷар санади ин хабарро саҳеҳ гуфтааст дар ҳоле, ки ин гуна нест ва Ибни Ҳаҷар гуфта, ки санади ин хабар то Абӯсолеҳ саҳеҳ аст на ин ки ҳадиси Молики дорро саҳеҳ гуфта бошад.

Вале шумо худ бубинед, ки Ибни Ҳаҷар чӣ мегӯяд, ин аст сухани Ибни Ҳаҷар:

**"وروى ابن ابي شيبة باسناد صحيح من رواية ابي صالح عن مالك الدار وكان خازن عمر".**

Ибни Абишайба бо санади саҳеҳ аз ривояти Абӯсолеҳ аз Молики дор, ки хазонадори Умар буда, ривоят кардааст.

Ин аст ибората Ибни Ҳаҷар, оре ин бузургворон ҳамаи саъйашон ин аст, ки ҳар хабаре, ки бар ботил будани

ақидаашон далолат мекунад ба гунае онро нодуруст ҷилва диҳанд ва боз муддаӣ ҳастанд, ки пайрави осор ва салаф ҳастанд ва ин низ як навъ фиреби мардуме аст, ки бо онҳо ошноӣ надоранд.

Албонӣ Молики дорро, ки Молик ибни Аёз аст шахси шинохтанашуда ва маҷҳул муаррифӣ карда ва бинобар ин, ин хабарро заиф гуфтааст.

Ӯ дар бораи Молики дор мегӯяд: "Ибни Абӯҳотам дар "Ҷарҳ-ут-таъдил" гуфта, ки Абӯсолеҳ аз ӯ ҳадис ривоят кардааст ва Мунзарӣ ва Ҳайсамӣ гуфтаанд, ки ӯро намешиносем, пас ровӣ аз Молик танҳо ҳамин як нафар аст, баъд мегӯяд: Ибни Ҳаҷар, ки гуфта ин санад то Абӯсолеҳ саҳеҳ аст ва нагуфта, ки аз Молики дор саҳеҳ аст, шояд бо ин суханаш ба шинохтанашуда будани Молик ишора карда бошад.

Албонӣ, ки дар ин ҷо дурӯғи бузург гуфта ва хиёнат кардааст, барои ин ки дигарон роҳаттар бо хондани суханони ӯ дар бораи Молики дор фиреби ӯро бихӯранд, ӯ баъд аз ин суханонаш боз мегӯяд:

"Ин илм (илми ҳадис ва риҷолшиносӣ) дақиқ аст ва онро наметавонад бишносад магар касе, ки дар ин илм тамрин карда бошад."[1]

Пас яъне ӯ дар ин роҳ хеле тамрин карда то тавониста ин гуна мардумфиребиро ёд бигирад ва мардумро дар сиҳҳати ахбори саҳиҳе, ки бо ҳавою ҳаваси ӯ мухолиф аст ба шак биандозад.

Акнун биёед бо ҳам бо дурӯғгӯӣ ва хиёнати ӯ ошно шавем:

Шумо таваҷҷӯҳ дошта бошед, ки Албонӣ ҳатто саъй карда бигӯяд, ки Молики дор аз назари Ибни Ҳаҷар, низ шинохтанашуда ва маҷҳул буда. Ибни Ҳаҷар дар китоби "Исоба" ҷ.6 шарҳи ҳоли рақами 8362 (ё 8375 дар баъзе

1-"Ат-Тавассул анвоуҳу ва аҳкомуҳ"-и Албонӣ саҳ.119-121.

чопҳо), ки ин китобро дар муаррифии саҳоба навишта аст, дар шарҳи ҳоли Молики дор мегӯяд:

"Молик ибни Аёз ходими Умар (халифаи дуввум) буд ӯ ҳамон касе аст, ки ба ӯ Молики дор гуфта мешавад ва ӯ замони Паёмбар **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи**-ро дарк кардааст. Ӯ аз Абӯбакру Умар ва Маоз ва Абӯубайда ҳадис ривоят карда ва аз ӯ Абӯсолеҳ ва ду фарзандаш Авн ва Абдуллоҳ ҳадис ривоят кардаанд. Баъд ҳамин достонро аз Бухорӣ ва Абӯхайсама нақл мекунад... баъд ба ҳадиси дигаре ишора мекунад, ки дар он Абдураҳмон ибни Саид аз Молик он ҳадисро ривоят кардааст, баъд мегӯяд: Ибни Саъд ӯро аз табақаи аввали тобеин ном бурда ва гуфтааст, ки аз Абӯбакру Умар ҳадис ривоят карда ва шахси маъруфе буда аст. Баъд аз Абӯубайда нақл карда, ки Умар ва баъд аз ӯ Усмон ба ӯ масъулият додаанд ва баъд, аз Алӣ ибни Мадинӣ нақл карда, ки ӯ гуфта аст: Молик хазонадори Умар буд.

Ибни Абӯҳотам, низ гуфта, ки ӯ аз Абӯбакру Умар ҳадис ривоят карда ва ғуломи Умар буда.[1] Бухорӣ, низ ҳамин суханро гуфтааст ва баъд ба достони мавриди баҳси мо ишора кардааст.

Ва ҳамчунин дар илми ҳадис маъруф аст, ки ҳар ҷо Ибни Абиҳотам ва Бухорӣ касеро зикр карданду ҷарҳе дар бораи ӯ накарданд ба ин маъно аст, ки он шахс назди онҳо сиқа ва мавриди эътимод будааст.[2]

Ва ҳамчунин Ибни Ҳаббон Моликро дар китоби сиқоташ дохил кардааст[3], ки Ибни Ҳаҷар ва дигарон низ ба он ишора кардаанд. Ибни Асокир низ дар шарҳи ҳоли ӯ чаҳор нафарро ном бурда, ки аз Молик ҳадис ривоят кардаанд ва баъд гуфта, ки Молики дор ҳамроҳи Умар ибни

---

1-"Аҷ-Ҷарҳу ват-таъдил" ҷ.8.с.213.р.944.

2-"Ар-Рафъу ват-такмил"-и Лакнавии ҳанафӣ. "Қавоид фи илмил ҳадис"-и Зафар Аҳмад Таҳонавӣ.

3-"Ас-Сиқот"-и Ибни Ҳаббон ҷ.5.с.384.

Хаттоб ба Шом омад ва дар фатҳи Байтулмуқаддас ҳамроҳи ў ширкат дошт. Баъд Ибни Асокир аз ҳар кадоми ин чаҳор нафар чандин ҳадис аз Молик ривоят карда ва сухани муҳаддисон, монанди Ибни Мадинӣ, Бухорӣ, Ибни Саъд ва дигаронро нақл кардааст, ки ҳама ба шинохташуда будани Молики дор бо ин суханашон, ки ў ғуломи халифаи дуввум будааст, ишора кардаанд.[1]

Пас аз ин суханони муҳаддисон дурўғгўӣ ва хиёнати Албонӣ ба ин хабар, собит мешавад. Ў дар китобаш ба ҳеҷ як аз суханони Ибни Ҳаҷар ва Ибни Асокир ишора накарда аст ва таъкид карда, ки ровӣ аз Молик танҳо як нафар аст дар ҳоле, ки Ибни Ҳаҷар ва Ибни Асокир чаҳор нафарро ном бурдаанд, ки аз ў ҳадис ривоят карда ва ҳамчунин ривоёти онҳоро низ Ибни Асокир нақл кардааст.

Оре, пас ин шахси таҷриба дида ва тамрин карда дар илми ҳадис ва риҷолро, ки ин гуна ба осори исломӣ зиёнат мекунанд бояд хуб шинохт ва аз хиёнатҳои дигар ў низ нисбат ба осори исломӣ огоҳӣ пайдо кард.

**Хуб аст ба муносибат ба ин нукта низ ишора кунем, ки шахсе аз уламои шофеӣ ба номи Ҳасан ибни Алии Саққоф се ҷилд китоб ба номи "Ат-Таноқузот-ул Албонӣ ал-возиҳот" навишта ва ў дар ин се ҷилд хиёнатҳои Албониро нисбати ҳадис ва ровиён, фаровон зикр кардааст. Монанди ин, ки Албонӣ як ровии мавриди эътимодро дар як ҳадисе, ки бо ақидаи ў созгор аст сиқа мегўяд ва ё ҳадисашро саҳеҳ мешуморад ва ҳамон ровиро дар ҳадис ё хабаре, ки бо ақидаи ў мухолиф аст заиф мешуморад, ки мо ба як намуна дар ҳадиси уммулмўъминин Оиша, ки мардумро ба паноҳ бурдан ба қабри Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам суфориш карда буд, ишора кардем,**

1-Таърихи Ибни Асокир ҷ.56.с.489.р.7180.

**ки дар саҳифаҳои оянда хоҳад омад. Пас ҳар ки мехоҳад бо хиёнатҳои ошкори ӯ ошно шавад, метавонад ба ин китоб муроҷиа кунад. Ва ҳам чунин Саққоф китобҳои дигаре низ дар равшан кардани таноқузот ва каҷравиҳои Албонӣ ва ваҳҳобият навишта, ки хеле қобили истифода ҳастанд.**

Албонӣ дар охир боз мегӯяд: Дар ин хабар тавассули ба Паёмбар вуҷуд надорад, балки талаби дуо аз он ҳазрат аст, ки ин масъалаи дигар аст ва касе аз олимони салафи солеҳ талаби дуо аз мурдаро нагуфта (ҷоиз надониста аст).[1]

Ёдовар мешавем, ки ин яке дигар аз дурӯғҳои Албонӣ мебошад, ки дар баҳси талаби борон бо дурӯғ будани он ошно хоҳем шуд.

Ибни Таймия дар бораи ҳамин достони Молики дор мегӯяд:

**"وكذلك أيضا ما يروى أن رجلا جاء إلى قبر النبي** صلى الله عليه (وآله) وسلم **فشكا إليه الجدب عام الرمادة فرآه وهو يأمره أن يأتي عمر فيأمره أن يخرج فيستسقي الناس فإن هذا ليس من هذا الباب ومثل هذا يقع كثيرا لمن هو دون النبي** صلى الله عليه (وآله) وسلم **وأعرف من هذه الوقائع كثيرا".**

"Ва ҳамчунин он чӣ ки ривоят шуда, марде ба назди қабри Паёмбар омад ва ба он ҳазрат аз хушксолӣ шикоят кард, пас он ҳазратро дар хобаш дид дар ҳоле, ки Паёмбар ба ӯ дастур доданд, ки ба назди Умар ибни Хаттоб биравад ва ӯро амр кунад, то барои мардум талаби борон кунад. Пас ба дурустӣ, ки ин масъала аз мавзӯи мо нест ва монанди он ҳатто барои ғайри Паёмбар ҳам зиёд воқеъ мешавад ва ман аз ин гуна воқеаҳо зиёд медонам, ки пеш омадааст."[2]

Сад офарин бар Ибни Таймия чӣ гуна бар дуруғгӯ будани худ гувоҳӣ медиҳад. Дар гузашта дидем, ки фаровон таъкид мекард, ки: Касе аз саҳоба ва салаф бар Паёмбар дар сари қабраш шикоят накарда, вале ин ҷо ба шикояти салаф, ки дар ҳузури саҳоба сурат гирифта, ишора мекунад, вале

---

1-Ат-Тавассул анвоуҳу ва аҳкомуҳу"-и Албонӣ саҳ.134.

2-"Иқтизо-ус-сирот"-и Ибни Таймия ҷ.1.саҳ.373.

мегӯяд: Ин аз мавзӯи баҳси мо хориҷ аст ва гувоҳӣ медиҳад, ки аз ин гуна воқеаҳо фаровон ҳатто ба ғайри Паёмбар низ воқеъ шуда ва ӯ фаровон аз ин гуна воқеаҳоро медонад.

Воқеан агар диққат бикунем мутаваҷҷеҳ мешавем, ки Ибни Таймия ҳуҷҷатро бар пайравонаш тамом карда ва гӯё бо садои расо мегӯяд: Мардум бидонед, ман худамро ба шумо муаррифӣ мекунам, мабодо фардо бигӯед, ки мо фиреби туро хӯрдем, чун ман бо ин гуна суханонам, аз дурӯғгӯ ва пайрави ҳавою ҳавас будани худам ба шумо хабар медиҳам.

Дар воқеъ хеле сахт аст, вақте инсон мебинад ваҳҳобиҳо бо вуҷуди ин ки мебинанд ва комилан огоҳ ҳастанд, ки дар бораи тавассул ва талаби ёрӣ аз Расули Худо **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам** ахбори фаровоне вуҷуд дорад, вале Ибни Таймия як навъ найрангу фиреб ва дурӯғгӯиро дар бораи он ахбор пеш гирифта ва пайравонаш як навъи дигарро. Чӣ қадар Исломи ахбори исломӣ, бозичаи дасти инҳо шудааст. Дар мавриди ҳамин хабар мебинем вақте Ибни Таймия дида аст, ки ин хабар комилан саҳеҳ аст ва саҳоба низ аз он бо хабар шуданд ва онро бо сукуташон ва бо амал ба хабари он шахс таъйид карданд, роҳе барои гурез пайдо накарда, ҷуз ин ки бигӯяд, ин чиз аз мавзӯи баҳси мо хориҷ аст.

Вале пайравонаш монанди Албонӣ чун дар мавзӯи тавассул ва истиғоса бештар аз Ибни Таймия ахбори исломиро ба бозӣ гирифтаанд, ба роҳатӣ ин хабарро, низ тазъиф кардаанд.

Бояд азизони хонанда хуб диққат дошта бошанд ва бидонанд, ки ҳамаи сухани ваҳҳобиҳо дар гирди ин мечархад, ки мегӯянд: Саҳоба ва тобеин ба Расули Худо **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам** баъд аз маргаш мутавассил нашуданд бинобар ин, он машрӯъ нест. Вале ин хабари Молики дор ин сухани онҳоро комилан такзиб мекунад, чун саҳоба дар раъси онҳо халифаи дуввум аз ин амали аъробӣ

хабардор шуданд ва ба дастури Расули Худо **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам** тибқи хабари ӯ амал карданд ва ҳатто ҷаноби халифа гиря кард.

Умар инби Хаттоб ё шахси дигар аз саҳоба нагуфт, ки ин мард афсона мегӯяд ва ё кори зиште анҷом дода ва ё чаро ба Паёмбар, ки мурдааст ва намешунавад ва аз корҳову аҳволи мо огоҳ нест, шикоят кардааст ва... чӣ расад бар ширк будани он. Ва ин худ далели қотеъ ва маҳкамест бар ин ки шикоят бурдан бар Паёмбари гиромӣ **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳ**, баъд аз ҳаёти он ҳазрат дар он замон ва аз назари саҳоба ҳеҷ монее надошта ва ин Марвон ва Ҳаҷҷоҷҳо буданд, ки бо ин гуна корҳо душманӣ мекарданд, чун дар дил бо худи Расули Худо **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳ** душманӣ доштанд бинобар ин, Ибни Таймия ва пайравонаш низ дар ин мавзӯъ пайравӣ аз Марвон ва Ҳаҷҷоҷро пеш гирифтаанд.

### Уқба ибни Омир ва талаби ёрӣ аз Паёмбар

Нававӣ дар “Таҳзиб-ул-асмо” шарҳи ҳоли Уқба ибни Омир мегӯяд:

**"شهد فتوح الشام، وكان البريد إلى عمر بن الخطاب بفتح دمشق، ووصل إلى المدينة في سبعة أيام، ورجع منها إلى الشام في يومين ونصف، بدعائه عند قبر النبي** صلى الله عليه (وآله) وسلم **وتشفعه به في تقريب طريقه".**

"Дар фатҳои Шом ҳузур дошт ва нома расон ва пайғом овари Умар ибни Хаттоб дар фатҳи Дамишқ буд ва роҳи Дамишқ то ба Мадинаро дар ҳафт рӯз тай мекард ва дар баргашташ ба тарафи Шом ба қабри Паёмбар **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳ** мутавассил шуд, ки ин роҳро бар ӯ осон бикунад ва ин бор ин роҳи ҳафт рӯзаро ба хотири дуояш назди қабри Расули Худо **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳ** ва талаби шафоаташ аз он ҳазрат барои наздик шудани роҳаш, дар дувуним рӯз паймуд".1

---

1-"Таҳзиб-ул-асмо вал-луғот"-и Нававӣ ҷ.1.саҳ.336.р.414. "Субулул-ҳудои вар-рашод фи сирати хайрил ибод" ҷ.12.саҳ.407-408.

Уқба аз саҳобаи Паёмбар **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳ** мебошад.

**Паноҳ бурдани Абӯайюби Ансорӣ ба қабри Паёмбар**

Дар хабари саҳеҳи дигар чунин ворид шудааст, ки:

**"عن داود بن أبي صالح قال: أقبل مروان يوما فوجد رجلا واضعا وجهه على القبر فقال: أتدري ما تصنع؟ فأقبل عليه فإذا هو أبوأيوب فقال: نعم جئت رسول الله** صلى الله عليه (وآله) **وسلم ولم آت الحجر، سمعت رسول الله** صلى الله عليه وسلم **يقول: لا تبكوا على الدين إذا وليه أهله، ولكن أبكوا عليه إذا وليه غير أهله".**

«Рӯзе Марвон вориди масҷид шуд ва дид, ки марде сурати худро ба қабри Паёмбар **«саллаллоҳу алайҳи ва олиҳ»** ниҳодааст. Марвон гардани ӯро гирифт ва гуфт: "Оё медонӣ, ки чӣ кор мекунӣ? Ӯ сар бардошт ва маълум шуд, ки Абӯайюби Ансорӣ аст. Абӯайюб гуфт: Оре, ман назди Паёмбар **«саллаллоҳу алайҳи ва олиҳ»** омадам на ба назди санг, шунидам аз Паёмбар **«саллаллоҳу алайҳи ва олиҳ»**, ки мефармуданд: "Гиря накунед барои дин замоне, ки аҳлаш раҳбарии онро бар ӯҳда дошта бошад, вале гиря кунед ба ғурбати дин он замоне, ки ғайри аҳлаш раҳбарии онро ба даст гирифта бошад".1

Шумо мулоҳиза мекунед, ки муҳаддисон чун аз таассуб ва ҳавою ҳавас пайравӣ накарда ва бо дар назар гирифтани қонуни илми ҳадис назар додаанд, санади ин ҳадисро саҳеҳ гуфтаанд, вале Албонӣ ба хотири ин ки ин хабар бо ақидаву ҳавою ҳавасаш носозгор аст, кӯшиш карда то онро тазъиф ва беэътибор кунад.

Бояд ба ин нукта низ таваҷҷӯҳ шавад, ки ин ҳадис дорои ду санад аст ва бинобар ин муҳаддисон бо мулоҳизаи ин ду санад сиҳҳати ин ҳадисро имзо кардаанд, вале Албонӣ ё ба

1-"Муснад"-и Аҳмад ҷ.5.с.422.р.23633. "Мӯъҷам-ул-кабир" ҷ.4.с.158.р.3999. "Мӯъҷам-ул-авсат"-и Табаронӣ ҷ.1.с.94.р.284.ҷ.9.с.144.р.9366 "Мустадрак"-и Ҳоким ҷ.4.с.560.р.8571. "Маҷмаъ-уз-завоид" ҷ.4.с.2.ҷ.5.с.245 бо ду санад. Ҳоким, Заҳабӣ ва Ҳайсамӣ санади ин ҳадисро саҳеҳ гуфтаанд.

санади дуввуми ин ҳадис дастрасӣ надошта ва ё таассубаш нагузошта, ки онро низ дар назар бигирад ва баъд ҳукм бикунад. Ва мо аз Худованди Мутаол мехоҳем, ки ба онҳо фаҳму ақидаи саҳеҳ каромат фармояд.

Чунон, ки мулоҳиза мекунед, дар ин ҳадис саҳобаи ҷалилулқадр Абӯайюби Ансорӣ ба қабри Расули Худо «саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам» паноҳ оварда ва сурат ба қабри он ҳазрат гузошта, ки худи ин амал аз назари ваҳҳобиҳо як навъ ширк мебошад.

Чунон, ки зоирони хонаи Худо бо ин воқеият ошно ҳастанд, имрӯз ваҳҳобиҳо бо зуру таҳдид зоирони ҳарами мутаҳҳари Паёмбари гиромӣ «саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам»-ро намегузоранд, ки ҳатто ба қабри он ҳазрат наздик шаванд ва даст ба девори он бигзоранд, чун ин корро ширк мешуморанд. Вале таърихи саҳеҳ гувоҳи медиҳад, ки асҳоби бузурги Паёмбари гиромӣ «саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам» ба ин гуна амал мубодират меварзидаанд, ки амали Абӯайюби Ансорӣ беҳтарин шоҳид бар ин гуфтор аст.

Ва ҳамчунин Абӯайюби Ансорӣ мегӯяд: “Ман ба назди Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам омадам, на ба назди санг. Ва ин беҳтарин далел бар ин аст, ки онҳо мӯътақид буданд, ки Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам онҳоро мебинанд ва аз рафту омади онҳо огоҳ ҳастанд вагарна ин сухани ӯ маъно нахоҳад дошт.

Нуктаи муҳимми дигар ин аст, ки аз ин ҳадис истифода мешавад, ки решаи ин суннати шум ва шайтониро Бани Умайя аз ҳамон авоили Ислом коштаанд. Ва ин нишонаи он аст, ки инсонҳои мутакаббир ва худхоҳ наметавонанд бубинанд, ки соҳати муқаддаси Расули гиромии Ислом «саллаллоҳу алайҳи ва олиҳ» баъд аз ҳаёти худ низ гиромӣ дошта мешавад ва пайравони он ҳазрат ғофил аз он ҳазрат ва лутфу иноёташон нестанд. Ва ин бахш аз таърих, решаи боздорӣ аз тавассул ва табаррук ба қабри Паёмбар «саллаллоҳу

**алайҳи ва олиҳ»**-ро ба даст медиҳад ва мерасонад, ки саҳобаи гиромии Паёмбар ҳамеша ба қабри шарифи он ҳазрат табаррук меҷустанд, ин Марвон ибни Ҳакамҳо ва Ҳаҷҷоҷҳо буданд, ки ононро аз ин амал боз медоштанд. Шумо диққат бикунед, ки чаро Марвон ва Ҳаҷҷоҷҳо, ки на дини солим доштанд ва на илму маърифат, аз таваҷҷӯҳ ба Паёмбар нороҳат мешаванд. Оё аз рӯи дилсӯзӣ ба уммати исломӣ ё аз рӯи такаббуру худхоҳӣ ва ба ҷиҳати кинаву душманӣ бо Расули гиромии Ислом **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳ**?

Ва бар фарзе, ки мо бо ваҳҳобиҳо ҳамоҳанг бишавем ва бигӯем, ки санади ин ҳадис заиф аст, вале оё Аҳмад ибни Ҳанбал, ки ваҳҳобиҳо муддаии пайравӣ аз мазҳаби ӯ ҳастанд, ба ширк будани ин амал пай набурд, ки онро дар китобаш, ки ба ақидаи ӯ ҳамаи ахбори саҳеҳро дар он китоб ворид кардааст, нақл кунад ва ҳеҷ сухане дар бораи он нагӯяд. Ва оё Ислом бар мусулмонон ин иҷозаро додааст, ки аз шахсе, ки ширку тавҳидро натавониста аз ҳам ҷудо кунад ва бишносад, тақлид кунанд. Ваќеан оё ваҳҳобиҳо бо ин амал ва ақидаи худ ҳамаи он саҳоба ва салаферо, ки худро пайрави роҳи онҳо мешуморанд, дашном намедиҳанд ва онҳоро гумроҳ муаррифӣ намекунанд?! Пас чӣ гуна вақте онҳо гумроҳ ва мушрик ҳастанд шумо худро пайрави онҳо меномед?

Ва бояд хонандаи азиз диққат дошта бошад, ки тамоми ин ахбор ва аҳодисе, ки ваҳҳобиҳо онро бар хилофи ақидаи худ мебинанд ва ба тазъифу такзиби он мебароянд ин матлаберо, ки дар боло ба он ишора кардем ҳам шомил мешавад. Бар фарзе, ки тамоми ин аҳодис ва ахбор дурӯғ ва сохтагӣ бошад, вале вақте он ахбор лозимааш даъвати ба сӯи ширк аст, пас чӣ гуна ин саҳоба ва салаф ва уламо онро ба унвони як хабари матлуби исломӣ, ба якдигар нақлу бозгӯ карданд ва дар китобҳояшон ворид карданд, беин, ки ишора ба ширк ё бад будани он бикунанд. Шумо ба ин

ҳақиқат чӣ метавонед бигӯед? Ин саҳобаву тобеин ва салаф чӣ гуна посдори дин буданд, ки ба ақидаи шумо натавонистанд тавҳидро, ки аслу пояи асосии дин аст, бишносанд ва натавонистанд тавҳидро аз ширк фарқ бигзоранд?

**قال ابن السمعاني في الذيل: أنا أبو بكر هبة الله بن الفرج أنا أبو القاسم يوسف بن محمد بن يوسف الخطيب، أنا أبو القاسم عبد الرحمن بن عمرو بن تميم المؤدب، ثنا علي بن ابراهيم بن علان، أنا علي بن محمد بن علي، ثنا احمد بن الهيثم الطائى، حدثنا أبي عن أبيه عن سلمة ابن كهيل عن أبي صادق عن علي بن أبي طالب عليه السلام قال: قدم علينا أعرابي بعد ما دفنا رسول الله** صلى الله عليه وآله **بثلاثة أيام فرمى بنفسه على قبر النبي** صلى الله عليه وآله وسلم **وحثا من ترابه على رأسه وقال: يا رسول الله قلت فسمعنا قولك، ووعيت عن الله سبحانه فوعينا عنك، وكان فيما أنزل عليك: ولو أنهم إذ ظلموا أنفسهم جاؤك واستغفروا الله واستغفر لهم الرسول لوجدوا الله تواب الرحيما. وقد ظلمت وجئتك تستغفر لي. فنودي من القبر: قد غفر لك.**

«Амиралмӯъминин **алайҳис-салом** мефармоянд: Баъд аз се рӯзи дафни Паёмбар **«саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам»** аъробие бар мо ворид шуд ва худро ба рӯи қабри он ҳазрат партофт ва хоки қабри он ҳазратро бар сараш рехту гуфт: Эй Расули Худо, ту ба мо гуфтӣ ва мо ба сухани ту гӯш додем, ту аз тарафи Худованд (илму ҳикмат)-ро аз бар кардӣ ва мо аз ту. Дар байни оёте, ки ба ту нозил шуд, ин оят буд: "**Ва агар ин мардум, вақте ки ба худ зулм мекунанд ба назди ту меомаданд, ва аз Худо талаби омурзиш мекарданд ва Паёмбар ҳам барои онҳо талаби омурзиш мекард, Худоро тавбапазир ва меҳрубон меёфтанд**" ба дурустӣ, ки ман бар худам зулм кардам ва ба маҳзари ту омадам, то барои ман талаби бахшиш кунӣ. Сипас аз қабр нидо омад, ки ба дурустӣ, ки бахшида шудӣ". 1

---

1-"Тафсири Саълабӣ. Тафсири Қуртубӣ ҷ.5.с.265. Канз-ул-уммол ҷ.2.с.386.р.4322. ҷ.4.с.259.р.10422. «Мисбоҳ-уз-зулом»-и Абӯабдуллоҳи Моликӣ. Равзул-фоиқ

Аввалан дар гузашта дар баҳси аз ин оят зикр кардем, ки Саълабӣ ин достонро дар зери ояти 64-и сураи Нисо аз Имоми Содиқ ва он ҳазрат аз Имом Алӣ **алайҳимо салом** нақл кардаанд.

Ва ҳам чунин ин хабарро ду нафар аз Имом Алӣ алайҳис-салом ривоят кардаанд, Имом Содиқ алайҳис-салом ва Абӯсодиқ, ки ӯ Муслим ибни Назир ё Ибни Язид мебошад ва шарҳи ҳолаш дар “Таҳзиб-ут-таҳзиб”-и Ибни Ҳаҷар ҷ.10.с.126.р.258 омадааст.

Дар санади ин хабар хеле аз уламо ва бузургони аҳли суннат ҳастанд, ки бо сукут ин хабарро нақл кардаанд:

1-**Самаонӣ**: Заҳабӣ дар бораи ӯ мегӯяд: "Шайх, имом, аллома, муфтӣ, фахри дин... шахси бузург ва комил буд, ӯ мутаваффои 562-и ҳиҷрӣ мебошад".[1]

2-**Ҳибатуллоҳ ибни Фараҷ**: Шайхи солеҳ, муснади Ҳамадон, Самаонӣ ва Ибни Ало, низ ӯро хеле сутудаанд.[2]

3-**Юсуф ибни Муҳаммад**: "Имом, муҳаддиси ягона. Ӯ соҳиби каромот буд ва мутаваффои соли 468 мебошад.".[3]

## Уммулмӯъминин Оиша мардумро ба паноҳ бурдан ба қабри Паёмбар даъват мекунад

**عن أوس بن عبد الله قال: "قحط أهل المدينة قحطا شديدا فشكوا إلى عائشة فقالت: انظروا إلى قبر النبي** صلى الله عليه (وآله وسلم **فاجعلوا منه كوا إلى السماء حتى لا يكون بينه وبين السماء سقف قال: ففعلوا، فمطرنا مطرا حتى نبت العشب وسمنت الإبل حتى تفتقت من الشحم فسمي عام الفتق".**

«Қаҳтӣ ва хушксолии шадиде мардуми Мадинаро фаро гирифт ва мардум ба Оиша шикоят карданд. Оиша ба онҳо гуфт:

---

ҷ.2.с.137. «Вафо-ул-вафо»-и Самҳудӣ ҷ.2.с.412. «Сулҳ-ул-ихвон»-и Довуди Холидӣ с.540. «Машориқ-ул-анвор»-и Ҳамзовии моликӣ с.57.

1-"Сияру аълом-ун-нубало"-и Заҳабӣ ҷ.22.саҳ.107.р.77.

2-“Сияру аълом-ун-нубало"-и Заҳабӣ ҷ.20.саҳ.163.р.99.

3-“Сияру аълом-ун-нубало"-и Заҳабӣ ҷ.18.саҳ.349.р.167.

Нигоҳ кунед ба қабри Паёмбар ва равзанае аз қабри он ҳазрат ба сӯи осмон қарор диҳед то ин ки байни қабр ва осмон ҳеҷ монеъ набошад, пас мардум ин корро карданд ва он қадар ба мо борон борид, ки алафҳо рӯиданд ва шутурон фарбеҳ шуданд...".1

Чунон, ки мулоҳиза мекунед Уммулмӯъминин Оиша ба мардум дастур медиҳад, ки барои наҷот аз ин бало ба қабри Паёмбар **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам** паноҳ бубаранд. Ин ҳадис низ ба равшанӣ ба ин матлаб шаҳодат медиҳад, ки саҳобаи Паёмбар **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам,** тавассул ба он ҳазратро ҷоиз ва амри матлубе медонистаанд аз ин ҷиҳат аст, ки ваҳҳобиҳо мекӯшанд ин ҳадисро низ заиф муаррифӣ кунанд.

Бояд таваҷҷӯҳ дошта бошем, ки Албонӣ Амр ибни Моликро, ки дар санади ин ҳадис аст барои беэътибор кардани ин ҳадис заиф донистааст дар ҳоле, ки дар китоби "Силсила аҳодиси саҳеҳа”-и худ ҷ.5.с.608 ӯро сиқа ва мавриди эътимод муаррифӣ кардааст. Бубинед, таассуб ва пайравӣ аз ҳавою ҳавас инсонро чӣ гуна ба боди бозӣ мегирад, то ин гуна бо амонатҳои Ислом бозӣ ва хиёнат кунад, ки ба Ислом аз ин гуна хиёнатҳо хеле зиёд раво дида шудааст. Мо ғуфрони илоҳиро барои инҳо хосторем ва фақат ба хотири ин ки мардум бо воқеиятҳо ошно шаванд, аз ин навъ намунаҳоро зикр мекунем.

Бояд гуфт, ки Заҳабӣ дар “Мизон-ул-эътидол” ҷ.5.с.342. р.6442, Амр ибни Моликро сиқа ва аз тобеин шумурдааст, ки метавонед ба ин китоб низ муроҷиа кунед.

Ва ишколи дигаре, ки Албонӣ ба ин ҳадис мекунад ин аст, ки мегӯяд:

“Ин сухани Оиша аст, на ин ки баргирифта аз сухани Паёмбар бошад. Агар саҳеҳам бошад ҳуҷҷат нест, чун эҳтимол дорад назари иҷтиҳодии Оиша бошад, аз он

---

1-"Сунан"-и Доримӣ ҷ.1.с.65.р.92. «Ғарибул-ҳадис»-и Иброҳим ибни Исҳоқи Ҳарабӣ ҷ.3.с.946. “Ал-Вафо биаҳволил-мустафо»-и Ибни Ҷавзӣ с.817.р.1534, санади ин ҳадис саҳеҳ аст.

назароте, ки гоҳе дар он хато мекунад ва гоҳе савоб ва мо мулзам ба амал кардан ба иҷтиҳоду назари онҳо нестем.”[1]

Оре, хеле сухани ҷолибест, ки Албонӣ ба забон ҷорӣ мекунад ва дар гузашта бо ду сухани мутаноқизи Ибни Таймия дар бораи сабоҳа ва баъд муттаҳам карданаш Усмон ибни Ҳунайф ро ошно шудем. Бояд диққат дошта бошем, ки танҳо чизе, ки ваҳҳобиҳо барои ҷоиз набудани тавассул ба мурда рӯи он хеле такя дорандва ба он чанг задаанд, ин аст, ки Умар ибни Хаттоб ба Аббос мутавассил шуд на бар Паёмбар **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам** ва ҳамчунин мегӯянд саҳоба ин корро накарданд. Пас ҳар ҷо амал саҳона бар фоидаи онҳо буд ҳуҷҷат аст ва ҳар ҷо ки бар хилофи назарашон буд иҷтиҳод ва лазари хатои саҳоба аст. Аммо ин ки мегӯянд саҳоба онро накардаанд, аввал ин ки фаровон анҷом доданд чунон, ки бо ахборашон оншо шудем ва дар идома низ хоҳем дид ва бар фарзи ин ки анҷом надода бошанд бояд диққат дошта бошем, ки ин аз бадеҳиёт аст, ки тарки як амал нишонаи ҷоиз набудани он нест ва инро ҳама қабул доранд. Ва ҳамчунин ин сухани онҳоро ин гуна аҳодис ва ахбор дурӯғ буданашро собит мекунад.

Ва ҳамчунин мебинед, ки чӣ гуна ин амали Оишаро аз иҷтиҳоди хатои ӯ медонад. Шумо хуб таваҷҷӯҳ дошта бошед, ки агар ин иҷтиҳод бо ҳавою ҳаваси Албонӣ ва ваҳҳобиҳо созгор мебуд, беҳтарин далели шаръии онҳо ҳисоб мешуд. Ва акнун, ки ин иҷтиҳод бо ҳавою ҳаваси онҳо носозгор аст, исмаш мешавад иҷтиҳоди хатои шахсӣ.

## Расули Худо ва даъвати Билол барои зиёрат

**"إنّ بلالاً رأى في منامه النبي** «صلى الله عليه وآله وسلم» **وهو يقول له: ما هذه الجفوة يا بلال، أما آن لك أن تزورني يا بلال؟ فانتبه حزيناً، وجلاً خائفاً، فركب راحلته وقصد**

---

1-«Ат-Тавассул анвоуҳу ва аҳкомуҳ»-и Албонӣ с.141.

**المدينة فأتى قبر النبي** صلى الله عليه (وآله) وسلم **فجعل يبكي عنده ويمرغ وجهه عليه، وأقبل الحسن والحسين** (عليهما السلام) **فجعل يضمّهما ويقبلهما فقالا له يا بلال: نشتهي نسمع أذانك الذي كنت تؤَذن به لرسول اللّه** (صلى الله عليه وآله وسلم)، **في السحر ففعل، فعلا سطح المسجد، فوقف موقفه الذي كان يقف فيه، فلمّا أن قال: «اللّه اكبر-اللّه اكبر» ارتجَّت المدينة، فلما أن قال: «أشهد أن لا إله إلاّاللّه» ازدادت رجّتها، فلما أن قال: «أشهد أنّ محمّداً رسول اللّه» خرجت العواتق من خدورهن فقالوا: أبعث رسول اللّه** صلى الله عليه (وآله) وسلم**؟! فما رُئي يوم أكثر باكياً ولا باكية بعد رسول اللّه من ذلك اليوم".**

«Билоли муаззин, Расули Худо **«саллаллоҳу алайҳи ва олиҳ»**-ро дар хобаш дид. Паёмбар **«саллаллоҳу алайҳи ва олиҳ»** ба ӯ фармуданд: Ин чӣ ҷафоест, ки мекунӣ! Оё вақти он нашуда, ки маро зиёрат бикунӣ эй Билол? Билол бо ғаму тарс аз хоб баланд шуд. Пас бар маркабаш савор шуду роҳи Мадинаро пеш гирифт ва ба назди қабри Паёмбар **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳ** омаду шурӯъ кард дар назди қабри он ҳазрат ба гиря кардан дар ҳоле, ки сару сурати худро ба қабри он ҳазрат мемолид. Дар ҳамон ҳол Имом Ҳасану Имом Ҳусайн **алайҳимо салом** омаданд. Билол онҳоро ба оғушаш гирифту шурӯъ кард ба бӯсидани онҳо. Онҳо гуфтанд: Эй Билол! Диламон мехоҳад он азонеро, ки барои Расули Худо **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳ** саҳарҳо мегуфтӣ, бишнавем. Билол низ хоҳиши онҳоро қабул кард ва ба пушти бом рафту ба ҳамон ҷое, ки меистод мутавaққиф шуд ва гуфт: Аллоҳу Акбар, Аллоҳу Акбар сару садо Мадинаро фаро гирифт. Вақте гуфт: Ашҳаду ан ло илоҳа иллаллоҳ сару садо бештар шуд. Вақте гуфт: Ашҳаду анна Муҳаммадан Расулуллоҳ, **«саллаллоҳу алайҳи ва олиҳ»** занҳои озод шуда аз махфигоҳи худ берун омаданд ва мардум мегуфтанд, ки оё Расули Худо мабъус шудааст? Баъд аз Паёмбар **«саллаллоҳу алайҳи ва олиҳ»** ҳеҷ рӯзе мисли он рӯз дида нашуда буд, ки онқадар зану мард

гиряву нола карда бошанд”.[1]

Бояд таваҷҷӯҳ дошта бошем, ки ваҳҳобиҳои бузургвор чунон, ки ишора шуд, имрӯз даст гузорӣ ба қабри Паёмбари гиромӣ **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳ** ва молидани сару сурат ба онро низ навъе ширк медонанд. Ва мо дар ҳеҷ як аз китобҳои Ибни Таймия ва китоби тавассули Албонӣ надидем, ки онҳо нисбат ба ин хабар ва амали Билол чизе гуфта бошанд ва ё ба он ишорае карда бошанд. Дар ҳоле, ки шиору далелашон ин аст, ки саҳоба ин корро накардаанд.

Аз ин гуна хабарҳо истифода мешавад, ки табаррук ва тавассул ба он ҳазрат як амри оддие буда, вале ваҳҳобиҳо бо раҳбарии Ибни Таймия, ки дар таърих даҳҳо сухани хилофи мусалламоти Исломро ба забон ҷорӣ карда ва мусалламоти фаровони Исломро инкор кардааст, бо ин гуна амалҳо низ мухолифат кардаанд. Бинобар, ин мебинем ҳеҷ далеле, ки қобили аҳамият бошад бар ин гуфторашон надоранд. Ба оёте истидлол мекунанд, ки дар ҳақиқат ин истидлолашон ҳеҷ фарқе бо истилоли хавориҷ дар такфири мусулмонон надорад, ки ба онҳо низ ишора хоҳем кард.

## Тавассули Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва олиҳ ба паёмбарон

**عن أنس بن مالك قال" :لما ماتت فاطمة بنت أسد أم علي بن أبي طالب دخل عليها رسول الله** صلى الله عليه) وآله (وسلم **فجلس عند رأسها فقال :رحمك الله يا أمي كنت أمي بعد أمي، تجوعين وتشبعيني وتعرين وتكسيني وتمنعين نفسك طيبا وتطعميني، تريدين بذلك وجه الله والدار الآخرة ثم أمر أن تغسل ثلاثا، فلما بلغ الماء الذي فيه الكافور سكبه رسول** صلى الله عليه) وآله (وسلم **بيده، ثم خلع رسول الله** صلى الله عليه) وآله (وسلم **قميصه فألبسها إياه وكفنها ببرد**

---

1-“Усд-ул-ғоба”-и Ибни Асир ҷ.1.с.208. Таърихи Ибни Асокир ҷ.7.с.137. “Сияру аълом-ун-нубало”-и Заҳабӣ ҷ.1.с.358. “Шифо-ус-сиқом”-и Субкӣ с.39. “Вафо-ул-вафо”-и Самҳудӣ ҷ.2. с.408 ва 443. Субулул-ҳудои вар-рашод ҷ.12.с.359. «Найл-ул-автор”-и Шавконӣ ҷ.5.с.180. Субкӣ, Самҳудӣ ва Солеҳи Шомӣ ҳар ду санади ин ҳадисро хеле хуб гуфтаанд.

**فوقه، ثم دعا رسول الله** صلى الله عليه) وآله (وسلم **أسامة بن زيد وأبا أيوب الأنصاري وعمر بن الخطاب وغلاما أسود يحفرون، فحفروا قبرها، فلما بلغوا اللحد حفره رسول الله** صلى الله عليه )وآله (وسلم **بيده وأخرج ترابه بيده، فلما فرغ دخل رسول الله** صلى الله عليه) وآله (وسلم **فاضطجع فيه ثم قال :الله الذي يحي ويميت وهو حي لا يموت اغفر لأمي فاطمة بنت أسد ولقنها حجتها، ووسع عليها مدخلها بحق نبيك والأنبياء الذين من قبلي فإنك أرحم الراحمين، وكبر عليها أربعا وأدخلوها اللحد هو والعباس وأبو بكر."**

Анас мегўяд: "Замоне, ки Фотима бинти Асад модари Имом Алӣ ибни Абўтолиб аз дунё рафт Расули Худо **“саллаллоҳу алайҳи ва олиҳ»** ба ў дохил шуд ва дар наздикии сари ў нишасту фармуд: "Худо туро раҳмат кунад эй модар ту модари ман буди баъд аз модарам. Худ гурусна мемондӣ вале маро сер мекардӣ ва худ ҷома бар тан надоштӣ дар ҳоле, ки маро мепўшондӣ ва нафси худро аз чизҳои хуб манъ мекардӣ ва маро таъом медодӣ ва ин амалро фақат барои ризояти Худованд ва ободии хонаи охиратат анҷом медодӣ. Сипас дастур доданд, ки се мартаба ғусл бидиҳанд, пас вақте, ки ба обе, ки дар он кофур аст расид онро Паёмбар **«саллаллоҳу алайҳи ва олиҳ»** бо дастони муборaки худ рехтанд, сипас пироҳани худро кашида ба ў пўшонданд ва бо бурд аз болои пироҳан кафан карданд, сипас аз Усома, Абўаюб, Умар ва ду писари Асвад хостанд то барои ў гўр бикананд, онҳо қабри ўро канданд ва вақте ба лаҳад расиданд Паёмбар **«саллаллоҳу алайҳи ва олиҳ»** худ он ҷоро бо дасташ канд ва хокашро низ худ берун рехт, пас вақте, ки қабр омода шуд он ҳазрат ба дохили он рафтанд ва хобиданд сипас фармуданд: "Худост, ки зинда мекунад ва мемиронад ва ў зинда ҳасту намемирад (Худоё) модарам Фотима духтари Асадро бубахш ва ҳуҷҷаташро бар ў талқин кун ва қабрашро барояш васеъ бикун ба ҳаққи паёмбарат ва паёмбароне, ки қабл аз ў буданд ва ту меҳрубонтарини меҳрубонон ҳастӣ, сипас барои ў намоз хонданд ва чаҳор такбир гуфтанд ва ўро ба қабраш худи он

ҳазрат ва Аббос ва Абӯбакр дохил карданд.” 1
Саййид Аҳмад Зайнӣ Деҳлон мегӯяд: Ибни Абишайба аз Ҷобир ин ҳадисро нақл карда ва низ Ибни Абдулбар аз Ибни Аббос ва Абӯнаим аз Анас нақл кардаанд ва ҳамаи ин матолибро Суютӣ дар "Ҷомеъ-ул-кабир”-аш овардааст. 2

**عن أبي سعيد الخدري قال" :قال رسول الله صلى الله عليه وآله وسلم من خرج من بيته إلى الصلاة فقال :اللهم إني أسألك بحق السائلين عليك، وأسألك بحق ممشاي هذا فإني لم أخرج أشرا ولا بطرا ولا رياء ولا سمعة وخرجت اتقاء سخطك وابتغاء مرضاتك، فأسألك أن تعيذني من النار وأن تغفر لي ذنوبي، إنه لا يغفر الذنوب إلا أنت أقبل الله عليه بوجهه واستغفر له سبعون ألف ملك حتى يخلو من صلاته."**

Паёмбар **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳ** фармуданд: "Ҳар, ки аз хонааш барои намоз хориҷ шавад ва бигӯяд: "Худоё ман аз ту мехоҳам ба ҳаққи суол кунандагони аз ту ва ба ҳаққи маҳаллу ҷои қадамҳое, ки ба сӯи ту бар медорам. Ман аз рӯи нофармонӣ ва барои хуш гузаронӣ ва ё риё ва сумъа аз хона берун наомадаам, ман барои парҳез аз хашми ту ва ба даст овардани ризоятат берун омадаам. Аз ту мехоҳам, ки маро аз оташ боз дорӣ ва гуноҳонамро бубахшӣ, ба дурустӣ, ки гуноҳонро ғайр аз ту касе намебахшад. Худованд дуояшро қабул мекунад ва ҳафтод ҳазор фаришта барояш талаби бахшиш мекунанд, то ин ки аз намоз фориғ шавад".3

Абдуллоҳ ибни Муҳаммади шофеӣ баъд аз нақли ин

---

1-"Мӯъҷам-ул-кабир" ҷ.24.с.351.р.871. "Мӯъҷам-ул-авсат"-и Табаронӣ ҷ.1.с.68. р.189. "Ҳилят-ул-авлиё"-и Абӯнаим ҷ.3.с.121. "Маҷмаъ-уз-завоид"-и Ҳайсамӣ ҷ.9. с.257. Санади ин ҳадис саҳеҳ аст.

2 -“Дурар-ус-сунния фи рад алал-ваҳҳобия”-и Деҳлон с.8.

3-"Мусаннаф"-и Ибни Абӯшайба ҷ.6.с.25.р.29202. "Муснад"-и Аҳмад ҷ.3.с.21. р.11172. "Сунан"-и Ибни Моҷа ҷ.1.с.252.р.778. "Муснад"-и Ибни Ҷаъд ҷ.1.с.299. р.2031. "Ат-Тавҳид» Ибни Хузайма с.17-18. "Китоб-уд-дуо»-и Табаронӣ с.149. «Ал-Муғнӣ»-и Ибни Қудома ҷ.1.с.271. "Даавот-ул-кабир"-и Байҳақӣ с.47. "Ат-Тарғиб ват-тарҳиб"-и Мунзарӣ ҷ.1.с.135.ҷ.2.с.305. "Тахриҷи аҳодис-ул-эҳё"-и Ироқӣ ҷ.1.с.191. "Натоиҷ-ул-афкор"-и Ибни Ҳаҷар ҷ.1.с.272. «Ионатут-толибин»-и Димётӣ ҷ.2.с.355. Ибни Ҳаҷар, Димётӣ, Мунзарӣ ва Ироқӣ санади ин ҳадисро хуб гуфтаанд.

ҳадис ва ишора ба хуб донистани ҳофизон монанди Ибни Ҳаҷар ва дигарон санади ин ҳадисро, мегӯяд:
Баъд аз хуб донистани ин ҳофизон ба заиф муаррифӣ кардани Албонӣ ҳеҷ таваҷҷӯҳе намешавад, чун ки Албонӣ дорои шароити ҳифз нест, балки дурии ӯ аз дараҷаи ҳифз ба монанди дурии осмону замин аст. Гоҳе ҳам худаш дар баъзе аз навиштораш ба ин ки ба дараҷаи ҳифз нарасидааст, эътироф кардааст...” 1

Ибни Таймия, низ ин ҳадисро дар китоби "Зиёратул қубур" ҷ.1.с.38 ва Иқтизо-ус-сирот ҷ.1.с.408 нақл кардааст.

Баъд аз мутолиаи ин ҳадис ва аҳодиси дигар сазовор аст суханони Ибни Таймияро дубора бихонем ва бубинем, ки ин ахбор чӣ гуна ӯро такзиб мекунанд.

Зарандӣ аз Имом Содиқ аз падаронаш аз Расули Худо **саллаллоҳу алайҳим аҷмаин** ривоят мекунад, ки Паёмбар фармуданд:

**" اذا هالك امر فقل اللهم صلي على محمد وآل محمد اللهم إني اسألك بحق محمد وآل محمد أن تكفني شر ما اخاف وأحذر فانك تكفي ذلك الأمر."**

"Ҳар гоҳ кор бароят сахт шуд бигӯ: Худоё дуруд бифрист бар Муҳаммаду оли Муҳаммад Худоё ба дурустӣ, ки ба ҳаққи Муҳаммаду оли Муҳаммад аз ту мехоҳам, ки маро аз шарри он чизе, ки аз он метарсам ва ҳазар мекунам кифоят кунӣ, пас ба дурустӣ, ки ту аз он амр кифоят хоҳӣ шуд." 2
Байҳақӣ дар ҳаққи Муҳаммад ибни Исмоил мегӯяд: "Ин кор бо инояти сарвару мавлоям падари аллома иззати Ислом Муҳаммад ибни Исмоил анҷом гирифт, Худованд ба ҳаққи Муҳаммаду оли Муҳаммад ӯро ҳифз ва ҳимоят кунад ва ба хайри дунёву охират бирасонад".3

**حشرنا الله في زمرته ولا حاد بنا عن طريقته وملته بحق محمد وآله .**

Қуртубӣ дар тафсираш мегӯяд: "Худованд моро бо Паёмбар

---

1-“Ал-Мақолотус-сунния фи кашфи залолоти Аҳмад ибни Таймия с.221.
2-«Назму Дурар-ус-симтайн"-и Зарандии ҳанафӣ с.50 ва 154.
3-«Сунани кубро»-и Байҳақӣ ҷ.8.с.346.

маҳшур гардонад ва аз роҳу дини ӯ моро дур накунад ба ҳаққи Муҳаммад ва оли Муҳаммад." 1

Бо вуҷуди ин аҳодис ва амали фаровони бузургон, Ибни Таймия дар китобҳояш зиёд такрор мекунад ва ба ин суханаш таъкид карда ва ҳатто гуфта, ки бо иттифоқи уламо хостани Худо ба ҳаққи касе ва ё чизе ҷоиз нест ва касе аз бузургон ин корро накарда аст. Ин ҷо низ ӯ хеле дурӯғҳо гуфта, ки мо дигар ба хотири тӯлонӣ нашудани баҳс, нахостем онҳоро зикр кунем.

## Тавассули бузургони аҳли суннат ва ҷавози тавассул аз забони онҳо

### Тавассули Молик, Шофеӣ ва Аҳмади Ҳанбал

“Мансури Давониқӣ бо Молик ибни Анас ба баҳсу гуфтугӯ пардохт, ки ба шарҳи зер аст:
Молик гуфт: Эй Мансур овозатро дар ин масҷид баланд накун, чун Худованд касонеро таъдиб карда ва фармуда: “Овозатонро аз овози Паёмбар баландтар накунед” ва касонеро ҳам ситоиш карда он ҷо, ки фармуда: “Касоне, ки дар назди Расули Худо овозашонро паст мекунанд касоне ҳастанд, ки Худованд қалбҳояшонро бо имон имтиҳон кардааст» ва касонеро ҳам сарзаниш карда он ҷо, ки фармуда: “Касоне, ки туро аз пушти хонаҳо садо мекунанд бештарашон бефаҳманд”. Эҳтироми Паёмбар дар ҳоли вафот ба монанди эҳтироми ӯ дар ҳоли ҳаёт аст. Мансур пас аз ин суханони Молик пурсид: Пас оё рӯй ба сӯи қибла истода дуо кунам ва ё метавонам рӯй ба сӯи қабри Паёмбар истода дуо кунам? Молик гуфт: «Чаро рӯй аз қабри Паёмбар баргардонӣ, магар на он аст, ки Паёмбар василаи ту ва падарат Одам **алайҳис-салом** буд ва ҳаст, то рӯзи қиёмат.

1-Тафсири Қуртубӣ ҷ.8.с.240.

Балки рӯй ба тарафи қабр биист ва талаби шафоат кун, шояд дар ҳаққи ту шафоат кунад. Худованд дар Қуръони Карим мефармояд: «"Ва агар ин мардум, ҳангоме, ки ба худ зулм мекунанд ба назди ту меомаданд ва аз Худо талаби омурзиш мекарданд ва Паёмбар ҳам барои онҳо талаби омурзиш мекард, Худоро тавбапазиру меҳрубон меёфтанд". Сураи Нисо-64.[1]

Ибни Ҳаҷар дар "Ҷавҳарул муназзам" дар бораи ин хабар мегӯяд: "Ин ҳадис аз Молик бо санади саҳеҳе, ки абадан ҷои таън дар он нест, нақл шудааст. Ин аст сухани Молик имоми мазҳаби моликиҳо ва баёни ошкори ӯ дар бораи ҷоиз будани тавассул ва ин ки ояти шарифа "агар онҳо ба худ зулм карданд..." шомили ҳаёт ва баъд аз ҳаёт мешавад. Бо ин ҳама Ибни Таймия муддаӣ аст, ки тавассул бар Паёмбар ғайри шаръӣ аст ва олимон дӯст надоранд, ки ба Паёмбар баъд аз вафоташ мутавассил шаванд. Ӯ ба гумонаш парҳезгор аст ва аз бидъат хештандор, вале гӯё нисбат додани ҷисм будан ба Худованд ва такфири мусулмонон ва мушрик донистани онҳо ҷои парҳезгорӣ ва тақво нест!

Санади достони Мансур ва Моликро пайравони мазҳаби Молик ва уламои дигар саҳеҳ гуфтаанд. Вале Ибни Таймия ва Албонӣ мегӯяд: Ин хабар ботил ва дурӯғ аст ва ба Молик нисбат дода шудааст. [2]

Оре, касоне, ки ин ҳама аҳодиси Расули Худо саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва салламро инкор ва такзиб

---

1-«Аш-Шифо битаърифи ҳуқуқил мустафо»-и Қозӣ Айёз ҷ.2.с.41. Субулул ҳудои вар-рашод»-и Солеҳи Шомӣ ҷ.12.с.395. Шифоус-сиқом»-и Субкӣ. Вафо-ул-вафо»-и Самҳӯдӣ ҷ.4.с.1347. "Хулосатул вафо"-и Самҳӯдӣ. "Мавоҳибуд-диния"-и Қасталонӣ. Тӯҳфатуз-зуввор"-и Ибни Ҳаҷар. "Ҷавҳарул муназзам"-и Ибни Ҳаҷар. Шарҳи Мавоҳибуд-диния»-и Зарқонӣ. Дурар-ус-сунния"-и Деҳлон с.10. Субкӣ, Ибни Ҳаҷар, Зарқонӣ ду санадро, Зайнӣ Деҳлон ва Солеҳи Шомӣ санади ин хабарро хеле хуб ва саҳеҳ гуфтаанд.

2 -«Аҳкомул-ҷаноиз»-и Албонӣ с.198.

мекунанд, таксзиби сухани Молик барояшон хеле содда ва осон хоҳад буд.

Молик имоми мазҳаби моликиҳо мутаваффои соли 179.

Имом Шофеӣ бо ин абёт Аҳли Байти Паёмбар **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам**-ро василаи худ назди Парвардигори Мутаол муаррифӣ кардааст:

**آل النبي ذريعتي وهم إليه وسيلتي أرجو بهم أعطى غدا بيدي اليمين صحيفتي.**

«Хонадони Паёмбар шафоаткунандаи ман ҳастанд; Ва онҳо восита ва василаи ман ба сӯи Худованд ҳастанд; Умедворам, ки Худованд ба хотири онҳо фардо (дар қиёмат) номаи аъмоламро ба дасти ростам бидиҳад».1

**عن علي بن ميمون قال" :سمعت الشافعي يقول :اني لأتبرك بأبي حنيفة وأجئ الى قبره في كل يوم يعني زائرا فاذا عرضت لي حاجة صليت ركعتين وجئت الى قبره وسألت الله تعالى عنده فما تبعن عني حتى تقضي."**

Алӣ ибни Маймун мегӯяд: Аз Имом Шофеӣ шунидам, ки мегуфт: "Ман ба қабри Абӯҳанифа табаррук меҷӯям ва ҳар рӯз барои зиёрат ба наздаш меравам ва ҳаргоҳ ҳоҷате бароям пеш омад, ду ракъат намоз мехонам ва канори қабраш аз Худо мехоҳам, ки ҳоҷатамро бароварад, тӯле намекашад магар ин ки ҳоҷатам бароварда мешавад. 2

**وقال ابن حجر في الخيرات الحسان في مناقب الإمام أبي حنيفة في الفصل الخامس والعشرين :إن الإمام الشافعي أيام كان هو ببغداد كان يتوسل بالامام أبي حنيفة ويجيئ إلى ضريحه يزور فيسلم عليه ثم يتوسل إلى الله تعالى به في قضاء حاجاته وقال :قد ثبت أن الإمام أحمد توسل بالامام الشافعي حتى تعجب ابنه عبد الله بن الإمام أحمد فقال له أبوه :إن الشافعي كالشمس للناس وكالعافية للبدن .ولما بلغ الإمام الشافعي :أن أهل**

---

1-"Маноқиби Шофеӣ"-и Байҳақӣ ҷ.2.с.69. "Савоиқ-ул-мӯҳриқа"-и Ибни Ҳаҷар ҷ.2.с.525.

2-Таърихи Бағдод ҷ.1.с.135. "Маноқиби Абӯҳунифа»-и Хоразмӣ ҷ.2.с.82. «Мифтоҳус-саода»-и Тоши Куброзода ҷ.2.с.82. «Маноқиб»-и Кардарӣ ҷ.2.с.112. "Сулҳ-ул-ихвон"-и Холидӣ с.83.

**المغرب يتوسلون بالامام مالك لم ينكر عليهم."**

Ибни Ҳаҷар дар “Хайротул-ҳисон” дар маноқиби Абӯҳанифа мегӯяд:

"Ҳангоме, ки Имом Шофеӣ дар Бағдод буд ба Имом Абӯҳанифа мутавассил мешуд ва ба назди қабраш меомад зиёраташ мекард ва барои бароварда шудани ҳоҷатҳояш ӯро байни худ ва Худо васила қарор медод ва ба ӯ мутавассил мешуд. Ва ин матлаб низ собит аст, ки Имом Аҳмад ба гунае ба Имом Шофеӣ мутавассил мешуда, ки писараш Абдуллоҳ тааҷҷуб карда ва ба падараш эътироз кардааст, Аҳмад ибни Ҳанбал ба ӯ гуфтааст: Шофеӣ барои мардум хуршед ва барои бадан офият аст. Ҳангоме, ки ба Шофеӣ хабар доданд, ки аҳли Мағриб ба Имом Молик мутавассил мешаванд, ӯ ин амалро инкор накард. 1

Шофеӣ имоми мазҳаби шофеия аст.

**قال أحمد" وسل الله حاجتك متوسلا اليه بنبيه** صلى الله عليه وآله وسلم **تقض من الله."**

Аҳмад ибни Ҳанбал дар Мансаки Марузӣ ба Марузӣ мегӯяд: "Бихоҳ аз Худо ҳоҷататро ба василаи Паёмбараш **“саллаллоҳу алайҳи ва олиҳ»** ҳоҷатат бароварда мешавад”. 2

**قال ابن تيمية : فهذا الدعاء ونحوه روى أنه دعا به السلف، ونقل عن أحمد بن حنبل في منسك المروزي التوسل بالنبي** صلى الله عليه وسلم **في الدعاء. وهذا هو نص عبارة أحمد بن حنبل فقال في منسك المروزي بعد كلام ما نصه: وسل الله حاجتك متوسلا إليه بنبيه** صلى الله عليه وسلم، **تقض من الله عز وجل".**

Ибни Таймия мегӯяд: «Ин дуо ва монанди он дуоест, ки салаф онгуна дуо мекарда ва аз Аҳмад ибни Ҳанбал дар мансакаш барои Марузӣ мутавассил шуданаш бар Паёмбар дар дуо нақл шудааст. Ва ин аст сухани Аҳмад дар мансаки

---

1-"Хайрот-ул-ҳисон»-и Ибни Ҳаҷар саҳ.25-94. Зайнии Деҳлон низ ин достонро дар китобҳои «Хулосатул калом” с.252, ва “Ад-Дурарус-сунния” аз Ибни Ҳаҷар нақл кардааст.

2-«Ар-Рад алал-ихноӣ»-и Ибни Таймия с.168. «Қоидату ҷалия фит-тавассул вал-васила»-и Ибни Таймия с.98.

Марузӣ: «Бо мутавассил шудан ба Паёмбар ҳоҷататро аз Худованд бихоҳ ва ҳоҷатат бароварда мешавад."[1]

Чунон, ки дар гузашта ишора кардем, Албонӣ низ дар китоби тавассулаш эътироф карда, ки Аҳмади Ҳанбал тавассул ба Паёмбар **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам**-ро ҷоиз медонист.[2]

Аҳмад ибни Ҳанбал имоми мазҳаби ҳанбалиҳо аст, ки ҳама ба бузургии ӯ эътироф доранд ва хеле ӯро сутудаанд.

Вале ҷолиб ин ҷост, ки Албонӣ баъд аз ду саҳифа баъд аз он ки чанд маврид аз тавассул ба дуоро ривоят мекунад баъд мегӯяд: Ҷои тааҷҷуб ин аст, ки инҳо (касоне, ки тавассулро ҷоиз медонанд) ин гуна тавассули машрӯъро, ки Қуръон ва суннат ва уммати исломӣ бар машрӯъияти он иҷмоъ доранд аз он рӯй гардонда ба дуоҳо ва тавассулоте, ки худ ихтироъ карда ва ба вуҷуд овардаанд рӯй овардаанд, ки на онҳоро Худо ташреъ карда ва на Паёмбар амал кард ва на салафи ин уммат аз се қарни аввали фозил онро нақл кардаанд.[3]

Аҷиб нест, ки Албонӣ ин гуна дурӯғ мегӯяд, вале аҷиб ин аст, ки ду саҳифа қаблаш худаш мегӯяд Аҳмад ибни Ҳанбал тавассул ба Паёмбарро ҷоиз медониста, вале баъд аз ду саҳифа ин суханашро фаромӯш карда ва мегӯяд: Касе аз салаф дар се қарни аввал низ онро нақл накарда. Дар ҳоле, ки Аҳмад ибни Ҳанбал дар қарни дуввум ва севвум дар солҳои 164 то 241 зистааст.

Муҳаммад ибни Муаммал мегӯяд: Бо имоми аҳли ҳадис Абӯбакр ибни Хузайма ва Абӯалии Сақафӣ бо иддаи зиёде аз устодонамон ба нияти зиёрати қабри Алӣ ибни Мӯсо Ар-Ризо **алайҳис-салом** воқеъ дар Тӯс (Хуросон ва Машҳад) рафтем. Аз таъзим ва хоксорие, ки Ибни Хузайма

---

1-Рад алал ахноӣ»-и Ибни Таймия с.168. Маҷмӯъ-ул-фатово ҷ.1.с.140.

2-Ат-Тавассул анвоуҳу ва аҳкомуҳу"-и Албонӣс.47.

3-"Ат-Тавассул анвоуҳу ва аҳкомуҳу"-и Албонӣс.50.

нисбат ва ин қабр ва соҳиби он анҷом дод ва гиряву зорие, ки дар баробараш кард, ҳамаи моро ба ҳайрат овард. 1

Дар ин достон бояд диққат дошта бошем, ки гурӯҳе аз бузургон, ки аз уламо ва асотид буданд ҳам тавассули Ибни Хузаймаро бо сукуташон қабул ва имзо карданд ва ҳам худ бо нияти зиёрати қабр сафар карданд, ки ваҳҳобиҳо ин амалро ҳаром медонанд. Пас аз ин достон истифода мешавад, ки ин бузургон ва уламои салаф, ки бо ҳам ба нияти зиёрати қабр сафар карда буданд, ҳам тавассулро ҷоиз меддонистаанд ва ҳам мусофират бо нияти зиёрати қабрро.

**Шарҳи ҳоли Ибни Хузайма**: Ӯ соҳиби китоби Саҳеҳи Ибни Хузайма ва китобҳои дигар буда, аз имомони ҳадис мебошад. Заҳабӣ дар васфи ӯ мегӯяд: Ҳофизи ҳуҷҷат ва фақеҳ, шайхул Ислом, имоми имомон. Ӯ дар соли 223-и ҳиҷрӣ ба дунё омадааст. 2

**Шарҳи ҳоли Абӯалии Сақафӣ**: Заҳабӣ мегӯяд: “Имоми муҳаддиси фақеҳ ва алломаи зоҳиду обид шайхи Хуросон, Абӯалӣ Муҳаммад ибни Абдулваҳҳоб. Абӯлаббос зоҳид мегӯяд: Абӯалӣ аз замонаш ҳуҷҷати Худо бар халқаш буд, ӯ мутаваллиди соли 244 будааст”.3

Заҳабӣ дар васфи Муҳаммад ибни Муаммал низ мегӯяд: Имом, раиси нишопур яке аз балиғон ва фасеҳон. Ӯ хонае барои муҳаддисон бино намуд”.4

Инҳо се нафар аз касоне, ки дар ин достон ҳузур доштанд бар изофаи касоне, ки зикр нашудаанд.

Рӯзе Ҳамза ибни Қосими Ҳошимӣ (ки имоми масҷид буд) дар минбар барои мардум талаби борон карду гуфт:
**"اللهم انّ عمر بن الخطاب استسقى بشيبة العباس وسقى وهو أبي وانا استسقي**

---

1-“Таҳзибут-таҳзиб»-и Ибни Ҳаҷар ҷ.7.с.339.

2-"Сияру аълом-ун-нубало"-и Заҳабӣ ҷ.14.с.36.р.214.

3-“Сияру аълом-ун-нубало"-и Заҳабӣ ҷ. 15.с.280.р.126.

4-"Сияру аълом-ун-нубало"-и Заҳабӣ ҷ.16.саҳ.23.р.10.

به .قال :فأخذ يحول رداءه فجاء المطر وهو على المنبر."

"Худоё ба дурустӣ, ки Умар ибни Хаттоб ба василаи мӯи сафедшудаи Аббос талаби борон кард ва борон дода шуд дар ҳоле, ки ӯ (Аббос) падари ман аст ва ман ба василаи худи ӯ талаби борон мекунам. Гуфт: Дар ҳоле, ки ҷомаашро такон медод борон шурӯъ кард ба рехтан ва ӯ дар минбар буд".1

**Шарҳи ҳоли Ҳамза**: Заҳабӣ мегӯяд: Имоми пешво, имоми ҷомеи Ал-Мансур, Шахси сиқа ва машҳур ба салоҳ буда ва ӯ мутаваллиди соли 249-и ҳиҷрӣ мебошад. Ва ин хабар аз ӯ собит мебошад.2

Ибни Ҳаббон, ки яке аз бузургтарин олимини ҳадису риҷоли аҳли суннат мебошад дар тарҷума ва шарҳи ҳоли Алӣ ибни Мӯсо, Имом Ризо **алайҳис-салом** менависад:

"Алӣ ибни Мӯсо бар асари заҳре, ки Маъмун (халифаи он замон) ба ӯ дод охири рӯзи шанбе дар соли 203 аз дунё рафт. Қабраш машҳур ва дар канори қабри Ҳорунар Рашид зиёратгоҳи зоирон аст. Ман бисёр ӯро зиёрат кардам ва ҳар вақт дар замони иқоматам дар Тӯс сахтӣ ва мушкилие бароям пеш меомад қабри Алӣ ибни Мӯсо (Имом Ризо **алайҳис-салом**)-ро, ки салавоти Худо бар бобояш ва бар ӯ бод зиёрат мекардам ва дар канори қабри ӯ аз Худо мехостам, ки он сахтиро аз ман бар тараф кунад, пас он сахтӣ аз ман бартараф мешуд ва ин чизе аст, ки ман борҳо онро таҷриба кардам ва ин гуна ёфтам. Худованд моро бо муҳаббати Паёмбар ва Аҳли Байташ, ки салавоти Худо бар ӯ ва бар онҳо бод, бимиронад.3

**Шарҳи ҳоли Ибни Ҳаббон**: Заҳабӣ мегӯяд: Имом, аллома, ҳофиз, соҳиби китобҳои машҳур. Ҳоким гуфтааст:

---

1-Таърихи Бағдод ҷ.8.саҳ.178.р.4305 ин достонро бо ду сунади саҳеҳ нақл кардааст. "Сияру аълом-ун-нубало"-и Заҳабӣ ҷ.15.саҳ.374.р.195.

2-"Сияру аълом-ун-нубало"-и Заҳабӣ ҷ.15.саҳ.374.р.195.

3-"Ас-Сиқот"-и Ибни Ҳаббон ҷ.8.саҳ.456.

Ибни Ҳаббон дар фиқҳ, луғат, ҳадис ва мавъиза зарфи илм буд ў мутаваффои соли 354 аст.[1]

Абдуллоҳ ибни Ғолиби Басрӣ дар соли 183-и ҳиҷрӣ дар рўзи тарвия кушта шудааст ва мардум хоки қабри ўро ба монанди мишк бар либосҳояшон мепошиданд.[2]

Дар хабари дигаре омадааст:

**قال مالك وكان يوجد من قبره ريح المسك فانطلقت فاخذت منه في جرابى فلم ازل اشم منه ريح المسك.**

Вақте Абдуллоҳ ибни Ғолибро ба қабраш гузоштанд аз қабраш бўи мишк меомад. Молик ибни Динор мегўяд: Ман аз хоки қабри ў бардоштам ва онро мебўидам, ки ҳамеша бўи мишк медод.[3] (дар ҳадиси дувуми Бухорӣ, Молик мегўяд: Ман хоки қабри ўро дар либосе нигаҳ доштам баъдан вақте онро шустам боз ҳам, он бў боқӣ монда буд).

Абўабдуллоҳи Маҳомилӣ гуфтааст: ...Дар ҳеҷ гирифторие ба Маъруфи Карахӣ мутавассил нашудам магар ин ки гирифториям бартараф шуд.[4]

Ибни Халлакон ва Шаъронӣ мегўянд: Мардуми Бағдод ба василаи қабри Маъруфи Карахӣ талаби борон мекунанд.[5]

Ҳасан ибни Иброҳими Халлолӣ аз бузургони мазҳаб ҳанбалӣ мугўяд: Ҳеҷ мушкиле бароям пеш наомад магар ин, ки назди қабри Мўсо ибни Ҷаъфар **(алайҳис-салом)** рафта ба он ҳазрат мутавассил шудам пас мушкилам ҳал ва ҳоҷатам

---

1-"Сияру аълом-ун-нубало"-и Заҳабӣ ҷ.16.с.92.р.70.

2-“Ҳилятул-авлиё”-и Абўнаими Исфаҳонӣ ҷ.2.с.258. Таҳзиб-ут-таҳзиб ҷ.5.с.310.

3-Таърихи сағири Бухорӣ ҷ.1.с.180.р.842-843. "Китоб-уз-зўҳд”-и Ибни Абиосим ҷ.1.с.247. "Сияру аълом-ун-нубало"-и Заҳабӣ ҷ.12.с.487 ва дигарон.

4-Таърихи Бағдод ҷ.1.саҳ.223. "Сафватул сафва»-и Ибни Ҷавзӣ ҷ.2.с.324 ба ҳамин маъно.

5-«Вафаёт-ул-аъён»-и Ибни Халлакон ҷ.5.с.232р.729. «Табақот-ул-кубро»-и Шаъронӣ ҷ.1.с.61. Ибни Ҳаббон низ дар китоби «Сиқот”-аш ҷ.9.с.206 ба ҳамин маъно сухан гуфтааст.

бароварда шуд.[1]

Қозӣ Айюзи Моликӣ, дар китоби “Аш-Шифо битаърифи ҳуқуқи мустафо” ч.2.с.131-134, дар ҷумалоти зиёде ба Расули Худо **«саллаллоҳу алайҳи ва олиҳ»** мутавассил мешавад.

**وحكى ابن جوزي في (مناقب أحمد) ص 297 عن عبد الله بن موسى قال: خرجت أنا وأبي في ليلة مظلمة نزور أحمد، فاشتدت الظلمة فقال أبي: يا بني تعال حتى نتوسل إلى الله تعالى بهذا العبد الصالح حتى يضئ لنا الطريق فإني منذ 30 سنة ما توسلت به إلا قضيت حاجتي، فدعا أبي وأمنت على دعائه فأضائت السماء كأنها ليلة مقمرة حتى وصلنا إليه.**

Ибни Ҷавзӣ дар Маноқиби Аҳмад ибни Ҳанбал нақл мекунад: Абдуллоҳ ибни Мӯсо гуфтааст: Ман ва падарам дар шаби торике ба хотири зиёрати Аҳмад ибни Ҳанбал аз хона хориҷ шудем... падарам гуфт: Ба эҳтироми ин бандаи солеҳ аз Худо бихоҳем, ки роҳро бароямон равшан кунад, ки ман дар тӯли 30-сол ҳеҷгоҳ ба ӯ мутавассил нашудам магар ин, ки ҳоҷатам бароварда шуд...”[2]

Нававӣ дар баёни одоби зиёрати қабри Паёмбар **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам** мегӯяд: “...Сипас бармегардад (зоир) ба ҷои аввалаш, пеши рӯи Паёмбар ва ба он ҳазрат мутавассил мешавад ва он ҳазратро ба сӯи Худованд шафеъ қарор медиҳад...”. Ва ҳамчунин истиғоса ба Паёмбарро низ Нававӣ дар китобҳои худ мустаҳаб донистааст.[3]

**Шарҳи ҳоли Нававӣ**: Заҳабӣ мегӯяд: "Имому ҳофизи ягонаи, шайхул Ислом ва парчами авлиё Яҳё ибни Шарафи шофеӣ соҳиби китобҳои нофеъ мутаваффои 676".[4]

Ибни Қудома, ки шарҳи ҳолаш гузашт, мегӯяд:

---

1-Таърихи Бағдод ч.1.с.120-133.

2-«Маноқиби Аҳдам»-и Ибни Ҷавзӣ саҳ.297.

3-«Ал-Маҷмӯъ»-и Нававӣ ч.8.с.274. Ҳошияи “Ал-изоҳ алал-маносик” с.450 ва 498. «Ал-Азкор-ун-нававия» с.307.

4-"Тазкиратул ҳуффоз"-и Заҳабӣ ч.4.с.1420.р.1162.

**وكان إمامنا أبو عبد الله أحمد بن محمد بن حنبل رضي الله عنه من أوفاهم فضيلة واقربهم الى الله وسيلة..."**

Ибни Қудома дар мақаддамаи китобаш вақте аз уламо ёд мекунад, мегӯяд: «Имоми мо Аҳмад ибни Ҳанбал бо вафотарини уламо аз ҷиҳати фазилат ва наздиктарини онҳо ба сӯи Худованд аз ҷиҳати васила гирифтан мебошад... Ба ин хотир мо мазҳаби ӯро ихтиёр кардем”.1

Шарбинӣ дар одоби зиёрати қабри Расули Худо **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳ** бо истинод ба ин ҳадис мегӯяд:

"Баъд аз салом, зоир дар ҳаққи худаш ба он ҳазрат мутавассил мешавад.

Шарбинӣ аз уламои қарни 10 ва аз шофеиҳо аст.

Димётӣ дар бораи зиёрати қабри Паёмбар мегӯяд: «Сипас ба ҷойгоҳи аввалаш бармегардад ва рӯ ба рӯи он ҳазрат истода мегӯяд: “...Худоё дуруд фирист бар сарвари мо Муҳаммад ва бар хонадони сарварамон Муҳаммад, салом бар ту эй сарвари ман эй Расули Худо, Худованд ба ту китоби содиқе нозил фармуд ва дар он фармуд:

“Ва агар ин мардум, вақте ки ба худ зулм мекунанд ба назди ту омаданд ва аз Худо талаби омурзиш мекарданд ва Паёмбар ҳам барои онҳо талаби омурзиш кард, Худоро тавбапазир ва меҳрубон меёфтанд" ва ба дурустӣ, ки ман ба назди ту омадам ва барои бахшиши гуноҳонам туро ба сӯи Парвардигорам шафеъ қарор диҳам сипас ин шеърро хонд:

Эй беҳтарин касе, ки дар бузургтарин ҷойгоҳ дафн шудаӣ,

Ҷонам фидои он қабре, ки ту дар он сокин ҳастӣ

Дар он иффату ҷуду карам вуҷуд дорад

Ту паёмбаре ҳастӣ, ки бар шафоаташ умед бурда мешавад...».2

Димётӣ, баъд аз баёни одоби зиёрати қабри Абӯбакру

---

1-“Ал-Муғнӣ”-и Ибни Қудомаи ҳанбалӣ ҷ.1.с.3.

2-«Ионатут-толибин»-и Бакрии Димётӣ ҷ.2.с.357.

Умар мегӯяд: “Сипас баъд аз зиёрати шайхайн барои салом додан ба назди қабри Фотима меравад (зоир) ва мегӯяд: Салом бар ту эй духтари Мустафо, салом бар ту эй духтари Расули Худо...Худованд бо беҳтирин навъи ризо ва ту розӣ шуд. Ба Фотима (**салавотуллоҳи алайҳо**) дар пешгоҳи Паёмбар мутавассил шав ва ӯро васила қарор деҳ.”[1]

Паёмбар барои чигунагии хондани Худо ба асҳоб дуоеро таълим доданд, ки аз ҷумла он дуо ин ҷумалот аст:

**"اللهم إني أسألك بمعاقد العز من عرشك".**

Худоё ман аз ту мехоҳам ба ҳаққи ҷойгоҳи иззати аршат.”[2]

Қубайла духтари Мухрама, ки аз саҳоба буда ин гуна дуо мекарда ва санади ҳадиси ӯро Ҳайсамӣ хуб (ҳасан) гуфта аст ва Ибни Масъуд аз Расули Худо **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам** онро ривоят карда, ки он ҳазрат ин гуна таълим фармудаанд.

Албонӣ дар китоби тавассулаш гуфта, ки Абӯюсуф (шогирди Абӯҳанифа) бо истинод ба ин ҳадис гуфта, ки Худоро ба ҳаққи ҷойгоҳи иззати аршаш хостан, ҷоиз аст.[3]

Аз ин хабар низ метавон нодурустии нисбати Ибни Таймия ва Албониро ба макрӯҳ донистани Абӯҳанифа ва ду шогирдаш хондани Худоро ба ҳақ махлуқ, собит кард.

Имом Ибнил Ҳоҷ Муҳаммад ибни Муҳаммади Абдарии Қирвонии моликӣ мутаваффои соли 736-и ҳиҷрӣ суханони зиёде дар одоби зиёрат гуфтааст, аз ҷумла гуфтааст:

Ҳар кас тавони рафтан ба сӯи қабрҳои паёмбарон надошта бошад, метавонад аз дур бар онҳо салом фиристода ва ниёзҳояшро аз қабили: Бахшиши гуноҳон, пӯшиши айбҳо ва баровардани ҳоҷатҳояшро бигӯяд, чун

---

1-Ионатут-толибин»-и Бакрии Димётӣ ҷ.2.с.357.

2-Мӯъҷам-ул-кабир» ҷ.12.с.125.р.3. Ҳилятул авлиё ҷ.8.с.159. “Ат-Тарғиб ват-тарҳиб»-и Мунзарӣ ҷ.1.с.274.р.1021. Маҷмаъ-уз-завоид ҷ.10.с.125. “Ад-Дироя”-и Ибни Ҳаҷар ҷ.2.с.239.р.975.

3-Ат-Тавассул анвоуҳу ва аҳкомуҳу»-Албонӣ с.51-52.

онҳо бузургвор ва кариманд ва ҳеҷгоҳ каримон касонеро, ки аз онҳо савол кунанд ва тавассул ҷӯянд ва ба сӯяшон раванд ва паноҳ баранд, маҳрум нахоҳанд кард. Ва ин дар бораи зиёрат ва тавассул бар ҳамаи паёмбарон аст. Ва аммо дар бораи зиёрати сайййиди аввалин ва охирин Паёмбари Азизи мо «саллаллоҳу алайҳи ва олиҳ» он чӣ, ки дар бораи дигар паёмбарон гуфтем бояд бештар риоят шавад, яъне бо адаб ва эҳтиром ва хузӯъ ва хушӯи бештар бошад, чун ӯ шафоаткунандае аст, ки шафоаташ рад намешавад. Касе, ки рӯй ба сӯи ӯ кунад ва ба боргоҳи (ҳарами) ӯ нозил шавад ва аз ӯ кӯмак бигирад ва ба ӯ паноҳ барад, маҳрум намешавад...касе, ки ба ӯ тавассул ҷӯяд ва ё аз ӯ кӯмак хоҳад ва ё ҳоҷатҳояшро аз ӯ талаб кунад, ҳамон гуна, ки таҷриба нишон додааст маҳрум нахоҳад шуд, ба шарте, ки тамоми одоби зиёратро риоят кунад. Аз ин сабаб олимони мо (Худо раҳматашон кунад) гуфтаанд: Шахси зиёраткунанда бояд таваҷҷӯҳ дошта бошад, ки дар баробари Расули Худо «саллаллоҳу алайҳи ва олиҳ» монанди даврони ҳаёташ қарор дорад, чун фарқе миёни ҳаёт ва мамот дар бораи онҳо нест, яъне ҳамон гуна, ки дар замони ҳаёташ умматашро медида ва аз ҳолу ниятҳо ва мақсадашон огоҳ будааст дар замони мамоташ низ ҳамин гуна аст.

Боз мегӯяд: Тавассул ба Расули Худо «саллаллоҳу алайҳи ва олиҳ» сабаби поин гузоштани борҳои вазнин ва резиши гуноҳону хатоҳост, чун ки баракати шафоати он ҳазрат ва азамати эшон дар пешгоҳи Худованд чунон аст, ки баъд аз он барои гуноҳ азамате намемонад, ӯ аз ин бузургтар аст. Пас ба касе, ки ӯро зиёрат карда, башорат бидеҳ ва касе, ки ӯро зиёрат накарда, бояд ба василаи шафоаташ ба Худо паноҳ бубарад.

Худоё моро ба эҳтироме, ки ӯ дар пешгоҳат дорад аз шафоаташ маҳрум нафармо! Омин ё раббал оламин. Ва касе, ки ақидааш бар хилофи ин бошад ӯ маҳрум аст. Оё ӯ

ин гуфтаи Худои Мутаолро нашнидааст, ки фармудааст:

"ولو أنـهم إذ ظلموا أنفسهم جاؤك واستغفروا الله واستغفر لـهم الرسول لوجدوا الله توابا رحيما."

«Агар ин мардум, вақте ки ба худ зулм мекунанд ба назди ту меомаданд ва аз Худо талаби омурзиш мекарданд ва Паёмбар ҳам барои онҳо талаби омурзиш мекард, Худоро тавбапазир ва меҳрубон меёфтанд"1

Пас касе, ки дар баробари ӯ истод ва ба Худо тавассул ҷуст, Худоро павбапазир ва меҳрубон хоҳад ёфт, чун Худованд муназзаҳ ва пок аз хулфи ваъда аст, дар ҳоле, ки Худо ваъда дода аст тавбаи касеро, ки дар баробараш истода талаби мағфират намояд, бипазирад ва ин ҳақиқате аст, ки ҷуз мункири дин ва душмани Худо ва Расул, дар он шак намекунад, паноҳ мебарам бар Худо аз маҳрумият. 2

**Шарҳи ҳоли Ибни Ҳоҷ**: Умарризо Каҳола мегӯяд: “Муҳаммад ибни Муҳаммади Абдарӣ олими мушорик дар баъзе аз илмҳо. Дар Фос таваллуд шуд ва дар ҳамон ҷо талаби илм кард... Аз ҷумлаи таълифоташ “Мадхал-уш-шаръ-уш-шариф алал мазоҳибил арбаа”-ро ном бурдааст”.3

Субкӣ, низ дар китоби “Шифо-ус-сиқом”, ки онро бар радди ақидаи Ибни Таймия навиштааст бар ҷоиз будани тавассул ва хузӯъ ва хушӯъ дар назди қабри он ҳазрат таъкид карда ва ояти сураи “Нисо”-ро бар ҷоиз будани ин амал, шоҳид овардааст.4

**فيقول ابن مفلح الحنبلي في الفروع: ويجوز التوسل بصالح وقيل يستحب قال أحمد في منسكه الذي كتبه للمروزي إنـه يتوسل بالنبي صلى الله عليه (وآله) وسلم في دعائـه، وجزم به في المستوعب وغيره.**

---

1-Сураи Нисо-64.

2-“Мадхал”-и Муҳаммад ибни Муҳаммади моликӣ ҷ.1.с.257.

3-“Мӯъҷам-ул-муаллифин”-и Умар Ризо Каҳола ҷ.11.с.284.

4 -«Шифоус-сиқом»-и Субкии шофеӣ с.89.

Ибни Муфаллаҳи Ҳанбалӣ дар Ал-Фурӯъ мегӯяд: Тавассул бар бандагони солеҳ ҷоиз аст ва балки гуфта шудааст, ки мустаҳаб аст. Ва Аҳмад ибни Ҳанбал дар Мансакаш, ки барои Марузӣ навишта, гуфтааст: Ман дар дуоям бар Паёмбар **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳ** мутавассил мешавам.1

Кавсарӣ дар таълиқаш бар "Сайф-ус-сақил" мегӯяд:

"Чӣ гуна тасаввур мешавад, ки ба сабаби зиёрат ва тавассул мусулмононро ба ширк муттаҳам кард, мусулмононеро, ки дар ҳаққи Расули Худо мӯътақиданд, ки он ҳазрат банда ва Расули Худо ҳаст ва ҳудуди бист мартаба дар намозҳояшон ҳамарӯза ба ин эътиқод таъкид мекунанд. Уламо ҳамеша мардумро аз бидъат дар ҳама навъаш манъ кардаанд ва агар мардум ба бидъат рӯ биёваранд онҳоро аз он огоҳ карда ва ба сӯи суннати Паёмбар роҳнамоӣ кардаанд. Ва бо вуҷуди ин то ба ҳол ҳеҷ рӯзе аз рӯзҳо касе аз олимон мардумро ба сабаби зиёрат ва тавассулашон муттаҳам ба ширк накардааст... Аввал касе, ки мусулмононро ба хотири тавассул муттаҳам ба ширк кард Ибни Таймия буд...» Боз Кавсарӣ мегӯяд: Ибни Таймия сафар барои зиёрати қабри Паёмбарро сафари маъсият дониста ва онро ба Имом Абӯавфо ибни Ақили ҳанбалӣ нисбат додааст (ки ҳаргиз ӯ чунин сухане нагуфтааст). Дар ҳоле, ки Ибни Ақил зиёрат ва тавассул ба он ҳазратро ҷоиз дониста ва дар китобаш "Тазкира» баъд аз баёни одоб ва чӣ гунагии зиёрат мегӯяд:

... Худоё ту дар китобат ба паёмбарат фармудӣ: «Агар ин мардум, вақте ки ба худ зулм мекунанд ба назди ту меомаданд, ва аз Худо талаби омурзиш мекарданд ва Паёмбар ҳам барои онҳо талаби омурзиш мекард, Худоро

---

1-"Ал-Фурӯъ"-и Ибни Муфаллаҳ ҷ.1.с.595

тавбапазир ва меҳрубон меёфтанд”[1] ва ман ба назди паёмбарат барои талаби бахшиш омадам Худоё пас бахшиши маро барои худат воҷиб гардон ҳамон гуна, ки касонеро, ки дар замони он ҳазрат ба василаи он ҳазрат талаби бахшиш мекарданд барои худ бахшидани онҳоро воҷиб қарор додӣ. Худоё ман ба василаи Паёмбарат, паёмбари раҳмат ба ту рӯй овардам. Эй Расули Худо ман ба василаи шумо ба Парвардигорам рӯй овардам, то Худованд гуноҳонамро бубахшад. Худоё ба ҳаққи Паёмбар ман аз ту мехоҳам, ки гуноҳонамро бубахшӣ...”[2]

**Шарҳи ҳоли Ибни Ақил**: Заҳабӣ мегӯяд: Имом, алломаи баҳр, шайхи ҳанбалиҳо, ягона дар фаннаш ва имоми замонаш буд. Ӯ мутаваллиди соли 431-и ҳиҷрӣ аз уламои бузурги ҳанбалӣ, ки шарҳи ҳолашро дар Сияру аълом-ун-нуболо ҷ.19.с.443.р.259 пайдо мекунед.

Кавсарӣ аз фуқаҳои ҳанафимазҳаб ва мутаваффои соли 1371 будааст. "Ал-Аълом"-и Заркалӣ ҷ.6.с.129.

Абӯбакр ибни Ҳусайни Мисрӣ мутаваффои соли 816-и ҳиҷрӣ дар китоби “Таҳқиқ-ун-нусра фи таърихи дорул ҳиҷра” бо шоҳид қарор додани ин ояти шарифа:

«Агар ин мардум, вақте ки ба худ зулм мекунанд ба назди ту меомаданд, ва аз Худо талаби омурзиш мекарданд ва Паёмбар ҳам барои онҳо талаби омурзиш мекард, Худоро тавбапазир ва меҳрубон меёфтанд".[3] Тавассул бар Паёмбар **«саллаллоҳу алайҳи ва олиҳ»**-ро машрӯъ муаррифӣ карда ва гуфтааст, ки ин оят далолат бар ин дорад, ки тавассул бар он ҳазрат байни ҳаёт ва мамот фарқе нахоҳад дошт. Ва ҳар, ки дар маҳзари қабри он ҳазрат талаби мағфират кунад он

---

1-Сураи Нисо-64.

2-Ҳошияи “Сайфус-сақил”-и Субкӣ с.179. Аз китоби «Ат-Тазкира”-и Ибни Ақили ҳанбалӣ р.87.

3-Сураи Нисо-64.

ҳазрат барои вай талаби мағфират хоҳад кард.[1]

Қасталонӣ дар “Мавоҳибуд-диния” гуфтааст: Барои зиёраткунандаи қабри Паёмбар шоистааст, ки дуо ва тазарруъ ва истиғоса ва талаби шафоат ва тавассул ба он ҳазратро зиёд кунад. Ҳар кадом аз тавассул ва истиғоса ва таваҷҷӯҳ ва талаби шафоат аз Паёмбари Акрам ҳамон гуна, ки дар китоби “Таҳқиқ-ун-нусра”[2] ва “Мисбоҳуз-зулом”[3] гуфтааст: Дар ҳар ҳоле, чӣ қабл аз хилқаташ ва чӣ баъд аз он дар даврони ҳаёташ дар дунё ва баъд аз ҳаёташ дар барзах ва... воқеъ хоҳад шуд.[4]

Қасталонӣ аз уламои маъруфи аҳли суннат ва мутаваффои соли 923 ва дорои китобҳои фаровон аст. Заркалӣ мегӯяд: Ӯ аз уламои ҳадис буд. Ва баъд китобҳои ӯро ном бурдааст.[5]

**وقال الآلوسي: "أنا لا أرى بأسا في التوسل إلى الله تعالى بجاه النبي** صلى الله عليه (وآله) وسلم **عند الله تعالى حيا وميتا...".**

Олусӣ аз уламо ва муфассирони бузурги аҳли суннат мегӯяд: «Ман ҳеҷ мушкиле намебинам дар тавассул ба сӯи Худо ба ҷову мақоми Паёмбар **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳ** чӣ дар ҳоли ҳаёт ва чӣ баъд аз ҳаёт..."[6]

Яке аз чизҳое, ки ваҳҳобиҳо онро далели худ барои таҳрими тавассул қарор додаанд ҳадисе аст, ки Умар ибни Хуттоб ба Аббос амаки Паёмбар дар талаби борон мутавассил шуд. Ваҳҳобиҳо мегӯянд: Агар тавассул ба мурда ҷоиз буд Умар ба Паёмбар мутавассил мешуд.”

Абдуллоҳ ибни Муҳаммади шофеӣ мегӯяд: “Ба ин ваҳҳобиҳо гуфта мешавад, ки: Оё Умар ё Аббос ба шумо

---

1 -«Мавоҳибуд-диния»-и Қасталонӣ.

2-“Таҳқиқ-ун-нусра” саҳ.113.

3-“Мисбоҳуз-зулом” ҷ.2.с.352.

4-«Мавоҳибуд-диния»-и Зарқонӣ ҷ.4.с.593

5-"Ал-Аълом" ҷ.с.232.

6-«Рафъ-ул-манора с.36. «Ҷило-ул-айнайн» с.572.

гуфт, ки ин тавассул ба хотири ин аст, ки Паёмбар мурдааст. Умар ин суханро нагуфт ва ишора низ ба он накард ва на Аббос. Ин фақат дурӯғу ифтирои шумо аст бар Умар ва Аббос, то ба василаи он такфири касонеро, ки ба Паёмбар мутавассил мешаванд таъйид кунед...Ва ҳам чунин, тарки коре бар ҳаром будани он чиз ва амал далолат надорад, чунон ки дар китобҳои усулӣ муқаррар шудааст. Паёмбар чӣ бисёр корҳои мубоҳро тарк кардаанд, пас оё тарки он ҳазрат бар ҳаром будани он корҳо далолат мекунад. Сарвари мо Умар бо ин кораш ҷоиз будани тавассул ба ғайри Паёмбар аз аҳли салоҳеро, ки ба баракаташ умед аст, баён кардааст. Ба ин сабаб Ибни Ҳаҷар[1] баъд аз нақли ин қисса мегӯяд: Аз ин достон мустаҳаб будани тавассул ба аҳли хайр ва салоҳ ва Аҳли Байти Паёмбар истифода мешавад."[2]

Маҳкамтарин далел бар ботил будани ин дастовези ваҳҳобиҳо ин аст, ки даҳҳо ривоёти саҳеҳ дар китобҳои ривоӣ, ворид шуда ва беҳтарин тавассулро тавассул ба асмои илоҳӣ муаррифӣ кардааст.[3] Пас агар тарки як амал далели ҷоиз набудани он бошад, бояд гуфт, ки бинобар ин ақида ба хотири ин ки ҷаноби халифа Умар ибни Хаттоб ва Муовия, ки амали ин дуро ваҳҳобиҳо дастовези худ қарор додаанд, аз тавассул ба асмои илоҳӣ дар ин маврид рӯй гардонда ва ба Аббос мутавассил шудаанд, пас тавассул ба асмои илоҳиро низ, бояд ғайри машрӯъ муррифӣ бикунанд!

Боз Қасталонӣ мегӯяд: Дар "Мансак" Алломаи Халил гуфтааст: Ба Паёмбар тавассул ҷӯед ва аз Худо бихоҳед, ки

---

1 -Фатҳ-ул-борӣ фи шарҳи Саҳеҳи Бухорӣ ҷ.2.с.497.

2 -Мақолотус-сунния фи кашфи залолоти Аҳмад ибни Таймия" с.229.

3-"Паёмбар **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳ** фармуданд: Худоро ба исми аъзамаш хондам он исме, ки агар бо он хонда шавад, ато мефармояд ва аҳодиси дигар. "Сунан"-и Ибни Моҷа р.3857-3858. "Сунан"-и Абӯдовуд р.1493-1494. "Сунан"-и Тирмизӣ р.3542-3612. "Муснад"-и Аҳмад ҷ.5.с.349 ва дигарон бо ин маъно аҳодиси зиёд аз чандин нафар саҳоба ривоят шудааст.

ба обрӯи Муҳаммад «саллаллоҳу алайҳи ва олиҳ» ҳоҷатамонро бароварад, чун ӯ маҳалли фурурехтани кӯҳҳои гуноҳ аст ва ба баракати шафоаташ ва бузургии он ҳазрат пеши Худо чунон аст, ки ҳеҷ гуноҳе бо он баробарӣ намекунад ва ҳар, ки ақидааш бар хилофи ин бошад, маҳруме аст, ки Худо беноияшро аз байн бурда ва дилашро гумроҳ кардааст. Оё чунин касе гуфтаи Худоро:

"ولو أنهم إذ ظلموا أنفسهم جاؤك واستغفروا الله...

нашнидааст? Қасталонӣ гуфтааст: Шояд мақсадаш таъна бар Ибни Таймия бошад.[1]

Дар ин бора гурӯҳи зиёде аз ноқилони ҳадис ва бузургони аҳли суннат ба гунаи васеъ ва ҳамаҷониба баҳс карда ва гуфтаанд: Тавассул бар Паёмбар дар ҳар ҳоле, чӣ қабл аз хилқаташ ва чӣ баъд аз он дар муддати ҳаёташ ва баъд аз маргаш дар олами қабр ва дар саҳрои маҳшар ва дар биҳишт ҷоиз аст ва онро ба се навъ тақсим кардаанд:

1-Талаби ҳоҷат аз Худо ба василаи обрӯяш ва ё ба баракаташ ва гуфтаанд, ки тавассул ба ин маъно дар ҳамаи ҳолатҳои ёдшуда ҷоиз аст.

2-Тавассул ба он ҳазрат ба маънои талаби дуо ва гуфтаанд, ки ин низ дар ҳамаи ҳолатҳои ёдшуда ҷоиз аст.

3-Ҳоҷатро аз худи Паёмбари Акрам хостан ба ин маъно, ки он ҳазрат қодир бошад аз Худованд бихоҳад, ки шафоат кунад ва хостааш бароварда шавад. Ба монанди ин, ки ба он ҳазрат бигӯӣ: Аз ту мехоҳам, ки ҳамнишинат дар биҳишт бошам.

Субкӣ дар "Шифоус-сиқом" гуфтааст: Осор дар ин бора зиёд аст... номидани он ба тавассул ё истиғоса ё таваҷҷӯҳ ва ё талаби шафоат фарқе намекунад, чун ҳамаи онҳо ба як маъно аст.[2]

---

1-"Мавоҳибуд-диния»-и Зарқонӣ ҷ.8.с.317.

2-«Шифоус-сиқом»-и Субкии шофеӣ с.175.

Ҳанбалиҳо дар китобҳояшон бар ҷоиз будани тавассул, бар солеҳин таъкид кардаанд. Ибни Муфаллаҳи Ҳанбалӣ дар "Ал-Фурӯъ" мегӯяд:

"Ҷоиз аст тавассул ба солеҳин ва гуфта шуда, ки мустаҳаб аст."1

Муаллифи китоби «Ал-Хилоф», ки аз уламои ҳанбалӣ аст гуфта, ки тавассул бар Паёмбар аз назари Аҳмад ибни Ҳанбал мустаҳаб будааст.»2

Баҳутии ҳанбалӣ низ мегӯяд: "Сомирӣ ва соҳиби "Талхис" гуфтаанд: Тавассул ва талаби борон кардан ба василаи олимони бо тақво ишколе надорад. Ва дар "Ал-Мазаҳҳаб" мегӯяд: Восита қарор додани марди солеҳ ба сӯи Худованд ҷоиз аст ва гуфта шуда, ки мустаҳаб аст."3

Шавконӣ мегӯяд: "Паёмбарон ва солеҳин ба сӯи Худованд васила қарор дода мешаванд.»4

Ва ҳамчунин Шавконӣ дар китоби «Дуррун-назид фи ихлоси калиматут-тавҳид» тавассулро ҷоиз донистааст.

**قال الحمزاوي العدوي المتوفى 1303 في " مشارق الأنوار " ص 92 بعد كلام طويل حول مشهد الإمام الحسين الشريف: واعلم أنه ينبغي كثرة الزيارة لهذا المشهد العظيم متوسلا به إلى الله ويطلب من هذا الإمام ما كان يطلب منه في حياته فإنه باب تفريج الكروب ، فبزيارته يزول عن الخطب الخطوب ، ويصل إلى الله بأنواره والتوسل به كل قلب محجوب ، ومن ذلك ما وقع لسيدي العارف بالله تعالى سيدي محمد شلبي شارح " العزية " الشهير بابن الست وهو أنه قد سرقت كتبه جميعها من بيته قال : فتحير عقله واشتد كربه فأتى إلى مقام ولي نعمتنا الحسين منشدا لأبيات استغاث بها**

---

1-"Ал-фурӯъ ҷ.1.с.595. "Мақолотус-сунния фи кашфи залолоти Аҳмад ибни Таймия"-и Абдуллоҳ ибни Муҳаммади шофеӣ с.229.

2-«Ал Инсоф фимо тараҷҷаҳа минал-хилоф» ҷ.2.с.456 ба нақл аз "Ирғом-ул мубтада-ул-ғабӣ" саҳ.3.

3-Кашшоф-ул-қиноъ ҷ.2.с.69. «Мақолотус-сунния фи кашфи залолоти Аҳмад ибни Таймия»-и Абдуллоҳ ибни Муҳаммади шофеӣ с.229.

4-«Тӯҳфатуз-зокирин»-и Шавконӣ с.37. «Ал-Башора вал-иттиҳоф»-и Ҳасан ибни Алии Саққоф с.51. Ат-Тавассул анвоуҳу ва аҳкомуҳу»-Албонӣ с.47.

**فتوجه إلى بيته بعد الزيارة ومكثه في المقام مدة فوجد كتبه في محلها قد حضرت من غير نقص لكتاب منها وها هي الأبيات.**

**أيحوم حول من التجالكم أذى ؟ أو يشتكي ضيما وأنتم سادته ؟ !**

**حاشا يرد من انتمى لجنابكم يا آل أحمد ! أو تسر شوامته**

**لكم السيادة من ألست بربكم * ولكم نطاق العز دارت هالته**

**هل ثم باب للنبي سواكم * من غيركم من ذي الورى ريحانته ؟ !**

**تبا لطرف لا يشاهد مشهدا * يحوي الحسين وتستلمه سلامته**

**فالزم رحابا ضم سبط محمد * ما أمه راج وعيقت حاجته**

**ها خادما للحب يرفع حاجة * مما يلاقي من بلايا هالته**

**أمدنا الله من فيض أمداده ، ومتعنا من فيض قربه ، وتقبيل أعتابه**

Ҳамзовӣ баъд аз суханони зиёде дар бораи ҳарами Имом Ҳусайн (салавотуллоҳи алайҳ) мегӯяд: “Бидон, ки сазовор аст инсон бо восита қарор додани Имом Ҳусайн ба сӯи Худованд зиёд ин ҳарами бузургро зиёрат кунад. Ва аз ин Имом он чиро, ки дар ҳоли ҳаёташ талаб мекард дар ҳоли мамоташ, низ талаб кунад. Бадурустӣ, ки ӯ дарвозаи бартарафкунандаи гирифториҳост. Бо зиёрати ӯ гирифториҳои бузург ва бадиҳо аз байн меравад ва ҳар қалби маҳҷубе бо анвори ӯ ва бо тавассул ба ӯ ба Худованд мерасад. Ва аз он ҷумла аст, чизе, ки воқеъ шуда аст ба Ориф Саййид Муҳаммад Шалбӣ, машҳур ба Ибни Аласт ва он ин ки тамоми китобҳояш аз хонааш дуздида шуд. Ақлаш мутаҳайййир гашта ва ғаму андӯҳаш шиддат гирифт, ӯ ба маҳзари валии неъматамон (Имом) Ҳусайн омад, дар ҳоле, ки бо хондани ашъоре бар он ҳазрат истиғоса мекард. (талаби ёрӣ мекард). Баъд аз зиёрат ба хонааш баргашт ва тӯле накашид, дид ҳамаи китобҳояш бидуни камӣ ва костӣ дар ҷои худаш қарор гирифтааст ва шеъре, ки ӯ хонд дар боло аз назаратон гузашт.

Шайх Саломати Аззомии Шофеӣ дар Фурқон-ул-

Қуръон мегӯяд: Ибни Таймия гуфтааст:

Касе, ки қабрҳои солеҳонро тавоф кунад ва ё масҳ кунад, гуноҳи бисёр бузурге муртакиб шудааст. Ибни Таймия суханҳои гуногуне дар ин бора дорад: Гоҳе онро аз гуноҳони кабира ва гоҳе онро ширк ва гоҳе дигар таъбирҳои монанди онро дорад. Дар ҳоле, ки донишмандону фақеҳон пеш аз он ки ӯ ба дунё биёяд аз баррасӣ ва тадвини он фориғ шуда буданд, аммо ӯ тасмим гирифта, ки бо онҳо мухолифат кунад ва гоҳе бар ин иддаоҳои худ нисбати иҷмоъ медиҳад дар сурате, ки иҷмоъ бар хилофи гуфтаҳои ӯ будааст. Агар касе дар суханони ӯ ва суханони касоне, ки пеш аз ӯ ва баъд аз ӯ будаанд диққат кунад ва дорои фаҳми дуруст ва баррасии саҳеҳ бошад, ин ҳақиқатро ба равшанӣ меёбад.[1]

Боз мегӯяд: Ва ҳар гоҳ дар чизҳое, ки Ибни Таймия ба сабаби он мусулмононро такфир карда ва онро ибодати ғайри Худо дониста аст, диққат кунӣ хоҳӣ ёфт, ки далелаш ба ду муқаддима баргашт мекунад, ки аввали он: Ҳар ибодате, ки барои ғайри Худо бошад, ширк аст ва ин дуруст аст ва ҷузъи заруриёти дин аст ва Ибни Таймия аз оёт ва ривоёти зиёде, ки дар бораи мушрикон ворид шуда, барои он истидлол кардааст. Ва муқаддимаи дуввумаш: Ҳар нидое барои мурда ё шахси ғоиб ё тавофи даври қабр ё масҳи қабр ва... ибодати ғайри Худо аст. Ва ин мақаддима дурӯғу ботил аст. Ибни Таймия аз оёту ривоёти саҳеҳе, ки маънои онҳоро нафаҳмида ва ё дониста онҳоро таъвил карда, барои ин ақидаи нодурусташ истидлол кардааст. Ва аз ин қиёси фосидаш, ки муқаддимаи дуввумаш ғалат аст, натиҷаи дурӯғе гирифта, ки иборат аст аз ин ки: Ҳамаи мусулмонон ғайр аз ӯ ва пайравонаш мушрик ва кофир ҳастанд.

Боз мегӯяд: Олими аҳли таҳқиқ ва тоҷи аҳли тадқиқ,

---

1-Ибни Таймия аз ин гуна дурӯғҳо фаровон гуфтааст, ки иншоаллоҳ мо дар китоби ҷудогонае онҳоро дар ихтиёри хонандагон қарор хоҳем дод.

Имом Муҳаммад ибни Абдулмаҷиди Фосӣ мутаваффои 1922 китобе бар радди ин мазҳаб аз назари усул ва мантиқ навиштааст ва он чунон, ки шоистааст, мавриди баррасӣ қарор додааст. То он, ки мегӯяд: Ин мард ба Расули Худо низ иҳонат карда ва гуфтааст: Мусофират барои зиёрати қабраш гуноҳ аст ва касе, ки ӯро баъд аз маргаш нидо кунад ва ба ёрӣ талабад, мушрик аст. Ва гоҳе онро ширки кӯчак ва гоҳе ширки бузург хондааст! Агар шахси ёрихоҳанда дилаш пур аз ин ақида ва фаҳм бошад, ки холиқ ва таъсиргузорандае ғайр аз Худо вуҷуд надорад ва аз Паёмбар, ки ҳоҷат ва ёрӣ хоста мешавад, ба ин хотир аст, ки Худо ӯро сарчашмаи ҳар хайр қарор дода шафоаташ ва дуояшро маврид қабул қарор додааст чунон, ки тамоми мусулмонон дар ҳама асру замон дар бораи он ҳазрат ин гуна ақида доштаанд, оё ин ширк хоҳад буд?

Ва Ҷамолидин Абдуллоҳ Муҳаммади Ансории муҳаддис гуфтааст: Бо шайхамон Тоҷидин Фокиҳонӣ[1] ба Дамишқ рафтем. Ӯ хост Наълайни Расули Худоро, ки дар «Дорул-ҳадисил ашрафия" қарор дорад зиёрат кунад, ҳангоме, ки наълайни муборакро дид худро бар он андохт дар ҳоле, ки онро мебӯсид ва суратașро бар он мемолид ва ашк мерехт ин шеърро мехонд:

Агар ба Маҷнун гуфта шавад, ки Лайлӣ ва васлашро мехоҳӣ ва ё дунё ва ҳамаи дороии дунёро, ӯ дар ҷавоб мегӯяд: Ғубори хоки кафши ӯ назди ман аз ҳама чиз маҳбубтар аст. Ва аз он барои ҳамаи дардҳо шафо металабам.[2]

Шабровии шофеӣ мутаваффои соли 1172 дар китобаш боберо ба ҳарами Имом Ҳусайн **алайҳис-салом** ихтисос дода ва аз зумраи кароммоти Имом Ҳусайн **алайҳис-салом** ба ин достон

---

1-Фақеҳи моликӣ, мутабаҳҳир дар Усул, фиқҳ ва адаб, ки дорои китобҳо олие аст ва дар соли 734-и ҳиҷрӣ даргузаштааст.

2-"Фурқон-ул-Қуръон"-и Аззомии шофеӣ саҳ.133.

ишора карда мегӯяд: Марде, ки ӯро Шамсиддини Қуянӣ мегуфтанд ва дар наздикии он қабри муқаддас зиндагӣ мекард... ба чашмҳояш осебе расид ва нобино шуд. Ва ҳар рӯз намози субҳро дар он макони муқаддас мехонд ва канори дарвозаи зареҳ меистод ва мегуфт: Эй мавлои ман! Ман ҳамсояат ҳастам чашмҳоям аз дастам рафта аз Худо ба василаи ту мехоҳам, ки чашмҳоям гарчӣ якеашро ба ман баргардонад. Ӯ шабе хобе дид, ки гурӯҳе ба канори қабри шариф омаданд, аз шахсияти онҳо пурсид, гуфта шуд: Инҳо Паёмбари Худо ва ҳамроҳонаш ҳастанд, ки барои зиёрати Ҳусайн омадаанд, ба ҷамъи онҳо дохил шуда он чиро, ки дар бедорӣ мегуфт такрор кард. Имом Ҳусайн **алайҳис-салом** рӯ ба Паёмбар кард ва достони ӯ ва талаби шафоаташро ба он ҳазрат арз кард. Расули Худо ба Алӣ **алайҳис-салом** фармуд: Бар чашмаш сурма бикаш... Имом Алӣ ба чашми ӯ сурма кашид ва ӯ эҳсоси сузиши сахте намуд ва аз шиддати нороҳатӣ дод зад ва аз хобаш бедор шуд ва ҳанӯз гармии сурмакашиданро дар чашмаш эҳсос мекард, вале мулоҳиза кард, ки чашми росташ боз шудааст...Онгоҳ ба шукронаи ин неъмат, гилеме бофту вақфи он ҳарами муборак намуд ва то замони вазири Муҳаммад подшо, ки аз тарафи султон Муҳаммадхон вилояти Мисрро бар ӯҳда дошт, ин гилем ҳам чунон дар он ҷо паҳн буд ва ӯ гилеми дигареро, ки ҳамакнун дар онҷо паҳн аст ба ҷои он қарор дод”.1

Шабровӣ кароматҳои дигаре низ нақл кардааст. Бояд таваҷҷӯҳ дошта бошем, ки аз ин гуна кароматҳо фаровон воқеъ шудааст, ки дар ин қабил китобҳо метавон ба онҳо даст ёфт, чунон ки худи Ибни Таймия, низ ба ҳақиқати он эътироф кардааст.

---

1-"Ал-Иттиҳоф биҳубби ашроф"-и Шабровӣ саҳ.25-40.

## Ибни Таймия ва баргашт аз ақидаи ботил

Аз зоҳири баъзе суханони Ибни Таймия чунин ба даст меояд, ки ӯ аз ин ақидааш баргашта бошад:

**قال ابن تيمية: لا يستغاث الا بالله لا يستغاث بالنبي استغاثة بمعنى العبادة، ولكن يتوسل به ويستشفع به الى الله."**

Вақте Ибни Таймияро барои мунозираву бозхоҳӣ аз гуфтаҳояш ба ҳузури қозии шофеӣ оварданд дар он нишаст, ки уламо ва қузот ҳузур доштанд, гуфт: **«Ба ғайри Худо истиғоса намешавад кард. Истиғосаи ба маънои ибодат ба Паёмбар ҷоиз нест, вале тавассул ва талаби шафоат аз Паёмбар ҷоиз аст».**1

Муайййиди ин сухани Ибни Таймия сухани дигари ӯст, ки дар китоби "Маҷмӯъ-ул-фатово"-аш мегӯяд:

**"التوسل به في الدعاء كما في الحديث الذي رواه الترمذي وصححه أن النبي علم شخصا أن يقول اللهم إني أسألك وأتوسل إليك بنبيك محمد نبي الرحمة يا محمد يا رسول الله إني أتوسل بك إلى ربي في حاجتي ليقضيها اللهم فشفعه في". فهذا التوسل به حسن وأما دعاؤه والإستغاثة به فحرام.**

«Тавассул ба Паёмбар дар дуо чунон, ки дар ҳадисе аз Паёмбар ("**саллаллоҳу алайҳи ва олиҳ**») ворид шудааст машрӯъ аст тавассул ба Паёмбар дар дуо: Худоё ман аз ту мехоҳам ва мутавассил мешавам ба сӯи ту ба василаи паёмбарат Муҳаммад паёмбари раҳмат. Эй Муҳаммад эй Расули Худо ман мутавассил мешавам ба василаи ту ба сӯи Парвардигорам дар ҳоҷатам то ҳаҷатамро бароварад...". Баъд аз нақли ин ҳадис мегӯяд: **Ин гуна тавассул ба Паёмбар хуб аст, вале дуо ва истиғоса ба он ҳазрат ҳаром аст".**2

Ҳамон гуна, ки мебинем Ибни Таймия дар ин нишаст, ки дар охири умри ӯ пеш омада ва дар ҳузури олимон ва

---

1-"Ан-Бидоя ван-ниҳоя"-и Ибни Касир ҷ.14.с.51.

2-«Маҷмӯъ-ул-фатово»-и Ибни Таймия ҷ.3.с.276.

қозиён барпо шуда аст, тавассул ба Расули Худо **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам** ва талаби шафоат аз он ҳазратро ҷоиз донистааст.

Ба назар мерасад шояд, чун Ибни Таймия худро дар ҳузури олимон дид ва медонист, ки агар тавассулро ҳаром бигӯяд уламо ӯро бо далел шарманда хоҳанд кард бинобар ин, дар ҷамъи олимон ба ҷоиз будани тавассул фатво медиҳад ва ҳамчунин дар мавриди истиғоса, низ мегӯяд: Истиғосаи ба маънои ибодат ба Паёмбар ҷоиз нест. Дар ҳоле, ки шахси ҷоҳил, низ медонад ва қабул дорад, ки истиғосаи ба маънои ибодат ба ғайри Худо ҷоиз нест. Ин ҷо низ Ибни Таймия суханашро бо қайди ибодат зикр мекунад, ки дар ҷамъи олимон гирифтор нашавад. Агар Ибни Таймия дар воқеъ далеле бар ҳаром будани тавассул ва истиғоса ба ғайри Худо дошт, дар ин нишаст ин гуна аз баёни он фарор намекард ва хилофи онро намегуфт. Ҳамчунин дар бораи истиғоса далели гуфтори мо ин ки дар гуфтори дуввуми Ибни Таймия, ки дар боло зикр кардем, ки баъд аз нақли ҳадиси тавассул, тавассул ба Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва салламро ҷоиз дониста вале он ҷо боз мегӯяд: Истиғоса ба он ҳазрат ҳаром аст ҳам чунин дар ҷойҳои дигари китобаш, ки қаблан зикр кардем. Чаро дар ин ҷо (дар ҷамъи уламо) истиғоса ба маънои ибодатро қайд овард вале дар ҷойҳои дигар яъне дар ғайри ҳузури уламо он қайдро зикр накард? Ва ин худ нишонаи далел надоштан ва илм доштан бар ботилу беасос будани далелҳо ва гуфтораш дар ин масъала мебошад.

## Мӯъҷизоти фаровони қабри Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам ва иттифоқи мусулмонон бар ҷавози тавассул

Солеҳи Шомӣ мегӯяд:

**وقال الشيخ تقي الدين بن الصلاح في كلامه على بعض المسائل لقد انتدب بعض**

**العلماء لاستقصائها يعني معجزاته** صلى الله عليه (وآله) وسلم **فجمع ألف معجزة، وعددناه مقصرا، إذ هي فوق ذلك بأضعاف لا تحصى، فإنها ليست محصورة على ما وجد في عصره منها** صلى الله عليه (وآله) وسلم، **فلم تزل تتجدد بعده** صلى الله عليه (وآله) وسلم **على تعاقب العصور، وذلك أن كرامات الأولياء من أمته وإجابات المتوسلين في حوائجهم ومعوناتهم، عقب توسلهم به في شدائدهم له براهين قواطع ومعجزات سواطع، لا يعدها عاد، ولا يحصرها حاد.**

Солеҳи Шомӣ мегӯяд: Шайх Тақиюдин ибни Салоҳ гуфтааст: "Баъзе аз уламо бо қисса карданаш мӯъҷизоти қабри Паёмбар **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи**-ро кори хуб анҷом дода ва мӯъҷизоти қабри он ҳазратро ҳазор мавриди ҷамъ кардааст, вале мо бо кӯтоҳие, ки онро шумурдем ба ин натиҷа расидем, ки шумори он хеле беш аз ҳазор тост, ки наметавон онро ҳисоб кард. Ва ин мӯъҷизаҳо ба замони Паёмбар **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам** мунҳасир намешавад. Ҳамеша мӯъҷизаҳои нав дар асрҳои баъдӣ низ, ба вуҷуд омада ва он ба ин хотир аст, ки кароматҳои авлиёи умматаш ва қабул шудани ҳоҷатҳои тавассулҷӯяндагон ва кӯмак хостанашон аз пушти тавассулашон аз он ҳазрат дар сахтиҳо, дорои далелҳо ва мӯъҷизаҳои қатъӣ аст, ки касе наметавонад онро бишморад ва на маҳдудкунандае метавонад онро маҳдуд кунад. Солеҳи Шомӣ дар идома мегӯяд:

**قلت: وقد ألف الإمام العلامة سيدي أبو عبد الله بن النعمان في ذلك كتابا سماه مصباح الظلام في المستغيثين بخير الأنام في اليقظة والمنام أتى فيه بالعجيب العجاب، الذي لا يشك فيه من له أدنى تمييز فعليك به، فإنه جامع في بابه. اللهم إنا نسألك، ونتوجه إليك بنبيك محمد** صلى الله عليه (وآله) وسلم **أن تحسن عاقبتنا في الأمور كلها، وأن تجيرنا من خزي الدنيا وعذاب الآخرة".**

“Имом ва аллома сарварам Абӯабдуллоҳ ибни Нӯъмон дар ин бора китобе навишта аст ба номи “Мисбоҳ-уз-зулом фи мустағисин би хайрил аном фил яқзати мал маном” ва

дар он мўъҷизаҳои аҷоибе аз қабри он ҳазрат нақл кардааст ва касе, ки аз камтарин қувваи санҷиш бархўрдор бошад дар воқеияти он шак намекунад. Пас бар ту бод ба хондани ин китоб, ки он дар ин боб ҷомеъ аст".[1]

**Шарҳи ҳоли Солеҳи Шомӣ**: Заркалӣ мегўяд: "Муҳаммад ибни Алӣ муҳаддис, огоҳи ба таърих, шофеӣ мазҳаб мебошад, ки аз ҷумлаи китобҳояш "Субулул ҳудои вар-рашод, ки онро аз ҳазор китоб ҷамъоварӣ кардааст".[2]

Субкӣ дар бораи тавассул мегўяд: "Тавассул ва истиғоса ва талаби шафоат кардан аз Паёмбар кори хубе аст ва ҳеҷ касе аз салаф ва халаф мункири он нашуда, то ин ки Ибни Таймия омад ва онро инкор кард ва аз роҳи рост рўй гардонд ва бидъатеро ба бор гузошт, ки пеш аз ў ҳеҷ олиме онро нагуфта буд".[3]

**Шарҳи ҳоли Субкӣ**: Ибни Касир мегўяд: "Имом, аллома, муҳаддиси шофеӣ.[4] Заркалӣ мегўяд: "Шайхул Ислом дар замонаш ва яке аз ҳофизони муфассир. Ў мутаваффои соли 756 аст.[5]

Самҳудӣ мегўяд: "Истиғоса ва шафоат ва тавассул ба Паёмбар **саллаллоҳу алайҳи (ва олиҳ) ва саллам** ба мақому баракаташ назди Худованд аз равиши паёмбарон ва сираи салафи солеҳ буда ва дар ҳар замоне анҷом мешуда аст чи пеш аз хилқати он ҳазрат ва чи баъд аз хилқат, дар ҳаёти он ҳазрат ва ҳам дар барзах. Вақте тавассул ба амалҳо саҳеҳ аст ҳамон гуна, ки дар ҳадиси ғор омада аст (Бухорӣ ва дигарон ривоят кардаанд) пас тавассул ба Паёмбар **саллаллоҳу алайҳи ва**

---

1-"Субулул-ҳудои вар-рашод фи сирати хайрил ибод" ҷ.12.саҳ.407-408.
2 -"Ал-Аълом"-и Заркалӣ ҷ.7.саҳ.155.
3-"Файз-ул-қадир»-и Мунавӣ ҷ.2.с.135. "Ирғом-ул мубтада-ул-ғабӣ" саҳ.3.
4-Таърихи Ибни Касир ҷ.14.с. 114-120.
5-"Ал-Аълом"-и Заркалӣ ҷ.4.с.302.

**олиҳи ва саллам** сазовортар аст".[1]

**Шарҳи ҳоли Самҳудӣ**: Умарризо Каҳола мегӯяд: "Муаррих, фақеҳи шофеӣ мутаваффои соли 911-и ҳиҷрӣ.[2]

Қасталонӣ мегӯяд: "Аммо осори тавассул ба Паёмбар **саллаллоҳу алайҳи (ва олиҳи) ва саллам** баъд аз маргаш дар барзах беш аз он аст, ки битвон онро шумурд".[3]

**Шарҳи ҳоли Қасталонӣ**: Умар Каҳола мегӯяд:: "Аҳмад ибни Муҳаммад муҳаддис, муаррих, фақеҳи шофеӣ мутаваффои соли 923, аз уламои бузург ва муаллифи Иршод-ус-сорӣ дар шарҳи саҳеҳи Бухорист.[4]

Зайни Деҳлон мегӯяд: "Ҳар касе, ки зикрҳои пешиниён ва дуоҳо ва авроди онҳоро пайгирӣ кунад дар онҳо миқдори зиёде аз тавассул ба зотони муқаддасро меёбад, ки касе бар онҳо ишкол нагирифта аст, то ин ки ин мункирон (ваҳҳобиҳо) омаданд. Ва агар қарор бошад, ки намунаҳои тавассулро ҷамъ кунем, китоби бузурге мешавад".[5]

**Шарҳи ҳоли Деҳлон**: Заркалӣ мегӯяд: "Аҳмад ибни Зайнӣ Деҳлон, фақеҳи маккӣ, таърихдон, мутаваффои 1304. Дар Макка таваллуд шуд ва амри тадрисро дар онҷо ба ӯҳда дошт.[6] Умар Каҳола мегӯяд: "Маккӣ, шофеӣ, фақеҳ ва таърихдон, муфтии шофеиҳо дар Макка... Аз ҷумла китобҳояш "Дурарус-сунния фи рад ало ваҳҳобия" аст.[7]

Абӯбакр ибни Муҳаммади Димишқии шофеӣ дар китоби «Дафъ-уш-шубҳа анир-расул вар-рисола” саҳ-211 мегӯяд: “Масъалаи тавассул ба Паёмбар **«саллаллоҳу алайҳи ва**

---

1-"Вафо-ул-вафо"-и Самҳудӣ ч.4.с.1372 ва "Ҷило-ул-айнайн фи муҳокимати Аҳмад ибни Абдулҳалим ибни Таймия с.498, ин китоб дар дифоъ аз Ибни Таймия навишта шудааст.

2-" Мӯъҷам-ул-муаллифин" ҷ.7.с.129.

3-"Мавоҳиб-уд-диния"-и Қасталонӣ ба нақли "Ҷило-ул-айнайн..." саҳ.498-499.

4-"Мӯъҷам-ул-муаллифин" ҷ.2.с.85. "Ал-Аълом"-и Заркалӣ ҷ.1.с.232.

5-"Дурарус-сунния фи рад ало ваҳҳобия"-и Зайни Деҳлон саҳ.31.

6-Ал-Аълом ҷ.1.с.129.

7-"Мӯъҷам-ул-муаллифин"-и Умар Ризо Каҳола ҷ.1.с.229.

олиҳ» ҳамеша аз замони Одам алайҳис-салом вуҷуд дошта ва касе пеши онро нагирифта ва таъне бар он накарда аст, то замоне, ки занодиқаи Яҳуд ва ғолиёни онҳо, ки буғзу кинаи Паёмбарро, ки дар дил доштанд, зоҳир шуданд ва гуфтанд: "Бо марги Паёмбар ҳурмату мақомаш ботил шуд, ба Паёмбар мутавассил шудан ва ба мақоми Муҳаммад саллаллоҳу алайҳи ва олиҳ гуфтан баъд аз маргаш ҷоиз нест. Баъд аз чанд сатр, боз мегӯяд: Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва олиҳ барои мо дар ҳаёт ва баъд аз ҳаёташ раҳмат буда ва ҳаст. Чӣ гуна ба он ҳазрат мутавассил нашавем... Ин аз он чизҳоест, ки аҳли тавҳид бар он иҷмоъ дошта ва доранд ва ҳам чунин иҷмоъ доранд бар такфири ҳар касе, ки бар хилофи он бошад. Ва имомон ин матлабро ба равшанӣ баён кардаанд, ки аввалини онҳо Имом Молик аст.

Нависандаи ин китоб дар соли 829-и ҳиҷрӣ вафот карда ва шарҳи ҳолаш дар китобҳои “Анбо-ул-ғумар»-и Ибни Ҳаҷар ҷ.8.с.110, «Табақот-уш-шофеия»-и Ибни Қозӣ ҷ.4.с.97, Шазарот-уз-заҳаб” ҷ.9.с.273 ва дигарон омадааст. Ва ӯ ин китобро бар радди ақидаи Ибни Таймия навиштааст ва бо далоили маҳкам ва илмӣ ба шубҳаҳои ӯ ҷавоб додааст.

Ибни Бутӣ мегӯяд: "Тавассул ва талаби борон ба василаи Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва олиҳ аз чизҳоест, ки ҷумҳури имомон ва фақеҳон бар он иҷмоъ доранд. Аз ҷумлаи онҳо, Ибни Қудома, Шавконӣ ва Санаонист."[1]

Саид Мамдӯҳ мегӯяд: "Ҷамоҳири олимони уммат тавассулро ҷоиз медонанд. Шайхи моликӣ ва аҳли мазҳабаш иттифоқ бар ҷоиз будани тавассул бар Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва олиҳ доранд ва аз ҳеҷ олими онҳо сухане, ки тавассулро ҳатто макрӯҳ медониста бошанд, вуҷуд надорад ҳамон гуна, ки устоди мо алломаи муҳаққиқ Саййид Абдуллоҳ ибни Сиддиқи ғуморӣ дар китоби "Ар-Раддул

1-"Фиқҳ-ус-сира"-и Ибни Бӯтӣ саҳ.344-455, ба нақл аз тавассули Албонӣ.

маҳкамул матин"-аш инро собит кардааст".[1]

Ёдовар мешавем, ки Саид Мамдӯҳ ин суханро дар баёни дурӯғе, ки яке аз уламои ваҳҳобӣ ба забон ҷорӣ карда, гуфта аст.

## Эътирофи Ибни Таймия ба фаровонии мӯъҷизоти қабри Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва олиҳ

**"وكذلك سؤال بعضهم للنبي** صلى الله عليه (وآله) وسلم **أو لغيره من أمته حاجته فتقضى له فإن هذا قد وقع كثيرا وليس هو مما نحن فيه وعليك أن تعلم أن إجابة النبي** صلى الله عليه (وآله) وسلم **أو غيره لهؤلاء السائلين ليس مما يدل على استحباب السؤال ...وفيهم من أجيب وأمر بالخروج من المدينة فهذا القدر إذا وقع يكون كرامة لصاحب القبر... وكذلك ما يذكر من الكرامات وخوارق العادات التي توجد عند قبور الأنبياء والصالحين مثل نزول الأنوار والملائكة عندها وتوقي الشياطين والبهائم لها واندفاع النار عنها وعمن جاورها وشفاعة بعضهم في جيرانه من الموتى واستحباب الاندفاع عند بعضهم وحصول الأنس والسكينة عندها ونزول العذاب بمن استهان بها فجنس هذا حق ليس مما نحن فيه وما في قبور الأنبياء والصالحين من كرامة الله ورحمته وما لها عند الله من الحرمة والكرامة فوق ما يتوهمه أكثر الخلق".**

Ва ҳамчунин савол кардани баъзе аз уммати Паёмбар ҳоҷаташро аз Паёмбар ва ё аз ғайри он ҳазрат, ки ҳоҷаташ бароварда шудааст. Пас ин гуна иттифоқҳо зиёд пеш омада ва ин дар баҳси мо дохил нест. Бар ту бод бидонӣ, ки баровардани Паёмбар ё ғайри он ҳазрат ҳоҷати саволкунандагонро чизе нест, ки далолат бар мустаҳаб будани савол аз онҳо кунад. Аз ин мардум касоне буданд, ки ҳоҷаташон (баъд аз ҳоҷат хостан аз қабри Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва олиҳ) бароварда шуд ва амр шуд, ки аз Мадина берун равад. Пас ин миқдор агар воқеъ шавад кароматі соҳиби қабр аст... Ҳам чунин он чӣ ки зикр шуда аз каромот ва корҳои хориқулодда назди қубури анбиё ва солеҳин, монанди нозил шудани нурҳо ва фариштаҳо бар он қабр ва

---

1 -"Рафъ-ул-манора"-и Саид Мамдӯҳ саҳ.39.

тарсидану гурехтани шаётин ва ҳайвонот аз он қабрҳо ва дафъи оташ аз он қабр ва аз касе, ки ҳамсояи он қабр аст ва шафоати баъзе аз онҳо дар бораи касе, ки дар қабр ҳамсояи ӯ шуда... Ва низ унсу оромиш ба касоне, ки назди он қабр ҳастанд ба вуҷуд меояд ва нозил шудани азоб ба касе, ки иҳонат ба он қабр кард ва монанди инҳо ҳама ҳақ ҳастанд, ки аз баҳси мо хориҷ аст. Ва он чӣ дар қабрҳои паёмбарон ва солеҳин аз каромату раҳмати илоҳӣ ва эҳтироме, ки барои он қабрҳо назди Худо вуҷуд дорад, болотар аз ин аст, ки аксари мардум гумон мекунанд.[1]

Боз Ибни Таймия мегӯяд:

**وكذلك أيضا ما يروى أن رجلا جاء إلى قبر النبي** صلى الله عليه (وآله) وسلم **فشكا إليه الجدب عام الرمادة فرآه وهو يأمره أن يأتي عمر فيأمره أن يخرج فيستسقي الناس فإن هذا ليس من هذا الباب ومثل هذا يقع كثيرا لمن هو دون النبي** صلى الله عليه (وآله) وسلم **وأعرف من هذه الوقائع كثيرا".**

"Ва ҳамчунин он чӣ, ки ривоят шуда марде ба назди қабри Паёмбар омад ва ба он ҳазрат аз хушксолӣ шикоят кард, пас он ҳазратро дар хобаш дид дар ҳоле ки Паёмбар ба ӯ дастур доданд, ки ба назди Умар ибни Хаттоб биравад ва ӯро амр кунад, то барои мардум талаби борон кунад. Пас ба дурустӣ, ки ин аз мавзӯи мо нест ва монанди он ҳатто барои ғайри Паёмбар ҳам зиёд воқеъ мешавад ва ман аз ин гуна воқеаҳо зиёд медонам." [2]

Пас мебинем, ки худи Ибни Таймия, ки роҳи душмани бо тавассулро боз карда, беш аз ҳама эътироф ба ҳақиқату матлубияти тавассул ва истиғоса карда ва имдоду кӯмаки ғайбиро беш аз ҳама қабул кардааст.

Ҳам чунин аз ин суханон ва эътирофоти Ибни Таймия метавон ба роҳатӣ ба даст овард, ки ӯ бо пайравӣ аз ҳавою

1-"Иқтизо-ус-сирот"-и Ибни Таймия ҷ.1.саҳ.374. Ар-Рад алал Бакрӣ ҷ.1.саҳ.454 қариб ба ҳамин маъно.

2-"Иқтизо-ус-сирот"-и Ибни Таймия ҷ.1.саҳ.373.

ҳавас, бо тавассул ва истиғоса мухолифат кардааст.

Мусулмонон бо қавл ва амал бар машрўъ будани тавассул ва талаби шифо, аз Паёмбари гиромӣ «саллаллоҳу алайҳи ва олиҳ» иҷмоъ доранд ва ин амалро бар имомони Аҳли Байти он ҳазрат низ ҷоиз донистаанд. Ва ҳамчунин табаррук ҷустан ба осори он ҳазрат ва осори паёмбарону солеҳин низ машрўъ донистаанд. Вале ваҳҳобиҳо ин ҳамаро ҳаром дониста мегўянд: Ин корҳо ҳама ширк варзидан ба Худост. Ба ин далел, ки ин амал тавассул ба мурдае аст, ки на фоида метавонад бирасонад ва на зарар. Дар ҳоле, ки ақл ва шаръ мегўянд, ки ҳукми тавассул як аст ва агар тавассул ба мурда ширк ба Худои Мутаол бошад, тавассул ба зинда низ ширк бар Худо бояд бошад. Ва агар тавассул ба зинда ҷоиз бошад, ба мурда низ бояд ҷоиз бошад. Ва маҳол аст, ки баъзе аз ширкҳо имон бошад ва шахсро аз Ислом хориҷ накунад ва баъзе аз он ҳаром ва хориҷкунандаи аз Ислом бошад.

Аз садри Ислом то кунун, ҳамеша мусулмонон қабрҳои паёмбарон, имомон, авлиё ва бузургони дин ва дар пешопеши ҳамаи онҳо қабри Паёмбари бузургвори Ислом «саллаллоҳу алайҳи ва олиҳ»-ро зиёрат мекарданд ва бо рафтан ба сўи ин машоҳид ва хондани намозу дуо дар назди онҳо ва бо табаррук ва тавассул ба онҳо, ба Худои Мутаол тақарруб меҷустанд ва ин амал мавриди иттифоқи ҳамаи гурўҳҳои исломӣ бекамтарин ихтилофе будааст, то он ки рўзгор Ибни Таймия (раҳбари ваҳобиҳо)-ро ба дунё овард!

Ибни Таймия дар гумномӣ ва бепарвоӣ, афсонагўиро сар кард ва суннатро бозича қарор дод ва мункири ин равиши писандида, ки ҳамеша муқаддас ва мавриди эҳтироми ҳамагон буда, шуд ва онро мавриди танқид қарор дод ва бо гуфтори дур аз мантиқ ва адаб, ба он ҳамла кард. Ў илова ба тавассул чизҳои зиёди дигарро мавриди ҳамла қарор дода, ки аз ҷумлаи онҳо сафар барои зиёрати Паёмбар «саллаллоҳу алайҳи ва олиҳ»-ро ҳаром шумурд ва фатво

дод: Касе, ки барои зиёрати Паёмбар **«саллаллоҳу алайҳи ва олиҳ»** мусофират кунад, ба хотири ин ки сафараш сафари гуноҳ аст, бояд намозашро тамом хонад.

Вақте, ки ин нағма аз тарафи ӯ суруда шуд бисёре аз донишмандони аҳли суннат бар зидди ӯ бапо хестанд ва бо шиддат ӯро маҳкум карданд ва китобҳои арзандае бар зидди ӯ навиштанд[1] ва ақоиди нодуруст ва бидъатҳояшро мавриди нақду баррасӣ қарор доданд ва дурӯғҳояшро барои ҳамагон ошкор карданд.[2]

Баъд аз ин фатво, фақеҳони Шом фатвое бар зидди ӯ дар чиҳил сатр содир карда ва дар охири кор, ҳукм ба такфири Ибни Таймия доданд ва Шаҳоб ибни Ҷаҳбал низ бо ӯ дар ин ақида мувофиқат кард ва зери хатти вай навишт: Пайравони Молик низ чунин ақида доранд.

Онгоҳ ин фатвои фақеҳони Шом ба қозил-қузоти шофеии Миср, Бадр ибни Ҷамоат арза шуд ва ӯ низ пушти он навишт: Ин мард бояд аз ин гуна фатвоҳои аҷибу ғарибе, ки назди имомон ва олимон ботил аст боздошта шавад ва агар аз ин амал даст накашад ба зиндон афканда шавад ва барои ин ки мардум аз ӯ пайравӣ накунанд, тафаккури ғалати ӯ ба мардум бозгӯ ва муаррифӣ шавад.

Ва Иброҳим ибни Саъдуллоҳ ибни Ҷамоат онро навишт.

Муҳаммад ибни Ҷарири ҳанафӣ низ, гуфта аст: Бояд ҳатман ӯро зиндонӣ кард.

Муҳаммад ибни Абӯбакри моликӣ ва Аҳмад ибни

---

1-Монанди Шифоус-сиқом фи зиёрати хайрул аном, таълифи Тақиюдин Субкӣ ва “Дурратул мазия фи рад ало Ибни Таймия»-и Субкӣ. Ва “Ал-Мақолатул марзия”-и Қозил қузоти моликӣ ахноӣ. “Наҷмул мӯҳтадӣ ва раҷмул муқтадӣ”-и Фахр ибни Муаллими Фаршӣ. “Дафъуш-шубҳа»-и Ҳасанӣ. Тӯҳфатул мухтора фи рад ало мункири зиёрат”-и Фокиҳонӣ.

2-Монанди: Савоиқул илоҳия фи рад ало ваҳҳобия таълифи Шайх Сулаймон ибни Абдулваҳҳоб дар рад бар бародараш Муҳаммад ибни Абдулваҳҳоб. “Фатовол-ҳадиса»-и Ибни Ҳаҷар ва “Мавоҳибуд-диния”-и Қасталонӣ, ва Шарҳи Мавоҳибуд-диния»-и Зарқонӣ ва китобҳои зиёди дигар.

Умари Муқаддасии ҳанбалӣ низ ҳамин гуна суханҳо дар бораи ӯ навиштаанд.[1]

## Баъзе китобҳое, ки дар бораи тавассул навишта шуда ва ё ба ҷоиз будани он ишора кардааст

1-Ҳофиз Ибни Ҷавзӣ мутаваффои соли 597-и ҳиҷрӣ дар китоби "Ал-Вафо биаҳволил-мустафо", ки дар он ду боб ба унвони: Боби тавассул ба Расули Акрам ва боби талаби шифо аз қабраш дорад.

2-Муҳаммад ибни Нӯъмони моликӣ мутаваффои соли 673 дар китоби "Мисбоҳуз-зулом фил-мустағисин бихайрил аном".

3-Ибни Довуди моликӣ дар китоби "Ал-Баён вал-ихтисор» миқдори зиёде аз сахтиҳоеро, ки барои олимон ва солеҳон пеш омада ва ба Расули Худо **«саллаллоҳу алайҳи ва олиҳ»** мутавассил шуда ва гирифториҳояшон бартараф шударо овардааст.

4-Тақиюдини Субкӣ, мутаваффои соли 756-и ҳиҷрӣ дар "Шифоус-сиқом" саҳифаҳаи 120-133.

5-Саид Нуридини Самҳудӣ, мутаваффои соли 911 дар «Вафо-ул-вафо» ҷ.2.с.419-431.

6-Ҳофиз Абӯлаббоси Қасталонӣ мутаваффои 923 дар "Мавоҳиб-уд-диния.

7-Зарқонӣ мутаваффои 1122 дар шарҳи "Мавоҳиб-уд-диния" ҷ.8.с.317.

8-Холидии бағдодӣ, мутаваффои 1299 дар "Сулҳ-ул-ихвон" ва он беҳтарин китобе аст, ки дар ин бора навишта шудааст ва масоилашро дар 70-сафҳа овардааст ва дар ҷавоби Саид Маҳмуди Олусӣ дар бораи тавассул ба Паёмбар **«саллаллоҳу алайҳи ва олиҳ»** китоби дигаре навишта, ки

---

1-Ба ин фатвоҳои қозил-қузоти мазҳабҳои чаҳоргонаи Миср ба китобҳои "Дафъ-уш-шабаҳ" с.45-47 ва "Такмилату сайфус-сақил"-и Шайх Муҳаммад Зоҳид Кавсарӣ с.155, мурочиа фармоед. Тарҷумаи «Ал-Ғадир» ҷ.9.с.158.

дар соли 1306 дар чопхонаи «Нахбатул ахбор” дар бист саҳифа чоп шудааст.

9-Ҳамзовӣ мутаваффои 1303 дар “Канзул матолиб” с.198.

10-Аззомии шофеӣ дар “Фурқонул Қуръон”, ки бо китоби «Асмо ва сифот”-и Байҳақӣ дар саҳифаи 140-и он чоп шуда ва китоби бисёр арзишманде аст ва ҳаққи матлабро адо кардааст.

11-Ал-Мақолотус-сунния фи кашфи залолоти Аҳмад ибни Таймия. Навиштаи Абдуллоҳ ибни Муҳаммади шофеӣ, ки аз саҳифаи 212 то 280 дар бораи тавассул ва табаррук баҳс карда ва китобест, ки хеле мавриди истиқболи аҳли суннат қарор гирифтааст.

12-“Рафъ-ул-манора литахриҷи аҳодисит-тавассул ваз-зиёра” навиштаи Маҳмуд Саид Мамдӯҳ. Муаллифи ин китоб ва уламои асри ҳозир буда ва аҳодисеро, ки дар бораи тавассил ворид шудааст ҷамъоварӣ карда ва ба шубаҳоти ваҳҳобиҳо дар бораи ҳар як аз ахбори ворида муфассал ҷавоб додааст.

13-“Ирғомул мубтада-ул-ғабӣ биҷавозит-тавассул биннабӣ” навиштаи Абдуллоҳ ибни Муҳаммад ибни Сиддиқи шофеӣ бо таҳқиқи Ҳасан ибни Саққофи шофеӣ.

14-“Ал-Иғоса биадиллатил-истиғоса”-и Ҳасан ибни Саққофи шофеӣ аз уламои асри ҳозир.

Ва китобҳои фаровони дигар, ки аз онҳо дар зайли матолиб ва ахбор ном бурда шудааст.

### Далелҳои равшани тавассул ба шахси Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва олиҳ

Чунон, ки ишора шуд ваҳҳобиҳо тамоми аҳодису ахбори саҳеҳро, ки далолат ба тавассул ба зот ва худи шахси Паёмбар **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳ** мекунад таъвил мекунанд ва мегӯянд ин тавассул ба дуо аст. Албатта равшан аст, ки он

тавассулҳо тавассул ба шахсу зоти Расули Худо **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳ** ва ба Аббос буда, вале боз ҳам ахбори бисёри дигаре низ вуҷуд дорад, ки бо равшании бештар ба ҷоиз будани тавассул бар худи шахсро мерасонад. Ва гарчӣ ин гуфтори ваҳҳобиҳо ниёзе ба ҷавоб надорад, чун ҳар мунсифе он хабарҳоро бихонад ба роҳатӣ мутаваҷҷеҳ мешавад, ки онҳо ба худи он ҳазрат мутавассил мешуданд, вале ба хотири ин ки ин матлаб хеле муҳим аст, чанд маврид ахбореро, ки бо равшанӣ тавассул ба шахси он ҳазрат ва дигаронро баён мекунанд, зикр мекунем.

Ва ин ки мо мехоҳем ҷавози тавассул ба зоту шахс собит шавад ба ин хотир аст, ки ваҳҳобиҳо тавассул ба зотро ҳатто дар замони ҳаёти Паёмбари гиромӣ **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳ** ва дар ҳузури он ҳазрат низ ширк медонанд. Чунон, ки Албонӣ дар китоби тавассулаш мегӯяд:

"...Салафиҳо (манзур аз салафиҳо дар гуфтори ӯ ваҳҳобиҳо ҳастанд) онҳо мусулмон ҳастанд, балки онҳо сазовортарини мардум ба сифати Ислом ҳастанд. Ва онҳо ҳаққи илмро медонанд, ки нисбати таъсири зотӣ барои Паёмбар ва ғайраш ширк дар рабубият ва хориҷкунандаи аз Ислом аст".1

**فأما التوسل بذاته فى حضوره أو مغيبه أو بعد موته مثل الإقسام بذاته أو بغيره من الأنبياء أو السؤال بنفس ذواتهم لا بدعائهم فليس هذا مشهورا عند الصحابة والتابعين".**

"Ибни Таймия мегӯяд: "Аммо тавассул ба зоти Паёмбар дар ҳузураш ё ғаёбаташ ё баъд аз маргаш мисли қасам ба зоташ ё ба зоти паёмбарони дигар ё савол ба худи зоташон на ба дуояшон, пас ин назди саҳоба ва тобеин машҳур набуда аст".2

---

1-Ат-Тавассул анвоуҳу ва аҳкомуҳ с.

2-"Маҷмӯъ-ул-фатово"-и Ибни Таймия ҷ.1.с.318.

**"فأما التوسل بذواتهم والسؤال بهم بدون دعائهم وشفاعتهم وطاعتهم التي يثيب الله عليها فهذا باطل لا أصل له في شرع ولا عقل".**

"Аммо тавассул ба зоту худи онҳо ва савол ба василаи онҳо бидуни дуояшон ва шафоаташон ва итоаташон, ки Худованд бар он савоб медиҳад, ботил аст ва он асле дар шариати Ислом надорад ва ақл низ онро намепазирад."[1]

Пас чунон, ки мулоҳиза мекунед тавассул ба зот, яъне ба шахси Паёмбар **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам** дар ҳоли ҳаёти он ҳазрат низ бинобар ин сухани Албонӣ ширк аст. Ва бинобар ақидаи онҳо шахсу зоти Паёмбар дорои ҳеҷ таъсире нест. Пас бояд бо ҳам бубинем, ки оё бо ҳамин сухан, ваҳҳобиҳо ҳамаи уммати исломиро муттаҳам ба мушрик будан мекунанд ё на?

Инак ба суроғи ахборе меравем, ки бо равшанӣ далолат бар тавассул ба зот мекунад:

1-Араби бодиянишине бар Паёмбар **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам** ворид шуду гуфт:

**عن أنس بن مالك جاء أعرابي إلى النبي** صلى الله عليه (وآله) وسلم **فقال: يا رسول الله لقد أتيناك وما لنا بعير يئط ولا صبي يصيح وأنشده:**

**أتيناك والعذراء يدمى لبانها وقد شغلت أم الصبي عن الطفل**

**ولا شئ مما يأكل الناس عندنا سوى الحنظل العامي والعلهز الفسل**

**وليس لنا إلا إليك فرارنا وأين فرار الناس إلا إلى الرسل**

**فقام رسول الله** صلى الله عليه (وآله) وسلم **حتى صعد المنبر ثم رفع يديه إلى السماء فقال: اللهم اسقنا غيثا مغيثا ...فوالله ما رد النبي يديه حتى ألقت السماء... لله در أبي طالب لو كان حيا قرتا عيناه من ينشدنا قوله (؟ فقام علي بن أبي طالب فقال :يا رسول الله كأنك أردت:**

**وأبيض يستقى الغمام بوجهه ثمال اليتامى عصمة للأرامل**

---

1-«Ар-Рад алал Бакрӣ»-и Ибни Таймия ҷ.1.с.187. “Маҷмӯъ-ул-фатово"-и Ибни Таймия ҷ.1.с.202.

يلوذ به الهلاك من آل هاشم فهم عنده في نعمة وفواضل

«Мо ба сӯи ту омадем дар ҳоле, ки на шутуре дорем, ки нола кунад ва на кӯдаке, ки бихонад, онгоҳ ин шеърро хонд:

Мо ба сӯи ту омадаем дар ҳоле, ки аз синаи асбҳоямон хун мечакад, модари кӯдак аз тифли худ боздошта шудааст. Чизе дар назди мо нест, ки мардум бихӯранд, ғайр аз харбузаи талх ва ғазои баде аз курку хун. Мо чорае ғайр аз паноҳ ба сӯи ту надорем. Ва паноҳи мардум ба ғайр аз сӯи паёмбарон куҷо метавонад бошад. Пас Паёмбар **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам** бархоста ҳаракат карданд, то ин ки ба минбар боло рафта даст бардошта фармуданд:

Худоё сероб кун моро бо боронат... Паёмбар дастонашонро аз дуо накашида буданд, ки борон шурӯъ ба боридан кард... Сипас ҳазрат фармуданд: Аҷри Абӯтолиб бо Худост, ки агар ӯ зинда буд чашмонаш равшан мешуд, чӣ касе сухани Абӯтолибро барои мо мехонад? Алӣ **алайҳис-салом** баланд шуду фармуд: Гӯё шумо ин суханашро мехоҳед эй Расули Худо:

Сафед чеҳрае, ки ба василаи рӯи ӯ аз абрҳо борон талабида мешавад ва паноҳгоҳи ятимон ва гирандаи дасти бевазанон аст. Гирифтороне аз фарзандони Ҳошим бар гирди вуҷуди ӯ мечарханд ва онҳо дар назди ӯ дар неъмат ва бахшиш ҳастанд.

Паёмбар **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳ** фармуданд: Оре, мақсади ман ҳамин аст, ки хондӣ. Сипас Алӣ **алайҳис-салом** бахше аз қасидаи ӯро хонд ва Паёмбар **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳ** дар болои минбар барои Абӯтолиб талаби бахшиш мекард. Баъд аз он марде аз қабилаи Бани Канона бархост, чанд байте хонд маънои аввалини он чунин аст:

Барои туст эй Худо ситоиш, ситоиш аз бандагони

сипосгузорад. Мо ба василаи рӯи Паёмбар сероб шудем.1

Ин ҳадис шавоҳиди фавороне дорад ва Ибни Ҳишом мегӯяд шахсе, ки дар назди ман мавриди эътимод аст ин қиссаро ба ман нақл кард. Ибни Ҳаҷар баъд аз ин ки мегӯяд: Гарчӣ дар санади ҳадиси Анас заъф аст, вале барои мутобиат солеҳ аст, сипас ба ин ҳадис ва сухани Ибни Ҳишом ишора кардааст.

Ин шеъри ҳазрати Абӯтолибро Расули Худо **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам** бисёр ёд мекарданд ва гоҳе, ки талаби борон мекарданд ба асҳобашон дастур медоданд, то касе онро бихонад. Достони ин шеър ин гуна аст, ки мардуми Макка аз хушксолӣ ба Абӯтолиб шикоят мекунанд ва Абӯтолиб бо Расули Худо **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам,** ки ҷавон ва бачча буданд берун меояд ва аз Худо ба василаи он ҳазрат талаби борон мекунад ва ин шеърро мехонад:

**وأبيض يستقى الغمام بوجهه ثمال اليتامى عصمة للأرامل**

Сафед чеҳрае, ки ба василаи рӯи ӯ аз абрҳо борон талабида мешавад ва паноҳгоҳи ятимон ва гирандаи дасти бевазанон аст.2

Ҳам чунин Аз Оиша, низ нақл шуда, ки ӯ ин шеърро мехонд ва падараш Абӯбакр қазоват мекард:

**وأبيض يستقى الغمام بوجهه ثمال اليتامى عصمة للأرامل**

“Сафед чеҳрае, ки ба василаи рӯи ӯ аз абрҳо борон талабида мешавад ва паноҳгоҳи ятимон ва гирандаи дасти бевазанон аст. Абӯбакр гуфт: Ба Худо савганд ин шахс

---

1-Сираи Ибни Ҳишом ҷ.1.с.181. "Аҳодис-ут-тивол"-и Табаронӣ с.73.р.28. "Китоб-уд-дуо"-и Табаронӣ с.597. "Далоил-ун-нубувва"-и Исмоил ибни Муҳаммади с.184. "Далоил-ун-нубувва"-и Байҳақӣ ҷ.6.с.140-142 бо чандин санад. Фатҳ-ул-борӣ ҷ.2.с.411 "Умдатул-қорӣ"-и Айинӣ ҷ.7.с.31. Таърихи Ибни Касир ҷ.6.с.99. Сираи Ҳалабӣ ҷ.3.с.263. "Субул-ул-ҳудо вар-рашод"-и Солеҳи Шомӣ ҷ.9.с.440. Канз-ул-уммол р.23549.

2-Таърихи Ибни Асокир. Субулул-ҳудои вар-рашод"-и Солеҳи Шомӣ ҷ.1.с.8-493. ҷ.2.с.137.

Расули Худо **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам** аст."1

Солим аз падараш нақл мекунад, ки ӯ мегуфта аст: Чӣ бисёр ёд мекардам сухани шоирро дар ҳоле, ки ба чеҳраи Расули Худо **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам** нигоҳ мекардам ва он ҳазрат дар минбар табали борон мекарданд ва ман ин қавли шоирро ёд мекардам:

**وأبيض يستقى الغمام بوجهه ثمال اليتامى عصمة للأرامل**

“Сафед чеҳрае, ки ба василаи рӯи ӯ аз абрҳо борон талабида мешавад ва паноҳгоҳи ятимон ва гирандаи дасти бевазанон аст, мегӯяд: Ин шеъри Абӯтолиб аст."2

Абдуллоҳ ибни Динор мегӯяд аз Ибни Умар шунидам, ки ин шеъри Абӯтолибро мехонд:

**وأبيض يستقى الغمام بوجهه ثمال اليتامى عصمة للأرامل**

“Сафед чеҳрае, ки ба василаи рӯи ӯ аз абрҳо борон талабида мешавад ва паноҳгоҳи ятимон ва гирандаи дасти бевазанон аст.”3

Боз аз Барроъ ибни Озиб нақл шуда, ки мегӯяд: Дар ҳоле, ки Расули Худо **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам** дар минбар буданд марде бархосту гуфт: Эй Расули Худо аз Худо бихоҳ, ки ба қурайш борон бидиҳад ба дурустӣ, ки онҳо ҳалок шуданд. Паёмбар **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам** фармуданд: Худоё онҳоро сероб кун, пас борон омаду сероб шуданд. Расули Худо фармуданд: Агар Абӯтолиб зинда буд бо дидани ин саҳна хушҳол мешуд. Марде гуфт: Эй Расули Худо, гӯё ин сухани Абӯтолибро мехоҳӣ: Сафед чеҳрае, ки ба василаи рӯи ӯ аз абрҳо борон талабида мешавад ва

---

1-Мусаннаф"-и Ибни Абишайба ҷ.6.с.181.р.63.ҷ.7.с.477.р.45. Муснади Аҳмад ҷ.1.с.7. “Табақот-ул-кубро"-и Ибни Саъд ҷ.3.с.198. Маҷмаъ-уз-завоид ҷ.8.с.272 Ҳайсамӣ санади ин ҳадисро саҳеҳ гуфтааст.

2-Муснади Аҳмад ҷ.2.с.93. Саҳеҳи Бухорӣ ҷ.2.с.15. Сунани Ибни Моҷа ҷ.1.с.405. р.1272. Сунани Байҳақӣ ҷ.3.с.352.

3-Саҳеҳи Бухорӣ ҷ.2.с.15. Сунани Байҳақӣ ҷ.3.с.352.

паноҳгоҳи ятимон ва гирандаи дасти бевазанон аст.[1]

Аз ин ахбор хеле ба равшанӣ собит мешавад, ки инҳо тавассул ба шахси Паёмбар **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам** мебошанд ва оё боз ҳам ваҳҳобиҳо метавонанд бигӯяд, ки манзур ва чеҳра яъне ба дуо он ҳазрат аст? Чунон, ки мебинем бузургу кӯчаки саҳоба ин шеъри ҳазрати Абӯтолибро забонзади худ кардаанд, ва ҳам чанин Паёмбари гиромии Ислом зиёд онро ба ёд меоварданд, вале бинобар ақидаи ваҳҳобиҳо тавассул ба чеҳра ҳатман ширк хоҳад буд. Пас оё шореи Ислом Расули Худо **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам** ҳастанд ва ё ваҳҳобиҳо? Мусулмонон дин ва қонуни зиндагии худро бояд аз Паёмбар **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам** бигиранд ва ё аз ваҳҳобиҳо, ки ин амалҳои таъйид кардаи он ҳазратро ширк мешуморанд?!

Савод ибни Қориб, ки аз асҳоби Расули Худо **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам** буд шеъре дар бораи он ҳазрат гуфта, ки баъзе аз он чунин аст:

**وانك ادنى المرسلين وسيلة الى الله يابن الأكرمين الأطائب**

**وكن لي شفيعا يوم لا ذوشفاعة بمغن فتيلا عن سواد بن قاريب**

Шаҳодат медиҳам, ки ту наздиктарин васила ба сӯи Худо аз дигар паёмбарон ҳастӣ, эй фарзанди гиромиҳо ва покизаҳо.

Шафоаткунандаи ман бош дар рӯзе, ки шафоати шофеон ба андозаи риштаи хурмо ба ҳоли Савод ибни Қориб суде нахоҳад дошт."[2]

Ибни Касир қиссаи Саводро бо чандин санад зикр кардааст. Дар суханони ӯ мулоҳиза мекунед, ки ӯ Расули Худо **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам**-ро беҳтарин васила ба сӯи Худованди Мутаол донист на танҳо дуои он ҳазратро ва

---

1-Канз-ул-уммол ч.12.с.347.р.35346.

2-Мӯъҷам-ул-кабир ч.7.с.94. Мустадраки Ҳоким ч.3.с.610. Маҷмаъ-уз-завоид ч.8.с.250. Тафсири Ибни Касир ч.4.с.181. Таърихи Ибни Касир ч.2.с.408-410.

Расули Худо **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳ**, низ аз шунидани шеъри ӯ ва мусулмон шуданаш хушҳол шуданд. Аз ин суханон низ ба даст меояд, ки манзур шахси он ҳазрат ҳастанд на дуои он ҳазрат ва ин суханон ҳеҷ рабте бо дуо надорад.

Чунон, ки ишора кардем дастовези ваҳҳобиҳо дар таҳрими тавассул ба Расули Худо **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам** тавассули Умар ибни Хаттоб ба Аббос аст, на ба он ҳазрат дар ҳоле, ки тавассули Умар, низ ба равшани далолат мекунад, ки он тавассул ба шахси Аббос буда на ба дуои Аббос. Ин матлаб, ҳам аз таъбири худи халифа равшан мешавад ва ҳам ин ки Ҳассон ибни Собит, низ аз он тавассули ба худи шахсро фаҳмида, ки дар зер ба он, ишора мекунем:

**واستسقى عمر بن الخطاب بالعباس عام الرمادة لما اشتد القحط فسقاهم الله تعالى به واخصبت الأرض فقال عمر: هذا والله الوسيلة الى الله والمكان منه وقال حسان:**

**سأل الأمام وقد تتابع جدبنا * فسقى الغمام بغرة العباس عم النبي وصنو والده الذي * ورث النبي بذاك دون الناس أحيى الإله به البلاد فأصبحت * مخضرة الأجناب بعد الياس**

“Дар соли Рамода вақте хушксолӣ ба авҷ расид, Умар ба василаи Аббос (на ба дуои Аббос) талаби борон намуд ва Худованд ба василаи ӯ онҳоро сероб кард ва заминҳо сарсабз гардид. Умар рӯ ба мардум карду гуфт: Ба Худо савганд Аббос василаи мо аст ба сӯи Худо ва мақоме назди Худо дорад. Ҳассон ибни Собит дар ин бора шеъре гуфт:

Пешво вақте, ки хушксолии шадид ҳама ҷоро фаро гирифта буд дархости борон намуд.

Онгоҳ абри осмон ба нуронияти Аббос мардумро сероб кард. Аббос, ки амаки Паёмбар ва ҳамтои падари ӯст, мақому манзалатро аз ӯ ба ирс бурдааст. Худованд ба василаи ӯ сарзаминҳоро зинда кард, ҳама ҷо баъд аз ноумедӣ сарсабз шуд. Вақте оби борон ҳама ҷоро фаро гирифт мардум бо масҳ кардани бадани Аббос аз ӯ

табаррук мечӯстанд ва мегуфтанд: Офарин бар ту эй соқии ду ҳарам.1

**عن ابن عمر أنه قال: استسقى عمر بن الخطاب عام الرمادة بالعباس بن عبد المطلب فقال: اللهم هذا عم نبيك العباس نتوجه إليك به فاسقنا، فما برحوا حتى سقاهم الله، قال فخطب عمر في الناس فقال: أيها الناس إن رسول الله صلى الله عليه (وآله) وسلم كان يرى للعباس ما يرى الولد لوالده يعظمه ويفخمه ويبر قسمه فاقتدوا أيها الناس برسول الله صلى الله عليه وآله وسلم في عمه العباس واتخذوه وسيلة إلى الله فيما نزل بكم.**

Умар ибни Хаттоб ба василаи Аббос талаби борон намуду гуфт: Худоё ин амаки Паёмбарат Аббос аст ва мо рӯй меоварем ба сӯи ту ба василаи ӯ. Ҳанӯз он чоро тарк накарда буданд, ки Худованд онҳоро сероб кард. Сипас Умар дар миёни мардум хутба хонду гуфт: Эй Мардум Паёмбари Худо ба Аббос ба дидаи падарӣ менигарист, пас аз ӯ пайравӣ кунед ва ӯро дар он чи ки ба шумо нозил мешавад ба сӯи Худо васила қарор диҳед.2

Ин ҳадис аз Ибни Умар ва Зайд ибни Аслам ривоят шуда, вале Албонӣ дар китоби тавассул ва ҳам дар китоби "Ирво-ул-ғалил"-аш р.672 санади дуввуми ин ҳадисро надида гирифта ва бо баёни заъфи санади аввал ин ҳадисро заиф муаррифӣ кардааст. Дар ҳоле, ки санади дуввуми ин ҳадис саҳеҳ аст ҳамон гуна, ки Ибни Ҳаҷар ва Мамдӯҳ онро баён кардаанд. Изофа бар ин Табарӣ, низ санади ин хабарро хуб ва саҳеҳ гуфтааст. Дар ҳоле, ки ӯ ҳеҷ ишорае ба

---

1-“Усд-ул-ғоба"-и Ибни Асир ҷ.3.с.111. Таърихи Ибни Асокир ҷ.26.с.361, наздик ба ҳамин маъно. “Сияру аълом-ун-нубало"-и Заҳабӣ ҷ.2.с.94. “Уюн-ул-асар"-и Ибни Саййидиннос ҷ.2.с.372. “Найл-ул-автор"-и Шавконӣ ҷ.4.с.33. Рафъ-ул-манора"-и Саид Мамдӯҳ с.27.

2-«Китобуд-дуо»-и Табаронӣ с.607. Мустадраки Ҳоким ҷ.3.с.334. «Фатҳ-ул-борӣ»-и Ибни Ҳаҷар ҷ.2.с.413, мегӯяд Билозарӣ ин ҳадисро аз Аслам нақл кардааст. Таърихи Ибни Асокир ҷ.26.с.328-329. “Захоир-ул-уқбо"-и Табарӣ с.199. Сияру аълом-ун-нубало ҷ.2.с.92. Канз-ул-уммол р.37297.

сухани Ибни Ҳаҷар дар бораи санади дуввум накардааст.

Ин сухани халифаи дуввум, ки гуфт: Дар гирифториҳое, ки ба шумо ворид мешавад Аббосро ба сӯи Худо васила қарор диҳед, далолат ба ин мекунад, ки худи Аббосро васила қарор диҳед, на дуои ӯро. Пас аз назари халифа Умар ибни Хаттоб тавассул ба худи шахс ҷоиз будааст. Ин хабар муаййиде аст ба он хабаре, ки дар саҳеҳи Бухорӣ ва Муслим дар бораи тавассули Умар ба Аббос ворид шуда аст. Вале он ҷо ваҳҳобиҳо мегӯянд: Ин тавассул ба дуои Аббос аст, на ба худи Аббос. Албатта ин равишест, ки ваҳҳобиҳо дар бораи ҳар оят ва ривоят ва ахборе, ки бар хилофи ақидаашон аст, пеш гирифтаанд, то бо ин равиш битавонанд ба роҳатӣ мусулмононро муттаҳам ба ширк кунанд ва рехтани хуни онҳоро ҷоиз ва лозим бишморанд. Дар ҳоле, ки шумо агар мунсифона нигоҳ кунед хоҳед дид, ки байни ин ду хабар ҳеҷ фарқе вуҷуд надорад. Иборати Саҳеҳи Бухорӣ ин аст:

**عن أنس أن عمر بن الخطاب كان إذا قحطوا استسقى بالعباس بن عبد المطلب فقال: اللهم إنا كنا نتوسل إليك بنبينا فتسقنا، وإنا نتوسل إليك بعم نبينا فاسقنا، قال فيسقون.**

«Вақте хушксолӣ шуд Умар ба василаи Аббос талаби борон карду гуфт: "Худоё мо ба сӯи ту ба василаи Паёмбар мутавассил мешудем ва ту моро сероб мекардӣ ва инак мо ба амаки Паёмбар ба сӯи ту мутавассил мешавем, пас моро сероб гардон. Ровӣ мегӯяд: Пас сероб мешуданд».[1]

Агар инсон пайрави ҳавою ҳавас набошад ва кӯшишаш ҳамоҳанг кардани ахбори исломӣ бо ақидаи ботили худ набошад, хеле барояш равшан хоҳад буд, ки байни ин ду лафзи ҳадис ҳеҷ фарқе вуҷуд надорад. Дар аввалӣ ҷаноби халифа мегӯяд: Аббосро ба сӯи Худо васила қарор диҳед.

---

1-Саҳеҳи Бухорӣ ҷ.1.с.256.ҷ.2.с.16. Саҳеҳи Ибни Ҳаббон ҷ.7.с.111. Фатҳ-ул-борӣ ҷ.2.с.411 ва дигарон.

Дар ҳоле, ки ҳамин маъно дар ҳадиси Бухорӣ, низ вуҷуд дорад, ки мегӯяд: Худоё мо амаки Паёмбарро ба сӯи ту васила қарор медиҳем. Пас байни ин ду чӣ фарқе аст, ки ваҳҳобиҳо аввалиро тазъиф мекунанд ва дуввумиро мегӯяд саҳеҳ аст. Вале боз баҳонаҷӯи ва найранг ба харҷ медиҳанд, ки ин тавассул ба дуои Аббос аст на ба худи Аббос.

Аммо дар бораи ин ки ваҳҳобиҳо тавассули халифаро далел бар ҷоиз набудани тавассул бар мурда қарор додаанд, уламои худи аҳли суннат сабабҳое барои он зикр кардаанд ва аз ҷумлаи онҳо Ибни Ҳаҷар баъд аз нақли ин ҳадис мегӯяд: "Аз қиссаи Аббос мустаҳаб будани шафеъ қарор додани аҳли хайру салоҳ истифода мешавад ва дар ин қисса фазилатест барои Аббос ва фазилате барои Умар ба хотири тавозӯаш барои Аббос ва маърифати ҳаққи Аббос.1

Аз сухани Ибни Ҳаҷар истифода мешавад, ки ин амали халифа далолат ба ҷоиз будани тавассул ба ғайри Расули Худо **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳ** мекунад на ин ки далел ба ҳаром будани тавассул ба Паёмбар **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳ** бошад.

Ва Саид Мамдӯҳ дар Рафъ-ул-манора мегӯяд: "Агар тарки як амал далолат ба ҳаром будани он кунад, ба дурустӣ, ки саҳоба тавассулеро, ки мавриди иттифоқ аст ва он тавассул ба асмо ва сифоти Худованд мебошад, дар он ҳоле, ки хеле ба он ниёз доштанд, тарк карданд. Чунон, ки аз талаби борон кардани Умар ба василаи Аббос, низ ин матлаб собит мешавад.

Ва бисёре аз уламо аз ин гуна ҷавобҳо, зикр кардаанд ва мумкин аст инсон садҳо далелҳои қатъӣ пайдо кунад, ки тарк кардани як амал ҳеҷ далолате ҳатто ба макрӯҳ будани он амал нахоҳад дошт, чӣ расад ба ҳаром будани он.

Ва ҳамчунин ҳамон гуна, ки дар гузашта аз Ҳамза ибни Қосим, ки аз Бани Ҳошим ва аз бузургони қарни се ва

---

1-Фатҳ-ул-борӣ ҷ.2.с.47.

чаҳорум буда, ишора кардем онҳо ҳеҷ гуна манъе аз тарки Умар бардошт накардаанд, балки дар ҳамон ҳоле, ки ба он ишора кард ба ҷаноби Аббос мутавассил шуд.

Ин ҷо ишора мекунем, ки тавассул ба шахс будани ин ахбор аз шеъри Ҳассон ибни Собит низ, ки гузашт собит мешавад.

Заҳабӣ мегӯяд: "Собити Банонӣ ҳар вақт Анас ибни Моликро медид, дасташро мегирифту мебӯсид ва ба сураташ мемолид ва мегуфт: Ин дасте аст, ки дасти Расули Худо **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам**-ро масҳ кардааст."[1]

**الحارث بن حسان البكري قال: خرجت أنا والعلاء بن الحضرمي إلى رسول الله صلى الله عليه (وآله) وسلم الحديث وفيه فقلت أعوذ بالله وبرسوله أن أكون كوافد عاد قال وما وافد عاد وهو أعلم بالحديث ولكنه يستطعمه.**

Ҳорис ибни Ҳассони Бакрӣ мегӯяд: «Ман бо Алоа ибни Ҳазрамӣ ба назди Паёмбар рафтем ва ман гуфтам: Паноҳ мебарам ба Худо ва ба Расулаш аз ин ки монанди шахсе бошам, ки омада ва боз баргардад»[2]

Чунон, ки мебинем ин ду саҳоба ба Паёмбар **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам** паноҳ бурданд на ба дуои он ҳазрат, вале он ҳазрат аз он манъ накарданд.

**عن أبي موسى أن رجلا سأل رسول الله صلى الله عليه (وآله) وسلم شيئا فقال أعجزت أن تكون مثل عجوز بني إسرائيل فقال أصحابه وما عجوز بني إسرائيل يا رسول الله فقال إن موسى حين أمر أن يسير ببني إسرائيل ضل الطريق فسأل بني إسرائيل ما هذا فقال علماء بني إسرائيل إن يوسف لما حضره الموت أخذ علينا موثقا من الله أن لا نخرج من مصر حتى ننقل عظامه فقال لهم موسى وأيكم يدري أين قبر يوسف فقال له بنو إسرائيل ما يدري أين قبر يوسف إلا عجوز بني إسرائيل فأرسل إليها فقال دليني على**

---

1-"Мӯъҷам-уш-шюх"-и Заҳабӣ ҷ.1.с.73-74. "Сияру аълом-ун-нубало"-и Заҳабӣ ҷ.4. с.43. "Рафъ-ул-манора"-и Саид Мамдӯҳ с.45. Собит аз тобеин буда ва Заҳабӣ ӯро имоми илму амал ва шайхул Ислом, тавсифаш кардааст. “Сияру аълом ун-нубало»-и Заҳабӣ ҷ.5.с.220.р.91.

2-Мӯъҷам-ул-кабир ҷ.3.с.254.р.3325. Фатҳ-ул-борӣ ҷ.8.с.579 Ибни Ҳаҷар санади ин хабарро хуб гуфтааст.

**قبر يوسف فقالت لا والله حتى تعطيني حكمي قال وما حكمك قالت أكون معك في الجنة فكأنه ثقل ذلك عليه فقيل له اعطها حكمها فانطلقت بهم إلى بحيرة مستنقع ماء فقالت انضبوا هذا المكان فلما أنضبوه قالت احفروا في هذا المكان فلما احتفروا أخرجوا عظام يوسف فلما استقلوها من الأرض إذا الطريق مثل النهار".**

Аз Паёмбар **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳ** ривоят шуда, ки марде ба назди он ҳазрат омад, ҳазрат ӯро икром карданд ва фармуданд: Ҳоҷататро бигӯ? Он мард гуфт: Шутуре мехоҳам, ки ба он савор шавам ва ..., ки аҳлам шири онро биҷӯшад. Расули Худо **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳ** фармуданд: Оё нотавону оҷиз шудед аз ин ки мисли он пиразани Бани Исроил бошед. Аз чӣ касе будани он пиразан савол карданд, ки ҳазрат фармуданд: Ба дурустӣ, ки вақте Мӯсо бо ҳамроҳи Бани Исроил  шаҳрро тарк кард (амр шуд, ки бо ҳамроҳи Бани Исроил шаҳрро тарк кунад) роҳро гум карданд. Мӯсо фармуд: Чаро роҳро гум кардем? Олимони Бани Исроил гуфтанд, ки Юсуфи паёмбар ҳангоми маргаш аз мо паймон гирифт, ки аз Миср берун наравем, магар ин ки чизе аз аъзои бадани ӯро ҳамроҳ дошта бошем. Мӯсо пурсид, ки ҷои қабри Юсуфро кӣ медонад? Гуфтанд, ки пиразане аз Бани Исроил. Ба назди он пиразан одам фиристод, то он пиразан омад. Аз ӯ хост, ки қабри Юсуфро ба мо нишон бидеҳ. Он пиразан гуфт: Ба шарте, ки аввал ҳукмамро ба ман бидиҳӣ. Ҳазрати Мӯсо пурсид, ки ҳукмат чӣ аст? Гуфт: Ин ки ҳамроҳи ту дар биҳишт бошам. Ҳазрати Мӯсо аз додани ин ваъда худдорӣ кард. Худованд ваҳӣ фармуд, ки ҳукмашро барояш бидеҳ. (яъне қабул бикун). Пас он пиразан онҳоро ба назди дарёчае бурд, ки об дар он ҷамъ шуда буд гуфт, ки пеши ин обро боз кунед, то дарёча хушк шавад. Онҳо гуфтаи ӯро анҷом доданд, он пиразан ба онҳо гуфт, ки биканед ва устухони Юсуфро берун оваред. Вақте ин корро анҷом доданд роҳ мисли равшаноии нимарӯзӣ

барояшон ошкор шуд.1

Сафия аммаи Паёмбар дар азои он ҳазрат шеъре хонда, ки ду байти он чунин аст:

**ألا يا رسول الله كنت رجائنا وكنت بنا برا ولم تك جافيا**

**وكان بنا برا رحيما رآه لبيك عليك اليوم من كان باكيا**

Эй Расули Худо ту умеди мо будӣ (умеди мо ҳастӣ) ва ҳаргиз ҷафо накардӣ ту ба мо некӯкор ва меҳрубон будӣ, эй Паёмбари мо аз ин қавм ҳар кас гирён аст, бояд бар ту ашк бирезад.”2

Ин шеър, ки дар ҳузури саҳобаи Паёмбар **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам** гуфта шудааст далолат бар ин мекунад, ки сухан гуфтан бо арвоҳ ва хитоб ба Расули Худо **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам,** пас аз даргузашти он ҳазрат, як кори ҷоиз ва ривоҷёфтае будааст ва бар хилофи андешаи ваҳҳобиҳо ин гуна хитобҳо на ширк аст ва на кори беҳуда, он ҷо ки гуфт: Эй Расули Худо. Ва ҳам чунин мегӯяд, ту умеди мо будӣ. Пас шахси он ҳазрат дорои арзиш ҳастанд на танҳо дуои он ҳазрат.

**ان خالد بن وليد فقد قلنسوة له يوم اليرموك فقال: اطلبوها فلم يجدوها فقال اطلبوها فوجدوها فاذا هي قلنسوة خلقة فقال خالد: اعتمر رسول الله فحلق رأسه فابتدر الناس جوانب شعره فسبقتهم الى ناصيته فجعلتها في هذه القلنسوة فلم اشهد قتالا وهي معي الا رزقت النصرة.**

“Холид ибни Валид кулоҳашро дар рӯзи Ярмук гум кард, пас гуфт: Онро пайдо кунед, гаштанд вале пайдо накарданд. Боз гуфт, ки онро биковед, гаштанду онро ёфтанд, кулоҳе софу нарм буд, пас Холид гуфт: Расули Худо

---

1-Саҳеҳи Ибни Ҳаббон ҷ.2.с.500.р.723. «Муснад»-и Абӯяъло ҷ.13.с.236.р.7254. “Мустадрак”-и Ҳоким ҷ.2.с.439.р.3523. Тафсири Қуртубӣ ҷ.13.с.108. Тафсири Ибни Касир ҷ.3.с.336. “Маҷмаъ-уз-завоид” ҷ.10.с.170. Ҳоким, Заҳабӣ ва Ҳайсамӣ санади ин ҳадисро саҳеҳ гуфтаанд.

2-Табақот-ул-кубро ҷ.2.с.325. Мӯъҷам-ул-кабир ҷ.24.с.320.р.806. Истиоб ҷ.1.с.49. Тафсири Қуртубӣ ҷ.4.с.224. Маҷмаъ-уз-завоид ҷ.9.с.39. Исобаи Ибни Ҳаҷар р.10785. Захоир-ул-уқбо с.252. Ҳайсамӣ санади ин хабарро хуб гуфтааст.

**саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам** умра анҷом дод ва сарашро тарошид. Мардум даври мӯи он ҳазратро гирифтанд, пас ман барои гирифтани мӯи пешонии он ҳазрат аз ҳама пеши гирифтам ва он мӯро дар ин кулоҳам қарор додам. Дар ҳеҷ ҷанге ширкат накардам ки ин мӯ ҳамроҳам бошад, магар ин ки ёрӣ насибам шуд."1

Ин ҳам амали як саҳобае аст, ки аҳли суннат ва ҳамчунин ваҳҳобиҳо ӯро сайфул Ислом меноманд. Бинобар ин сухани Холид пас як тор мӯи сари он ҳазрат дорои асар буда, ки сабаби пирӯзии ӯ дар ҷангҳо мешуда аст, чӣ расад ва вуҷуди нозанини худ он ҳазрат.

Ибни Сайрин баъд аз нақли ҳадисе аз Анас, ки гуфта аст: "Мӯи Расули Худо **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам**-ро асҳоби он ҳазрат барои табаррук мегирифтанд, мегӯяд: Ин хабарро ба Убайдаи Салмонӣ гуфтам ва ӯ гуфт: Агар дар назди ман як тори мӯе аз он ҳазрат бошад, бароям беҳтар аст, аз тамоми тилло ва нуқраҳое, ки дар рӯи замин аст."2

Дар хабари дигаре Ибни Сайрин мегӯяд: "Ба Убайда гуфтам, ки дар назди мо, тори мӯе аз Расули Худо **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам** аст. Убайда гуфт: Агар дар назди ман як тори мӯе аз он ҳазрат бошад, бароям беҳтар аст, аз тамоми тилло ва нуқраҳое, ки дар рӯи замин аст.3

Убайда ибни Амр аз бузургони асҳоби Ибни Масъуд ва Имом Алӣ **алайҳис-салом** буда ва замони Расули Худо **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи**-ро дарк карда, вале он ҳазратро надида аст.4

Худи Ибни Сайрин, низ ҳамин суханро гуфтааст, ки агар мӯе аз он ҳазрат дар назди ман бошад, аз ҳамаи дунё ва он

---

1-Мӯъҷам-ул-кабир ҷ.4.с.105. "Мустадрак"-и Ҳоким ҷ.3.с.299. Маҷмаъ-уз-завоид ҷ.9.с.349. Фатҳ-ул-борӣ ҷ.7.с.79. Сияру аълом-ун-нубало ҷ.1.с.374.ҷ.16.с.130. “Исоба"-и Ибни Ҳаҷар ҷ.2.с.217. Ҳайсамӣ ва Бусайрӣ санади ин хабарро саҳеҳ гуфтаанд.

2-"Муснад"-и Аҳмад ҷ.3.с.256. "Табақот-ул-кубро"-и Ибни Саъд ҷ.3.с.506.ҷ.6.с.95.

3-"Сияру аълом-ун-нубало"-и Заҳабӣ ҷ.4.с.42.

4-Шарҳи ҳолаш дар "Сияру аълом-ун-нубало"-и Заҳабӣ ҷ.4.с.40.р.9 омада аст.

чӣ дар он аст барои ман беҳтар аст.1

**عبد الرحمن بن محمد قال: أوصى عمر بن عبد العزيز ثم الموت فدعا بشعر من شعر النبي** صلى الله عليه و(آله) وسلم **وأظفار من أظفاره فقال اجعلوه في كفني.**

“Умар ибни Абдулазиз васият кард, ки ҳангоми маргаш мӯ ва нохуни Расули Худоро оварда ва онҳоро дар кафанаш бигзоранд.”2

**عبدالله بن أحمد بن حنبل قال: "رايت أبي آخذا شعرة من شعر النبي** صلى الله عليه (وآله) وسلم **فيضعها على فمه يقبلها وأحسب أني رأيته يضعها على عينيه ويغمسها في الماء ثم يشربه ثم يستشفي بها ورأيته قد أخذ قصعة للنبي** صلى الله عليه (وآله) وسلم **فغسلها في جب الماء ثم شرب فيها مرة يشرب ماء زمزم يستشفي به ويمسح به يديه ووجهه".**

«Абдуллоҳ ибни Аҳмад ибни Ҳанбал мегӯяд: Падарамро дидам, ки мӯи Паёмбарро гирифта буд ва онро мебӯсид ва ӯро дидам, ки онро ба чашмонаш мегузошт ва дар об низ мегузошт ва оби онро менӯшид ва ба василаи он талаби шифо мекард. Ва падарамро дидам, ки косаеро, ки азони Паёмбар **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам** буд, гирифт ва онро дар оби чоҳ шуст, сипас аз он об нӯшид. Ва гоҳе бо он, оби замзам менӯшид ва талаби шифо мекард ва онро ба дасту сураташ мемолид.»3

Агар шахси Паёмбар **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам** дорои таъсир набошанд, мӯи он ҳазрат ва оби вузӯи он ҳазрат аз куҷо ин баракотро пайдо кардааст, то саҳоба онро ҳамроҳи худ нигаҳ доранд ва бузургони тобеин васият кунанд, ки он мӯ дар қабр ҳамроҳашон гузошта шавад ва...!

**يزيد بن عبدالملك بن قسيط قال رأيت نفرا من أصحاب النبي** صلى الله عليه (وآله) وسلم **إذا خلا لهم المسجد قاموا إلى رمانة المنبر القرعا فمسحوها ودعوا قال ورأيت يزيد يفعل.**

Язид ибни Абдулмалик (Абдуллоҳ) мегӯяд: "Гурӯҳе аз асҳоби Паёмбар **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам**-ро дидам, ки

---

1-"Сунан-ул-кубро"-и Байҳақӣ 7.с. 67.

2-"Табақотул-кубро”-и Ибни Саъд ҷ.5.с.406. Сияру аълом-ун-нубало ч.5.с.143.

3-“Ҳилятул-авлиё”-и Абунаим ҷ.9.с.183. Сияру аълом-ун-нубало ҷ.11.с.212.

ҳар гоҳ масҷид хилват мешуд, ба тарафи минбар рафта дастаи онро масҳ карда дуо мекарданд. Ва Язид низ ин корро анҷом медод.1

Муҳаққиқи китоби тавассули Ибни Таймия мегӯяд: Мисли ин хабар ниёз ба санад дорад, ки холӣ аз санад аст. Яъне мехоҳад бигӯяд, ки ин хабар дуруст нест. Дар ҳоле, ки Ибни Абӯшайба ин хабарро бо санад зикр карда ва мо нашнохтем, ки Абӯмавдуда, кӣ аст. Мо бақии ровиёни ин ҳадис мавриди эътимод ҳастанд.

**عن ابراهيم انه نظر الى ابن عمر وضع يده على مقعد النبى** صلى الله عليه وآله وسلم **من المنبر ثم وضعها على وجهه".**

Иброҳим нигоҳ кард ба Ибни Умар, ки дасташро ба минбар ба он ҷое, ки Расули Худо менишастанд мегузошт ва сипас дасташро ба раташ гузошт (молиб)."2

Пас ин минбар чӣ гуна дорои ин мақом шуда, ки саҳоба биёянд ба он даст бикашанд. Худ ба худ оё ин баракатро пайдо карда ё ваҳҳобиҳо ин баракатро ба минбари он ҳазрат бахшиданд. Ибни Таймия ва Албонӣ ва уламои ваҳҳобӣ дорои таъсир ҳастанд бинобар ин пайравонашон дасти онҳоро мебӯсанд, вале Паёмбари гиромии Ислом **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам** дорои таъсир нестанд?!

Ин хабарҳо хеле бо равшанӣ далолат мекунанд, бар ин ки шахси Паёмбар **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам** дорои асар буданд на танҳо дуои он ҳазрат ва ҳаргиз ҳам он ҳазрат ин гуна тавассул ва таваҷҷӯҳ ба худро кори баде надониста ва касеро аз он манъ накардаанд. Оё касоне, ки мӯи он ҳазратро ҳамроҳи худ нигаҳ медоштанд ва васият карданд, ки ҳамроҳашон дар қабр гузошта шавад ва ба он табаррук

---

1-«Мусаннаф»-и Ибни Абишайба ҷ.4.с.457.р.537. "Аш-Шифо"-и Қозӣ Айёз ҷ.2. с.86. "Қоидатул ҷалия фит-тивассул вал-васила"-и Ибни Таймия р.393.

2-«Ас-сиқот»-и Ибни Ҳаббон ҷ.4.с.9. Табақоти Ибни Саъд ҷ.1.с.254. «Аш-Шифо битаърифи ҳуқуқи мустафо»-и Қозӣ Айёз ҷ.2.с.86. «Маҷмӯъ-ул-фатово»-и Ибни Таймия ҷ.1.с.230.

меҷӯстанд, боз манзурашон аз ин корҳо дуои Паёмбар **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам** буд. Ин гуна достонҳо дар замони он ҳазрат фаровон пеш меомада, ки асҳоб оби вузӯи он ҳазратро намегузоштанд, ки ба замин бирезад ва онро барои табаррук мегирифтанд ва ба худ мемолиданд ва ҳамчунин мӯи он ҳазратро, ки дар китобҳои ҳадисии аҳли суннат аз ин гуна хабарҳо фаровон аст. Вале ҳеҷ гоҳ Расули Худо **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам** нафармудаанд, ки ман дорои ҳеҷ асаре нестам ва шумо ин корро накунед! Оё ин ҷо низ саҳоба ба дуои он ҳазрат мутабаррик мешуданд?!

Бояд хонандаи мӯҳтарам таваҷҷӯҳ дошта бошанд, ки таъсир доштани Расули гиромии Ислом маъноаш ин нест, ки он ҳазрат аз худ таъсир дошта бошанд. Табиист, ки ин таъсир ва арзишро Худованди Мутаол дар он ҳазрат қарор додааст ва на дар ин ҷо балки ҳар ҷо ки барои он ҳазрат таъсир ва мақомеро нисбат медиҳем, он аз ҷониби Худост, на аз ҷониби худи он ҳазрат.

## Зоту шахси Расули Худо дорои асар ҳаст

Саид Мамдӯҳ менависад: Имом Молик гуфтааст: "Он қитъа аз замине, ки дар он бадани Расули Худо **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳ** аст, беҳтар аз ҳар чизе аст ҳатто аз Курсӣ, сипас Каъба, сипас масҷиди Паёмбар сипас масҷидулҳаром."[1]

Қозӣ Айёз мегӯяд: "Ихтилофе дар ин нест, ки ҷои қабри Паёмбар **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳ** беҳтарин нуқтаи замин аст."[2]

Нававӣ, Ибни Ҳаҷар, Шавконӣ ва баъзе аз уламои дигар аз Қозӣ Айёз нақл кардаанд, ки ӯ беҳтарин ҷойгоҳи замин будани ҷои қабри Расули Худо **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам**-ро бинобар иҷмоъ донистааст.[3] Аз ин ки ин уламо баъд аз

---

1-«Рафъ-ул-Манора»-и Саид Мамдӯҳ с.79.

2-«Аш-Шифо битаърифи ҳуқуқи мустафо»-и Қозӣ Айёз ҷ.2.с.91.

3-«Шарҳи саҳеҳи Муслим»-и Нававӣ ҷ.9.с.163. «Фатҳ-ул-борӣ»-и Ибни Ҳаҷар ҷ.3.с.56. «Найл-ул-автор»-и Шавконӣ ҷ.5.с.99.

нақли ин қавл сухани ўро рад накардаанд истифода мешавад, ки худи инҳо низ бо ин назар ва даъвои иҷмоъ мувофиқ будаанд.

Саид Мамдӯҳ мегӯяд: "Ин иҷмоъро қабл аз Қозӣ Айёз Абӯлвалиди Боҷӣ ва ғайри ӯ нақл кардаанд ва баъд аз Айёз Қаррофӣ ва ғайраш аз Моликиҳо, низ гуфтаанд.[1]

Муҳаммад ибни Юсуф, Солеҳи Шомӣ мегӯяд: "Он қитъа аз замине, ки дар он бадани Расули Худо **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам** қарор гирифта аст, беҳтар аз Каъба ва Арш аст. Уламо гуфтаанд: Ихтилоф дар ин аст, ки байни Макка ва Мадина кадом як беҳтар аст ғайр аз қабри Расули Худо."[2]

Мунови, низ мегӯяд: Каъба беҳтар аз Мадина аст иттифоқан, вале он қитъа аз замине, ки бадани Расули Худо **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи**-ро дарбар гирифтааст, ҳатто аз Каъба низ беҳтар аст. Қозӣ Айёз беҳтар будани қабри Расули Худо ҳатто аз Каъбаро бинобар иҷмоъ донистааст.[3]

Бисёре аз дигарон, низ ин суханро гуфтаанд. Аз суханони Ибни Таймия низ метавон ин воқеиятро истифода кард. Дидед, ки ӯ қабри он ҳазратро чӣ гуна васф кард. Агар вуҷуди он ҳазрат дорои асар набошад, пас қабри он ҳазрат ин баракатҳоро аз куҷо касб кард? Чӣ гуна як қитъа замин ба хотири тамос бо бадани мубораки он ҳазрат беҳтарин қитъаи замин шуд? Вале чун Ибни Таймия пайрави ҳавою ҳавас ҳаст, як мартаба қабри он ҳазратро он гуна васф мекунад, ки хондед ва як мартаба мегӯяд: Зоту шахси Паёмбар ҳатто дар замони ҳаёташ низ дорои ҳеҷ асаре нест, балки ин дуои ӯст, ки асар дорад, на худи он ҳазрат. Оре пайравӣ аз ҳавою ҳавас инсонро ба ин ҷо мерасонад.

---

1-“Рафъ-ул-Манора"-и Саид Мамдӯҳ с.79. сс

2-Субулул-ҳудои вар-рашод ҷ.10.с.335.

3-“ Файз-ул-қадир"-и Мунови ҷ.6.с.343.

## Ислом ва манъ аз корҳои ғайри саҳеҳ

**"ان أعرابيا قال للنبي** صلى الله عليه وآله: **يا رسول الله جهدت الأنفس وضاع العيال وهلكت الاموال فاستسق الله لنا فإنا نستشفع بک على الله ونستشفع بالله عليك فقال رسول الله** صلى الله عليه وآله **ويحك تدري ما تقول فسبح رسول الله فما زال يسبح حتى عرف ذلك في وجوه أصحابه وقال ويلك إن الله لا يستشفع بالله على أحد من خلقه شأن الله أعظم من ذلك...".**

"Аъробие ба назди Расули Худо **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам** омаду гуфт: Эй Расули Худо нафсҳо ба заҳмат афтода, фарзандон аз байн мераванд ва дороиҳо нобуд мешаванд, пас аз Худо барои мо талаби борон бикун. Мо туро ба сӯи Худо шафеъ меоварем ва Худоро ба сӯи ту шафеъ қарор медиҳем. Пас Паёмбар **«саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам»** фармуданд: Вой бар ту оё медонӣ чӣ мегӯӣ... Бо нороҳатӣ боз фармуданд: Вой бар ту Худоро ба сӯи касе шафеъ қарор намедиҳанд ва шаъни Худо бузургтар аз ин аст".1

**عن عبد الله قال كنا إذا كنا مع النبي** صلى الله عليه (وآله) وسلم **في الصلاة قلنا السلام على الله من عباده السلام على فلان وفلان فقال النبي** صلى الله عليه (وآله) وسلم **لا تقولوا السلام على الله فان الله هو السلام ولكن قولوا التحيات لله والصلوات والطيبات السلام عليك ايها النبي ورحمة الله وبركاته السلام علينا وعلى عباد الله الصالحين فانكم إذا قلتم اصاب كل عبد في السماء أو بين السماء والارض اشهد ان لا اله الا الله واشهد ان محمدا عبده ورسوله ثم يتخير من الدعاء اعجبه إليه فيدعو".**

Абдуллоҳ ибни Масъуд мегӯяд: "Вақте ҳамроҳи Паёмбар **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам** намоз мехондем чунин мегуфтем: Салом бар Худо аз бандагонаш... Пас Паёмбар **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам** фармуданд: Салом бар Худо нагӯед чун Худо худаш салом аст, вале бигӯед...".2

---

1-"Сунан"-и Абӯдовуд ҷ.2.с.418.р.4726. "Китоб-ул-арш"-и Ибни Шабба саҳ.57. Мӯъҷам-ул-кабир ҷ.2.с.129. Таърихи Ибни Касир ҷ.1.с.11 ва санадашро саҳеҳ гуфтааст.

2-Саҳеҳи Бухорӣ ҷ.1.с.203. Саҳеҳи Муслим ва китобҳои дигар.

Чунон, ки мебинем ин ду феъле, ки аз саҳоба сурат гирифт, ҳатто феъли ҳаром низ намебошад, вале Расули гиромии Ислом чун кори лағве буд бо қотеият аз он пешгирӣ карданд, оре вақте шореъ мебинад, ки касе ба гумроҳӣ ва амали ғайри саҳеҳ қадам мегузорад, билофосила онро баён мекунад ва аз он пешгирӣ мекунад. Аз ин гуна хабарҳо фаровон аст ва мо ин ду мавридро барои намуна зикр кардем, то равшан шавад, ки агар тавассул ба шахси Паёмбар **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам** дар қайди ҳаёт ё баъд аз ҳаёти он ҳазрат ҳаром ё ширк мебуд, ҳатман он ҳазрат онро баён мефармуданд. Сукути он ҳазрат аз баёни ин масъала низ далели равшан бар ҷоиз будани тавассул мебошад.

**Тавассул масъалаи фиқҳӣ аст**

**وسئل محمد بن عبد الوهاب عن قولهم في الاستسقاء (لا بأس بالتوسل بالصالحين) وقول أحمد: يتوسل بالنبي صلى الله عليه (وآله) وسلم خاصة مع قولهم: (إنه لا يستغاث بمخلوق) فأجاب بكلام منه قوله: فهذه المسألة من مسائل الفقه وإن كان الصواب عندنا قول الجمهور: إنه مكروه، فلا ننكر على من فعله، ولا إنكار في مسائل الاجتهاد.**

Аз Муҳаммад ибни Абдулваҳҳоб (поягузори мактаби ваҳҳобият) дар бораи ин сухан, ки мегӯянд: "Тавассул ба солеҳин ишколе надорад" ва аз сухани Аҳмад, ки гуфта аст: "Фақат ба Паёмбар мутавассил мешавад" бо ин ки мегӯянд: Ба махлуқ намешавад истиғоса кард" пурсиданд. Ӯ ҷавоб дод: Ин масъала, масъалаи фиқҳист ва агар кори дуруст бошад сухани ҷумҳур бо мост, ки мегӯянд ин амал макрӯҳ аст. Пас ҳар ки онро анҷом диҳад, мо мункири он намешавем. Дар масъалаҳои иҷтиҳодӣ инкоре вуҷуд надорад."[1]

---

1-«Фатово»-и Ибни Абдулваҳҳоб ҷ.3.с.68.

Боз ин марди бузург ва поягузору раҳбари ваҳҳобиҳо мебинем, ки роҳат аз ҷониби ҷумҳур дурӯғ мегӯяд ва нисбат дурӯғ ба ҷумҳур медиҳад, ки онҳо тавассулро макрӯҳ медонистаанд, дар ҳоле, ки ҳатто як нафар пайдо нашуда, ки тавассулро ҳатто макрӯҳ гуфта бошад.

Ҳусайн ибни Ғаноми Аҳсоӣ, ки худ ва уламои ваҳҳобист дар китоби "Равзатул афкор вал афҳом лимуртоби ҳолил имом" ба ҳамин мазмуни сухани Ибни Абдулваҳҳоб, дар бораи тавассул дар саҳ-183 сухан гуфтааст  ва Албонӣ низ ба масъалаи эътиқоди набудани тавассул эътироф кардааст.[1]

Ва ҳамаи мусулмонон иттифоқ доранд, ки баҳси тавассул як баҳси фиқҳӣ аст, вале баъзе аз ваҳҳобиҳо имрӯз онро аз мабоҳиси ақоидӣ мешуморанд.

Саид Мамдӯҳ баъд аз он ки сухани яке аз уламои ваҳҳобиро, ки тавассулро ширк шумурда аст, мегӯяд:

"Махфи нест, ки аҳодису осори саҳеҳ ва ҳасан сухани ӯро рад ва ботил мекунад. Агар ин шахс ҳатто ба яке аз ин гуна аҳодис даст пайдо мекард ба мисли ҳадиси тавассули нобино ба Паёмбар ва амал кардани Усмон ибни Ҳунайф ба он ҳадис бо зиёдаи саҳеҳи Ҳаммод ибни Салама, бо дастёбӣ ба он мунсифона бо он рафтор мекард ва тақлид аз дигаронро тарк мекард, аз ин роҳ ва ҳукмаш рӯй бармегардонд. Вале агар намехоҳад тақлид аз дигаронро тарк кунад, пас беҳтар аст бар ӯ ин ки аз имомаш (Аҳмад ибни Ҳанбал) дар тавассулаш ба Расули Худо ва ҷамоате аз салаф, ки ба он ҳазрат мутавассил мешуданд ҳамон гуна, ки Ибни Таймия дар тавассулаш с.65-98, онро нақл кардааст, тақлид кунад. Пас агар Аҳмад ва ҷамоате аз салаф ширк ва василаҳои ширкро нашнохта бошанд ва ин ваҳҳобӣ онро шинохта бошад, пас он чӣ ки ӯ шинохта аст, дашноми

---

1-Шарҳи ақидаи таҳовия Албонӣ с.6. ба нақл аз «Ал-Башорату вал-иттиҳоф”-и Саққоф с.52.

салаф ва пешвоёни дин ва муттаҳам кардани онҳо ба иртикоби гуноҳони бузург хоҳад буд. Саид Мамдӯҳ боз мегӯяд:

Оре, дуо аз бузургтарин анвои ибодат аст, ин сухани ҳаққе аст, ки (монанди хаворич) аз он ирода ва бардошти ботил мешавад. Вале шахси мутавассил ғайри Худоро намехонад фақат бо пайравӣ аз ин сухани Худованд, ки фармуд "Ба сӯи Худо васила биҷӯед" дар дуояш мутавассил мешавад".1

Боз Саид Мамдӯҳ мегӯяд: "Аз чизҳое, ки ӯ барои манъи тавассул истидлол карда ин ду оят аст, ки Худованд мефармояд: "Парвардигоратон ба шумо гуфт, ки маро бихонед ва ман дуои шуморо қабул мекунам" ва "Худоро холисона бихонед", ин истидлол аҷиб аст, чун истидлол ба чизе аст, ки берун аз мавзӯи тавассул аст. Ва ба монанди ин гуна истидлолҳо аз алломаи Шавконӣ ҷавоб гузашт. Дар ояти аввал талаби дуо аз Худованд аст ва дар дуввуми тарғиб бар дуо ҳамроҳ бо ихлос, аммо тавассул восита қарордодани шахсе байни худ ва Худованд барои қабулии дуо аст. Ва наздикӣ ҷӯстан маротибе дорад, ки ҳеҷ гуна мунофоте бо ин ду оят надорад. Балки тавассул мувофиқи ин ду оят аст, чун мутавассил аз Худо мехоҳад на аз ғайри Худо. Сипас ман дар рисолае ба номи "Таъқибот ало китоби салафия лайсат мазҳабан" ки нависандаи он Муҷиб аст дидам, ки мегӯяд: "Масъалаи тавассул масъалае хеле бузурги ақоидӣ аст, ки ба сӯи ширк мекашонад." Ман ба ӯ мегӯям: "Бар худат сахтгирӣ накун эй шайх, агар тавассул ба сӯи ширк мекашонад, пас туро ба Худо ба ман бигӯ, ки ин имомоне, ки ба Расули Худо мутавассил шуданд монанди Аҳмад ибни Ҳанбал ва ғайраш аз салаф ва дигарон баъд аз онҳо, оё онҳо корашон ба ширк хотима ёфт. Онҳо аз ин

---

1-«Рафъ-ул-манора»-и Саид Мамдӯҳ с.42-44.

чизҳо ба дур ҳастанд, онҳо пешвоёни дин мебошанд".[1]

Боз Саид Мамдӯҳ мегӯяд: «Абӯбакри Ҷазоирӣ ба нафси худаш эътимод карда ва қисмати бузурге аз мусулмононро кофир шумурда он ҷо ки мегӯяд: "Хондани солеҳин ва истиғоса ба онҳо ва тавассул ба мақомашон дар дини Худо на василаи тақарруб буд ва на амали солеҳ ва фақат ширк дар ибодати Худо ва ҳаромест, ки анҷомдиҳандаашро аз дин хориҷ мекунад ва сабаб мешавад, ки соҳибаш барои ҳамеша дар ҷаҳаннам боқӣ бимонад".[2] Саид Мамдӯҳ пас аз нақли ин суханон мегӯяд:

**"...Ҳеҷ инсони соҳиби ақлу дине ин сухани фосиди ӯро нагуфта, магар касе, ки ҳам раъйи хавориҷ бошад."**

Пас бинобар ин эътиқод, агар мо аз Паёмбар **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам**, ки тавассулро таҷвиз карданд ва аз саҳобаҳое, ки ба он амал карданд бигзарем, ҳадди ақал бинобар ин ақидаи ваҳҳобиҳо Аҳмад ибни Ҳанбал ва пайравонаш, ки дар ин китоб ба суханони онҳо ишора шуд, аз дин хориҷ шудаанд ва бинобар ҳукми Ҷазоириву монанди ӯ, ҳамеша дар ҷаҳаннам боқӣ хоҳанд монд.

Пас чӣ гуна ваҳҳобиҳо аз мушрике, ки ҳамеша дар ҷаҳаннам боқӣ хоҳад монд, тақлид мекунанд ва ӯро мадҳу ситоиш мекунанд!

---

1-«Рафъ-ул-манора»-и Саид Мамдӯҳ с.44.

2-Рафъ-ул-манора с.47. "Ақидатул-мӯъмин"-и Абӯбакри Ҷазоирӣ с.144.

## Фасли севвум Истиғоса ва ҳақиқати он

### Далели ваҳҳобиҳо бар таҳрими истиғоса

"وفيما رواه الطبرانى عن النبى أن بعض الصحابة رضى الله عنهم قال :استغيثوا برسول الله من هذا المنافق فقال النبى أنه لا يستغاث بى وإنما يستغاث بالله أن النبى لو نفى عن نفسه أنه يستغاث به ونحو ذلك يشير به الى التوحيد وإفراد البارى بالقدرة."

Ибни Таймия мегӯяд: "Табаронӣ ривоят карда, ки баъзе аз саҳоба гуфтанд: Ба Паёмбар аз ин мунофиқ (ишораест ба яке аз мунофиқони он замон) истиғоса кунед. Паёмбар фармуд: Ба ман истиғоса намешавад ва фақат ба Худо истиғоса мешавад. Баъд ибни Таймия мегӯяд:
Агар Паёмбар истиғоса бар худашро манъ кард, ин гуна бо амал ишора мекунад ба тавҳид ва ягонагии Худованд ба доштани қудрат".[1]

Боз Ибни Таймия мегӯяд:
"Касе аз уламо нагуфта, ки истиғоса ба махлуқ ҷоиз бошад. Махсусан вақте махлуқ мурда ва ё ғоиб бошад, ҷоиз нест истиғоса бар вай чӣ дар ин ки қодир ба анҷоми он бошад ва чӣ ин ки қодир ба анҷоми он набошад дар ҳар ду сурат ҳам истиғоса ҷоиз нест."[2]

Ибни Таймия ва Албонӣ дар ҳаром будани истиғоса ба ҳадиси боло истидлол карда ва истиғоса ба ғайри Худоро ширк донистаанд, ки дар оянда ба суханонашон ишора мешавад

### Истиғоса ва далоили ҷавози он

Гарчӣ дар оянда ба ин матлаб ишора мешавад, дар ин ҷо низ хуб аст ишора кунем, ки чангзадани ваҳҳобиҳо ба ҳадиси ёдшуда равшан мешавад, ки онҳо истиғоса ба шахси

---

1-"Маҷмӯъ-ул-фатово"-и Ибни Таймия ҷ.1.с.101-102.
2-Ар-Рад алал Бакрӣ ҷ.1.с.162. "Маҷмӯъ-ул-фатово"-и Ибни Таймия ҷ.1.с.103.

зиндаро ҳам ҳаром бояд бидонанд бинобар ин, мо бо ишора ба оёте баҳсро шурӯъ мекунем, ки далолат бар ҷоиз ва матлуб будани истиғоса мекунад.

Қуръон дар достони ҳазрати Мӯсо **алайҳис-салом** мефармояд:

**..."فاستغاثه الذي من شيعته على الذي من عدوه فوكزه موسى فقضى عليه ."...**

"...Он касе, ки шиаи Мӯсо буд барои кӯмак дар баробари душман ба Мӯсо истиғоса кард, пас Мӯсо душманро як мушт зад ва ӯ мурд...". Сураи Қасас ояти-15.

Дар достони Қорун, низ аз Ибни Аббос ривоят шуда, ки Худованд ба Мӯсо фармуд: "Эй Мӯсо Қорун ба ту истиғоса кард ту ба додаш нарасидӣ (он ҳангоме, ки гирифтори азоб шуд) ва агар ба ман истиғоса мекард ман ҷавобашро медодам".1

Ин ояти Қуръон ва достони Қорун, бо истидлоли ваҳҳобиҳо мухолиф мебошад балки ҳадисе, ки ба он истидлол мекунанд бо ақидаи худ ваҳҳобиҳо низ мухолиф аст, чун онҳо мӯътақиданд, ки истиғоса ба зиндаи ҳозир ҷоиз аст ва бо вуҷуди чунин эътиқод истидлол бар он ҳадис дар ҳаром будани истиғоса хеле аҷиб буда ва аз миқдори фаҳму таваҷҷӯҳи онҳо ҳикоят мекунад. Ва аммо Қуръон бо баёни ин достон бар ҷоиз будани истиғосаи ба махлуқ ишора кардааст.

**عن عبد الله بن عمر قال :قال النبي صلى الله عليه) وآله (وسلم...:إن الشمس تدنو يوم القيامة حتى يبلغ العرق نصف الأذن فبينا هم كذلك استغاثوا بآدم ثم بموسى ثم بمحمد** صلى الله عليه وسلم **وزاد عبد الله حدثني الليث حدثني بن أبي جعفر فيشفع ليقضى بين الخلق فيمشي حتى يأخذ بحلقة الباب فيومئذ يبعثه الله مقاما محمودا يحمده أهل الجمع كلهم.**

Паёмбар **«саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам»** фармуданд: «Ба дурустӣ, ки хуршед дар рӯзи қиёмат наздик мешавад, то ин ки арақ ба нисфи гӯш мерасад. Пас мардум ба Одам истиғоса мекунанд сипас ба Мӯсо (онҳо мегӯяд: Мо ҳаққи

---

1-Тафсири Табарӣ ҷ20.с.142. Дур-ул-мансур ҷ.5.с.139 аз Икрама ва дигарон.

кӯмак ва шафоати шуморо надорем), сипас ба Муҳаммад «саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам» истиғоса мекунанд ва Паёмбар ба доди онҳо мерасанд...” [1]

Дар ин ҳадис аз паноҳ овардани мардум ба Паёмбар ва истиғосаи онҳо дар рӯзи қиёмат ба он ҳазрат хабар дода шудааст. Бояд гуфт, ки ин ҳадис аз аҳодиси мутавотир аст, ки дар он аз истиғосаи ҳамаи мардум дар қиёмат ба Паёмбар «саллаллоҳу алайҳи ва олиҳ» хабар дода шудааст. Дар ҳоле, ки ваҳҳобиҳо истиғоса ба ғайри Худоро, ҳатто дар ҳоли ҳаёт ҷоиз намедонанд ва бинобар ин ба ҳадисе истидлол кардаанд, ки гӯё Абӯбакр дар ҳузури Паёмбар гуфта бошад: “Бархезед аз шарри ин мунофиқ ба Паёмбар истиғоса бикунем. Паёмбар фармуда бошанд, ки ба ман истиғоса накунед ва бояд фақат ба Худо истиғоса кард”.[2]

Ваҳҳобиҳо дар китобҳояшон ба ин ҳадис дар таҳрими истиғоса ба ғайри Худо истидлол кардаанд. Пас, аз ин истидлоли ваҳҳобиҳо фаҳмида мешавад, ки онҳо истиғоса бар зиндаро, низ ширк медонанд. Ва ин ҳадисе, ки онҳо истидлол мекунанд, агар диққат бикунем бо ақл ва воқеият носозгор аст. Чун агар ин ҳадис саҳеҳ бошад, зиндагӣ ба ҳам мехӯрад, чун ҳамаи инсонҳо ба якдигар мӯҳтоҷанд ва аз ҳам ёрӣ мехоҳанд ва тибқи ин ҳадис, ҳатто намешавад ба касе дастур дод, ки фалон корро анҷом бидеҳ, чун бо ин амал аз ӯ ёрӣ мехоҳад, ки бо ин ҳадис нозоргор аст. Ва ҳамчунин ин ҳадис бо аҳодиси мутавотире, ки яке аз онҳоро мо инҷо овардем носозгор аст. Ва ҳам дар санади ин ҳадис ду ишкол вуҷуд дорад:

1-Шахсе дар санадаш аст, ки номаш зикр нашуда аст.

2-Ибни Лаҳиа, ки яке аз ровиёни ин ҳадис аст риҷолшиносон ӯро заиф муаррифӣ кардаанд. Барои ошноӣ

1-Саҳеҳи Бухорӣ ҷ.2.с.536.р.1405. Мӯъҷам-ул-авсат ҷ.8.с.310.р.8725. “Шаъб-ул-имон” ҷ.15.с.146. Маҷмаъ-уз-завоид ҷ.10.с.371. Фатҳ-ул-борӣ ҷ.3.с.339.

2-Муснади Аҳмад ҷ.5.с.317.р.22758. Маҷмаъ-уз-завоид ҷ.10.с.159.

бо ӯ ба “Мизон-ул-эътидол»-и Заҳабӣ р.4535, мурочиа фармоед. Бинобар ин баъзе аз уламои аҳли суннат гуфтаанд: «Ваҳҳобиҳо ба ин ҳадисе, ки ҳама бар заиф будани он ичмоъ доранд, истидлол кардаанд.”1

Ин оят ва аҳодисе, ки зикр кардем, ботил ва дурӯғ будани далели ваҳҳобиҳоро собит мекунад. Вале ваҳҳобиҳо гарчӣ исдидлолашон ба ҳадиси ёдшуда далолат мекунад, ки онҳо истиғоса ба зиндаро низ чоиз намедонанд, вале бештар чизе, ки ба он таъкид доранд ва мегӯянд ин аст, ки истиғоса ба ғайри Худо дар ҳоле, ки ғоиб ё мурда бошад чоиз нест ва ширк аст. Пас бинобар ин акнун ба суроғи ахборе меравем, ки истиғоса ба ғоибро, низ чоиз дониста аст ва ба суханони Ибни Таймия ва Албонӣ, низ дар хилоли баҳс ишора хоҳем кард.

## Аҳодиси Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам дар чавози истиғоса

**عن عبد الله بن مسعود، قال :قال رسول الله صلى الله عليه وآله وسلم" :إذا انفلتت دابة أحدكم بأرض فلاة فليناد يا عباد الله احبسوا عليَّ، فإن لله في الأرض حاضرا سيحبسه عليكم ."**

Паёмбар **«саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам»** фармуданд: "Ҳаргоҳ чаҳорпои шумо аз дасти шумо раҳо шуду гурехт, пас фарёд бизанад, ки эй бандагони Худо инро барои ман нигаҳ бидоред, пас барои Худованд дар замин касоне ҳозир ҳастанд, ки онро барои шумо мегиранд ва кӯмакатон мекунанд".2

Ин ҳадис аз Ибни Масъуд ва Абон ибни Солеҳ ривоят шуда ва Ибни Ҳаҷар санади ин ҳадисро саҳеҳ гуфтааст.

Нававӣ, аз бузургони уламои шофеӣ баъд аз нақли ин ҳадис мегӯяд: “Баъзе аз устодони бузургамон ба ман нақл

---

1-“Ал-Мақолотус-сунния фи кашфи залолоти Аҳмад ибни Таймия”.

2-"Мӯъчам-ул-кабир"-и Табаронӣ ч.10.с.217.р.10518. "Муснад"-и Абӯяъло ч.9. с.177.р.5269. "Мачмаъ-уз-завоид" ч.10.с.132. "Тахрич-ул-азкор"-и Ибни Ҳачар ч.5. с.150. "Ал-Азкор»-и Нававӣ с.331, ба нақл аз Ибни Суннӣ.

кард, ки чаҳорпои ӯ аз дасташ раҳо шуду гурехт ва ӯ ин ҳадисро медонист ва ин ҷумларо гуфт ва дар ҳамон ҳол Худованд барояш онро нигаҳдошт ва ман низ рӯзе ҳамроҳи гурӯҳе будам, ки ҳайвони онҳо раҳо шуду гурехт ва аз боздошти он оҷиз шуданд ва ман ин ҷумларо гуфтам ва беҳеҷ сабаби дигаре бо гуфтани танҳо ҳамин ҷумла худ ба худ истод ва боздошт шуд."[1]

Албонӣ баъд аз нақли ин сухани Нававӣ мегӯяд: "Ибодот аз таҷриба гирифта намешавад...Ва ҷоиз нест, ки мо бо таҷриба ҳадисеро саҳеҳ бидонем. **Баъзеҳо барои ҷоиз будани истиғоса ба мурда дар сахтиҳо ба ин ҳадис истидлол кардаанд дар ҳоле, ки ин кор ширки маҳз аст.**" [2]

Ёдовар мешавем, ки худи Албонӣ боз дар китоби "Аҳодиси заифа"-аш нақл мекунад, ки: "Ҳаравӣ нақл карда, ки Абдуллоҳ ибни Муборак, дар сафаре роҳро гум мекунад ва чун ин ҳадис ба ӯ расида буд, нидо мекунад: Эй бандагони Худо кӯмакам кунед пас кӯмак мешавад."[3]

Пас, аз ин хабар равшан мешавад, ки Абдуллоҳ ибни Муборак, низ истиғоса ба ғайри Худо карда, чун ин ҳадис ба ӯ расида буда ва Абдуллоҳ ибни Муборак мутаваллиди соли 118 ва мутаваффои 181 аст ва Заҳабӣ дар васфи ӯ чунин менависад:

"Имом, ҳофиз, аллома, шайхул Ислом, фахри муҷоҳидон ва пешвои зоҳидон, соҳиби китобҳои нофеъ ..." [4]
Ибни Ҳаҷар аз Суфён ибни Уйайна нақл мекунад, ки гуфтааст: "Ба корҳои саҳоба назар кардам ва дар онҳо ҳеҷ бартарие бар Абдуллоҳ ибни Муборак надидам ҷуз сӯҳбат бо Расули Худо **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам** ва ширкат дар

---

1-"Ал-Азкор»-и Нававӣ с.331. "Силсила аҳодиси заифа ва мавзӯа»-и Албонӣ ҷ.2. с.109.
2-"Силсила аҳодиси заифа ва мавзӯа»-и Албонӣ ҷ.2.с.109.
3-"Силсила аҳодиси заифа ва мавзӯа»-и Албонӣ ҷ.2.с.109.
4-"Тазкират-ул-ҳуффоз"-и Заҳабӣ ҷ.1.саҳ.274.р.260.

ҷангҳо ба ҳамроҳи он ҳазрат. Боз Суфён гуфтааст: Абдуллоҳ фақеҳ, олим, обид, зоҳид, шайх, шуҷоъ ва шоир буд." 1 Ва мадҳҳои дигар аз дигарон, низ шуда, ки ба «Таҳзиб-ут-таҳзиб»-и Ибни Ҳаҷар муроҷиа шавад.

Аҳмад ибни Ҳанбал ва дигарон гуфтаанд, ки касе мисли Абдуллоҳ толиби илм набуд. Аз ин ҷо, низ саҳеҳ ва собит будани ҳадиси ёд шударо метавон истифода кард, чун касеро, ки Албонӣ ӯро дар санади ин ҳадис тазъиф мекунад, ё ҳам асри Абдуллоҳ ибни Муборак буда ва ё баъд аз ӯ мезиста дар ҳар ду сурат саҳеҳ будани ин ҳадис собит мешавад, чун мисли Абдуллоҳ бо он васфҳое, ки дар бораи ӯ шудааст, мушкил аст аз як шахси заифул ҳадис, ҳадисеро бишнавад ва ба он амал кунад. Ва ҳам ин ки вақте Ибни Ҳаҷар санади ин ҳадисро саҳеҳ гуфта, дигар тазъифи монанди Албонӣ ҳеҷ арзише дар назди ҳамагон нахоҳад дошт. Ва ҳам ин амали Ибни Муборак, низ метавонад муаййиди ин ҳадис аз ҷиҳати сиҳҳаташ бошад.

**عن عتبة بن غزوان عن نبي الله صلى الله عليه وآله وسلم قال": إذا أضل أحدكم شيئا أو أراد أحدكم عونا وهو بأرض ليس بها أنيس فليقل :يا عباد الله أعينوني أغيثوني فإن لله عبادا لا نراهم .وقد جرب ذلك."**

Паёмбар «**саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам**» фармуданд: "Ҳаргоҳ касе аз шумо чизеро гум кард ва ё кӯмаке хост дар ҳоле, ки дар ҷоест, ки ёваре бо худ надорад пас бигӯяд: "Эй бандагони Худо кӯмакам кунед, ба фарёдам расед, пас ба дурустӣ, ки Худованд бандагоне дар замин дорад, ки мо онҳоро намебинем. Табаронӣ мегӯяд: Ба дурустӣ, ки ин ҳадис таҷриба шудааст".2

Ёдовар мешавем, ки Ҳайсамӣ санади ин ҳадисро саҳеҳ

---

1-"Таҳзиб-ут-таҳзиб"-и Ибни Ҳаҷар ҷ.5.саҳ.336.р.657

2-**Ровиён**: 1)Абон ибни Солеҳ. 2)Утба ибни Ғазвон.

"Мӯъҷам-ул-кабир" ҷ.17.с.117.р.290. "Мусаннаф"-и Ибни Абӯшайба ҷ.10.с.424. р.29819. "Азкор-ун-нававия»-и Нававӣ с.224. "Маҷмаъ-уз-завоид" ҷ.10.с.132.

гуфтааст.

Табаронӣ, ки аз бузургони салафи солеҳ аст ва ваҳҳобиҳо ҳам худро пайрави салаф меноманд, баъд аз нақли ин ҳадис мегӯяд: “Ин ҳадис таҷриба шудааст.” Пас худи Табаронӣ низ ин ҳадисро таҷриба кардааст. Албонӣ низ дар «Аҳодиси заифа»-аш ҷ.2.с.110 ба таҷриба кардани Табаронӣ ишора кардааст.

**عن ابن عباس قال" :أن رسول الله صلى الله عليه وآله وسلم قال" :إن لله ملائكة في الأرض سوى الحفظة يكتبون ما يسقط من ورق الشجر، فإذا أصاب أحدكم عرجة بأرض فلاة فليناد أعينوا عباد الله."**

Паёмбар **“саллаллоҳу алайҳи ва олиҳ”** фармуданд: "Худованд фариштагоне дар замин дорад ғайр аз ҳофизон, ки менависанд ҳар баргеро, ки аз дарахт меафтад, пас ҳаргоҳ ба касе аз шумо дар ҷое ба пояш осебе расиду беҳис шуд, пас фарёд занад, ки кӯмакам кунед эй бандагони Худо".1

Ҳайсамӣ санади ин ҳадисро саҳеҳ гуфтааст. Албонӣ дар китоби аҳодиси заифааш ба хуб будани санади ин ҳадис эътироф карда ва ҳам чунин изофа карда, ки Аҳмад ибни Ҳанбал низ онро хуб медониста ва бинобар ин ба он амал карда аст, вале дар ҳошияи «Калимут-таййиб»-и Ибни Таймия онро заиф гуфтааст, ки ин низ аз таноқузоти дигари ӯ мебошад.

**"قال عبد الله بن الإمام أحمد :سمعت أبي يقول :حججت خمس حجج منها ثنتين راكبا، وثلاثة ماشيا، أو ثنتين ماشيا وثلاثة راكبا، فضللت الطريق في حجة وكنت ماشيا فجعلت أقول :يا عباد الله دلونا على الطريق، فلم أزل أقول ذلك حتى وقعت على الطريق ."**

Аҳмад ибни Ҳанбал мегӯяд: "Панҷ мартаба ҳаҷ кардам, ки ду бори он савора ва се бори он пиёда буд ва дар яке аз ин сафарҳо, ки пиёда ба ҳаҷ мерафтам, роҳро гум кардам ва

---

1-"Мусаннаф"-и Ибни Абӯшайба ҷ.6.с.91.р.29721. "Муснад"-и Баззор ҷ.4. с.33. "Шаъб-ул-имон"-и Байҳақӣ ҷ.1.с.183.ҷ.6.с.128. "Маҷмаъ-уз-завоид" ҷ.10.с.132. «Калимут-таййиб»-и Ибни Таймия с.93. «Аҳодиси заифа»-и Албонӣ ҷ.2.с.111.

шурӯъ кардам ба гуфтани: Эй бандагони Худо моро ба роҳ ҳидоят кунед ва ҳамеша инро такрор мекардам, то ин ки роҳро пайдо кардам".[1]

Ва ҳам чунин Албони дар “Аҳодиси заифа”-аш ба Ибни Аббос тӯҳмат мезанад ва мегӯяд: “Ибни Аббос шояд онро аз аҳли китоб гирифта аст”.

Оре дарёи илми уммати исломӣ ба андозаи Албонӣ маърифат надорад, ки бинобар тӯҳмати Албонӣ ширкро ба унвони дин аз аҳли китоб гирифта ва ба Расули Худо саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам нисбат додааст!

Аз таноқузоте ки Албони дар мавриди ин се ҳадис муртакиб шуда ин аст, ки дар бораи амал ва таҷрибаи Табаронӣ ва Нававӣ мегӯяд: Ибодот аз таҷриба гирифта намешавад ва ҷоиз нест ки мо бо таҷриба ҳадисеро саҳеҳ бидонем, вале дар мавриди Аҳмад ибни Ҳанбал мегӯяд: Аҳмад ибни Ҳанбал ин ҳадисро ҳасан дониста, он ҷо ки ба он амал кардааст ва баъд достони амал кардани ӯро шоҳид меоварад. Чаро амали Табаронӣ ва Нававӣ, ки ҳар ду аз муҳаддисон ва риҷол шиносон низ будаанд амалашон бар он ҳадис нишонаи ҳасан будани ҳадис назди онҳо намешавад, вале амал Аҳмад ибни Ҳанбал нишонаи ҳасан будан назди Аҳмад мешавад?

Бояд диққат дошта бошем, ки ин се ҳадиси шариф бар ҷоиз будани истиғоса, (ки ҳамон талаби ёрӣ аст) далолат мекунад ва ваҳҳобиҳо онро ширк медонанд ҳамон гуна, ки мо сухани Албониро ин ҷо овардем.

Ва ин аҳодиси сегонаро муҳаддисон саҳеҳ донистаанд ва салафи солеҳ монанди Ибни Мункадир, Абдуллоҳ ибни Муборак, Аҳмад ибни Ҳанбал, Табаронӣ, Нававӣ ва дигарон

---

1-"Ал-Масоил»-и Абдуллоҳ ибни Аҳмад ибни Ҳанбал р.217. «Шаъб-ул-имон"-и Байҳақӣ ҷ.6.с.128.р.7697. Таърихи ибни Асокир ҷ5.с.298. Таърихи Ибни Касир ҷ.10.с.360. “Аҳодиси заифа”-и Албонӣ ҷ.2.с.111 ва Албони санади ин хабарро саҳеҳ гуфтааст.

ба он амал карда ва онро таҷриба кардаанд. Пас бинобар ақидаи ваҳҳобиҳо ва таъкиди онҳо ба ширк будани ин амал ҳамаи ин бузургон, ки аз бузургони салаф ҳастанд мушрик будаанд ва ҳамчунин Нававӣ ва устодонаш, ки аз олимони бузург ва мавриди ифтихори аҳли суннат ҳастанд, низ бо ин амали худ, ҳам мушрик шудаанд ва ҳам ба ин дараҷа аз илм ва маърифат нарасидаанд, ки битавонанд ширкро аз тавҳид ҷудо кунанд ва байни онҳо фарқ бигзоранд.

Боз ин ҷо диққат бикунед, ки Ибни Таймия ҳадиси севвумро дар китоби "Калимут-таййиб"-аш ворид карда ва бинобар ақидаи худаш, ки дар ҷойҳои дигар гуфта ва ақидаи пайравонаш, бо ин амалаш ширкро аз чизҳои хуб ба ҳисоб овардааст.

Аҷаб, такаббуру худхоҳӣ инҳоро ба куҷо расонда, ки ҳозир нестанд дар баробари Расули Худо **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам** баъд аз марги он ҳазрат тавозӯъ кунанд ва худ, ки бо пайравӣ аз ҳавою ҳавас тавони ин амалро надоранд, ин гуна шайтон барояшон ҷуръат дода, ки ҳамаи ин умматро мушрик меҳисобанд ва ба роҳатӣ мегӯянд: Ин ширки маҳз аст. Бо ин ки мебинанд бузургтарини олимонашон монанди Ибни Муборак ва имомашон Аҳмад ибни Ҳанбал ва Табаронӣ, Нававӣ ва... ин амалро анҷом медиҳанд бо вуҷуди ин, ин гуна ҳукм содир мекунанд. Албатта маълум аст, ки ваҳҳобиҳо амалан худро таксиб мекунанд. Оё мумкин аст аз як мушрик дар масъалаҳои динӣ пайравӣ кард? Ваҳҳобиҳо дар аксари масоил ба монанди истиғоса, тавассул, талаби борон ба василаи мурда ва... анҷомдиҳандаи онро мушрик мешуморанд, ки дар тамоми ин масъалаҳо ин ҳукмашон шомили имомашон Аҳмад ибни Ҳанбал мешавад. Вале, чун дар ин ақида ва суханонашон дурӯғгӯ ҳастанд ва медонанд, ки аз ҳавову ҳавас пайравӣ мекунанд, бинобар ин боз аз Аҳмад ибни Ҳанбал пайравӣ мекунанд ва ӯро аз имомони бузург ба

ҳисоб меоваранд ва ӯро мадҳу ситоиш мекунанд. Пас агар ваҳҳобиҳо дар ҳақиқат ақида доранд, ки тавассул, истиғоса, талаби борон ба василаи мурда ва... ширк аст, чаро даст аз домани Аҳмад намебардоранд ва чаро ба китобҳо ва орову фатвоҳои ӯ чанг мезананд ва чаро ба мардум муаррифӣ намекунанд, ки Аҳмад ибни Ҳанбал мушрик буда ва...!?

Ин чароҳо ва садҳо чарои дигар собит мекунад, ки инҳо пайрави ҳавою ҳавас ҳастанд ва такаббуру худхоҳӣ онҳоро водор карда, то ин равишро интихоб кунанд.

Нуктаи ҷолиби дигар ин аст, ки Ибни Таймия дар китоби тавассулаш мегӯяд:

“**Хитоб бар малоика ва анбиё ва солеҳин баъд аз маргашон ва дар ҳоли ғайбаташон ва хондани онҳо аз бузургтарин анвои ширк ба Худованд аст**.” 1

Вале Албонӣ сухане гуфта, ки бо он хоста байни истиғоса ва талаби ёрӣ аз инсонҳо бо истиғоса ба ҷин ва малоика фарқ бигзорад ва бигӯяд, ки истиғоса ба ҷин ва малоика ҷоиз аст. Аблонӣ баъд аз тазъифи ду ҳадисе, ки Нававӣ ва Табаронӣ дар бораи он гуфтаанд: Мо онро таҷриба кардем, мегӯяд:

“Бар фарзи сиҳҳаташ, ҳеҷ гуна далеле дар ин аҳодис бар ҷоиз будани истиғоса бар инсонҳо нест, балки "**бандагони Худо**" дар ин аҳодис ба ҷин ва малоика сидқ мекунад, чун ҳадис гуфта, ки шумо онҳоро намебинед ва ин сифоти ҷин ва малоика аст. Ва дар ҳадиси дигар, низ ба ин ишора шуда ва он ҷо ба равшанӣ баён шуда, ки манзур малоика ҳастанд, ки Паёмбар фармуданд: “Худованд фариштагоне дар замин дорад ғайр аз ҳофизон, пас ҳар гоҳ ба касе аз шумо гирифторӣ пеш омад фарёд занад, ки кӯмакам кунед эй бандагони Худо...”

Мебинед, ки Ибни Таймия ёрӣ хостан аз малоикаро, низ

---

1-"Қавоиду ҷалия фит-тавассул вал-васила”-и Ибни Таймия шумораи-50.

аз бузургтарин анвои ширк ба Худо хонд, вале Албонӣ мегӯяд, ин истиғоса ба ҷин ва малоика аст, на ба мӯъминони инс. Пас истиғоса ба ҷин ва малоикаро ҷоиз медонад. Дар ҳоле, ки худи Албонӣ ва ҳамаи ваҳҳобиҳо мегӯянд: Истиғосаи ба ғайри Худо ширк аст. Ва ин низ аз таноқузоти ошкори дигари ин бузургворон аст.

Расули Худо **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам** достони модари Исмоил ҳамсари ҳазрати Иброҳимро қабл аз бинои Каъба ва ба ҷӯш омадани оби Замзам ба асҳоби худ бозгӯ фармуданд, ки зимни он истиғосаи модари ҳазрати Исмоил ба шахси ғоиб ин гуна зикр шуда, ки Ҳоҷар, ки аз паи об мегашт аз сӯи кӯдакаш Исмоил садоеро шунид пас гуфт:

**"إن كنت ذا غوث فأغث فاستغاثت فإذا بجبريل عليه السلام فغمز الارض بعقبه فخرجت زمزم.**

Агар соҳиби кӯмаке ҳастӣ пас кӯмак бикун. Пас истиғоса намуд ва он Ҷабраил (буд), ки ба замин ишора намуд пас оби замзам хориҷ шуд.1

Агар истиғоса ба ғоиб ва... ширк мебуд Паёмбар **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам** ҳатман дар ин гуна маворид тазаккур медоданд ва ин ки он ҳазрат бидуни ҳеҷ ишорае мегузаранд нишонаи ин аст, ки ваҳҳобиҳо чизеро ширк медонанд, ки ҳатто як дар сад ҳам назди шореи исломӣ эҳтимоли ширк дар он вуҷуд надоштааст.

## Истиғосаи Абӯбакр ба Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва олиҳ

**"ان أبا بكر لما رأى رسول الله صلى الله عليه) وآله (وسلم قال :إنا لله وإنا إليه راجعون، مات رسول الله صلى الله عليه) وآله (وسلم ثم تحول من قبل رأسه فقال :وانبياه، ثم حدر فمه وقبل وجهه ثم قال :واصفياه ثم رفع رأسه وحدر فمه وقبل جبهته وقال :واخليلاه، مات رسول**

---

1-"Сунан-ул-кубро"-и Насоӣ ҷ.5.с.100-101.р.8379-8380. "Фазоил-ус-саҳоба"-и Аҳмад с.82-84. Ирғом-ул-мубтадаъ-ил-ғабий»-и Абдуллоҳ ибни Муҳаммади Ғуморӣ саҳ.7. ба нақл аз Саҳеҳи Бухорӣ.

الله صلى الله عليه) وآله (وسلم."

Ба дурустӣ, ки Абӯбакр вақте Паёмбар **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи**-ро дид гуфт: "**Мо аз сӯи Худо ҳастем ва баргаштамон низ ба сӯи ӯст**" Паёмбар **саллаллоҳу алайҳи (ва олиҳи) ва саллам** мурда аст, сипас аз тарафи сари он ҳазрат гашту гуфт: Вонабиё, сипас чеҳраи он ҳазратро бӯсид ва гуфт: Восафиё, баъд сари он ҳазратро бардошту пешонияшонро бӯсид ва гуфт: Вохалило, Паёмбар мурда аст".1

Албонӣ ду санади ин хабарро ва Ҳайсамӣ низ санади онро саҳеҳ гуфтаанд.

Ёдовар мешавем ин, ки Абӯбакр таъкид ва такрор мекунад, ки Паёмбар **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам** мурдааст ба ин хотир аст, ки вақте ӯ аз беруни Мадина расид ва ин хабар ба ӯ расид бо хабар шуд, ки Умар ибни Хаттоб аз дунё рафтани он ҳазратро инкор мекард ва мегуфт, ки ҳар ки бигӯяд, ки Паёмбар аз дунё рафтааст ӯро мекушам, бинобар ин Абӯбакр онро дар ин сухан такрор кардааст.

Вале сухан ин ҷост, ки оё ҷаноби халифаи аввал бо ин амал ва хитобаш бар мурда мушрик шуд? Оё ӯ аз саҳоба нест, ки ваҳҳобиҳо ин ҳама шиор медиҳанд, ки саҳоба ин корҳоро накардаанд?

Акнун аз паи хабари саҳеҳе меравем, ки дар он Умар ибни Хаттоб ва Усмон ибни Аффон халифаи дуввум ва севвум ба ғайри Худо ва он ҳам дар ҳоле, ки ғоиб буда аст истиғоса кардаанд.

## Истиғосаи Умар ва Усмон ба шахси ғоиб ва Ибни Умар ба Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва олиҳ

Ибни Касир ва дигарон нақл мекунанд:

---

1-"Муснад"-и Аҳмад ҷ.6.с.220. "Муснад"-и Ибни Роҳавия ҷ.3.с.728. "Муснад"-и Ибни Абияъло ҷ.1.с.48.с.265. Табақот-ул-кубро ҷ.2.с.Маҷмаъ-уз-завоид ҷ.9.с.32. "Ирво-ул-ғалил"-и Албонӣ ҷ.3.с.157.р.692.

"أنه لما كان عام الرمدات وأجدبت ببلاد الأرض كتب عمر بن الخطاب إلى عمرو بن العاص من عبد الله عمر أمير المؤمنين إلى عمرو بن العاص لعمري ما تنالي إذا سمنت ومن قبلك أن أعجف أنا ومن قبلي ويا غوثاه فكتب عمرو سلام أما بعد لبيك لبيك أتتك عير أولها عندك وآخرها عندي."

“Соли румодот буд қаҳтӣ ба шаҳрҳо рӯй овард, Умар Ибни Хаттоб ба Амр ибни Ос (ва Абӯмӯсои Ашъарӣ бинобар гуфтаи Ибни Касир) номае навишту гуфт: Аз бандаи Худо Умар амири мӯъминон ба Амр ибни Ос, ба ҷонам савганд барои ёрӣ биштод. Пас Амри Ос ба ӯ навишт: Салом аммо баъд лаббайк, лаббайк корвони кӯмак ба сӯи ту омад, ки аввалаш назди ту ва охираш назди ман аст".1

Ибни Шубба ва Ибни Касир гуфтаанд, ки халифа ба ҳамин лафз ба Басра низ нома навишта ва ба Абӯмусои Ашъарӣ истиғоса кард. Санади ин хабарро Ҳоким, Заҳабӣ ва Ибни Касир саҳеҳ гуфтаанд ва ҳамчунин ин хабар аз ду нафар, Аслам ва Ибни Умар нақл шудааст.

"وكتب عثمان إلى أهل الشام عامة وإلى معاوية وأهل دمشق خاصة :أما بعد :فإني في قوم طال فيهم مقامي، واستعجلوا القدر في، وقد خيروني بين أن يحملوني على شارف من الإبل الدحيل، وبين أن أنزع لهم رداء الله الذي كساني، وبين أن اقيدهم ممن قتلت، ومن كان على السلطان يخطئ ويصيب، فيا غوثاه يا غوثاه، ولا أمير عليكم دوني، فالعجل العجل يا معاوية !وأدرك ثم أدرك وما أراك تدرك."

Замоне, ки Усмонро муҳосира карда буданд ба аҳли Шом куллан ва ба Муовия ва аҳли Димишқ хусусан нома навишт ва дар он аз ҷумла чизҳое, ки навишт ва аз онҳо хост, талаби ёрӣ бо лафз "Ғавс" буд ва гуфт:

"...Пас барои ёрӣ биштоб, барои ёрӣ биштоб эй Муовия! Маро дарёб боз маро дарёб ва ман туро намебинам, ки

---

1-Саҳеҳи Ибни Хузайма ҷ.4.с.68.р.2367. Табақоти Ибни Саъд ҷ.3.с.310. "Мудавванатул кубро"-и Имом Молик ҷ.1.с.287-304.ҷ.2.с.29. Таърихи Мадинаи Ибни Шубба ҷ.2.с.742. «Мустадрак»-и Ҳоким ҷ.1.с.563.р.1471. Сунани Байҳақӣ ҷ.6.с.354.р.12795. Таърихи Ибни Касир ҷ.7.с.103. Канз-ул-уммол р.35889-35906.

маро дарёбӣ."[1]

Чунон, ки мулоҳиза мекунед ҳар ду халифа аз касоне, ки аз назди онҳо ғоиб буданд истиғоса ҷустанд. Вале Ибни Таймия ва пайравонаш мегӯянд: “Истиғоса ба шахси ғоиб ширк аст”.[2]

"فالغوث الغوث فقال عمر أتاك الغوث بالماء."

Ҳанш ибни Акил, ки аз саҳоба буда, дар замони хилофати Умар баъд аз суханоне ба асҳоб, ки дар байни онҳо халифаи дуввум Умар ибни Хаттоб низ будааст, истиғоса кард ва гуфт: “...Ал-Ғавс ал-ғавс (кӯмак-кӯмак) Умар дар ҷавоб гуфт: Кӯмак ба василаи об ба ту расид...”. [3]

### Истиғосаи Ибни Умар ба Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва олиҳ

Ибни Умар ин гуна истиғоса мекунад:

"ان ابن عمر خدرت رجله فقيل له اذكر احب الناس اليك يزل عنك فصاح يا محمداه فانتشرت".

«Ибни Умар нояш беҳис ва заифу беҳол шуд. Ба ӯ гуфта шуд, ки маҳбубтарин шахс бароятро ёдкун хуб мешавӣ. Ибни Умар фарёд зад: Ё Муҳаммадоҳ пас нояш ба худ омаду бо ҳолу нишот шуд».[4]

Нависандаи китоби "Мақолотус-сунния фи кашфиз-залолоти Аҳмад ибни Таймия" дар бораи ин амали Ибни

---

1-“Ал-Имома вас-сиёса»-и Ибни Қутайба ҷ.1.с.55. Таърихи Ибни Асокир ҷ.39.с.428. Дар Таърихи Табарӣ ҷ.3.с.352 ва 483 истиғосаи ба ғайри Худо аз тобеин низ нақл шудааст.

2-“Қоидату ҷалия фит-тавассул вал-васила»-и Ибни Таймия р.901-902.

3-“Мӯъҷам-ул-авсат”-и Табаронӣ ҷ.3.с.203.р.2926. Маҷмаъ-уз-завоид ҷ.10.с.306. Исобаи Ибни Ҳаҷар ҷ.2.с.131.р.1854.

4-«Адабул-муфрад»-и Бухорӣ ҷ.1.с.335.р.964. «Амалул-явм вал-лайла»-и Ибни Суннӣ с.72. «Ғарибул ҳадис"-и Ибни Исҳоқ ҷ.2.с.674. «Муснади Ибни Ҷаъд ҷ.1.с.369.р.2539. «Табақот-ул-кубро»-и Ибни Саъд ҷ.4.с.154. «Ал-Калимут-таййиб»-и Ибни Таймия с.73. «Таҳзибул камол ҷ.17.с.142. "Азкор-ун-нававия»-и Нававӣ с.305. р.916. Таърихи Ибни Асокир ҷ.31.с.177. “Аш-Шифо битаърифи ҳуқуқи мустафо”-и Қозӣ Айёз ҷ.2.с.23. “Ниҳоя”-и Ибни Асир ҷ.2.с.13. Лисон-ул-араб-и Ибни Манзур ҷ.4.с.233. Тоҷ-ул-арус ҷ.3.с.170.

Умар мегӯяд: "Ин амали Абдуллоҳ ибни Умар истиғоса ба Паёмбар аст бо лафзи "Ё Муҳаммадоҳ" ва он дар назди ваҳҳобиҳо баъд аз марги он ҳазрат, куфр аст. Пас ваҳҳобиҳо чӣ кор мекунанд, оё аз такфири касе, ки «ё Муҳаммадоҳ» мегӯяд бармегарданд ё аз Ибни Таймия дар ин маврид безорӣ меҷӯянд. Чун Ибни Таймия дар назди онҳо ба шайхул Ислом мулаққаб шудааст. Эй вой аз ин шармандагӣ бар онҳо. Ибни Таймия имомашон аст ва Ибни Абдулваҳҳоб тамоми афкорашро, ки бо он бо мусулмонон мухолифат кард аз ӯ гирифта ва бинобар ақидае, ки онҳо доранд чунин мешавад, ки Ибни Таймияро кофир донистаанд, ба хотири ин ки Ибни Таймия чизеро, ки ширк аст ҳасан ва хуб донистааст."[1] (чун ин хабари Ибни Умарро дар китоби "Калимут-тайййиб"-аш ворид кардааст).

Вале воқеият ин аст, ки на танҳо ваҳҳобиҳо бо ин ақидаашон Ибни Таймияро мушрик медонанд, балки худи Ибни Таймия бо ин амалаш (бо нақл кардани ин хабар дар китобаш) ҳам худашро мушрик дониста ва ҳам ба кӯр-кӯрона ва бо пайравӣ аз ҳавою ҳавас вориди ин майдон шуданаш, гувоҳӣ додааст.

Чӣ гуна мумкин аст, ки инсон бо қотеият истиғоса ба ғайри Худоро ширк бишморад ва баъд дар китобе, ки исмашро "Калимут-тайййиб" (суханону калимоти поку некӯ) чизеро, ки ба ақидааш ширк аст, ворид кунад. Ва ин нишонаи ҳамон суханест, ки Ибни Ҳаҷар ва олимони дигари асраш гуфтаанд: "...Вақте мардум маҳорати Ибни Таймия ва огоҳии ӯро аз улумро диданд дар бораи ӯ ғулув карданд ва ин сабаби уҷбу худхоҳии Ибни Таймия шуд то ҷое, ки ба уламои монанди худаш ҳамлавар шуд ва гумон кард, ки ӯ муҷтаҳид аст, пас ба радди суханони хурду бузург ва қадиму

1-"Мақолотус-сунния фи кашфиз-залолоти Аҳмад ибни Таймия" саҳ.279.

ҷадиди олимон сар кард...".1

Дар бораи ин сухани Ибни Ҳаҷар ва монанди он дар китоби муаррифии Ибни Таймия бештар сухан хоҳем гуфт.

**ان رجلا خدرت رجله عند ابن عباس فقال له اذكر احب الناس اليك فقال :يا محمد، فكأنما نشط من عقال.**

"Пои марде дар ҳузури Ибни Аббос беҳис ва заифу беҳол шуд. Ибни Аббос ба ӯ гуфт: Маҳбубтарин шахсатро ёд кун. Ӯ гуфт: Эй Муҳаммад "**саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам**». Ровӣ мегӯяд: Гӯё бо ҳол шуду ба нишот омад".2

## Истиғосаи Муҳаммад ибни Мункадир аз бузургони тобеин

Абӯхайсама, Заҳир ибни Ҳарб, ки сиқа ва мавриди эътимод аст ва мутаваффои соли 234-и ҳиҷрӣ, гуфтааст: Мусъаб ибни Абдуллоҳ аз Исмоил ибни Яъқуби Тимӣ ба мо нақл кард, ки Муҳаммад ибни Мункадир бо ёронаш дар ҷое нишаста буд, ки сахт ташна шуд. Ҳаракат кард ва ба назди қабри Паёмбар **«саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам»** рафту сураташро рӯи қабр гузошт, сипас баргашт. Ҳозирон аз ин амали ӯ ба ҳайрат омаданд пас ӯ ба онҳо: Ҳолате бар ман даст дода буд, ки эҳсоси хатар мекардам, ба ин сабаб ба қабри Паёмбар **«саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам»** паноҳ бурда ва талаби шифо кардам. Ва ӯ гоҳе ба ҷои махсусе аз масҷид меомад ва худро ба замин меандохт. Аз ӯ сирри ин корро пурсиданд, ӯ гуфт: Паёмбар **«саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам»**-ро дар ин ҷо дидам (яъне дар хоб). 3

Ин хабари зер ва ду хабаре, ки баъд аз ин меояд аз ҷумла ахборе аст, ки Ибни Нӯъмон онро дар китоби

---

1-"Дурар-ул-комина"-и Ибни Ҳаҷар ҷ.1.с.153-155 ва дигарон.

2-"Амалул явм вал-лайла"-и Ибни Суннӣ с.72. «Азкори нававия"-и Нававӣ р.917. "Файз-ул-қадир»-и Мунови ҷ.1.с.512.

3-Таърихи Ибни Асокир ҷ.56.с.51. Таърихи Ибни Касир ҷ.10.с.331. «Сияру аълом-ун-нубало»-и Заҳабӣ ҷ.5.с.359 ва дигарон, санади ин хабар саҳеҳ аст.

“Мисбоҳуз-зулом...”, ки Ибни Таймия дар бораи он китоб гуфта буд, ки аз олиме ҳам, ки мавриди ризоят бошад нақл накардааст, ин се достонро нақл кардааст:

“Мункадир ибни Муҳаммад (писари Муҳаммад ибни Мункадир) мегўяд: Марде ҳаштод динор дар назди падарам ба амонат гузошту худ ба ҷиҳод рафт ва ба падарам гуфт: Агар ба ин пул ниёз пайдо кардӣ истифода кун. Иттифоқан гаронӣ пеш омаду падарам онҳоро харҷ кард. Саранҷом соҳиби пул омаду пулашро талаб кард. Падарам ба ў гуфт, ки фардо биё. Пас худ шабона ба масҷид омад ва дар ҳоле, ки бо дастҳои худ ба қабр ва минбари Паёмбар ишора мекард, то наздикии субҳ истиғоса кард ва дар ҳамон ҳол буд, ки дар торикии масҷид марде пайдо шуду гуфт: Эй Абомуҳаммад бигир, вай кисае ба падарам дод, ки дар он ҳаштод динор буд.”[1]

**Шарҳи ҳоли Мункадир**: Мункадир ибни Муҳаммад аз ровиёни мавриди эътимод буда ва дар соли 180-и ҳиҷрӣ вафот кардааст. Аҳмад ибни Ҳанбал, Яҳё ва Абўдовуд ўро сиқа гуфтаанд Маҷмаъ-уз-завоид"-и Ҳайсамӣ ҷ.2.саҳ.206.

Ин ду достон аз Муҳаммад ибни Мункадир аст ва ў аз бузургони тобеин мебошад ва ин ду достони ў ба мо мерасонад, ки ў ҳамеша ба Паёмбари гиромӣ **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам** тавассул ва истиғоса мекарда ва ҳаҷоташро аз он ҳазрат мехоста ва бароварда мешудааст. Пас биёем ва бо шахсияти ў ошно бишавем:

**Шарҳи ҳоли Ибни Мункадир**: Заҳабӣ мегўяд: "Имом, ҳофиз, пешво, шайхул Ислом ва сарвари қориён. Суфён гуфтааст: Ў аз маъданҳои ростӣ буд ва солеҳон ба даври ў ҷамъ мешуданд. Молик гуфтааст: Ҳар вақт касе аз ў ҳадис мепурсид, гиря мекард. Ў аз бузургони тобеини Мадина

1-Таърихи Ибни Асокир ҷ.56.с.60. Вафо-ул-вафо ҷ.2.с.1380, ў то саҳифаи 1385 намунаҳое аз ин истиғосаҳоро баён кардааст.

буда, ки дар соли 130-и ҳиҷрӣ вафот кардааст. Гоҳе сураташро ба замин мегузошт ва ба модараш мегуфт: Бархез ва поҳоятро ба суратам бигзор. Ӯ дар ғояти итқон, зӯҳд ва ҳифз буд ва ҳуҷҷат мебошад..." [1]

Самҳудӣ аз китоби Ибни Нӯъмон нақл мекунад, ки: «Абӯисҳоқ Иброҳим ибни Саид мегӯяд: Дар Мадина Расули Худо **саллаллоҳу алайҳи (ва олиҳт) ва саллам** будам ва ҳамроҳи ман се нафар аз фуқаро низ буданд, пас ман ба назди Расули Худо **саллаллоҳу алайҳи (ва олиҳт) ва саллам** рафтам ва гуфтам: Эй Расули Худо мо чизе надорем ва моро се имдод аз ҳар чизе ки бошад кифоят мекунад, пас марде бо ман бархурд ва се имдод аз хурмои покиза ба ман дод.[2]

Иброҳим ибни Саид ки дар ин достон воқеъ шуда яке аз ин ду нафар хоҳад буд:

1-Абуисҳоқ Иброҳим ибни Саиди ҷавҳарӣ: Заҳабӣ дар васфи ӯ мегӯяд: Имом сиқа ҳофизи маҷаввид соҳиби муснади мутавафои соли 247 ҳиҷрӣ.[3]

2-Имоми ҳофиз мутқан ва олим Абӯисҳоқ Иброҳим ибни Саид сиқа ва сабт муҳаддиси мисрӣ мутаваффои-482 ҳиҷрӣ.[4]

Самҳудӣ чунон ки дар гузашта дар мавориди китоби " Мисҳобул залом" зикр шуд баъд аз онки 14-маворид истиғосаҳоеро ки ба қабри расули Худо саллаллоҳу алайҳи ва олиҳ ва саллам аз он китоб нақл мекунад дар охир мегӯяд: "Ҳикоятҳо дар ин боби фаровон аст, балки бар худи ман низ ингуна воқиятҳо пеш омада: ҳангоми вуруди Ҳаҷоҷи мисри ба зиёрати қабри Паёмбар дар масҷид будам ва дар дастам калиди халвае буд, ки дохили он дар масҷиди

---

1-"Сияру аълом-ун-нубало"-и Заҳабӣ ҷ.5.с.353.р.163. Таҳзиб-ут-таҳзиб ҷ.9.с.417. р.669.

2-Вафо-ул-вафо»-и Самҳудӣ ҷ.4.с.1382.

3-Сияру аълом-ун-нубало ҷ.12.с.149.р.53.

4- Сияру аълом-ун-нубало ҷ.18.с.95.р.259.

китобҳоям буд. Баъзе аз уламои Миср бар ман убур кард, ки аз шогирдони устодам буд пас ба ӯ салом кардам ӯ аз ман хост, ки ҳамроҳаш ба назди рузаи шарифи Паёмбар биравам ва дар пешгоҳӣ он ҳазрат ҳамроҳи ӯ боистам пас ҳамроҳи ӯ рафтам сипас вақте баргаштам калидро пайдо накардам.

## Се олими бузурги аҳли суннат ва истиғоса ба Паёмбар
**саллаллоҳу алайҳи ва олиҳ**

**عن أبي بكر بن أبي علي قال :كان بن المقرئ يقول :كنت انا والطبراني وأبو الشيخ بالمدينة فضاق بنا الوقت فواصلنا ذلك اليوم فلما كان وقت العشاء حضرت القبر وقلت :يا رسول الله الجوع الجوع فقال لي الطبراني اجلس فاما ان يكون الرزق أو الموت .فقمت انا وأبو الشيخ فحضر الباب علوي ففتحنا له فإذا معه غلامان بقفتين فيهما شيء كثير وقال شكوتموني الى النبي صلى الله عليه وسلم رأيته في النوم فأمرني بحمل شيء اليكم.**

Ибни Муқриъ мегуфт: Ман ва Табаронӣ ва Абӯшайх дар Мадина будем вақтамон танг буд, пас тамоми рӯзро машғули кор будем. Ҳамгоме, ки вақти хуфтан шуд ба қабр наздик шуда гуфтам: Гуруснагӣ, гуруснагӣ, эй Расули Худо! Табаронӣ ба ман гуфт: Биншин, ё ризқ меояд ва ё марг. Пас ман ва Абӯшайх бархостем, ки алавие (касе аз фарзандони ҳазрати Алӣ) ба дари масҷид омад. Дарро боз кардем ҳамроҳи ду ҷавон дохил шуд, ки дар дасти ҳар кадом зарфе пур аз таом буд ва ӯ гуфт: Оё бар Паёмбар шикоят кардед, чун ман он ҳазратро дар хоб дидам ва ба ман дастур дод, ки барои шумо таом биоварам.” 1

## Шарҳи ҳоли ин се бузургвор:

Абӯбакр ибни Муқриъ соҳиби чандин китоб ва аз муҳаддисони мавриди эътимод буда ва мадҳу ситоиши зиёде

---

1-«Табақот-ул-мӯҳаддисин биисфаҳон”-и Ибни Ҳаббон ҷ.1.с.70. “Тазкиратул-ҳуффоз»-и Муҳаммад ибни Тоҳир ҷ.3.с.974. "Ал-Вафо биаҳволил-мустафо»-и Ибни Ҷавзӣ с.818.р.1536. «Сияру аълом-ун-нубало»-и Заҳабӣ ҷ.16.с.401.

аз вай кардаанд. Ӯ дар соли 285-и ҳиҷрӣ мутаваллид шудааст. 1

Абӯшайх Абдуллоҳ ибни Муҳаммад: Имом, ҳофизи содиқ, муҳаддиси Исфаҳон. Аз ӯ мадҳу ситоиши зиёде кардаанд. Ӯ дар соли 254 ба дунё омада ва аз муҳаддисони мавриди эътимод будааст. 2

Аммо Табаронӣ Сулаймон ибни Аҳмад: Имом, ҳофиз, сиқа ва муҳаддиси Ислом, дар соли 260 таваллуд шуда аст. 3

Ин се нафар аз уламо ва бузургони мактаби аҳли суннат ба Расули Худо **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳ** истиғоса карданд ва ҳеҷ кадом аз онҳо, онро амали бад надонист, вале ин уламо ва бузургон бинобар ақидаи ваҳҳобиҳо мушрик ҳастанд.

Муҳаққиқи Сияру аълом-ун-нубало, Акрам Бушӣ мегӯяд: Ин хабар агар саҳеҳ бошад бар гӯяндааш рад мешавад (яъне амали номашрӯе аст) ва хилофе байни аҳли илм нест, ки ба ғайри Худо намешавад истиғоса кард ва аз ғайри ӯ намешавад талаби ёрӣ ҷӯст.

Оре, ин бечора сухане мегӯяд, ки худи ҳамин хабар дурӯғ будани сухани ӯро собит мекунад, чун ӯ мегӯяд: Байни аҳли илм хилофе нест ки истиғоса ба ғайри Худо ҷоиз нест.

Аҷаб, ин бечора худаш таваҷҷӯҳ надорад, ки чӣ мегӯяд охир ту мегӯӣ хилофе байни олимон нест дар ҳоле, ки худи анҷомдиҳандаи ин кор аз уламои бузург аст ва олимони бузурги дигар, низ ҳамроҳи ӯ ҳастанд, ки ҳеҷ кадом ӯро аз он манъ накарданд, вале бо вуҷуди ин он қадар илму дониши Ибни Таймия туро маст карда, ки мисли ӯ бо ҷуръат дурӯғҳои бузург мегӯӣ гӯё ба яқин расидаӣ, ки ҳар касе ки монанди ту ва Ибни Таймия олими ба истилоҳот бошад, дурӯғ гуфтан барои фиреби мурдум барояш ҷоиз ва лозим аст ва аз гуноҳони кабира маҳсуб нахоҳад шуд!

---

1-"Сияру аълом-ун-нубало" ҷ.16.с.398.р.288.

2-"Сияру аълом-ун-нубало" ҷ.16.с.276.р.196.

3-“Сияру аълом-ун-нубало" ҷ.16.с.119.р.86.

## Истиғосаи Зайнаби кубро алайҳо салом

**لا أنسى قول زينب ابنة فاطمة حين مرت بأخيها الحسين صريعا وهي تقول يا محمداه يا محمداه صلى عليك ملائكة السماء هذا الحسين بالعراء مرمل بالدماء مقطع الأعضاء يا محمداه وبناتك سبايا وذريتك مقتلة تسفي عليها الصبا قال فأبكت والله كل عدو وصديق.**

«Қуррат ибни Қайс мегӯяд: Фаромӯш намекунам сухани Зайнаби Кубро духтари Фотимаи Заҳро (салавотуллоҳи алайҳимо) дар воқеаи Карбало ҳангоме, ки ӯро аз назди бародараш Ҳусайн (салавотуллоҳи алайҳ) мегузаронданд ҳамеша мегуфт: Ё Муҳаммадо ё Муҳаммадо! Фариштаҳои осмон бар ту салавот фиристод ин Ҳусайн аст. Оғушта бар хун, аъзои баданаш қитъа-қитъа шуда ё Муҳаммадо! Духтаронат асир ҳастанд ...ровӣ мегӯяд: Ба Худо қасам ҳар дӯсту душманро ба гиря даровард.” 1

Ибни Касир дар таърихаш ҷ.6.с.357, ривоят мекунад, ки шиори мусулмонон дар ҷанг бо Мусайламаи каззоб “ё Муҳаммадо” будааст.

Дар ҷанг бо Мусайламаи каззоб, ки шояд аксари саҳоба дар он ҳузур доштанд, вақте шиорашон ин бошад, пас ваҳҳобиҳо ин ҷо чӣ хоҳанд гуфт!

Самҳудӣ чунон, ки дар гузашта дар мавриди китоби “Мисбоҳ-уз-зулом ...” зикр шуд баъд аз он ки 14 маврид аз истиғосаҳоро аз ин китоб нақл мекунад дар охир мегӯяд:

“Ҳикоятҳо дар ин боб фаровон аст, балки бар худи ман низ ин гуна воқеаҳо пеш омада: Ҳангоми вуруди ҳоҷиёни мисрӣ барои зиёрати қабри Расули Худо ман дар масҷид будам ва дар дастам калиди хилватгоҳе буд, ки дохили он дар масҷид китобҳоям буд. Баъзе аз уламои Миср аз пеши ман гузашт, ки аз шогирдони асотидам буд, пас ман ба ӯ салом кардам, ӯ аз ман хост, ки ҳамроҳаш ба назди равзаи

---

1-Таърихи Табарӣ ҷ.3.с.336.ҷ.4.с.348. "Тарҷумаи Имом Ҳусайн”-и Ибни Асокир с.336. Таърихи Ибни Касир ҷ.8.с.210.

шарифи Паёмбар биравам ва дар пешгоҳи он ҳазрат ҳамроҳи ӯ биистам. Пас ҳамроҳи ӯ рафтам, сипас вақте баргаштам калидро пайдо накарда ва ҳар ҷоеро, ки рафта будам гаштам, вале пайдо накардам ва гум шудани калид дар чунин ҳоле, ки бар он хеле ниёз доштам ва вақтам низ хеле танг буд, хеле бароям сахт буд. Ба ҳузури Паёмбар **саллаллоҳу алайҳи (ва олиҳи) ва саллам** рафта гуфтам: Эй Расули Худо калиди хилватгоҳам гум шуд дар ҳоле, ки ман ба он хеле ниёз дорам ва ман онро аз шумо мехоҳам, сипас баргаштам ва дидам, ки шахсе ба тарафи хилватгоҳ меравад гумон кардам баъзе аз касоне аст, ки онҳоро мешиносам пас ба сӯи ӯ рафтам, вале ӯро надидам ва як нафари дигар, ки кӯчак ҳам будро назди он хилватгоҳ пайдо кардам, ки дар дасташ калид буд ва ман ӯро намешинохтам, пас ба ӯ гуфтам аз куҷо ин калид дар дасти туст? Гуфт: Инро назди сурати шарифи Расули Худо **саллаллоҳу алайҳи (ва олиҳи) ва саллам** пайдо кардам пас калидро аз ӯ гирифтам баъд мегӯяд: Аз ин гуна иттифоқот он чӣ пеш омад бар ман дар ҳоли сукунатам дар он хилватгоҳ дар ибтидои кор ва ғайри он аз чизҳое, ки зикри он ба тӯл меанҷомад. Баъд шеъре гуфта ва дар он низ ба он ҳазрат истиғоса карда, ки дар бораи он истиғосааш низ мегӯяд: Аввал дар  хоб ба ман башорати кӯмак дода шуд ва баъд дар бедорӣ низ алҳамдулиллоҳ он нусрат ва ёриро дидам.

**Шарҳи ҳоли Самҳудӣ**: Муҳаққақи китоби “Вафо-ул-вафо” Самҳудиро ин гуна муаррифӣ карда: “Шайх аллома Али ибни Аҳмади Самҳудӣ. Ӯ имом ва пешвои ҳуҷҷат ва фуруд омада ба Мадинаи мунаввара ва олам, муфтӣ, мударрис ва муаррихи Мадина ва шофеӣ мазҳаб буда. Ва мутаваффои соли 911 ҳиҷрӣ мебошад.

Чунон, ки ошно шудем, ваҳҳобиҳо истиғосаро бадтар аз тавассул дониста ва ҳар касеро, ки ба ғайри Худо истиғоса мекунад мушкири маҳз хондаанд. Пас ҳамаи саҳобагон, ки

дар ҷанги бо Мусайлама ҳузур доштанд, оё бо ин шиорашон, ки ҳатман навъе аз истиғоса ва он ҳам ба мурда аст, мушрик шуданд? Оё шумо даст аз ин ақида бармедоред ва ё на, ба мушрик шудани ҳамаи саҳоба фатво медиҳед?

## Далоили ваҳҳобиҳо бар таҳрими истиғоса ва тавассул аз оёт ва ҷавоби равшани он

"يا أيها الناس ضرب مثل فاستمعوا له إن الذين تدعون من دون الله لن يخلقوا ذبابا ولو اجتمعوا له وإن يسلبهم الذباب شيئا لا يستنقذوه منه ضعف الطالب والمطلوب ما قدروا الله حق قدره إن الله لقوي عزيز."

"Эй мардуми (мушрик) ба ин масал гӯш диҳед, ғайри Худо (бутҳоеро), ки мехонед гарчӣ ҳама бо ҳам ҷамъ шаванд қодир нестанд, ки як магасе халқ кунанд ва агар магаси (нотавон) чизеро аз онҳо бигирад, қодир нестанд, ки онро баргардонанд. Бидонед, ки толиб ва матлуб ҳар ду нотавонанд. (Ин мушрикон) Худоро чунон, ки аст нашнохтанд. Худованд зотест бениҳоят тавоно ва беҳамто."1

"والذين تدعون من دونه ما يملكون من قطمير إن تدعوهم لا يسمعوا دعاءكم ولو سمعوا ما استجابوا لكم ويوم القيامة يكفرون بشرككم ولا ينبئك مثل خبير."

"Касонеро, ки ғайр аз Худо (ба худоӣ) мехонед, дар ҷаҳон молики пӯсти хурмое ҳам, нестанд. Агар онҳоро бихонед, дуои шуморо намешунаванд ва агар бишнаванд ҷавоби шуморо намедиҳанд ва рӯзи қиёмат ба хотири ин ки онҳоро шарики Худо қарор додед, аз шумо безорӣ ҷӯянд ва ҳеҷ касе мисли Худои доно, туро (бо ҳақиқат) огоҳ намегардонад." 2

Дар гузашта маънои ин ду оятро баён кардем, ки мухотаби ин оёт мушрикон ҳастанд, ки бутро мепарастиданд. Агар ба тафосир низ муроҷиа кунед хоҳед дид,

---

1-Сураи Ҳаҷ ояти 73-74.

2-Сураи Фотир 13-14.

ки муфассирон, низ манзури ин оёт ва оёти дигареро, ки ваҳҳобиҳо ба онҳо истидлол кардаанд, бутпарастон донистаанд. 1

"ألا لله الدين الخالص والذين اتخذوا من دونه أولياء ما نعبدهم إلا ليقربونا إلى الله زلفى إن الله يحكم بينهم في ما هم فيه يختلفون إن الله لا يهدي من هو كاذب كفار."

Дар ин оят аз забони мушрикон худи Қуръон бо равшанӣ мефармояд, ки инҳо ғайри Худоро парастиш мекарданд. Ва ҳамчунин Худованд дар ин гуфторашон, ки мегуфтанд мо ин бут (ё ҳар чизи дигар)-ро ба хотири ин ки моро ба Худо наздик кунад, мепарастем, низ онҳоро таксиб карда фармуда, ки онҳо дурӯғ мегӯянд, чун барои баҳонаҷӯӣ дар муқобили Паёмбар **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳ** ин суханҳоро мегуфтанд ба ин хотир Худованд онҳоро дар ин гуфторашон дурӯғгӯ ва кофир эълон кардааст, ки дар китобҳои тафсир низ ба ин ҳақиқат ишора шудааст. Тафсири Табарӣ ҷ.17.с.203 ва...

Дар шаъни нузули ин оят Ибни Ҷавзӣ ривоят карда, ки:

" ان النبي صلى الله عليه) وآله (وسلم وقف على قريش وقد نصبوا أصنامهم يسجدون لها فقال يا معشر قريش لقد خالفتم ملة أبيكم إبراهيم فقالوا يا محمد إنما نعبد هذه حبا لله ليقربونا إلى الله زلفى فنزلت هذه الآية ."

"Паёмбар **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳ** бар болои сари қурайш дар ҳоле, ки бутҳоро гузошта ба он саҷда мекарданд истоданд ва фармуданд: Эй гурӯҳи қурайш ба дурустӣ, ки бо миллати падаратон Иброҳим мухолифат кардед. Онҳо гуфтанд: Эй Муҳаммад мо ба хотири муҳаббатамон ба Худо ин бутро мепарастем, то моро ба сӯи Худо наздик кунад, пас ин оят нозил шуд. Заҳҳок аз Ибни Аббос ва ӯ аз Паёмбар **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳ** ин гуна ривоят кардааст. 2

Боз дар баъзе тафосир гуфтаанд, ки: Мушрикон бутро мепарастиданд ва мегуфтанд: Фариштаҳо духтарони Худо

---

1-Тафсири Ибни Касир. Тафсири Табарӣ ва дигарон.

2-"Асбоб-ун-нузул"-и Воҳидӣ с.66. "Зод-ул-масир"-и Ибни Ҷавзӣ ҷ.1.с.318.

ҳастанд ва мо онҳоро фақат барои ин мепарастем, ки моро ба Худо наздик кунанд. 1

Ба ҳар ҳол чунон, ки мебинед ин оят ва оёти қаблӣ ҳеҷ рабте бо тавассул ва истиғоса надоранд. Худи ваҳҳобиҳо қабул доранд, ки баъзе навъи тавассул ва истиғоса ҷоиз аст. Агар ин оят ва ҳар ояти дигаре далолат бар ширк будани тавассул бикунад бояд таваҷҷӯҳ дошт, ки ҳатман бояд шомили тавассул ва истиғоса бар зинда низ бишавад, ки худи ваҳҳобиҳо низ инро қабул нахоҳанд дошт ва ҳам чунин оё касе вуҷуд дорад, ки навъе аз парастиш ё ширкро ҷоиз қарор дода бошад, то тавассул низ мисли он бишавад. Чӣ гуна мумкин аст, ки як чиз як бор тавҳид ва бори дигар ширк бишавад?

Боз ин бузургаорон ба оёти

"ادعوني استجب لكم ."غافر.60-

"Маро бихонед шуморо иҷобат мекунам". Ва

"وإذا سألك عبادي عني فإني قريب أجيب دعوة الداع إذا دعان فليستجيبوا لي وليؤمنوا بي لعلهم يرشدون "بقرة 186

"Ҳар гоҳ бандагонам дар бораи ман аз ту савол кардaнд, пас ман наздик ҳастам қабул мекунам дуои дуокунандаро вақте, ки бихонанд маро..." истидлол кардаанд.

Агар ин оёт бо кӯмак хостан аз ғайри Худо мунофот дошта бошад дар Қуръон мавориде пайдо мешавад, ки паёмбарон низ аз ғайри Худо кӯмак хоста ва кӯмак хостани аз ғайри Худоро таъйид кардаанд. Масалан ҳазрати Сулаймон алайҳис-салом аз атрофиёнаш хост, ки чӣ касе аз шумо метавонад қасри Билқисро аз Яман ба Фаластин биоварад. Ин чизеро, ки ҳазрати Сулаймон аз онҳо хост, агар ҳамаи мардум дунё бо ин дастгоҳҳои пешрафтаи имрӯз бихоҳанд анҷом бидиҳанд наметавонанд анҷом

---

1-“Дур-ул-мансур”-и Суютӣ.

диҳанд. Анҷоми ин гуна як кори фавқулодаро ҳазрати Сулаймон алайҳис-салом аз ғайри Худо хост ва Худованди Мутаол ҳам нафармуд, ки Сулаймон чаро аз ман нахостӣ ва аз дигарон хостӣ...? Дар гузашта ба ин оят ишора шудааст.

Бародарони ҳазрати Юсуф ин гуна аз Юсуф ёрӣ хостанд:

**"يا أيها العزيز مسنا وأهلنا الضر وجئنا ببضاعة مزجاة فأوف لنا الكيل وتصدق علينا إن الله يجزي المتصدقين ."يوسف88**

"Эй азиз! Мо ва хонадони моро сахтӣ фаро гирифта ва матои каме бо худ овардаем, паймонаро барои мо комил кун ва бар мо бахшиш намо ба дурустӣ, ки Худо ба бахшишгарон подош медиҳад". Сураи Юсуф-88.

Ҳазрати Яъқуб ё Юсуф алайҳимос-салом нагуфтанд, ки аз Худо кӯмак бихоҳед ӯ дуои шуморо мешунавад ва посухи шуморо медиҳад.

Фарзандони ҳазрати Яъқуб баъд аз ин ки хиёнаташон ошкор шуд ба падарашон гуфтанд:

**"قالوا يا أبانا استغفر لنا ذنوبنا إنا كنا خاطئين قال سوف أستغفر لكم ربي إنه هو الغفور الرحيم ."**

"Эй падар барои мо назди Худо талаби бахшиш бикун, ки мо хатокор будем. Ҳазрати Яъқуб фармуд: Ба зудӣ назди Парвардигорам барои шумо талаби бахшиш мекунам ҳамоно Худованд бахшанда ва меҳрубон аст". Сураи Юсуф 97-98.

Дар ин ояти Қуръон, ҳам тавассул аст ва ҳам талаби дуо. Пас чаро Худованд онҳоро аз ин кор манъ нафармуд. Чаро Яъқуб нагуфт, ки худатон биравед талаби бахшиш аз Худо бикунед, чун Худо, ҳам ба шумо наздик аст ва ҳам қабулкунандаи дуои бандагон?

Агар сухани ваҳҳобиҳо дар истидлол ба ин оёт дуруст бошад, на ин ки тавассул балки талаби ҳар навъ кӯмак чӣ аз зинда ва чӣ аз мурдаро дарбар хоҳад гирифт. Агар ин оёт бо кӯмак хостан аз ғайри Худо мунофот дошта бошад, чӣ гуна худи Худованд дар ояти 64-и сураи Нисо гунаҳкорҳоро

амр мекунад, ки ҳар гоҳ ба худ зулм карданд ба назди Паёмбар **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳ** биёянд, то он ҳазрат барои онҳо талаби бахшиш аз Худо бикунанд? Чаро Расули Худо **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳ**, ки саҳобаҳо меомаданд ва аз он ҳазрат барои рафъи ҳоҷатҳо ва омадани борон ва... талаби дуо ва кӯмак мекарданд ҳатто як мартаба ҳам он ҳазрат нафармуданд, ки биравед худатон дуо кунед, чун Худованд дар Қуръон фармуда, ки ман ба шумо наздик ҳастам ва дуои дуокунандаро қабул мекунам. Аз ин намунаҳо фаровон аст, вале чӣ бояд кард, ки ваҳҳобиҳо бо истидлол ба ин гуна оёт ва суханҳое, ки зоҳираш хеле зебост, мардумро ҷазми ин гуна фиребҳои худ мекунанд ба хусус ҷавонон, ки аз қавонини Ислом ва ҳақоиқи он огоҳӣ надоранд бо шунидани истидлолҳои ин гунаии онҳо ба осонӣ фиреб мехӯранд ва фикр мекунанд, ки чӣ қадар ҳақиқати ҷолибу ҷаззоб ёфтаанд!

Ба ҳар ҳол ин оёт ҳеҷ гуна мунофоте бо тавассулу кӯмак хостани аз бандагони солеҳи Худо надорад. **Агар диққат шавад, ин оёт агар мунофот бо ёрӣ хостан аз ғайри Худо дошта бошад, ҳеҷ фарқе байни зинда ва мурда нахоҳад дошт. Ин матлаб хеле равшан аст, вале чун зоҳираш хеле сухани зебо аст ва мешавад бо ин гуна суханҳо ба роҳатӣ мардумро фиреб дод, ба ин хотир ваҳҳобиҳо аз ин гуна далелҳо зиёд истифода мекунанд. Пас чанг задан ба ин гуна оёт як навъ фиреби мардуми ноогоҳ хоҳад буд.**

# Фасли Чаҳорум

## Дар талаби борон ба василаи гузаштагон

Ибни Саъд менависад:

"وقبره بأصل حصن القسطنطينية بأرض الروم فيما ذكر يتعاهدون قبره ويزورونه ويستسقون به إذا قحطوا".

“Қабри ӯ (Абӯайюби Ансорӣ) ба асли қалъаи Қистантиния дар сарзамини Рум аст ва мардум қабри ӯро зиёрат мекунанд ва дар хушксолиҳо ба васила ӯ талаби борон мекунанд”.1

Таваҷҷӯҳ дошта бошем, ки ин ҳама бузургони аҳли суннат мисли Ибни Саъд, Табарӣ, Ибни Абдулбар, Ибни Асир, Ҳоким, Заҳабӣ, Ибни Ҳаҷар ин матлабро нақл кардаанд, вале ҳеҷ кадом нагуфтаанд, ки ин кори баде аст ва ё ҳатто макрӯҳ, низ надонистаанд. Дар ҳоле, ки талаби борон ба василаи мурда бузургтар аз тавассул аст, ки камтар нест.

فقبرها)أي أم حرام (هناك يستسقون به ويقولون قبر المرأة الصالحة.

“Қабри Умми Ҳаром он ҷост (дар Қибрис). (Мардум) Ба василаи ӯ талаби борон мекунанд ва мегӯянд: Ин қабри зани солеҳае аст.”2

ودفن عبد الرحمن) سلمان (بن ربيعة في بلاد الترك فهم يستسقون به إلى الآن.

---

1-"Табақот-ул-кубро"-и Ибни Саъд ҷ.3.с.485. "Мунтахаб ан зайлил мазил"-и Ибни Ҷарири Табарӣ с.20. “Мустадрак”-и Ҳоким ҷ.3.с.518.р.5930. “Истиоб»-и Ибни Абдулбар ҷ.2.с.426.р.600. "Усд-ул-ғоба»-и Ибни Асир ҷ.2.с.82. Таърихи Ибни Асокир ҷ.16.с.61. “Фатҳ-ул-борӣ”-и Ибни Ҳаҷар ҷ.6.с.103. "Сияру аълом-ун-нубало"-и Заҳабӣ ҷ.2.с.305-413. "Ад-Дувалул исломия"-и Заҳабӣ ҷ.1.с.22.

2-"Фатҳ-ул-борӣ”-и Ибни Ҳаҷар ҷ.11.с.76. Таърихи Ибни Касир ҷ.7.с.172.

Абдураҳмон ибни Рабиа (саҳобаи Паёмбар) дар сарзамини туркҳо дафн шудааст ва мардуми он ҷо то ҳоли ҳозир ҳам ба василаи ӯ талаби борон мекунанд."[1]

Ёдовар мешавем, ки Ҳамавӣ ба ҷои Абдураҳмон бародараш Салмонро ном бурдааст.

**ذكر صفوان بن سليم عند أحمد فقال :هذا رجل يستسقى بحديثه وينزل المطر من السماء بذكره.**

"Дар назди Аҳмад ибни Ҳанбал аз Сафвон ибни Салим ёд шуд, Аҳмад гуфт: Ин марде аст, ки ба василаи ҳадисаш талаби борон мешавад ва борон бо ёдкардани ӯ аз осмон нозил мешавад.» [2]

**قال مالك بن دينار فى ميمون" :غلام الأسود فقبره يستسقى به وتطلب الحوائج إلى يومنا هذا ."**

"Молик ибни Динор дар бораи Маймун мегӯяд: Ба василаи қабраш мардум талаби борон мекунанд ва ҳавоиҷ то имрӯз ба василаи ӯ талаб мешавад."[3]

Ин хабар дорои достони муфассале аст, ки хулосаи он чунин аст: Молик ибни Динор ва Атоаи Салимӣ ҳамроҳ бо гурӯҳе намози талаби борон хонанд ва ҳеҷ асаре аз қабулии дуояшон надиданд. Ҳама баргаштанд ва Молик ибни Динор ва Собити Бононӣ монданд, то ин ки шаб шуд. Ҳангоми шаб, марди сиёҳчеҳрае омад ва баъд аз намоз дар меҳроби ибодат даст ба осмон бардошта ин гуна дуо кард: Худоё то кай бандагонатро аз дари хонаат бармегардонӣ... Худоё ба он муҳаббате, ки ба ман дорӣ қасамат медиҳам, ки ҳамин ҳозир ба мо борон фиристӣ. Пас суханаш тамом нашуда

---

1-Таърихи Табарӣ ҷ.1.с.319.ҷ.2.с.542 ва 627. «Мӯъҷам-ул-буддон» Ёқути Ҳамавӣ ҷ.1.с.490. Таърихи Ибни Асокир ҷ.21.с.474. «Исобаи Ибни Ҳаҷар .4.с.304.р.5122.

2-"Китобу баҳруд-дам"-и Аҳмад ибни Муҳаммад ибни Ҳанбал ҷ.1.с.213.р.462. "Таҳзиб-ут-таҳзиб»-и Ибни Ҳаҷар ҷ.4.с.373.р.744. Таърихи Ибни Асокир ҷ.24. с.134, бо се санад. Таҳзиб-ул-камол ҷ.13.с.186.

3-"Ҳилятул авлиё"-и Абӯнаим ҷ.10.с.174.

буд, ки борон ба боридан сар кард. Он марди сиёҳ, хизматгузоре буд ва вақте фаҳмид, ки ин ду нафар аз ин мақоми болои ӯ бохабар шудаанд аз Худованд талаби марг кард ва Худованд дуояшро қабул фармуду аз дунё рафт. Достонаш хеле тӯлонӣ аст, бинобар ин ба асли китоб руҷӯъ шавад.

**Шарҳи ҳоли Молик**: Молик аз тобеин ва муҳаддисони мавриди эътимод будааст, Заҳабӣ мегӯяд: "Парчами олимони некӯкор, аз сиқоти тобеин башумор меояд ва аз бузургони нависандагони Қуръон. Ӯ дар соли 127-и ҳиҷрӣ даргузаштааст. Сияру аълом-ун-нубало ҷ.5.саҳ.362.р.164..

Ҳамон гуна ки мебинем Молик ибни Динор, ҳам талаби борон ба василаи мурдаро ҷоиз дониста ва ҳам дуо кардан дар сари қабрро кори хубе муаррифӣ кардааст ва хеле аз дигарон, ки ҳам аз тобеин ҳастанд ва ҳам аз имомони мазоҳиб дар ҳоле, ки яке аз далоили номашрӯъ донистани ваҳҳобиҳо, тавассул ва...ро анҷом надодани саҳоба ва тобеин аст. Вале мо мебинем аз саҳоба ва тобеин ин гуна ахбори фаровон расида, аммо ваҳҳобиҳо бар дурӯғ ин шиорро дастаки худ қарор додаанд, дар ҳоле ки худ ба ҳеҷ ваҷҳ бар он амал намекунанд.

Молик ибни Динор, ки дар қарни аввал ва дувввум мезиста ба ин матлаб шаҳодат медиҳад, гувоҳ бар ин аст, ки талаби борон ба василаи гузаштагон аз ҳамон қарни аввал амри роиҷе будааст. Ва дар гузашта хабари "Молики дор"-ро низ зикр кардем, ки дар замон ва ҳузури саҳоба аз Расули Худо **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам** талаби дуо барои омадани борон намуд. Пас ба роҳатӣ метавон аз ин гуна ахбор истифода намуд, ки инҳо ин амалро аз он ҷо баргирифтаанд.

**الأستاذ أبو بكر محمد بن حسن اصفهانى قبره بالحيرة يستسقى به.**

“Заҳабӣ мегӯяд: “Абӯбакр, Муҳаммад ибни Ҳасани Исфаҳонӣ, қабраш дар Ҳайра аст, ки ба василаи қабраш

талаби борон мешавад.”1

عن عبد الله قال" :قال أبي قال بن عيينة رجلان صالحان يستسقى بهما بن عجلان ويزيد بن يزيد بن جابر."

“Аҳмад ибни Ҳанбал аз Ибни Уйайна нақл мекунад, ки ӯ дар бораи Ибни Аҷлон ва Язид ибни Язид ибни Ҷобир гуфтааст: Он ду нафар мардони солеҳе ҳастанд, ки ба василаи онҳо мардум талаби борон мекунанд.»2

**Шарҳи ҳоли Суфён**: Заҳабӣ мегӯяд: Имоми бузург, ҳофизи асраш, шайхул Ислом мутаваллиди соли 107. Имом Шофеӣ дар ҳаққи ӯ гуфтааст, ки: Агар Молик ва Суфён набуданд ҳатман илми Ҳиҷоз аз байн рафта буд. Боз Шофеӣ гуфта аст: Ҳамаи аҳодиси аҳкомро дар назди Суфён ёфтам, ғайр аз шаш ҳадис. Суфён мутлақан ҳуҷҷат аст.3

Пас роиҷ будани ин гуна аъмол дар ҳамон қарнҳои аввалу дуввум аз ин хабар бештар равшан мешавад, илова бар ин ки дар бораи Суфён хеле мадҳу ситоиш ворид шуда ва аз асҳоби наздики ӯ Ҳумайдӣ, Шофеӣ, Аҳмад ва дигарон будаанд. Пас бояд диққат дошта бошем, ки вақте монанди Молик ибни Динор, Суфён, Аҳмади Ҳанбал ва дигарон, ки аз ҷойгоҳи волое дар мактаби аҳли суннат бахӯрдоранд, талаби барон ба василаи баъзе тобеинро ҷоиз ва амри писандида медонистаанд, пас ба тариқи авло тавассулро амали писандида медонистаанд, ҳамон гуна, ки аз Аҳмад ибни Ҳанбал собит шудааст.

Заҳабӣ дар шарҳи ҳоли Бухорӣ менависад:

Дар Самарқанд қаҳтисолии сахте рух дод, мардум ҳар чӣ намози борон хонданд фоидае надод, то ин ки шахсе ба қозии Самарқанд пешниҳоди тавассул ба қабри Муҳаммад ибни Исоили Бухориро дод ва қозӣ низ онро пазируфт. Пас

---

1-"Мӯъҷам-ул-будлон"-и Ҳамавӣ. “Сияру аълом-ун-нубало»-и Заҳабӣ ҷ.17. с.215.
2-“Илал ва маърифатур-риҷол”-и Аҳмад ибни Ҳанбал ҷ.1.с.163-354.р.87-718.
3 -“Сияру аълом-ун-нубало"-и Заҳабӣ ҷ.8.с.458.р.120.

қозӣ бо мардум талаби борон карданд ва мардум дар назди қабри Бухорӣ гиря карданд ва соҳиби қабрро шафеъ қарор доданд. Пас Худованд борони зиёде бар онҳо боронд то ҳадде, ки то ҳафт рӯз мардум натавонистанд аз “Хартанук” худро ба Самарқанд бирасонанд ба хотири бисёрии борон. Ва байни “Хартанук” (ҷои дафни Бухорӣ) то Самарқанд ҳудуди се майл роҳ ва фосила аст.

Дар аввали шарҳи ҳоли Бухорӣ, менависад:

Вақте Бухорӣ аз дунё рафт ва ӯро дафн карданд, мардум хоки қабри ӯро (барои табаррук) ба қадре бардоштанд, ки лаҳади қабр пайдо шуд ва чун мардум аз ин кор даст намебардоштанд, ночор бар рӯи қабр, чӯбҳои мушаббак гузоштанд, то касе натавонад ба қабр дастрасӣ пайдо кунад. 1

**قال ابن أبي الدمنة" :كمران جزيرة وهي حصن لمن ملك يماني تهامة سكن بها الفقيه محمد بن عبدوية تلميذ الشيخ أبي إسحاق الشيرازي وبها قبره يستسقى به وله تصانيف في أصول الفقه منها كتاب الإرشاد ويزعمون أن البحر إذا هاج مراكبه ألقوا فيه من تراب قبره فيسكن بإذن الله."**

Ёқути Ҳамавӣ дар бораи Муҳаммад ибни Абдавия, шогирди Абӯисҳоқи Шерозӣ мегӯяд: “Қабраш дар ҷазираи Камерон аст, ки ба василаи ӯ мардум талаби борон мекунанд... Гамон мекунанд, ки ҳаргоҳ мавҷи дарё савораҳоро ба тарс оварад хоки қабри ӯро ба дарё меандозанд ва мавҷи дарё бо изни Худо ором мешавад.» 2

---

1-Сияру аълом-ун-нубало ҷ.12.с.467. “Табақот-уш-шофеия”-и Субкӣ ҷ.2.с.234.

2-«Мӯъҷам-ул-булдон”-и Ёқути Ҳамавӣ ҷ.2.с.139. Ёқути Ҳамавӣ мутаваффои 626 мебошад.

## Фасли Панҷум ҷавози масҳи қабр

### Аҳмад Ибни Ҳанбал ва ҷоиз донистани масҳи қабр

Аз масъалаҳои дигаре, ки дар ширки ваҳҳобиҳо дохил мешавад, масҳу даст гузоштан ба қабр барои табаррук аст, ки ҳам акнун бо назароти уммати исломӣ дар бораи он ошно хоҳем шуд:

**عن عبدالله قال" :سألت ابي عن الرجل يمس منبر النبي** صلى الله عليه) وآله (وسلم **ويتبرك بمسه ويقبله ويفعل بالقبر مثل ذلك أو نحو هذا يريد بذلك التقرب إلى الله جل وعز فقال لا بأس بذلك."**

Абдуллоҳ ибни Аҳмад ибни Ҳанбал мегӯяд: Аз падарам пурсидам: Марде минбари Расули Худо «**саллаллоҳу алайҳи ва олиҳ**»-ро масҳ мекунад ва бар он табаррук меҷӯяд ва онро мебӯсад ва бо қабри он ҳазрат низ чунин мекунад ва аз ин кор умеди савоб аз Худои Мутаол дорад, оё ин кор дуруст аст? Падарам (Аҳмад ибни Ҳанбал имоми ҳанбалиҳо) гуфт: Ишколе надорад».1

### Заҳабӣ раъйи Ибни Таймияро ҳамонанди раъйи Хавориҷ муаррифӣ мекунад

Заҳабӣ баъд аз нақли талаби шифо кардани Аҳмад ибни Ҳанбал бо оби мӯи Паёмбар **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам** бо сарзаниши Ибни Таймия мегӯяд:

**"أين المتنطع المنكر على أحمد وقد ثبت ان عبد الله سأل أباه عمن يلمس رمانة منبر النبي ويمس الحجرة النبوية، فقال :لا ارى بأس .اعاذنا الله واياك من رأي الخوارج ومن البدع".**

"Куҷост он забондарозкунандаи мункир бар Аҳмад (ба саҳеҳ ва собит будани ин сухан). Ба дурустӣ, ки собит шуда, ки Абдуллоҳ аз падараш Аҳмад дар бораи касе, ки дастаи минбарро

1«Илал ва марифтур-риҷол»-и Аҳмад Ибни Ҳанбал ҷ.2.с.392.р.3243. «Илал вас-суолот»-и Из ибни Ҷамоа. "Сияру аълом-ун-нубало»-и Заҳабӣ ҷ.11.с.211 ва...

ламс мекунад ва ҳуҷраи Паёмбарро, низ (барои табаррук) масҳ мекунад савол кард. Аҳмад гуфт: Ман ҳеҷ мушкили бар он намебинам." Сипас Заҳабӣ мегӯяд: Худо мо ва шуморо аз раъйу назари хавориҷ ва бидъатгузорӣ паноҳ диҳад".1

Бояд хуб диққат дошта бошем, ки Заҳабӣ бо ин суханонаш раъйу назари Ибни Таймияро мувофиқ бо назари хавориҷ муаррифӣ карда ва таҳрими тавассул ва табаррук ва...ро аз бидъатҳои ӯ донистааст.

Ҳофиз Абӯсаид ибни Ало гуфтааст: Дар гуфтори Аҳмад дар ҷузваи қадимӣ бо хатти Муҳаммад ибни Носир (мутаваффои 550, ки Ибни Ҷавзӣ дар Ал-Мунтазам ҷ.10.с.163, ӯро шахси мавриди эътимод гуфтааст) ва ҳофизони дигар дидам, ки аз Имом Аҳмад ибни Ҳанбал дар бораи бӯсидани минбар ва қабри Расули Худо савол шуд, Аҳмад гуфт: Ишколе надорад. Ӯ мегӯяд: Гуфтори Аҳмадро, ба Ибни Таймия нишон додем вай бисёр тааҷҷуб карду гуфт: Тааҷҷуб мекунам, Аҳмад назди ман шахси бузурге аст, аммо намедонам ин гуфтори ӯст ва ё маънои гуфтори ӯ?!

Ӯ мегӯяд: Чӣ тааҷҷубе дар ин гуфтор аст дар ҳоле, ки аз Аҳмад барои мо нақл шудааст, ки либоси Имом Шофеиро шуста ва оби онро (барои табаррук) хӯрда аст.2

Ҳофиз Ибни Ҳаҷар мегӯяд: Баъзе аз олимон аз машрӯъ будани бӯсидани "Ҳаҷаруласвад" истинбот кардаанд, ки бӯсидани ҳар чизе, ки шоистагии таъзимро дорад хоҳ одам бошад ва хоҳ ғайри одам ҷоиз аст... аз Аҳмад ибни Ҳанбал дар бораи бӯсидани минбар ва қабри шарифи Расули Худо савол шуд, Аҳмад гуфт: Ишколе надорад. Аммо баъзе аз пайравонаш (мақсад Ибни Таймия аст) саҳеҳ будани ин

---

1-"Сияру аълом-ун-нубало»-и Заҳабӣ ҷ.11.с.211-212.

2-"Фатҳ-ул-мутаол бисифатин-ниол»-и Аҳмад ибни Муҳаммади Моликӣ с.329. «Умдатул-қорӣ"-и Айинии ҳанафӣ ҷ.9.с.241. Достони нӯшидани оби либоси Шофеӣ дар китобҳои зер нақл шудааст: "Маноқиби Аҳмад»-и Ибни Ҷавзӣ с.455. Таърихи Ибни Касир ҷ.10.с.331 ва низ "Умдатул-қорӣ" ҷ.9.с.241.

гуфторро аз Аҳмад дур донистаанд. 1

Бояд таваҷҷӯҳ дошта бошем, ки дурӯғгӯӣ ва инкори мусалламот аз ҷониби Ибни Таймия ин ҷо, низ собит мешавад, ки воқеиятҳои мусалламро инкор ва такзиб мекунад ва чунон, ки мулоҳиза кардед мо ин сухани Аҳмадро, ки Ибни Таймия онро инкор кардааст аз китоби худи Аҳмад ибни Ҳанбал аз фарзандаш нақл кардем. Ва ҳам чунин Ибни Таймия будани манзури Заҳабӣ низ бо ин баён собит мешавад.

Ибни Асокир дар «Ат-Тӯҳфа” аз Тоҳир ибни Яҳёи Ҳусайнӣ нақл кардааст, ки: Падарам аз бобоям аз Ҷаъфар ибни Муҳаммад аз падараш аз Имом Алӣ **алайҳимус-салом** нақл кардааст: "Замоне, ки Паёмбари гиромии Ислом **«саллаллоҳу алайҳи ва олиҳ»**-ро дафн карданд, Фотима **салавотуллоҳи алайҳо** канори қабри он ҳазрат истод ва миқдоре аз хоки қабри он ҳазрат бардошт ва онро ба рӯи чашмонаш гузошту гиря кард ва ин шеърро хонд:

**ماذا على من شمَّ تربة أحمد أن لا يشمُّ مدى الزّمان غواليا**

**صُبَّتْ عليَّ مصائب لو أنَّها صبَّتْ على الأيّام صِرْنَ لياليا.**

«Чӣ ғам ва парво дорад он касе, ки хоки қабри Аҳмад (Паёмбари гиромии Ислом)-ро бӯид аз ин ки набӯяд дар тамоми умраш бӯи дигареро. Фуруд омад бар ман мусибат ва балоҳое, ки агар он балоҳо ба рӯз ҳам фуруд меомад (аз шиддат ва сахтии он) рӯз табдил ба шаб мешуд".2

Ибни Абӯсайфи ямонӣ (яке аз олимони шофеимазҳаби

---

1-Фатҳ-ул-борӣ фи шарҳи Саҳеҳи Бухорӣ ҷ.3.с.375.р.1532. “Найл-ул-автор»-и Шавконӣ ҷ.5.с.115.

2-“Ал-Вафо биаҳволил-мустафо”-и Ибни Ҷавзӣ с.819.р.1538. ”Сираи набавия»-и Ибни Саидиннос ҷ.2.с.340. "Салосиёти Муснад"-и Аҳмад ҷ.2.с.489. "Таърихи кабир"-и Бакрӣ ҷ.2.с.173. "Вафо-ул-вафо"-и Самҳӯдӣ ҷ.2.с.443. "Сияру аълом-ун-нубало"-и Заҳабӣ ҷ.2.с.125. "Назҳат-ул-маҷолис"-и Сафурӣ ҷ.2.с.166. "Сираи набавия"-и Зайнӣ Деҳлон ҷ.3.с.364. "Ал-Фатовол-фиқҳия»-и Ибни Ҳаҷар ҷ.2.с.18. Тафсири Хатиб Шарбинӣ ҷ.1.с.349. “Иршодус-сорӣ”-и Қасталонӣ ҷ.2.с.390. ”Мавоҳиб-уд-диния”-и Қасталонӣ.

маккӣ) бӯсидани Қуръон ва аҷзои ҳадис ва қабрҳои солеҳинро ҷоиз донистааст. 1

Муҳибиддин Табарӣ достони Умар ибни Хаттобро вақте бо гурӯҳе аз ёронаш ба Макка мерафт ва дар Абвоъ шайхе аз ӯ ёрӣ хост чунин нақл мекунад: Вақте, ки Умар баргашт аз он мард ҷӯё шуд ва фаҳмид, ки мурдааст. Умар давид, то дар канори қабраш истод ва бар ӯ дуруд фиристод ва намоз хонд пас қабри ӯро дар оғуш гирифту гиря кард. 2

Пас вақте, ки барои касе монанди Умар ҷоиз бошад, ки канори қабри шахси оддӣ биистад ва онро дар оғуш бигирад ва гиря кунад, пас чӣ чиз уммати Исломро аз истодан дар канори қабри Расули Худо **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳ** ва дар оғуш гирифтани он ва бӯсидан ва гиря кардан бар он ҳазрат ва ё бар қабрҳои Аҳли Байти маъсумаш боз медорад!?3

Ибни Ҷубайр мутаваффои соли 614-и ҳиҷрӣ дар китоби “Реҳлат”-аш дар бораи қабру ҳараме, ки сари мубораки Имом Ҳусайн **алайҳис-салом**-ро дар онҷо медонанд, ки онро дар Миср гуфтаанд, баъд аз он ки аҷоиботу зебоиҳои зиёди дидааш дар онро васф мекунад ва мегӯяд забон аз баёни он нотавон аст, мегӯяд:

"Мо аз наздик дидем, ки мардум он қабри муборакро мебӯсиданд ва гирди он тавоф мекарданд ва онро дар оғӯш мегирифтанд ва порчаеро, ки рӯи қабр буд, масҳ мекарданд ва дуо мехонданд ва гиряву зорӣ мекарданд, ки дилҳоро об мекард. Матлаб болотар аз инҳост, ки намешавад васф кард, Худо аз баракати ин қабри шариф моро баҳраманд гардонад". Боз мегӯяд:

"Аз ин ки миқдоре аз сифати ин равза ва қабри

---

1-Фатҳ-ул-борӣ фи шарҳи Саҳеҳи Бухорӣ ҷ.3.с.375.р.1532. “Найл-ул-автор»-и Шавконӣ ҷ.5.с.115.

2-“Риёз-ун-назра»-и Табарӣ ҷ.2.с.54-330. Ал-Ғадир ҷ.5.с.228.

3-Ал-Ғадир ҷ.5.с.228.

муборакро баён кардем ба ин хотир буд, ки хонандаи мӯҳтарам аз ин роҳ битавонад дурнамои ин маркази зиёратиро муҷассам кунад, вагарна ҳеҷ оқиле наметавонад онро чунон, ки ҳаст васф кунад ва хулосавор бояд бигӯям: Фикр намекунам, ки рӯи кураи замин сохтумоне зеботар ва ҷамуҷуртар ва шигифтангезтар аз он вуҷуд дошта бошад. Худованд бо лутфу карамаш узверо, ки дар он қарор дорад, муқаддас гардонад".[1]

**Шарҳи ҳолии Ибни Ҷубайр**: Заҳабӣ дар бораи ӯ мегӯяд: "Аллома Абӯлҳасан Муҳаммад ибни Аҳмад ибни Ҷубайри канонӣ котиб ва балиғ буд ва дар адаб ба ниҳоят расид. Ӯ мутаваффои соли 614-и ҳиҷрӣ аст".[2]

Ибни Касир мегӯяд: Қабри Нуридин Муҳаммад ибни Занкиро мардум зиёрат мекунанд ва худро ба зареҳи ӯ мечаспонанд ва ҳар касе, ки аз он ҷо мегузарад ба он табаррук меҷӯяд".[3]

---

1-"Реҳлат"-и Ибни Ҷубайр саҳ.12.

2-"Сияру аълом-ун-нубало"-и Заҳабӣ ҷ.22.саҳ.45.р.32.

3-Таърихи Ибни Касир ҷ.12.с.284.

## Фасли шашшум

### Дар матлуб будани дуо назди қабри солеҳин

**عن علي بن ميمون قال: سمعت الشافعي يقول: إني لأتبرك بأبي حنيفة وأجئ إلى قبره في كل يوم زائرا فإذا عرضت لي حاجة صليت ركعتين وجئت إلى قبره وسألت الله تعالى الحاجة عنده فما تبعد حتى تقضى".**

Алӣ ибни Маймун мегӯяд: "Аз Имом Шофеӣ шунидам, ки мегуфт: Ман ба Абӯҳанифа табаррук меҷӯям ва ҳар рӯз ба сари қабраш барои зиёрат меоям. Пас вақте ҳоҷате бар ман рӯй оварад ду ракъат намоз хонда ба сари қабри ӯ меоям ва (дар сари қабри ӯ) ҳоҷатамро аз Худо мехоҳам, пас зиёд намегузарад, ки ҳоҷатам бароварда мешавад."[1]

**عن عبيد الله قال: "قبر معروف الكرخي مجرب لقضاء الحوائج ويقال: إنه من قرأ عنده مائة مرة قل هو الله أحد وسأل الله ما يريد قضى الله حاجته".**

Убайдуллоҳ мегӯяд: "Қабри Маъруфи Карахӣ таҷриба шудааст барои бароварда шудани ҳоҷатҳо ва гуфта мешавад ҳар ки назди қабри ӯ сад мартаба қул ҳуваллоҳу аҳадро бихонад ва ҳар чӣ аз Худованд бихоҳад Худованд барояш ато мефармояд".[2] Убайдуллоҳ ибни Абдураҳмони Зӯҳрӣ мутаваллиди соли 290-и ҳиҷрӣ аст, ки Заҳабӣ дар васфи ӯ мегӯяд: Ягонаи замонаш буд.[3]

**عن أحمد بن الفتح قال: "سألت بشرا عن معروف الكرخي فقال: هيهات حالت بيننا وبينه الحجب. إلى أن قال: فمن كانت له إلى الله حاجة فليأت قبره وليدع فإنه يستجاب له إن شاء الله تعالى. وقال: قبره ظاهر يتبرك به في بغداد".**

Аҳмад ибни Фатҳ мегӯяд: Аз Бушр дар бораи Маъруфи карахӣ пурсидам. Гуфт: Ҳаргиз, байни мо ва байни ӯ ҳиҷоб ва монеъ вуҷуд дорад. То ин ки гуфт: Ҳар ки ба Худо ҳоҷат

---

1-"Таърихи Бағдод ҷ.1.саҳ.135. "Маноқиби Абӯҳанифа"-и Харазмӣ ҷ.2.саҳ.199.

2-Таърихи Бағдод ҷ.1.с.134.

3-Сияру аълом-ун-нубало ҷ.16.с.392.р.282.

дошта бошад ба назди қабри вай биёяд ва дуо кунад, иншоаллоҳ дуояш қабул хоҳад шуд. Ва гуфт: Қабраш дар Бағдод ошкор аст ба он табаррук меҷӯянд." 1

Бушр ибни Ҳорис дар соли 152-ҳиҷрӣ ба дунё омадааст. Заҳабӣ дар васфи ӯ мегӯяд: "Имоми олими муҳаддиси зоҳиди раббонии пешво, шайхул Ислом. Дар вараъ ва ихлос дар раъси ҳама буд. Вақте ба Аҳмад ибни Ҳанбал аз марги ӯ хабар доданд гуфт: Ба Худо қасам дар ҳоле мурд, ки ғайр аз Омир дигар назире надошт.2

**عن أبي عبد الله المحاملي إنه قال: "أعرف قبر معروف الكرخي منذ سبعين سنة ما قصده مهموم إلا فرج الله همه".**

"Абӯабдуллоҳи Муҳомилӣ мегӯяд: "Муддати 70-сол аст медонам, ки ҳеҷ гирифторе қабри Маъруфи Карахиро қасд накарда, магар ин ки Худованд гирифторияшро бартараф кардааст."3

Шарҳи ҳоли Муҳомилӣ: Заҳабӣ дар васфи ӯ мегӯяд: Имом ва аллома ва муҳаддиси сиқа ва муснади вақт Ҳусайн ибни Исмоили Муҳомилӣ мусаннифи сунан. Даҳ ҳазор нафар дар маҷлиси дарси ӯ ҳозир мешуданд ва ҳамеша аҳли илм ва назар ба назди ӯ омаду рафт мекарданд ва ӯ шаст сол қозӣ буда. Муҳаммад ибни Аскоф мегӯяд: Дар хоб гӯё шунидам, ки гӯяндае мегуфт: Худованд балоро ба василаи Муҳомилӣ аз аҳли Бағдод бармегардонад ва ӯ мутаваллиди соли 235-и ҳиҷрӣ мебошад.4

**وعن إبراهيم الحربي قال: "قبر معروف الترياق المجرب يريد إجابة دعاء المضطر عنده. لأن البقاع المباركة يستجاب عندها الدعاء.**

Иброҳими Ҳарабӣ мегӯяд: "Қабри Маъруфи Каракӣ давои таҷриба шуда аст ва дар он иродаи қабули дуои

---

1-"Савфат-ус-савфа"-и Ибни Ҷавзӣ ҷ.2.с.183. Таърихи Ибни Асокир ҷ.10.с.223.
2-"Ас-Сиқот"-и Ибни Ҳаббон ҷ.8.с.143. Саяру аълом-ун-нубало ҷ.10.с.474.р.ҷ.153.
3-Таърихи Бағдод ҷ.1.с.134.
4-"Ҳадят-ул-орифин"-и Исмоил Бошо ҷ.1.саҳ.305.

музтар мешавад. Заҳабӣ мегӯяд: Чун дар назди боргоҳҳои муборака дуо мустаҷоб аст."1

**Шарҳи ҳоли Иброҳими Ҳарабӣ**: Заҳабӣ дар бораи ӯ мегӯяд: "Имом, ҳофиз, аллома, шайхул Ислом ва соҳиби китобҳо мутаваллиди соли 198 ҳиҷрӣ ва касе дар замонаш мисли ӯ набуд. Дуруқутнӣ эуфта, ки ӯ дар зӯҳду илм ва тақво бо Аҳмад ибни Ҳанбал муқоиса мешуд ва ӯ имом дар ҳамаи илм ва олим ба ҳама чиз буд...".2

Ёдовар мешавем, ки ин Маъруфи карахӣ, ки бузургони салафи аҳли суннат дар бораи қабри ӯ ин суханонро гуфтаанд касе аст, ки бо дасти мубораки Имом Алӣ ибни Мӯсо (Имом Ризо) алайҳис-салом мусулмон шуда ва ҳамчунин дарбону ходими он ҳазрат буда аст, вале Заҳабӣ чун одаташ инкори ҳақоиқ дар мавриди Аҳли Байти Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам аст ин воқеиятро иштибоҳ ва ғайри саҳеҳ медонад дар ҳоле, ки дигарон низ ба ин ҳақиқат ишора кардаанд. Ва ин нишонаи он аст, ки Маъруфи карахӣ тарбиятёфтаи хонавони Аҳли Байт мебошад, ки Заҳабӣ дар васфи ӯ мегӯяд: "Парчами зоҳидон ва баракати замон ва...".

**"كانت من الصالحات العوابد والدعاء مستجاب عند قبرها بل وعند قبور الانبياء والصالحين."**

Заҳабӣ дар тарҷумаи Нафиса мегӯяд: "Аз занҳои солеҳа буда аст, дуо дар назди қабраш мустаҷоб аст ва балки дуо дар назди қабри ҳамаи паёмбарон ва солеҳин мустаҷоб аст."3

Заҳабӣ нақл мекунад: "Солеҳ ибни Аҳмад, ки пояе аз пояҳои ҳадис буда, дуо назди қабраш мустаҷоб аст.4

Боз Заҳабӣ мегӯяд:

---

1-Сияру аълом-ун-нубало ҷ.9.с.339-344, сухани охир аз худи Заҳабӣ аст.

2-"Сияру аълом-ун-нубало"-и Заҳабӣ ҷ.13.с.356.р.173.

3-Сияру аълом-ун-нубало ҷ.10.с.107.

4-"Сияру аълом-ун-нубало"-и Заҳабӣ ҷ.16.с.519.

**قلت: والدعاء مستجاب عند قبور الانبياء والاولياء، وفي سائر البقاع، لكن سبب الاجابة حضور الداعي، وخشوعه وابتهاله، وبلا ريب في البقعة المباركة، وفي المسجد، وفي السحر، ونحو ذلك، يتحصل ذلك للداعي كثيرا، وكل مضطر فدعاؤه مجاب".**

"Дуо назди қубури паёмбарон ва авлиё ва дигар буқъаҳо мустаҷоб аст, вале шарти қабулии дуо ин аст, ки шахси дуокунанда ба он ҷойҳо биравад ва хушӯъ ва ибтиҳол дошта бошад ва бешак дар буқъаҳои муборака ва дар масҷид ва саҳарҳо ва монанди он зиёд мешавад, ки дуо мустаҷоб шавад ва ҳар музтарре дуояш мустаҷоб аст".1

**بلال بن حمامة الحبشي مؤذن رسول الله** صلى الله عليه (وآله) وسلم **المتوفى سنة 20 قبره بدمشق وفي رأس القبر المبارك تاريخ باسمه** رضي الله عنه، **والدعاء في هذا الموضع المبارك مستجاب، قد جرب ذلك كثير من الأولياء وأهل الخير المتبركين بزيارتهم.**

Ибни Ҷубайр менависад: "Билоли Ҳабашӣ муаззини Расули Худо **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳ** мутаваффои соли 20-и ҳиҷрӣ аст. Қабраш дар Дамишқ ва дар болои қабри муборакаш таърихаш навишта шудааст. Ва дуо дар ин ҷойгоҳи шариф мустаҷоб аст. Ба дурустӣ, ки мустаҷоб будани дуо дар сари қабри ӯро бисёре аз авлиёи Худо таҷриба кардаанд ва аҳли хайр ба василаи зиёрати қабраш ба он табаррук меҷӯянд."2

Дар гузашта баён шуд, ки Ибни Ҷубайр аз олимони машҳур ва бузурги аҳли суннат будааст.

Ибни Таймия мегӯяд: "Дар ёд надорам, ки касе аз саҳоба ё тобеин ё имоми маъруф қасди қабр барои дуоро мустаҳаб дониста бошад ва касе аз Паёмбар, низ дар ин бора чизе ривоёт накарда ва на аз ягон имомони шинохта шуда... Оре, дар ҳудуди қарни севвум дар сухани баъзе мардум шунида шуда, ки гуфтаанд: Қабри фалон умеди қабулии дуо аст...то ба ҳол ба мо нарасида, ки касе аз салаф барои он иҷоза дода бошад."3

---

1-"Сияру аълом-ун-нубало"-и Заҳабӣ ҷ.17.с.77.

2-"Реҳлат"-и Ибни Ҷубайр саҳ.229.

3-"Иқтизо-ус-сирот"-и Ибни Таймия ҷ.1.саҳ.368-369.

Чунон, ки дар баҳси тавассул зикр шуд Ибни Таймия ҷавози тавассулро аз ду олим нақл карда ва аз онҳо ба баъзе аз мардуми оддӣ таъбир кардааст. Ин ҷо низ ин ҳама бузургон монанди Бушр, ки дар қарни дуввум мезиста аст ва Шофеӣ, Иброҳими Ҳарабӣ, Муҳомилӣ, ки ҳама дар қарни дуввум ва севвум мезистанд, Ибни Таймия онҳоро ҳам инкор карда ва ҳам аз инҳо ба баъзе аз мардум таъбир кардааст. Оре, ин одату равиши инҳост дар ҳама маворид, то битавонанд мардумро бо роҳатӣ фиреб диҳанд...!

Боз Ибни Таймия мегӯяд:

**قال ابن أبي فديك وسمعت بعض من أدركت يقول بلغنا أنه من وقف عند قبر النبي** صلى الله عليه (وآله) وسلم **فتلا هذه الآية إن الله وملائكته يصلون على النبي فقال صلى الله عليك يا محمد حتى يقولها سبعين مرة ناداه ملك صلى الله عليه يا فلان ولم تسقط له حاجة.**

Ибни Абӯфудайк мегӯяд: "Баъзе аз касоне, ки ман ӯро дарк кардам мегуфт, ки: Ҳар ки сари қабри Паёмбар биистад ва ин ояти "Худо ва малоика бар Паёмбар салавот мефиристанд"-ро бихонад ва ҳафтод мартаба бигӯяд: Салавоти Худо бар ту эй Муҳаммад, фариштае нидо хоҳад кард, ки эй фалонӣ Худо бар вай (бар Паёмбар) салавот фиристод, пас ҳеҷ ҳоҷаташ боқӣ намемонанд (ҳамаш бароварда мешавад)."1

Ибни Таймия мегӯяд: "Ин ҳадис далолат мекунад, ки бо қасди дуо ба сари қабр рафтан мустаҳаб аст. Сипас мегӯяд: Ин ҳадис ба хотири ин ки Ибни Абифудайк аз шахси маҷҳул нақл карда, ҳуҷҷат нест ва Ибни Абифудайк аз мутааххирини ҳудуди соли дусад буда ва ӯ на аз тобеин аст ва на аз тобеини машҳури тобеин, то гуфта шавад, ки ин амал дар се қарни аввал маъруф буда. Ва кифоят мекунад туро ин ки аҳли Мадина, дар ин бора чизе нақл накардаанд...2

**Шарҳи ҳоли Ибни Абӯфудайк**: Заҳабӣ мегӯяд: Ӯ Муҳмамад ибни Исмоил имоми муҳаддиси сиқа соҳиби

---

1-"Иқтизо-ус-сирот"-и Ибни Таймия ҷ.1.саҳ.369. Таърихи Ҷурҷон с.221. Дур-ул-мансур ҷ.1.с.238.

2-"Иқтизо-ус-сирот"-и Ибни Таймия ҷ.1.саҳ.369.

маърифат ва талаб ва аҳли Мадина буд ва мутаваффои соли 200-и ҳиҷрӣ аст. "Сияру аълом-ун-нубало"-и Заҳабӣ ҷ.9.с.486.р.180.

Аммо ин ки мегӯяд: Аҳли Мадина чизе дар ин мавзӯъ ривоят накардаанд. Аввалан худи Ибни Абӯфудайк аз аҳли Мадина буда ва касоне, ки ӯ аз онҳо ҳадис ривоят кардааст низ аҳли Мадина будаанд, пас собит мешавад, ки аҳли Мадина ин ҳадисро ривоят кардаанд. Ва ҳам чунин ин ки мегӯяд: То гуфта шавад ин амал дар се қарни аввал машҳур буда. Чунон, ки суханони бузургони аҳли суннатро ки дар қарни дуввум ва севвум мезистаанд дар бораи қабри Маъруфи карахӣ нақл кардем ва ҳамчунин суханони Ибни Уяйна ва Аҳмад ибни Ҳанбал ро дар бораи талаби борон ва амали Шофеи ҳама далолат бар ин мекунад, ки ин амал дар се қарни аввал машҳур буда дар бораи, пас оё Ибни Таймия, ки ҳозир нест аҳодиси мутавотирро, ки бо ҳавою ҳавасаф мухолиф аст бипазирад ин амалро, ки та се қарни аввал машҳур буда хоҳад пазируфт? Инҳо ҳама баҳонаҷӯӣ ва мардумфиребӣ ҳасту бас на чизи дигар.

То ин ҷо тамоми баҳсҳое, ки шуд ва ахборе, ки зикр кардем ба гунае бо тавассул ва истиғоса робита доранд ва иттифоқ доштани уммати исломӣ бар ҷоиз будани тавассул ва истиғосаро собит мекунанд.

Дар ин ҷо ба ду ҳадиси мусаллам ишора мекунем, то касоне, ки Паёмбар **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи**-ро хуб нашнохтанд ва фиреби ваҳҳобиҳоро мехӯранд миқдоре ошно бишаванд, ки Худованди Мутаол чӣ қудрате ба он ҳазрат додааст.

**"ان رسول الله** صلى الله عليه (وآله) وسلم **قال: هل ترون قبلتي ههنا فوالله ما يخفى علي خشوعكم ولا ركوعكم إني لأراكم من وراء ظهري.**

Паёмбар **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳ** фармуданд: "Оё шумо таваҷҷӯҳи маро дарк мекунед, пас ба Худо савганд хушӯъ ва рукӯи шумо бар ман пинҳон нест, ба дурустӣ, ки ҳатман

ман шуморо аз пуштам, низ мебинам".1

Ин ҳадисро Анас, Абӯсаид, ва Абӯҳурайра аз он ҳазрат ривоят кардаанд.

**عن أبي هريرة قال: "صلى بنا رسول الله** صلى الله عليه (وآله) وسلم **يوما ثم انصرف فقال يا فلان ألا تحسن صلاتك ألا ينظر المصلي إذا صلى كيف يصلي فإنما يصلي لنفسه إني والله لأبصر من ورائي كما أبصر من بين يدي.**

"Паёмбар **саллаллоҳу алайҳи (ва олиҳ) ва саллам** рӯзе бар мо намоз хонд сипас баргашту фармуд: Эй фалонӣ чаро намозатро дуруст намехонӣ. Магар намозгузор ба намозаш нигоҳ намекунад, ки чӣ гуна намоз мехонад. Ӯ фақат бар фоидаи худаш намоз мехонад. Ба дурустӣ, ки ман ба Худо савганд ҳатман мебинам касеро, ки пуштам аст ҳамон гуна ки мебинам касеро, ки дар пешам аст".2

Вақте Худованд дар ин дунё ин гуна қудратеро ба Расули Худо **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам** додааст чӣ гуна мумкин аст, ки дар он дунё беш аз онро надода бошад ва он ҳазрат аз ахбори дигарон ноогоҳ бошанд ва...

## Таноқузгӯии ваҳҳобиҳо

**"وبذلك يتبين أنه من استسقى بشخص واستفتح به لا يجب أن يكون أفضل فإن النبي** صلى الله عليه (وآله) وسلم **أفضل من صعاليك المهاجرين وكذلك عمر ومن معه من السابقين الأولين من المهاجرين والأنصار أفضل من العباس لكن يقتضي أن يكون للمستنصر به والمسترزق مزية على غيره من الناس كقرابته بالرسول أو فضل ديانته**

---

1-Саҳеҳи Бухорӣ ҷ.1.с.166.р.408-687-692-708. Саҳеҳи Муслим ҷ..1.с.319.р.424-425. Саҳеҳи Ибни Хузайма ҷ.3.с.23.р.1548. Саҳеҳи Ибни Ҳаббон ҷ.5.с.547.р.2173.ҷ.14. с.26.р.6337. Сунани куброи Насоӣ ҷ.1.с.288.р.888. Муснади Аҳмад ҷ.2.с.303. р.8011-8864.ҷ.3.с.3-103.р.11007-12030-12277-13420-13803-13804. Фатҳ-ул-борӣ ҷ.1. с.514 ва дигарон, низ ин ҳадисро ривоят кардаанд

2-**Ровиён**: Абӯҳурайра. Анас.

Саҳеҳи Муслим ҷ.1.с.319.р.423. Саҳеҳи Бухорӣ ҷ.1.с.162.р.409. Сунани куброи Насоӣ ҷ.1. с.303.р.944. Муснади Аҳмад ҷ.3.с.288.р.13206. Маҷмаъ-уз-завоид ҷ.2. с.89. Фатҳ-ул-борӣ ҷ.1.с.515 ва дигарон.

على غيره من الناس في الجملة".

"Бо ин баён равшан мешавад, агар касе ба василаи шахсе талаби борон ё пирӯзӣ ва кушоиш кунад, лозимааш ин нест, ки он шахс беҳтар аз шахси талаби боронкунанда бошад. Ҳатман Паёмбар беҳтар аз фақирони муҳоҷир буд ва ҳам чунин Умар ва ҳамроҳони ӯ аз собиқини муҳоҷиру ансор, беҳтар аз Аббос буданд, вале иқтизо мекунад, ки он шахсе, ки ба василаи ӯ талаби ёрӣ ва ризқ мешавад ягон хусусияти дигаре изофа бар дигарон дошта бошад, монанди хешовандӣ ба Паёмбар ё фазли диёнат бар дигар мардум."1

Дар ҳоле, ки дар мавриди тавассули ҳазрати Одам ба Аҳли Байт **салавотуллоҳи алайҳим** мегӯяд:

**ان هذا لو كان مشروعا فآدم نبي كريم كيف يقسم على الله بمن هو اكرم عليه منه ولا ريب أن نبينا** صلى الله عليه (وآله) وسلم **أفضل من آدم لكن آدم أفضل من علي وفاطمة وحسن وحسين.**

"Ин амал агар машрӯъ бошад, пас Одам набии гиромӣ аст, чӣ гуна Худо қасам медиҳад ба василаи касе, ки худаш (Одам) аз вай ба Худо гиромитар аст. Шакке нест, ки Паёмбари мо беҳтар аз Одам аст, вале Одам беҳтар аз Алӣ ва Фотима ва Ҳасану Ҳесайн аст."2

Ин таноқузгӯии ошкор аст, ба хотири пайравӣ аз ҳавою ҳавас. Гарчӣ мо дар ин китоб дар паи баёни душмании Ибни Таймия бо Аҳли Байти Паёмбар **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам** нестем, вале аз ин сухан ва мавзеъгирии ӯ дар ин ҷо низ метавон ба ин ҳақиқат пай бурд.

Ба баъзе аз таноқузоти дигари ӯ ва Албонӣ дар ҷои худаш дар ин китоб ишора кардем, пас лозим нест, ки ин ҷо такрор кунем.

---

1-"Ар-Рад алал Бакрӣ"-и Ибни Таймия ҷ.1.с.262.

2-"Минҳоҷ-ус-сунна"-и Ибни и Таймия ҷ.7.саҳ.132.

## Фасли ҳафтум

### Дар ҷоиз будани хондани Қуръон дар сари қабр

**قال رسول الله** صلى الله عليه وآله: **"اقرؤوها ( يس) على موتاكم".**

Паёмбар **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳ** фармуданд: "Барои гузаштагонатон сураи Ёсинро бихонед."[1]

**عن عبدالله بن عمر قال: "سمعت النبي** صلى الله عليه وآله وسلم **يقول: إذا مات أحدكم فلا تحبسوه وأسرعوا به إلى قبره وليقرأ عند رأسه فاتحة الكتاب وعند رجليه بخاتمة البقرة".**

Абдуллоҳ ибни Умар мегӯяд: «Паёмбар фармуданд: Ҳаргоҳ касе аз шумо бимирад онро нигаҳ надоред ва зуд ба сӯи қабраш бубаред ва дар болои сараш сураи Фотиҳаро бихонед ва дар поини пояш охири сураи Бақарарo."[2]

**عن عبد الرحمن بن العلاء بن اللجلاج عن أبيه قال: "قال أبى إذا أنا مت فضعنى في اللحد وقل بسم الله وعلى سنة رسول الله وسن على التراب سنا واقرأ عند رأسى بفاتحة البقرة فإنى سمعت رسول الله يقول ذلك".**

Абдураҳмон аз падараш ривоят мекунад, ки гуфт: "Вақте ман мурдам пас маро дар қабр бигзор ва бигӯ: Ба номи Худо ва бар суннати Расули Худо ва бар ман хок бирез (қабрамро бипӯш) ва дар болои сари ман сураи Бақараро қироат кун."[3]

---

1-"Куно-ул-бухорӣ"-и Бухорӣ с.58. "Сунан-ул-кубро"-и Насоӣ ҷ.6.с.265.р.10913-10914. "Муснад"-и Аҳмад ҷ.5.с.26-27 бо се санад. “Сунан"-и Абӯдовуд ҷ.2.с.63. р.3121. Саҳеҳи Ибни Ҳаббон ҷ.7.с.269. "Ал-Ҷаҳр ват-таъдил"-и Розӣ ҷ.9.с.408. р.1971. Мустадрак ҷ.1.с.565. “Мусаннаф”-и Ибни Абишайба ҷ.3.с.134. "Талхис-ул-ҳабир"-и Ибни Ҳаҷар ҷ.5.с.110. Маҷмаъ-уз-завоид ҷ.6.с.311. Ибни Ҳаббон, Ҳоким, Заҳабӣ ва Ҳайсамӣ санади ин ҳадисро саҳеҳ гуфтаанд вале бо вуҷуди ин Албонӣ дар "Ирво-ул-ғалил" санади ин ҳадисро тазъиф кардааст.

2-Мӯъҷам-ул-кабир ҷ.12.с.444.р.13613. «Шаъб-ул-имон»-и Байҳақӣ ҷ.7.с.16. р.9294. Фатҳ-ул-борӣ ҷ.3.с.184. Маҷмаъ-уз-завоид ҷ.3.с.44. "Субулус-салом»-и Санаонӣ ҷ.2.с.106. “Найлул автор»-и Шавклнӣ ҷ.4.с.115. Шарҳи Зарқонӣ ҷ.2. с.127. Ибни Ҳаҷар, Санаонӣ, Шавконӣ ва Зарқонӣ санади ин ҳадисро хуб гуфтаанд.

3-Таърихи Яҳё ибни Муин ҷ.2.с.346.р.5239. "Мӯъҷам-ул-кабир"-и Табаронӣ ҷ.19. с.221. Маҷмаъ-уз-завоид ҷ.3.с.44. Ҳайсамӣ санади ин ҳадисро саҳеҳ гуфтааст.

**وقد ذكر عن جماعة من السلف أنهم أوصوا أن يقرأ عند قبورهم وقت الدفن قال عبد الحق يروى أن عبد الله بن عمر أمر أن يقرأ عند قبره سورة البقرة".**

Ибни Қайюм мегӯяд: "Ҷамоате аз салаф васият кардаанд, ки дар сари қабрашон ба ҳангоми дафн Қуръон бихонанд. Абдулҳақ гуфта, ки ривоят шудааст, ки Ибни Умар амр кардааст дар сари қабраш сураи Бақара қироат шавад."1

**عن على بن موسى الحداد قال: "كنت مع أحمد بن حنبل ومحمد بن قدامة الجوهرى في جنازة فلما دفن الميت جلس رجل ضرير يقرأ عند القبر فقال له أحمد يا هذا إن القراءة عند القبر بدعة فلما خرجنا من المقابر قال محمد بن قدامة لأحمد بن حنبل يا أبا عبد الله ما تقول في مبشر الحلبي قال ثقة قال كتبت عنه شيئا قال نعم فأخبرني مبشر عن عبد الرحمن بن العلاء اللجلاج عن أبيه أنه أوصى إذا دفن أن يقرأ عند رأسه بفاتحة البقرة وخاتمتها وقال سمعت ابن عمر يوصي بذلك فقال له أحمد فارجع وقل للرجل يقرأ".**

Алӣ ибни Мӯсои Ҳаддод мегӯяд: "Ҳамроҳи Аҳмад ибни Ҳанбал ва Муҳаммад ибни Қудома дар ҷанозае будам, пас вақте мурда дафн шуд марди нобиное бар сари он қабр нишасту шурӯъ кард ба Қуръон хондан. Аҳмад ба он мард гуфт: Эй мард! Қуръон хондан дар сари қабр бидъат аст. Пас вақте аз қабристон хориҷ шудем, Муҳаммад ибни Қудома ба Аҳмад ибни Ҳанбал гуфт, ки: Дар бораи Мубашшири Ҳалабӣ чӣ мегӯӣ? Гуфт: Марди мавриди эътимод аст магар чизе аз ӯ навиштӣ? Гуфт: Оре, Мубашшир аз Абдураҳмон ва ӯ аз падараш, ки падараш ӯро васият карда, ки баъд аз дафнаш дар сари қабраш барои ӯ сураи Бақараро бихонад ва гуфта, ки аз Ибни Умар шунидам, ки ба ин кор суфориш мекард. Пас Аҳмад ибни Ҳанбал ба ӯ гуфт: Пас баргард ва ба он мард бигӯ, ки қироат

---

1-"Ар-Руҳ"-и Ибни Қайюм ҷ.1.с.11.

бикунад.1

Ибни Қудомаи Ҳанбалӣ мутаваффои 620 мегӯяд: Қироат дар сари қабр ишколе надорад, сипас мегӯяд:

**وقد روي عن أحمد أنه قال إذا دخلتم المقابر اقرؤوا آية الكرسي وثلاث مرات قل هو الله أحد الإخلاص والمعوذتين فاجعلوا ثواب ذلك لأهل المقابر".**

"Ба дурустӣ, ки аз Аҳмад ибни Ҳанбал собит шуда, ки гуфтааст: Ҳар вақт ба қабристон дохил шудед оятaлкурсӣ ва се мартаба сураи Ихлос ва Муаввазатайнро қироат кунед, сипас савоби онро ба аҳли қубур бубахшед." 2

Ибни Қудома ва дигарон нақл кардаанд, ки:

**روي عن رسول الله** صلى الله عليه وآله **انه قال: "من دخل المقابر فقرأ سورة يس خفف عنهم يومئذ وكان له بعدد من فيها حسنات".**

Аз Расули Худо **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳ** ривоят шуда, ки фармуд: "Ҳар ки дохили қабристон шавад ва сураи Ёсинро бихонад, он рӯз аз азоби аҳли қубур коста мешавад ва барои он шахс ба адади аҳли қубур ҳасанот ато мешавад."3

Ҳар кадом аз Ибни Қудома ва Ибни Қайюм гуфтаанд, ки Аҳмад ибни Ҳанбал қироат дар сари қабрро бидъат медонист ва сипас аз он ақида баргашт ва онро ҷоиз донист.

**عن ابى دردا وابى ذر قالا: "قال رسول الله** صلى الله عليه وآله**: ما من ميت يموت فيقرأ عنده يس الا هون الله عليه".**

Абӯзар ва Абӯдардо аз Расули Худо **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам** ривоят кардаанд, ки фармуданд:

"Ҳеҷ касе намемирад, ки дар назди вай сураи Ёсин хонда

---

1-"Ал-Муғнӣ"-и Абдуллоҳ ибни Қудома ҷ.2.с.424. "Ар-Руҳ"-и Ибни Қайюм ҷ.1.с.10. "Шарҳ-ул-кабир"-и Абдураҳмон ибни Қудома ҷ.2.с.424.

2-"Ал-Муғнӣ"-и Ибни Қудома ҷ.2.с.424. "Шарҳ-ул-кабир Абдураҳмон ибни Қудома ҷ.2.с.424. "Мавоҳиб-ул-ҷалил"-и Раинӣ ҷ.3.саҳ.51. "Ионат-ут-толибин"-и Димётӣ ҷ.2.с.162.

3-"Ал-Муғнӣ"-и Ибни Қудома ҷ.2.с.425. "Шарҳ-ул-кабир"-и Абдураҳмон ибни Қудома ҷ.2.с.424. "Ҳошияту раддул мӯҳтор"-и Ибни Обидини ҳанафӣ ҷ.2.с.263.

шавад, магар ин ки Худованд ба он мурда осон мекунад."1

**وعن علي** عليه السلام: "**إن النبي** صلى الله عليه (وآله) وسلم **قال: من مر على المقابر فقرأ قل هو الله أحد إحدى عشر مرة ثم وهب أجرها للأموات أعطي من الأجر بعدد الأموات.**"

Паёмбар **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳ** фармуданд: "Ҳар касе бар қабрҳо бигзарад ва ёздаҳ мартаба сураи Ихлосро бихонад, сипас савобашро ба мурдаҳо бубахшад, ба ададди мурдаҳо барояш аҷр дода мешавад." 2

"Шаабӣ гуфта, ки Ансор (саҳобаи аҳли Мадина) хондани сураи Бақарарo дар назди мурда мустаҳаб медонистанд ва ҳар гоҳ касе аз онҳо мемурд ба сари қабраш рафту омад мекарданд ва дар сари қабраш Қуръон мехонданд."3

Ибни Таймия мегӯяд:

**وذكروا فيه آثارا أن الميت يتألم بما يفعل عنده من المعاصي فقد يقال أيضا إنه يتنعم بما يسمعه من القراءة وذكر الله وهذا لو صح لم يوجب استحباب القراءة عنده فإن ذلك لو كان مشروعا لبينه رسول الله** صلى الله عليه (وآله) وسلم **لأمته**".

"Дар бораи он аҳодисеро нақл кардаанд, ки мурда вақте касе дар назди қабраш гуноҳе анҷом диҳад аз он дард мекашад ва ҳамчунин гуфта мешавад, ки аз шунидани қироати Қуръон ва зикри Худо низ баҳраманд мешавад. Ин агар саҳеҳ бошад, сабаби мустаҳаб будани қироат назди мурда намешавад ва агар қироат машрӯъ буд, Паёмбар онро ба умматаш баён мекард."4

Дар ин сухани Ибни Таймия бояд ба ду чиз ишора кунем ва он ин ки ин ҷо низ Ибни Таймия бар шунидан ва огоҳ будани гузаштагон аз корҳои аҳли дунё эътироф

---

1-"Муснад"-и Аҳмад ҷ.4.с.105 наздик ба ҳамин маъно "Талхис-ул-ҳабир"-и Ибни Ҳаҷар ҷ.5.с.111. "Субул-ус-салом"-и Ибни Ҳаҷар ҷ.2. с.91.

2-Канз-ул-уммол ҷ.15.с.655.р.42596, аз Рофиӣ. "Тӯҳфатул аҳвазӣ"-и Муборакфурӣ ҷ.3.с.275. "Ҳошияту раддул мӯҳтор"-и Ибни Обидини ҳанафӣ ҷ.2.с.656. "Мароқӣ-ул-фалоҳ"-и Таҳтовии ҳанафӣ с.117.

3-"Мусаннаф"-и Ибни Абишайба ҷ.3.с.123. "Ар-Руҳ"-и Ибни Қайюм ҷ.1.с.11. "Субул-ус-салом"-и Ибни Ҳаҷар ҷ.2. с.91.

4-"Иқтизо-ус-сирот"-и Ибни Таймия ҷ.1.саҳ.379-380.

мекунад, дар ҳоле, ки пайравонаш онро инкор мекунанд. Дигар ин ки Ибни Таймия қироатро аз барои мурда номашрӯъ дониста, дар ҳоле ки худаш қабул дорад ва барояш собит шуда, ки Ибни Умар ва баъзе дигар аз муҳоҷирин вақти мурдан ба аҳлашон васият кардаанд, ки баъд аз дафн, сари қабрашон сураи Бақараро бихонанд.1 Ва ин низ аз таноқузоти дигари ҷаноби Ибни Таймия аст. Чун ӯ мӯътақид аст, ки саҳоба кореро, ки номашрӯъ ва бидъат бошад, анҷом намедиҳанд, пас вақте худаш мегӯяд, ки саҳоба васият карданд, ки дар сари қабрашон сураи Бақара хонда шавад, чӣ гуна боз мегӯяд, қироат дар сари қабр номашрӯъ аст! Ва ин таноқузи ошкор аст.

**عن ابن عباس قال: "انّ النبي قرأ على الجنازة بفاتحة الكتاب".**

"Паёмбар **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам** бар ҷанозае сураи Фотиҳаро қироат фармуданд."2

**"عن ام شريك الانصارية قالت: "امرنا رسول الله صلى الله عليه وآله ان نقرأ على الجنازة بفاتحة الكتاب".**

"Расули Худо **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам** моро амр карданд, ки бар ҷаноза сураи Фотиҳаро бихонем."3

**"عن ابى امامة قال: "السنة ان يقرأ على الجنازة بفاتحة الكتاب".**

Абӯимомаи Боҳилӣ мегӯяд: "Хондани сураи Фотиҳа барои ҷаноза ва мурда, суннат аст."4

Аҳмад ибни Ҳанбал ва гурӯҳе аз олимон ва гурӯҳе аз асҳоби Шофеӣ гуфтаанд, ки савоби қироати Қуръон ба мурда мерасад ва гуфтаанд: Баъд аз қироати оёти Қуръон савобашро ба мурда бо зикри номи он мурда бубахш."5

---

1-"Иқтизо-ус-сирот"-и Ибни Таймия ҷ.1.саҳ.380.

2-"Сунан"-и Ибни Моҷа ҷ.1.с.479.р.1495. Саҳеҳи Тирмизӣ ҷ.2.с.245.р.1031.

3-"Сунан"-и Ибни Моҷа ҷ.1.с.479.р.1496. "Исоба"-и Ибни Ҳаҷар ҷ.8.с.416.р.12101.

4-"Ал-Ум"-и Имом Шофеӣ ҷ.1.с.309. "Китоб-ул-муснад"-и Шофеӣ с.359. Саҳеҳи Тармизӣ ҷ.2.с.245.р.1032 аз Ибни Аббос ва санадашро саҳеҳ гуфтааст.

5-"Ал-Маҷмӯъ"-и Нававӣ ҷ.15.с.522. "Ал-Азкору нававия"-и Нававӣ саҳ.165. Ҳошияту раддул мӯхтор Ибни Обидини ҳанафӣ ҷ.2.с.656 ва дигарон.

Ҳасан ибни Саббоҳи заъфаронӣ мегӯяд: "Аз Шофеӣ дар бораи хондани Қуръон дар сари қабр пурсидам, ӯ дар ҷавобам гуфт: Ишколе надорад."1

Ҷобир ибни Зайд (аз асҳоби Ибни Аббос) дар назди мурда (барои мурда) сураи Ёсинро мехонд".2

Ибни Қайюм як чанд достон дар мавриди касоне, ки дар сари қабр барои гузаштагонашон Қуръон қироат кардаанд ва нафъ бурдани мурда аз онро нақл кардааст.3

**عن عبدالله بن عياش قال: "قال رسول الله صلى الله عليه آله ما الميت في القبر إلا كالغريق المتغوث ينتظر دعوة تلحقه من أب أو أم أو أخ أو صديق فإذا لحقته كان أحب إليه من الدنيا وما فيها وإن الله عز وجل ليدخل على أهل القبور من دعاء أهل الأرض أمثال الجبال وإن هدية الأحياء إلى الأموات الاستغفار لهم.**

Паёмбар **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳ** фармуданд: «Мурда дар қабр ба монанди шахси ғарқшудае аст, ки талаби кӯмак мекунад. Мунтазири дуое аст, ки аз падар ё модар ё бародар ё аз дӯсташ ба ӯ бирасад. Вақте ба ӯ дуое аз онҳо бирасад барояш беҳтар аз дунё ва ҳамаи дороии дунё хоҳад буд. Ба дурустӣ, ки Худованд дохил мекунад бар аҳли қубур ба сабаби дуои аҳли замин (савобро) ба монанди кӯҳҳо. Ҳамоно тӯҳфаву ҳадяи зиндаҳо бар мурдагон талаби бахшиши гуноҳони онҳост.»4

**"عمرو بن جرير قال: "إذا دعا العبد لأخيه الميت أتى بها الملك قبره فقال له يا صاحب القبر الغريب هدية من أخ عليك شفيق".**

Амр ибни Ҷарир мегӯяд: "Ҳаргоҳ банда дар ҳаққи

---

1-Ар-Руҳ"-и Ибни Қайюм ҷ.1.с.11.

2-"Мусаннаф"-и Ибни Абишайба ҷ.3.с.124. "Субул-ус-салом"-и Ибни Ҳаҷар ҷ.2. с.91.

"Ал-Азкор"-и Нававӣ саҳ.145 ва санадашро саҳеҳ гуфта ва Албонӣ низ дар "Ирво-ул-ғалил"ба сиҳҳати санад эътироф кардааст.

3-"Ар-Руҳ"-и Ибни Қайюм ҷ.1.с.11.

4-«Шаъб-ул-имон»-и Байҳақӣ ҷ.6.с.202.р.7905.ҷ.7.с.16.р.9295. Канз-ул-уммол р.42971 аз Ибни Аббос ин ҳадис бо ду санад ривоят шудааст.

бародари мурдааш дуо кунад, он дуоро фариштае ба сари қабраш меорад ва ба ӯ мегӯяд: Эй соҳиби қабри ғариб ҳадяе бар ту аз тарафи бародари дилсузад.”[1]

Аз ин ахбор, ки фаровон ва саҳеҳ ҳастанд собит мешавад, ки Ислом хондани Қуръон барои мурдаро машрӯъ қарор дода, вале Ибни Таймия мисли ҳамеша онро низ инкор кардааст.

Ваҳҳобиҳо дар ин маврид ҳадиси зерро далели худ қарор додаанд, ки дар он Паёмбар **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам** фармуданд: "Ҳар гоҳ инсон бимирад амалаш қатъ мешавад магар аз се чиз: Садақаи ҷорӣ, илме, ки аз он фоида бурда шавад ва фарзанди солеҳе, ки барои ӯ дуо кунад".[2]

Ин ҳадис зоҳиран танҳо аз Абуҳурайра ривоят шудааст ва ин ҷо низ ахбори фаровони дигар ба фаҳми ботили ваҳҳобиҳо аз ин ҳадис гувоҳӣ медиҳад:

Уммулмӯъминин Оиша ривоят карда, ки: Паёмбар **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳ** фармуданд: "Ҳар ки бимирад ва бар гарданаш рӯза бошад, валияш аз тарафи ӯ рӯза бигирад".[3]

Муслим ва Ибни Моҷа аз Ибни Аббос, Бурайда ва Ибни Умар низ ба ҳамин маъно ҳадис ривоят кардаанд, ки Паёмбар **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳ** ба дигарон низ ҳамин дастурро доданд, ки аз тарафи мурдагонашон рӯзаи қазои ӯро бидоранд.[4] Муслим дар саҳеҳаш аз Ибни Аббос се ҳадис ба ҳамин маъно ривоят кардааст.

Боз Муслим ривоят мекунад, ки: "...Зане ба назди Паёмбар **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам** омаду гуфт: Модарам

---

1-«Шаъб-ул-имон»-и Байҳақӣ ҷ.7.с.16. р.9297.

2-Саҳеҳи Тирмизӣ ҷ.2.с.418.р.1390. “Адабул муфрад"-и Бухорӣ с.20.р.38. Саҳеҳи Ибни Хузайма ҷ.4.с.122. Саҳеҳи Ибни Ҳаббон.

3-Саҳеҳи Бухорӣ ҷ.2.с.240. Муснади Аҳмад ҷ.6.с.69. Саҳеҳи Муслим ҷ.3.с.155. “Сунан"-и Абудовуд ҷ.1.с.537 ва дигарон.

4-Саҳеҳи Муслим ҷ.3. с.155-157. "Сунан"-и Ибни Моҷа ҷ.1.с.558-559.р.1757 то 1759.. Саҳеҳи Тирмизӣ ҷ.2. с.111.р.714. Саҳеҳи Ибни Хузайма ҷ.3.с.273.

ҳаҷ накарда ва аз дунё рафтааст оё метавонам аз тарафи ӯ ҳаҷ ба ҷой оварам? Ҳазрат фармуданд: Оре, аз тарафи ӯ ҳаҷ анҷом бидеҳ.[1]

Албонӣ ва дигар уламои ваҳҳобӣ саъй кардаанд баъзе аз ин ривоётро заиф муаррифӣ кунанд, вале ба мобақии он ишорае накарда гузаштаанд.

Ва аҳодиси фаровони дигар вуҷуд дорад, ки дар онҳо бораи садақа додан, назри мурдаро адо кардан ва чизҳои дигар ривоят шудааст, ки **саволкунанда мепурсад: Оё ин амал барои ӯ (барои мурда) фоида дорад? Ҳазрат мефармоянд, ки оре, фоида дорад,** ки метавонед барои ошнои бо онҳо ба Канз-уз-уммол ҷ.6.рақами 17050 то 17072 муроҷиа кунед. Пас ин гуна ахбори мусаллам низ фаҳми ғалати ваҳҳобиҳоро аз ҳадиси мавриди назарашон собит мекунад.

---

1-"Саҳеҳи Муслим ҷ.3.с.156 бо ду санад ва дигарон.

## Фасли ҳаштум Дар зиёрати қабри Паёмбар

**саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам**

## Зиёрати қабри Паёмбар дар ривоёт

1-عن ابن عمر :قال رسول الله صلى الله عليه وآله» :من زار قبري وجبت له شفاعتي.«

Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва олиҳ фармуданд: Ҳар, ки қабрамро зиёрат кунад, шафоатам барояш воҷиб ва ҳатмӣ мешавад.”1

Муҳаммад ибни Шарбинӣ баъд аз нақли ин ҳадис мегӯяд: "Ибни Хузайма онро дар "Саҳеҳ"-аш нақл кардааст.2

Ин ҳадисро Нававӣ аз Ибни Аббос, низ ривоят карда ва зиёрати қабри Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам-ро мустаҳаб донистааст.3

Албонӣ ва дигарон гуфтаанд: "Ҳофиз Абдулҳақ дар ду китобаш, ки яке "Мухтасару аҳкомуш-шариа" маъруф ба "Аҳком-ул-кубро", ва дуввуми “аҳком-ус-суғро» аст ва гуфтааст, ки танҳо аҳодиси саҳеҳро дар ин китобҳояш ворид кардааст, ин ҳадисро нақл кардааст.4

**Шарҳи ҳоли Абдулҳақ**: Заҳабӣ мегӯяд: Имом, Ҳофиз, аллома, фақеҳ, олим ба ҳадис ва илали ҳадис ориф ба риҷол ва ба хайру салоҳ ва зӯҳду тақво васф шудааст. 5

2-عن عبد الله بن عمر قال" :قال النبي صلى الله عليه وآله» :من جاءني زائراً لا تَحملُه

---

1-"Ал-Куно ва ал-асмо"-и Дулобӣ ҷ.2.с.64. "Сунан”-и Доруқутнӣ ҷ.2.с.278.р.194. "Сунан” ҷ.5.с.245 ва “Шаъб-ул-имон"-и Байҳақӣ ҷ.3.с.490.р.4153-4159. "Аш-Шифо"-и Қозӣ Айёз ҷ.1.саҳ.169. "Ал-Муғнӣ”-и Ибни Қудома ҷ.3.с.588. "Шарҳул кабир»-и Ибни Қудома ҷ.3. с.494. "Ал-"Маҷмӯъ”-и Нававӣ ҷ.8.с.272. "Талхис-ул-ҳабир»-и Ибни Ҳаҷар ҷ.7.с.417. Маҷмаъ-уз-завоид ҷ.4.с.2. "Ҷомеъ-ус-сағир”-и Суютӣ р.8715. Абдулҳақ, Ибни Муватта, Субкӣ, Суютӣ ва дигар мутааххирин санади ин ҳадисро саҳеҳ гуфтаанд.

2-"Муғнӣ-ул-мӯтоҷ"-и Шарбинӣ ҷ.1.саҳ.512. "Найл-ул-автор"-и Шавконӣ ҷ.5.с.179.

3-"Ал-Маҷмӯъ"-и Нававӣ ҷ.8.саҳ.272.

4-“Вафо-ул-вафо”-и Самҳудӣ ҷ.4.с.1338. "Ирво-ул-ғалил"-и Албонӣ ҷ.4.с.339. р.1128.

5-"Сияру аълом-ун-нубало"-и Заҳабӣ ҷ.21.саҳ.198.р.99.

حاجة إلاّ زيارتي كان حقّاً عليّ أن أكون له شفيعاً يوم القيامة.«

Паёмбар **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам** фармуданд: «Ҳар ки барои зиёрати ман биёяд ва ҳеҷ ҳоҷати дигаре ғайр аз зиёрати ман сабаби сафараш нашуда бошад, бар ман ҳақ аст, ки дар рӯзи қиёмат шафии ӯ бошам.”1

Самҳудӣ ва Зайнуддини ироқӣ гуфтаанд, ки ҳофиз Ибни Сакан ин ҳадисро дар китоби “Сунан-ус-сиҳоҳ-ул-маъсура анин набӣ” нақл карда ва санадашро саҳеҳ гуфтааст.2

**Шарҳи ҳоли Ибни Сакан**: Заҳабӣ мегӯяд: “Имом ва ҳофизи муҷаввиди бузург. Ибни Ҳазм ҳамеша китоби саҳеҳи ӯро ситоиш мекард ва ӯ мутаваллиди соли 294 ҳиҷрӣ мебошад.3

**3-عن عبد الله بن عمر قال: قال رسول الله** صلى الله عليه وآله: **«من حجَّ فزار قبري بعد وفاتي، فكأنّما زارني في حياتي».**

Паёмбар **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳ** фармуданд: “Ҳар ки ҳаҷ кунад ва қабрамро баъд аз вафотам зиёрат кунад монанди касе аст, ки маро дар ҳоли ҳаётам зиёрат карда бошад.”4

**4-عن ابن عمر قال: قال رسول الله** صلى الله عليه وآله وسلم: **"من زارني بعد موتي فكأنما زارني في حياتي ومن جاورني بعد موتي فكأنما جاورني في حياتي".**

"Расули Худо **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳ** фармуданд: "Ҳар ки маро баъд аз ҳаётам зиёрат кунад гӯё ки дар ҳоли ҳаётам зиёрат карда ва ҳар ки баъд аз ҳаётам ҳамсоягии маро ихтиёр кунад гӯё, ки дар ҳоли ҳаётам ҳамсояи ман

---

1-“Мӯъҷам-ул-авсат”-и Табаронӣ ҷ.5.с.16. Мӯъҷам-ул-кабир ҷ.12.с.225. "Эҳё-ул-улум»-и Ғаззолӣ ҷ.1.с.306. "Талхис-ул-ҳабир»-и Ибни Ҳаҷар ҷ.7.с.417. Маҷмаъ-уз-завоид ҷ.4.с.2. "Тӯҳфат-ул-мӯҳтоҷ"-и Умар ибни Алӣ ҷ.2.с.190 ва дигарон.

2-“Вафо-ул-вафо”-и Самҳудӣ ҷ.4.с.1340.

3-Сияру аълом-ун-нубало ҷ.16.с.117.р.85.

4-Мӯҷам-ул-кабир ҷ.12.с.406.р.13496. Мӯъҷам-ул-авсат ҷ.1.с.95.р.287.ҷ.3.с.351. р.3376. "Фазоил-ул-мадина” ҷ.1.с.39.р.52. "Сунан-ул-кубро"-и Байҳақӣ ҷ.5. с.246. "Комил"-и Ибни Адӣ ҷ.2. с.790. "Ат-Тарғиб ва ат-тарҳиб" ҷ.1.с.447. "Сунан»-и Доруқутнӣ ҷ.7.с.278.р.192. Сунани Байҳақӣ ҷ.5.с.246. Маҷмаъ-уз-завоид ҷ.4.с.2. Шифо-ус-сиқом с.21. "Ҷомеъ-ус-сағир”-и Суютӣ р.8628.

будааст.[1]"

5-قال رسول الله صلى الله عليه وآله: «من زارني بعد موتي، فكأنّما زارني في حياتي، ومن مات بأحد الحرمين بُعث من الآمنين يوم القيامة».

Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам фармуданд: «Ҳар ки қабрамро баъд аз вафотам зиёрат кунад монанди касе аст, ки маро дар ҳоли ҳаётам зиёрат кардааст. Ҳар ки дар яке аз ду ҳарам бимирад дар рӯзи қиёмат дар ҷумлаи эминшудагон мабъус мешавад.»[2]

Ин ҳадисро Ибни Умар, Ҳотиб ва Ғолиб ибни Абдуллоҳ аз Расули Худо саллаллоҳу алайҳи ва олиҳ ривоят кардаанд. Абдураззоқ, ки ин ҳадисро аз Ғолиб ривоят карда мегӯяд: Яҳё ибни Алои Баҷалӣ ва дигарон аз Ғолиб ривоят кардаанд. Пас ин ҳадисро якчанд нафар аз Ғолиб ибни Абдуллоҳ ривоят кардаанд ва санадаш саҳеҳ хоҳад буд, гарчӣ муҳаддисон Яҳёро мавриди эътимод надонистаанд, вале он ба хотири мазҳаб ва ақида аст, ки қобили қабул нахоҳад буд.

6-روى ابن عمر قال: قال رسول الله صلى الله عليه وآله وسلم: «من زار قبري (أو من زارني) كنت له شفيعاً (أو شهيداً)».

Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам фармуданд: «“Ҳар ки қабрамро зиёрат кунад ман шафии ӯ хоҳам буд.»[3]

7-عن عبد الله بن عمر قال: قال رسول الله صلى الله عليه وآله: «من حجّ البيت ولم يزرني فقد جفاني».

«Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам фармуданд: «Ҳар ки ҳаҷ кунад, вале маро зиёрат накунад ба дурустӣ, ки ба

---

1-"Ахбори Макка"-и Ибни Исҳоқ ҷ.3.с.160.р.1918.

2-"Муснад"-и Таёлусӣ ҷ.1.с.12.р.65. "Мусаннаф»-и Абдураззоқ ҷ.9.с.267.р.17166. “Санан"-и Даруқутнӣ ҷ.2.с.278.р.193. Сунани Байҳақӣ ҷ.5.с.246.р.10053. Шаъб-ул-имон»-и Байҳақӣ ҷ.3.с.488.р.4151-4152-4153. "Ал-Муғнӣ”-и Ибни Қудома ҷ.3.с.588. Шифо-ус-сиқом с.29. "Шарҳул кабир»-и Ибни Қудома ҷ.3.с.494. Вафо-ул-вафо ҷ.4.с.134. Найл-ул-автор”-и Шавконӣ ҷ.5.с.178. Канз-ул-уммол р.12372. Дур-ул-мансур ҷ.1.с.237.

3-Сунани Байҳақӣ ҷ.5.с.245. Шифо-ус-сиқом с.233. Вафо-ул-вафо ҷ.4.с.144.

ман ҷафо кардааст."[1]

8-قال النبي صلى الله عليه وآله: "من زارني متعمدا كان في جواري يوم القيامة".

Расули Худо **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳ** фармуданд: "Ҳар ки маро бо огоҳӣ зиёрат кунад, дар қиёмат ҳамсояи ман хоҳад буд."[2]

9-عن أنس قال: "انّ رسول الله صلى الله عليه وآله وسلم قال: «من زارني بالمدينة محتسباً كنت له شفيعاً وشهيدا".

Паёмбар **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳ** фармуданд: «Ҳар ки маро дар Мадина зиёрат кунад дар ҳоле, ки амали худро муҳосиба карда бошад, барои ӯ шафеъ ва шоҳид хоҳам буд.»[3]

10-عن أنس قال: "قال رسول الله صلى الله عليه وآله: «من زارني ميتاً فكأنّما زارني حيّاً، ومن زار قبري وجبت له شفاعتي يوم القيامة، وما من أحد من أُمتي له سعة ثم لم يزرني، فليس له عذر».

Паёмбар **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам** фармуданд: "Ҳар ки маро дар ҳоли маргам зиёрат кунад, гӯё ки дар ҳоли ҳаётам зиёрат кардааст ва ҳар ки қабрамро зиёрат кунад дар рӯзи қиёмат шафоатам барояш воҷиб мешавад. Ҳар ки аз умматам тавон дошта бошаду маро зиёрат накунад, узре нахоҳад дошт."[4]

Ибни Таймия чунин нақл мекунад:

11-"ولم يبلغنا إلى الساعة عن أحد من السلف رخصة في ذلك إلا ما روى ابن أبي الدنيا في كتاب القبور بإسناده عن محمد بن إسماعيل بن أبي فديك قال أخبرني سليمان بن يزيد الكعبي عن أنس بن مالك أن رسول الله صلى الله عليه (وآله) وسلم قال من زارني

---

1-Комил"-и Ибни Адӣ ҷ.4.с.78. Шифо-ус-сиқом с.27. "Талхис-ул-ҳабир»-и Ибни Ҳаҷар ҷ.7.с.417. Вафо-ул-вафо ҷ.4.с.134. Найл-ул-автор"-и Шавконӣ ҷ.5.с.178. Канз-ул-уммол р.12369.

2-"Шаъб-ул-имон"-и Байҳақӣ ҷ.3.с.489. Дур-ул-мансур ҷ.1.с.237. Канз-ул-уммол ҷ.5.с.136.р.12373.

3-Таърихи Ҷурҷон с.220. "Талхис-ул-ҳабир»-и Ибни Ҳаҷар ҷ.7.с.417. "Аш-Шифо"-и Қозӣ Айёз ҷ.2.саҳ.84. "Найл-ул-автор"-и Шавконӣ ҷ.5.с.178. Шифо-ус-сиқом с.35. Вафо-ул-вафо ҷ.4.с.134. Ҷомеъ-ус-сағир"-и Суютӣ р.8716. Канз-ул-уммол р.42584. Дар-ул-мансур ҷ.1.с.237.

4-"Фатҳ-ул-азиз»-и Абдулкарими Рофии ҷ.7.с.417. "Талхил-ул-ҳабир»-и Ибни Ҳаҷар ҷ.7.с.417. Шифо-ус-сиқом с.37. Вафо-ул-вафо ҷ.4.с.134.

**بالمدينة محتسبا كنت له شفيعا وشهيدا يوم القيامة".**

"То ба ҳол аз хабари ҳеҷ як аз салаф дар бораи он (матлуб будани дуо дар назди қабр) ба мо нарасида, магар он чӣ ки Ибни Абидунё аз Анас ривоят карда, ки Расули Худо **саллаллоҳу алайҳи (ва олиҳ)ва саллам** фармуданд: Ҳар ки маро (қабри маро) дар Мадина зиёрат кунад дар ҳоле, ки амали худро муҳосиба карда бошад, шоҳид ва шафии ӯ дар рӯзи қиёмат хоҳам буд."[1]

Бояд ба ин матлаб ишора кунем, ки Муҳаммад ибни Исмоил аз ровиёни машҳур ва мавриди эътимод аст. Сулаймон ибни Язид низ аз ровиёни Сунани Тирмизӣ ва Ибни Моҷа аст. Дар Лисонул мизон ҷ.7.с.481.р.5647, Ибни Ҳаҷар мегӯяд: Тирмизӣ ҳадиси ӯро хуб гуфта ва Ибни Ҳаббон ӯро сиқа гуфтааст. Пас метавон ин ҳадисро ба танҳоӣ дар зиёрати қабри Расули Худо **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам** ҳуҷҷат қарор дод.

12-**عن بن عمر قال: قال رسول الله** صلى الله عليه وآله وسلم: **«من حجّ حجّة الاسلام وزار قبري وغزا عزوة وصلّى عليَّ في بيت المقدس لم يسأله الله عزّ وجلّ فيما افترض عليه».**

Паёмбар **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам** фармуданд: «Ҳар ки ҳаҷ ба ҷо оварад ва қабри маро зиёрат кунад ва дар ҷиҳод ширкат кунад ва дар Байтулмуқаддас бар ман салавот фиристад, Худованд дар бораи воҷибот аз ӯ савол нахоҳад кард.”[2]

13-**عن ابن عباس قال: قال رسول الله** صلى الله عليه وآله وسلم: **«من حجّ إلى مكّة ثم قصدني في مسجدي كُتِبَت له حجّتان مبرورتان».**

Паёмбар **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам** фармуданд: «Ҳар ки ҳаҷ кунад сипас қасди зиёрати маро дар масҷидам кунад,

---

1-"Иқтизо-ус-сирот"-и Ибни Таймия ҷ.1.саҳ.369.

2-"Шифо-ус-сиқом"-и Субкӣ с.203. Вафо-ул-вафо ҷ.4.с.134. "Найл-ул-автор”-и Шавконӣ ҷ.5.с.179.

барояш савоби ду ҳаҷҷи мабрур шавишта хоҳад шуд.”1

14-وعن ابن عباس قال: قال رسول الله صلى الله عليه وآله: «من زارني حتى ينتهي إلى قبري كنت له يوم القيامة شهيداً أو شفيعاً».

Паёмбар **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳ** фармуданд: Ҳар ки маро зиёрат кунад, то ин ки ба зиёрати қабрам бианҷомад, ман барои ў дар рўзи қиёмат шоҳид ё шафеъ хоҳам буд.»2

15-عن علي عليه السلام قال: قال رسول الله صلى الله عليه وآله: «من زار قبري بعد موتي فكأنّما زارني في حياتي ومن لم يزرني فقد جفاني».

Паёмбар **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳ** фармуданд: “Ҳар ки ҳаҷ кунад ва қабрамро баъд аз вафотам зиёрат кунад монанди касе аст, ки маро дар ҳоли ҳаётам зиёрат карда ва ҳар ки маро зиёрат накунад бар ман ҷафо кардааст.”3

16-عن علي عليه السلام: "من زار قبر رسول الله صلى الله عليه و(آله) وسلم كان في جواره".

"Амиралмўминин Алӣ **алайҳис-салом** фармуд: "Ҳар ки қабри Расули Худо **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам**-ро зиёрат кунад дар қиёмат дар ҷавори он ҳазрат хоҳуд буд."4

17-عن بكر ابن عبد الله عن النبي صلى الله عليه وآله وسلم قال: "من أتى المدينة زائرا لي وجبت له شفاعتي يوم القيامة، ومن مات في أحد الحرمين بعث آمنا".

Паёмбар **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам** фармуданд: “Ҳар ки ба хотири зиёрати ман ба Мадина биёяд шафоати ман дар рўзи қиёмат барои ў воҷиб мегардад ва ҳар, ки дар яке аз ду ҳарам бимирад эмин мабъус мешавад”.5

Ёдовар мешавем, ки бо вуҷуди ин ҳама ривоёт, Ибни

---

1-“Найлул автор»-и Шавконӣ ҷ.4.с.324. Вафо-ул-вафо ҷ.4.с.134. Канз-ул-уммол р.12370.

2-"Аз-Зуафо”-и Ақилӣ ҷ.3.с.457.р.1513, бо ду санад. Шифо-ус-сиқом с.21. Вафо-ул-вафо ҷ.2.с.401. Найл-ул-автор ҷ.4.с.325. Субулул-ҳудои вар-рашод ҷ.12. с.376.

3-"Дафъ-уш-шабаҳ анир-расул вар-рисола"-и Ҳасании димишқӣ саҳ.170 ба нақл аз "Шараф-ул-Мустафо"-и Абдулмалики Нишопурӣ ва Ибни Асокир.

4-Нийл-ул-автор"-и Шавконӣ ҷ.5.с.180 аз Ибни Асокир.

5-"Шифо-ус-сиқом"-и Субкӣ саҳ.30. "Вафо-ул-вафо"-и Самҳудӣ ҷ.2.саҳ.402 аз "Ахбор-ул-Мадина"-и Яҳё ибни Ҳасани Ҳасанӣ.

Таймия мегӯяд: "Ҳар ки ба қасди зиёрати қабри Паёмбар сафар кунад сафараш сафари маъсият аст ва бояд намозашро тамом бихонад ва дар бораи ин аҳодис мегӯяд:

**"والأحاديث المأثورة عن النبي** صلى الله عليه (وآله) وسلم **في زيارة قبره، كلها ضعيفة بل موضوعة"**

"Аҳодиси расида аз Паёмбар дар бораи зиёрати қабраш ҳамааш заиф балки сохташуда ва дурӯғ аст".1

Дар ҳоле, ки ин ҳадисро ҳамон гуна, ки мушоҳида кардед ҳафт нафар аз саҳоба бо санадҳои гуногун аз он ҳазрат ривоят кардаанд ва хеле аз санадҳояш саҳеҳ, низ мебошад ва маълум нест, ки Ибни Таймия чаро ва бо чӣ ангезае ин суханро гуфтааст дар ҳоле, ки бинобар ақидаи ӯ дар бораи аҳодиси мутавотир, метавон ин ҳадисро аз ҷумлаи аҳодиси мутавотир ҳисоб кард. Вале Ибни Ҳаҷар, ки аз бузургтарин уламои ҳадис ва риҷоли аҳли суннат аст мегӯяд:

**"والحاصل أنهم ألزموا ابن تيمية بتحريم شد الرحل إلى زيارة قبر سيدنا رسول الله** صلى الله عليه (وآله) وسلم، **ثم قال: وهي من أبشع المسائل المنقولة عن ابن تيمية".**

"Хулоса ин ки онҳо Ибни Таймияро маҷбур ба таҳрими сафар барои зиёрати қабри сарварамон Расули Худо **саллаллоҳу алайҳи (ва олиҳи) ва саллам** карданд. Сипас мегӯяд: Ин аз зишттарин масъалаҳои нақлшуда аз Ибни Таймия аст".2

Баъд Ибни Ҳаҷар мегӯяд: "Аз ҷумла чизҳое, ки ӯ барои радди мавриди иҷмоъ будани зиёрати қабри Паёмбар далел қарор додааст чизест, ки аз Молик нақл шуда, ки ӯ аз гуфтани "қабри Паёмбарро зиёрат кардам" бадаш меомада аст. Муҳаққиқони асҳоби Молик ба ӯ ҷавоб додаанд, ки ӯ ин лафзро ба хотири ҳифзи адаб намегуфта на ба хотири макрӯҳ будани асли зиёрат. Пас ба дурустӣ, ки зиёрати қабри Паёмбар **саллаллоҳу алайҳи (ва олиҳи) ва саллам** аз беҳтарини

---

1-"Минҳоҷ-ус-сунна"-и Ибни Таймия ҷ.2.саҳ.441.

2-"Фатҳ-ул-борӣ"-и Ибни Ҳаҷар ҷ.2.с.66.ҷ.3.с.54.

амалҳо ва чизҳоест, ки ба василаи он ба сӯи Худо тақарруб ҷуста мешавад. Машрӯъ будани он бидуни ҳеҷ хилофе мавриди иҷмоъ мебошад.1

Ибни Ҳубайра мегӯяд: "Молик, Абӯҳанифа, Шофеӣ ва Аҳмад иттифоқ доранд, ки зиёрати қабри Паёмбар **саллаллоҳу алайҳи (ва олиҳи) ва саллам** мустаҳаб аст".2

**Шарҳи ҳоли Ибни Ҳубайра**: Заҳабӣ мегӯяд: "Имоми олими одил, вазири комили ҳанбалӣ мутаваффои соли 560.3

**زيارة قبره صلى الله عليه (وآله) وسلم سنة من سنن المسلمين مجمع عليها وفضيلة مرغب فيها.**

Қозӣ Айёз, низ мегӯяд: "Зиёрати қабри Паёмбар **саллаллоҳу алайҳи (ва олиҳ) ва саллам** суннат аст аз суннатҳои мусулмонон, ки ҳама бар он иҷмоъ доранд ва фазилатест, ки ба он ташфиқ шудааст".4

**Шарҳи ҳоли Қозӣ Айёз**: Заҳабӣ мегӯяд: "Имом, аллома ҳофизи ягона, шайхул Ислом, моликимазҳаб мутаваффои соли 544 -и ҳиҷрӣ".5

Муҳимтар ин ки Ибни Абдулбар ва Абдулҳақ ва Абӯимрон зиёрати қабри Паёмбар **саллалллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам**-ро воҷиб донистаанд ва Ибни Қудомаи ҳанбалӣ, Нававӣ ва ҳар, ки дар ин бора сухан гуфтааст, онро мустаҳаб ва аз беҳтарин аъмол дониста аст,6 ки аҳодиси ворида дар бораи зиёрати қабри он ҳазрат, худ гувоҳ бар беҳтарин амалҳо будани зиёрати қабри он ҳазрат аст.

Ибни Таймия ин суханро ба хотири ҳадиси манъи бори сафар бастан, магар барои се масҷид гуфтааст, ки дар зер ба

---

1-"Фатҳ-ул-борӣ"-и Ибни Ҳаҷар ҷ.3.с.54.

2-"Ал-Мадхал"-и Ибни Ҳоҷ ҷ.1.с.256.

3-Сияру аълом-ун-нубало ҷ.20.с.426.р.282.

4-"Аш-Шифо битаърифи ҳуқуқил Мустафо"-и Қозӣ Айёз ҷ.2.с.83.

5-"Сияру аълом-ун-нубало" ҷ.20.с.213.р.136.

6-"Аш-Шифо битаърифи ҳуқуқил Мустафо"-и Қозӣ Айёз ҷ.2.с.83. "Дафъ-уш-шабаҳ анир-расул"-и Ҳасании димишқӣ с.187.

нодурустии ин истидлол, ишора хоҳем кард.

## Ҳадиси манъи сафар ба ғайр аз се масҷид ва маънои он

Дар китобҳои ривоии аҳли суннат ҳадисе ривоят шуда, ки дар он гӯё аз сафар ба қасди зиёрат ба ғайр аз се масҷид манъ шуда бошад. Бо истифода аз ин ҳадис имрӯз ваҳҳобиҳо бо пайравӣ аз Ибни Таймия сафар ба қасди зиёрати ғайри ин се масҷидро ҳаром медонанд ва ба ҳамин хотир Ибни Таймия сафар барои зиёрати қабри Расули Худо **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи**-ро сафари маъсият дониста аст.

Ҳоло мехоҳем ошно бишавем ва баррасӣ кунем, ки оё фаҳми ваҳҳобиҳо аз ин ҳадис дуруст аст ё ғалат.

**عن ابى هريرة: عن النبي صلى الله عليه وسلم: لا تشد الرحال الا إلى ثلاثة مساجد مسجدي هذا ومسجد الحرام ومسجد الاقصى".**

"Бори сафар баста намешавад, магар ба се масҷид, масҷиди ман масҷидулҳаром ва масҷиди Ақсо".1

Ин ҳадис бо ин лафз дар бисёре аз китобҳои аҳли суннат ворид шуда аст, вале зоҳир ин аст, ки шояд асли матни ин ҳадис таҳриф ва нақли ба маъно шуда ва иштибоҳоте дар нақли он сурат гирифта бошад, далелаш ҳам ин аст, ки:

1-Ин ҳадис бо лафзҳои дигар, низ ривоят шудааст:

**عن أبي هريرة عن رسول الله قال: إنّما يسافر إلى ثلاثة مساجد: مسجد الكعبة، ومسجدي، ومسجد إيلياء."**

"Ба дурустӣ, ки ба се масҷид мешавад сафар кард: Масҷиди ман, масҷиди Каъба ва масҷиди Илё".2

Ин ҳадис бо ин лафз аз Абӯҳурайра ва Абӯсаиди Худрӣ ривоят шудааст. Ва ҳамчунин ҳадиси аввалро, низ бештар аз ҳамин ду нафар ривоят шудааст.

---

1-Саҳеҳи Муслим ҷ.4.с.126.

2-Саҳеҳи Муслим ҷ.4.с.126. "Муснад"-и Аҳмад ҷ.3.с.45. Саҳеҳи Ибни Ҳаббон ҷ.4.саҳ.498.

Лафзи дигари ин ҳадис:

"تشد الرحال إلى ثلاثة مساجد".

Паёмбар **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам** фармуданд: "Ба сўи се масҷид бори сафар баста мешавад".1

Ин ҳадис аз Абуҳуруйра, Абусаид, Ибни Умар ва Товус ривоят шудааст. Байҳақӣ гуфта аст, ки аксаран ин ҳадис бо ҳамин лафз ривоят шуда ва онро Бухорӣ ва Муслим бо ҳамин лафз ривоят кардаанд.2

Дар лафзи дигар уммулмўъминин Оиша ривоят кардааст, ки:

**عن عائشة قالت: قال رسول الله صلى الله عليه (وآله)وسلم أنا خاتم الانبياء ومسجدي خاتم مساجد الانبياء أحق المساجد أن يزار وتشد إليه الرواحل المسجد الحرام ومسجدي صلاة في مسجدي أفضل من ألف صلاة فيما سواه من المساجد إلا المسجد الحرام .**

Паёмбар **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳ** фармуданд: "...Сазовортарин масҷидҳо, ки бояд зиёрат шавад ва бори зиёрат ба сўи он баста шавад, масҷидулҳаром ва масҷиди ман аст...".3

Аҳмади ибни Ҳанбал дар муснадаш ба ҳамин маъно бо санади саҳеҳ аз Ҷобир, низ ин ҳадисро ривоят кардааст.

Аз ин аҳодис фаҳмида мешавад, ки ин аҳодис сафар ба сўи ин се масҷидро мавриди таъкид қарор додаанд, то мардум аҳамияти онро дарк кунанд ва ташвиқ бишаванд ва барои он сафар бикунанд, вале ҳеҷ гуна манъе вуҷуд надорад ва саҳоба, низ аз он ҳамин маъноро фаҳмидаанд.

Далели дигари ғалат будани фаҳми Ибни Таймия:

2-Баъзе аз ровиёни ин ҳадис аз саҳоба, ба сўи ғайри ин се масҷид бори сафар бастаанд:

---

1-Саҳеҳи Муслим ҷ.4.с.126. "Мусаннаф"-и Абдураззоқ ҷ.5.с.132.р.9158 то 9161. "Сунан-ул-кубро"-и Байҳақӣ ҷ.10.с.82.

2-"Сунан-ул-кубро"-и Байҳақӣ ҷ.10.с.82.

3-"Муснад"-и Аҳмад ҷ.3.с.336. "Маҷмаъ-уз-завоид" ҷ.4.с.3-4. Дур-ул-мансур ҷ.2. с.54 аз Баззор. Канз-ул-уммол ҷ.12.с.270.р.34999.

Умар ибни Хаттоб, ки аз ровиёни ҳадиси мавриди баҳс аст, мегӯяд: "Ба дурустӣ, ки агар масҷиди Қубо дар уфуқе аз офоқ ҳам мебуд, бо шикамҳоямон ҳам ба он мерафтем".1

Пас агар Умар аз ҳадиси манъи риҳол ҳаром будани сафар ба ғайри ин масоҷидро мефаҳмид, ин суханро намегуфт.

Аҳмад ибни Ҳанбал ва дигарон ривоят кардаанд, ки Абӯҳурайра, низ барои намоз ба масҷиди Тур сафар мекард".2

Илова бар он чӣ ки зикр шуд аҳодиси фаровон ва қатъӣ аз Расули Худо **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам** дар бораи намоз хондан дар масҷиди Қубо расида, ки худи он ҳазрат ва асҳоб ба он амал мекарданд ва ҳамчунин барои зиёрати қабри шаҳидон бо ҳам сафар мекарданд, ки дар зер ба онҳо низ ишора мешавад.

Яъне бардошти Ибни Таймия аз ин ҳадис бо сира ва амали Расули Худо **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам** мухолиф аст, чун он ҳазрат, ҳам ҳамеша барои намоз дар масҷид Қубо бори сафар мебастанд ва ҳам дигаронро ба он амр мефармуданд:

**عن ابن عمر قال: "كان رسول الله يأتي مسجد قبا راكباً وماشياً فيصلي فيه ركعتين."**

"Расули Худо **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам** ҳамеша савора ва пиёда ба масҷиди Қубо меомад ва дар он ду ракъат намоз мехонд."3 Ин ҳадис бо ҳамин лафз аз Абӯимома низ ривоят шудааст.

**"انّ النبي صلى الله عليه وآله وسلم كان يأتي مسجد قبا راكباً وماشياً فيصلي فيه".**

"Ба дурустӣ, ки Расули Худо **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам** ҳамеша ба масҷиди Қубо пиёда ва савора меомад ва дар он

---

1-"Мусаннаф"-и Ибни Абишайба ҷ.2.с.373. "Мусаннаф"-и Абдураззоқ ҷ.5.с.133. р.9163. Ахборул-мадина"-и Умар ибни Шубба ҷ.1.саҳ.49. санадаш саҳеҳ аст.

2 -"Муснад"-и Аҳмад ҷ.6.с.397. Мӯъҷам-ул-кабир ҷ.2.с.310.

3-"Мусаннаф"-и Ибни Абишайба ҷ.7.р.565. "Муснад"-и Аҳмад ҷ.2.с.5-57-58-80-155.ҷ.3. с.487. "Мустадрак"-и Ҳоким ҷ.1.с.532. р.1392.

намоз мехонд."1

Бухорӣ ва дигарон бо санади Саҳеҳ ривоят кардаанд, ки Расули Худо **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам** савора ва пиёда рӯзҳои Шанбе ба масҷиди Қубо меомад ва Ибни Умар низ ҳамин корро анҷом медод."2

**قال رسول الله** صلى الله عليه (وآله) وسلم: **من خرج حتى يأتي هذا المسجد يعني مسجد قباء فيصلي فيه كان كعدل عمرة.**

"Паёмбар **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам** фармуданд: "Ҳар ки ба ин масҷид биёяд яъне ба масҷиди Қубо ва дар он намоз бихонад савоби умраро хоҳад гирифт".3

Ҳоким ва Заҳабӣ санади ин ҳадисро саҳеҳ гуфтаанд. Ба илова ин ҳадис аз Усайд ибни Зуҳайр низ ривоят шуда, ки Тирмизӣ ва Ибни Моҷа онро аз ӯ нақл кардаанд.4

**قال رسول الله** صلى الله عليه (وآله) وسلم **من توضأ فأحسن الدفع ثم دخل مسجد قباء فركع فيه أربع ركعات كان ذلك عدل رقبة".**

Паёмбар **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам** фармуданд: "Ҳар ки вузӯ бигирад ва хуб ба он таваҷҷӯҳ кунад, сипас дохили масҷиди Қубо шавад ва дар он чаҳор ракъат намоз бихонад, монанди озод кардани ғуломе хоҳад буд".5

**عن عائشة بنت سعد بن أبي وقاص قالت: "سمعت أبي يقول لأن أصلي في مسجد قباء ركعتين أحب إلى من أن أتى بيت المقدس مرتين، لو يعلمون ما في قباء لضربوا إليه أكباد الإبل."**

Саъд ибни Абиваққос мегуфта, ки: "Ду ракъат намоз агар дар масҷиди Қубо бихонам бароям маҳбубтар аст аз ин

---

1-Ихтилоф-ул-ҳадис"-и Шофеӣ с.514. Саҳеҳи Бухорӣ ҷ.2.с.57. Саҳеҳи Муслим ҷ.4. с.127. "Мусаннаф"-и Ибни Абишайба ҷ.7.с.565. "Муснад"-и Аҳмад ҷ.2.с.5-30-57-58-65-72-80-101-155. "Сунан-ул-кубро"-и Насоӣ ҷ.1.с.257.р.777.

2-"Саҳеҳи Бухорӣ ҷ.2.с.57. "Муснад"-и Ҳумайдӣ ҷ.2.с.291.

3-Саҳеҳи Ибни Ҳаббон ҷ.4.с.507. "Муснад"-и Аҳмад ҷ.3.с.478. "Мустадрак"-и Ҳоким ҷ.3.с.12. Таърихи Мадинаи Умар ибни Шубба ҷ.1.с.40 ва дигарон.

4-"Сунан"-и Ибни Моҷа ҷ.1.с.453.р.1411. "Сунан"-и Тирмизӣ ҷ.1.с.204.р.323.

5 -Маҷмаъ-уз-завоид аз ду саҳоба бо ду санад ҷ.4.с.11.

ки ду мартаба ба зиёрати Байтулмуқаддас биёям. Агар медонистанд, ки дар масҷиди Қубо чӣ аст, ҳатман ба сӯи он мусофират мекарданд".1

Ибни Ҳаҷар санади ин хабарро саҳеҳ гуфтааст.

Ҳамаи ин аҳодиси саҳеҳ ва мусаллам бо бардошти ваҳҳобиҳо аз ҳадиси аввал мухолиф аст.

**عن طلحة قال: "خرجنا مع رسول اللّه يريد قبور الشهداء حتى إذا أشرفنا على حرّة واقم فلما تدلّينا منها وإذاً بقبور بمحنية قال: قلنا يا رسول اللّه: أقبور اخواننا هذه. قال: قبور أصحابنا، فلما جئنا قبور الشهداء، قال: هذه قبور إخواننا".**

Талҳа мегӯяд: "Ҳамроҳи Расули Худо **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳ** ба нияти рафтан ба зиёрати қубури шаҳидон хориҷ шудем то ин ки ба сарзамине, ки пур аз сангреза буд расидем вақте аз он гузаштем пас дар водие қабрҳо буд ба Паёмбар **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳ** гуфтем: Оё ин қабрҳои бародарони мо аст? Ҳазрат фармуданд: Қабрҳои асҳоби мо аст. Пас вақте ба сари қабри шаҳидон расидем фармуданд: Ин қабрҳои бародарони мо аст."2

**عن ابن مسعود قال خرج رسول الله** صلى الله عليه (وآله) وسلم **يوما فخرجنا معه حتى انتهينا إلى المقابر فأمرنا فجلسنا ثم تخطينا القبور حتى انتهينا إلى قبر منها والحاصل إليه فناجاه طويلا ثم ارتفع نحيب رسول الله** صلى الله عليه (وآله) وسلم **باكيا فبكينا لبكائه ثم إن النبي** صلى الله عليه (وآله) وسلم **أقبل فلقيه عمر بن الخطاب فقال ما الذي أبكاك يا رسول الله** صلى الله عليه (وآله) وسلم **قال لقد أبكانا وأفزعنا فأخذ بيد عمر ثم أومأ إلينا فأتيناه فقال أفزعكم بكائي فقلنا نعم يا رسول الله قال فإن القبر الذي رايتموني عنده قبر أمي آمنة بنت وهب وإني استأذنت ربي في زيارتها فأذن لي ثم أستأذنته في الإستغفار لها فلم يأذن لي وأنزل ما كان للنبي.**

Ибни Масъуд мегӯяд: "Паёмбар **саллаллоҳу алайҳи (ва олиҳ) ва**

---

1-"Таърих-ул-мадина"-и Ибни Шубба ҷ.1.с.42. “Фатҳ-ул-борӣ”-и Ибни Ҳаҷар ҷ.3.с.56.

2-"Сунан"-и Абӯдовуд ҷ.1.с.453.р.2043. "Муснад"-и Аҳмад ҷ.1.с.161. "Таърих-ул-мадина"-и Ибни Шубба ҷ.1.с.133. "Сунан-ул-кубро"-и Байҳақӣ ҷ.5.с.249.

**саллам** рӯзе аз шаҳр берун шуданд ва мо низ ҳамроҳи он ҳазрат хориҷ шудем, то ин ки ба қабристон расидем, пас моро амр кард ва мо нишастем, сипас аз он ҷо ҳаракат кардем, то расидем ба қабре. Пас он ҳазрат он ҷо зиёд муноҷот карданд, сипас нидои Паёмбар бо гиря баланд шуд ва мо низ бо гиряи он ҳазрар гиря кардем... баъд фармуданд, ки ин қабри модарам буд".1

Ин ҳадисро Ибни Аббос, Бурайда, Зайд ибни Хаттоб ва Абӯҳурайра аз Расули Худо **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам** ривоят кардаанд ва аз ҳар яки онҳо лазфи хориҷ шудан барои зиёрати қубури зикр шуда, вале бисёре аз ровиён мисли Бухорӣ, Муслим, Аҳмад, Насоӣ ва... ҳадисро мухтасар нақл карда ва сари ҳадисро ҳазф кардаанд.

Пас дар ин ду ҳадиси саҳеҳ ва мусаллам низ мебинем, Расули Худо **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам** ҳамроҳ бо асҳобашон барои зиёрати қубур сафар кардаанд. Пас чӣ гуна мумкин аст, ки сафар ба сӯи ғайри ин се масҷидро ҳаром карда бошанд?

Достони ҷолибе дар ин бора аз олими бузурги аҳли суннат Валиюддини Ироқӣ нақл шуда, ки бо зикри достони ӯ ин баҳсро ба поён мерасонем:

**قال الحافظ أبو زرعة العراقى في طرح التثريب ( 6 / 43 ): وكان والدى ( أي الحافظ الكبير ولي الدين العراقى ) رحمه الله تعالى يحكى أنه كان معادلا للشيخ عبد الرحيم بن رجب الحنبلى في التوجه إلى بلد الخليل عليه السلام، فلما دنا من البلد قال: نويت الصلاة في مسجد الخليل ليحترز عن شد الرحل لزيارته على طريقة شيخ الحنابلة ابن تيمية قال: فقلت: نويت زيارة قبر الخليل عليه السلام ثم قلت له: أما أنت فقد خالفت النبي صلى الله عليه وسلم لأنه قال: "لاتشد الرحال إلا إلى ثلاثة مساجد" وقد شددت**

---

1-"Мусаннаф"-и Абдураззоқ ҷ.3.с.572.р.6714. "Мусаннаф"-и Ибни Абишайба ҷ.3.с.224. Маҷмаъ-уз-завоид ҷ.3.с.58. Фатҳ-ул-борӣ ҷ.8.с.390. Саҳеҳи Бухорӣ ҷ.3.с.65. Саҳеҳи Муслим ҷ.3.с.65. Саҳеҳи Ибни Ҳаббон ҷ.7.с.440.

**الرحل إلى مسجد رابع، وأما أنا فاتبعت النبي صلى الله عليه وسلم لانه قال "زوروا القبور" أفقال إلا قبور الاءنبياء؟ قال: فبهت.**

Абӯзаръаи ироқӣ мегӯяд: Падарам (Валиюддини ироқӣ) Худо раҳматаш кунад ҳикоят кард, ки ҳамроҳи Абдураҳим ибни Раҷаби ҳанбалӣ ба сӯи шаҳри ҳазрати Иброҳим мерафтанд, пас вақте ба шаҳр расиданд Ибни Раҷаб гуфт: Ният кардам, то дар масҷиди ҳазрати Иброҳим намоз хонам, то аз бори сафар бастан барои зиёрати Иброҳим худдорӣ кунам ва ба фатвои Ибни Таймия амал карда бошад. Валиюддини ироқӣ ба ӯ гуфт: Ман ният кардам, ки қабри Иброҳим **алайҳис-салом**-ро зиёрат кунам, сипас гуфтам: Пас ту бо Паёмбар мухолифат кардӣ, чун ӯ фармуд: Бори сафар баста намешавад, магар барои се масҷид, ба дурустӣ, ки ту ба сӯи масҷиди чаҳорум бори сафар бастӣ ва аммо ман, пас Паёмбар **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи**-ро пайравӣ ва итоат кардам, чун он ҳазрат фармуд: **Қабрҳоро зиёрат кунед**, оё ғайр аз қабри паёмбаронро гуфт? Гуфт: Пас Ибни Раҷаб сокит монд ва натавонист чизе бигӯяд.1

Валиюддин ва Абӯзаръа, падару писар аз олимони бузурги аҳли суннат аз мазҳаби шофеӣ будаанд.

Аҳодиси фаровон, ки мутавотир аст дар бораи зиёрати қабр ривоят шуда ва дар онҳо таъкид бар зиёрати қабр шудааст. Оё касе барои ба ҷо овардани ин амри илоҳӣ барои зиёрати қабр сафар кунад, кори ҳаром кардааст? Чӣ гуна мумкин аст касе ба дастури Паёмбар **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам** амал кунад ва дар ҳамон ҳол он дастур ҳаром ҳам бошад! Акнун ба баъзе аз ривоёти зиёрати қубури бародарони мусулмон ишора мешавад. Ва бояд диққат дошта бошем, ки ингуна аҳодис, ки мутавотир буда ва фаровон ҳастанд низ каҷфаҳмии ваҳобиҳо аз ҳадиси **“бори сафар баста намешавад магар ба сӯи се масҷид”**-ро

---

1-“Рафъ-ул-манора"-и Саид Мамдӯҳ саҳ.68. "Тарҳ-ут-тасриб"-и Ироқӣ ҷ.6.с.43.

собит мекунанд.

## Ахбори зиёрати қабр

**عن أبي بكر قال سمعت رسول الله** صلى الله عليه وآله وسلم **يقول من زار قبر والديه في كل جمعة أو أحدهما فقرأ عندهما أو عنده يس غفر له بعدد ذلك آية أو حرفا.**

Абӯбакр мегӯяд: Расули Худо **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам** мефармуданд: "Ҳар ки қабри падару модарашро ва ё қабри яке аз онҳоро дар ҳар ҷумъа зиёрат кунад ва сари қабрашон сураи Ёсинро бихонад ба адади оятҳои он сура ё ба адади ҳарфҳои он гуноҳонаш бахшида мешавад.[1]"

Ёдовар мешавем, ки шакке, ки дар адади оёт ва ё ҳарфҳо будан ба миён омада равшан аст, ки ҳатман аз ровӣ хоҳад буд на аз асли ҳадис.

**عن أبي هريرة قال" :قال رسول الله** صلى الله عليه) وآله (وسلم **:من زار قبر أبويه أو أحدهما في كل جمعة غفر له وكتب برا ."**

Расули Худо **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳ** фармуданд: "Ҳар ки қабри падару модарашро ва ё қабри яке аз онҳоро ҳар ҷумъа зиёрат кунад гуноҳонаш бахшида мешавад ва хубӣ дар номаи амалаш навишта мешавад." [2]

**من زار قبر والديه أو أحدهما احتسابا كان كعدل حجة مبرورة، ومن كان زوارا لهما زارت الملائكة قبره .**

"Ибни Умар мегӯяд: "Паёмбар **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам** фармуданд: "Ҳар ки қабри падару модарашро ва ё қабри яке аз онҳоро зиёрат кунад савоби ҳаҷҷи мақбул хоҳад дошт ва ҳар, ки зиёд падару модарашро зиёрат кунад

---

1-"Табақот-ул-муҳаддисин биисфаҳон"-и Ибни Ҳаббон ҷ.3.с.331.р.390. "Ат-Тадвин фи ахбори Қазвин"-и Рофиӣ ҷ.3.с.37.

2-Мӯъҷам-ус-сағир"-и Табаронӣ ҷ.2.с.160.р.955. Мӯъҷам-ул-авсат ҷ.6.с.175. "Макорим-ул-ахлоқ"-и Ибни Абидунё с.83.р.249. Маҷмаъ-уз-завоид ҷ.3.с.59. "Ат-Тадвин фи ахбори Қазвин"-и Рофиӣ ҷ.1.с.303. ҷ.4.с.212. "Ҷомеъ-ус-сағир"-и Суютӣ ҷ.2.с.606.р.8718. Канз-ул-уммол ҷ.16.с.468.р.45487. Дур-ул-мансур ҷ.4.с.174 аз Ибни Абидунё ва Байҳақӣ аз Муҳаммад ибни Нӯъмон.

малоика зоири қабри ӯ хоҳанд буд".1

**عن أنس بن مالك قال قال رسول الله** صلى الله عليه) وآله (وسلم" **:إني كنت نهيتكم عن زيارة القبور فمن شاء أن يزور قبرا فليزره فإنه يرق القلب ويدمع العين ويذكر الآخرة."**

"Расули Худо **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам** фармуданд: Ба дурустӣ, ки ман шуморо аз зиёрати қабр манъ карда будам пас ҳар, ки бихоҳад қабреро зиёрат кунад пас зиёрат бикунад ба дурустӣ, ки зиёрати қабр қалбро нозук мекунад ва чашмро ашк мерезонад ва охиратро ба ёд меоварад".2

**«كنتُ نهيتكم عن زيارة القبور، ألا فزوروها فإنّها ترقّ القلوب، وتدمعُ العين وتذكّر الاخرة، ولا تقولوا هجراً.»**

Паёмбар **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам** фармуданд: "Аз зиёрати қубур шуморо манъ карда будам, огоҳ бошед, пас қабрро зиёрат кунед ба дурустӣ, ки зиёрати қабр қалбҳоро рақиқ ва ашкро резон ва охиратро ба ёд меоварад ва сухани беҳуда нагӯед."3

Ин ҳадисро Анас, Ибни Умар, Солим аз падараш аз Расули Худо **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам** ривоят кардаанд.

**قال رسول الله** صلى الله عليه وآله..." **:كنتُ نهيتكم عن زيارة القبور فزوروها فليزدكم زيارتها خيرا( فإنّها تزهّد في الدنيا وتذكر الاخرة)**

Паёмбар **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам** баъд аз зиёрати қабри модарашон фармуданд: "...Аз зиёрати қубур шуморо манъ карда будам, пас онро зиёрат кунед. Зиёрати қабр сабаби зиёдии хайр дар шумо мешавад (дар лафзи "Мусаннаф" ба дурустӣ, ки зиёрати қабр шуморо нисбат ба

---

1-"Зикру ахбори Исфаҳон"-и Ҳофиз Исфаҳонӣ ҷ.1.с.250. Канз-ул-уммол ҷ.16. с.479.р.45544 аз Ҳаким. "Файз-ул-қадир"-и Муновӣ ҷ.6.с.183.

2-"Мустадрак"-и Ҳоким ҷ.1.с.532.р.1393-1394. "Талхис-ул-ҳабир"-и Ибни Ҳаҷар ҷ.2.с.137. ҷ.5.с.147. Канз-ул-уммол ҷ.5.с.234.р.12728 аз Ибни Наҷҷор.

3-"Муснад"-и Аҳмад ҷ.3.с.237-250. "Муснад"-и Абияъло ҷ.6.с.372.р.3705 то 3707. Мӯъҷам-ул-кабир ҷ.12.с.247. Мустадрак ҷ.1.с.376-377. "Сунан-ул-кубро"-и Байҳақӣ ҷ.4.с.77. Маҷмаъ-уз-завоид ҷ.4.с.27.ҷ.5.с.65.

дунё зоҳид мекунад ва охиратро ба ёдатон меоварад)."1

Ин ҳадис аз Ибни Масъуд ва Бурайда ривоят шудааст.

«كنتُ نهيتكم عن زيارة القبور، فزوروا القبور فإنّها تزهّد في الدنيا وتذكر الاخرة.»

Дар лафзи дигар фармуданд:

"Аз зиёрати қубур шуморо манъ карда будам, пас қабрҳоро зиёрат кунед ба дурустӣ, ки зиёрати қабр шуморо нисбат ба дунё зоҳид мекунад ва охиратро ба ёд меоварад."2

Ин аҳодисро ба унвони намуна зикр кардем ва аз ин қабил аҳодис фаровон аст, вале мо танҳо ин аҳодисро ихтиёр кардем, чун ваҳҳобиҳо мегӯянд: Зиёрати қабр танҳо барои ба ёди қиёмат афтодан аст дар ҳоле, ки ин ривоёт мегӯянд: Зиёрати қабр зӯҳд, ашки чашм, риққати қабл низ ба бор меоварад. Дар ҳадиси собит ва мусаллам, ки ба он дар гузашта ишора шуд Паёмбар **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам** қабри модарашонро зиёрат карданд ва бо овози баланд гиря карданд ва ҳамаи саҳоба низ бо гиряи он ҳазрат ба гиря даромаданд:

"زار النبي صلى الله عليه وآله وسلم قبر امه فبكى وابكى من حوله."...

Паёмбар **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам** қабри модарашонро зиёрат карда гиря карданд ва атрофиёнашонро ба гиря даровcovarданд".3

Дар ҳадиси дигаре чунин омадааст:

" زار النبي صلى الله عليه وآله قبر امه في الف مقنع فلم ير باكيا اكثر من يومئذ."

Паёмбар **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам** қабри модарашонро дар ҷамъӣ ҳазор нафаре, ки сару сурати

---

1-Саҳеҳи Ибни Ҳаббон ҷ.3.с.261.ҷ12.с.212.р.5388. "Мусаннаф"-и Абдураззоқ ҷ.3. с.573.р.6714. "Муснад"-и Аҳмад ҷ.5.с.355. "Сунан-ул-кубро"-и Насоӣ ҷ.3.с.69. р.4519-5163. "Мустадрак"-и Ҳоким ҷ.1.с.376. Ҳоким ва Заҳабӣ санади ин ҳадисро саҳеҳ гуфтаанд.

2-"Сунан"-и Ибни Моҷа ҷ.1.с.501.р.1571. "Мустадрак"-и Ҳоким ҷ.1.с.375.

3-Саҳеҳи Бухорӣ ҷ.3с.65. Саҳеҳи Муслим ҷ.3.с.65. Саҳеҳи Ибни Ҳаббон ҷ.7.с.440. “Сунан-ул-кубро"-и Насоӣ ҷ.1.с.501.р.1572. “Сунан"-и Ибни Моҷа ҷ.2.с.78.р.3234. “Сунан"-и Абидовуд ҷ.1.с.654.р.2161 ва дигарон.

худро пӯшида буданд (фариштаҳо) зиёрат карданд, ки ҳеҷ рӯз монанди он рӯз он ҳазратро гирён надидем.1

Пас фалсафаи зиёрати қабр танҳо ба ёд оварандаи охират будани он нест, балки фоидаҳои зиёди дигаре, низ ҳамроҳ дорад.

Пас ин ахбори саҳеҳ ва мавриди иттифоқи мусулмонон, низ фаҳми ғалат ва ботили ваҳҳобиҳо аз ҳадиси " бори сафар баста намешавад магар бар се масҷид"-ро собит мекунад, чун агар зоир чанд қадам ҳам бо нияти зиёрати қабр роҳ биравад бинобар фаҳму фатвои ваҳҳобиҳо кори ҳаром кардааст дар ҳоле, ки ин аҳодис хеле равшан рафтан ба сӯи қабристон танҳо барои зиёрати қубурро мустаҳаб ва хеле писандида эълон мекунад. Пас ин фаҳму фатвоҳои ваҳҳобиҳо чӣ гуна бо ин гуна ахбори мутавотир созгорӣ хоҳад дошт. Оё Ислом ва шореи муқаддас ба ақидаи шумо таноқузгӯӣ кардааст!? Ва ё шумо аҳлияти фаҳми саҳеҳ ва истифодаи дуруст аз ахбори исломиро надоред? Ҳамчунин бояд диққат дошта бошем, ки малоика бинобар ҳадиси боло ба зиёрати қабри модари Паёмбар **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам** омаданд ва ҳамчунин қубури дигаронро низ зиёрат мекунанд. Оё кори лағву беҳуда анҷом медиҳанд?

## Ҷовози зиёрати қабр барои занҳо ва намоз дар назди қабр

**عن أنس بن مالك قال مر النبي** صلى الله عليه) وآله (وسلم **بامرأة تبكي عند قبر فقال اتقي الله واصبري قالت إليك عني فإنك لم تصب بمصيبتي ولم تعرفه فقيل لها إنه النبي** صلى الله عليه) وآله (وسلم **فأتت باب النبي** صلى الله عليه) وآله (وسلم **فلم تجد عنده بوابين فقالت لم أعرفك فقال إنما الصبر عند الصدمة الاولى .**

Анас мегӯяд: "Паёмбар **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам** ба

---

1-“Мустадрак"-и Ҳоким ҷ.1.с.375. "Комил"-и Ибни Адӣ ҷ.7.с.237. Ҳоким ва Заҳабӣ санади ин ҳадисро саҳеҳ гуфтаанд.

зане гузаштанд, ки дар сари қабр гиря мекард пас фармуданд: Тақво дошта бош ва сабр кун. Он зан гуфт: Аз ман дур шав мусибати ман ба ту нарасидааст, чун он ҳазратро нашнохта буд. Пас ба ӯ гуфта шуд, ки ин Паёмбар буданд. Пас он зан ба дари хонаи он ҳазрат омад дар ҳоле, ки дарбони назди он ҳазрат набуд пас гуфт: Ман шуморо нашнохтам. Ҳазрат фармуданд: Ба дурустӣ, ки сабр ба ҳангоми мусибат беҳтар аст".1

Дар шарҳи ин ҳадис Ибни Ҳаҷар ва Айинии ҳанафӣ ва дигарон гуфтаанд, ки сукути Расули Худо саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам аз зиёрати ин зан далолат бар ин мекунад, ки зиёрати қубур барои зинҳои ҷоиз мебошад.2

**عن عبد الله بن أبي مليكة ثم أن عائشة أقبلت ذات يوم من المقابر فقلت لها يا أم المؤمنين من أين أقبلت قالت من قبر أخي عبد الرحمن بن أبي بكر فقلت لها أليس كان رسول الله صلى الله عليه وسلم نهى عن زيارة القبور قالت نعم كان قد نهى ثم أمر بزيارتها.**

Абдуллоҳ мегӯяд: "Ба дурустӣ, ки Оиша он рӯз аз зиёрати қубур омад, пас ман ба ӯ гуфтам: Эй модари мӯъминон аз куҷо меоӣ? Гуфт: Аз зиёрати қабри бародарам Абдураҳмон, ба ӯ гуфтам: Магар Расули Худо **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳ** аз зиёрати қубур манъ накарда буд? Гуфт: Оре, ба таҳқиқ манъ карда буд баъд ба зиёрати қубур амр кард."3

**وعن عائشة في حديث طويل أنّ النبيّ صلى الله عليه وآله قال لها» :أتاني جبرئيل فقال :إنّ ربّك يأمرك أن تأتي أهل البقيع فتستغفر لهم «قالت :قلت :كيف أقول لهم يا رسول الله؟ قال : »قولي :السلام على أهل الديار من المؤمنين والمسلمين، ورحم الله المستقدمين منّا**

---

1-"Саҳеҳи Бухорӣ ҷ.2.с.79. Фатҳ-ул-борӣ ҷ.3.с.118 ва дигарон.

2-Фатҳ-ул-борӣ ҷ.3.с.118. Умдадул қорӣ ҷ.3.с.76 ба нақл аз "Аҳком-ул-ҷаноиз"-и Албонӣ с.184.

3-"Мусаннаф"-и Абдураззоқ ҷ.3.с.570.р.6710. "Муснад"-и Абӯяъло ҷ.8.с.284. р.4871. "Мустадрак"-и Ҳоким ҷ1.с.376. "Сунан"-и Байҳақӣ ҷ.4.с.78.р.6999. Фатҳ-ул-борӣ ҷ.3.с.118. "Исоба"-и Ибни Ҳаҷар ҷ.5.с.567.р.7733. "Ирвоъ-ул-ғалил"-и Албонӣ ҷ.3.с.233.р.775. Албонӣ мегӯяд: Санадаш саҳеҳ аст ва Насоӣ, Бусайрӣ ва Ҳофиз Ироқӣ, низ санади ин ҳадисро саҳеҳ гуфтаанд.

والمستأخرين وإنّا إن شاء الله بكم لاحقون.»

"Дар ҳадиси тӯлоние Расули Худо **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳ** ба Оиша фармуданд: Ҷабраил ба назди ман омаду гуфт: Ба дурустӣ, ки Парвардигорат туро амр мекунад, ки ба аҳли Бақиъ биравӣ ва барои онҳо талаби бахшиш кунӣ. Оиша гуфт: (Вақте ба зиёрати онҳо рафтам) Ба онҳо чӣ бояд бигӯям? Ҳазрат фармуданд: Бигӯ: Салом бар аҳли диёри мӯъминон ва муслимин Худованд раҳмат кунад касонеро, ки қабл аз мо рафтанд ва ҳам он касонеро, ки баъд аз мо хоҳанд рафт мо низ ҳатман иншоаллоҳ ба шумо хоҳем пайваст."[1] **عن أبي جعفر قال كانت فاطمة تأتي قبر حمزة ترمه وتصلحه".**

Имоми Боқир **алайҳис-салом** фармуданд: "Фотима **алайҳо салом** ҳамеша барои зиёрати қабри Ҳамза мерафт ва онро ислоҳ ва таъмир мекард."[2]

**"أن فاطمة بنت رسول الله** صلى الله عليه (وآله) وسلم **كانت تأتي قبر حمزة وكانت قد وضعت عليه علما لتعرفه".**

"Ба дурустӣ, ки Фотима духтари Расули Худо **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам** ҳамеша ба сари қабри Ҳамза меомад ва барои шинохтани он нишонае низ бар қабр гузошта буд".[3]

**عن جعفر بن محمد عن أبيه قال: "كانت فاطمة بنت رسول الله** صلى الله عليه وآله وسلم **تزور قبر حمزة كل جمعة".**

Имом Содиқ аз Имом Боқир **алайҳимо салом** фармудаанд: "Ҳамеша Фотима духтари Расули Худо **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам** дар рӯзҳои ҷумъа қабри Ҳамзаро зиёрат мекард".[4]

**علي بن الحسين حدثه عن أبيه: "أن فاطمة بنت النبي** صلى الله عليه وآله وسلم **كانت تزور**

---

1-"Саҳеҳи Муслим ҷ.3.с.64. "Сунан-ул-кубро"-и Насоӣ ҷ.1.с.656.р.2164. "Мусаннаф"-и Абдураззоқ ҷ.3.с.571.р.6712 ва дигарон.

2-"Табақот-ул-кубро"-и Ибни Саъд ҷ.3.саҳ.19.

3-"Мусаннаф"-и Абдураззоқ ҷ.3.с.574.р.6717.

4-"Мусаннаф"-и Абдураззоқ ҷ.3.с.572.р.6713. "Ат-Тамҳид"-и Ибни Абдулбар ҷ.3. с.234. санади ин ҳадис дар авҷи сиҳҳат аст.

قبر عمها حمزة بن عبد المطلب في الأيام فتصلي وتبكي عنده".

Имом Ҳусайн **салавотуллоҳи алайҳ** фармуданд: "Ба дурустӣ, ки ҳамеша Фотима **алайҳо салом** рӯзона қабри амакаш Ҳамзаро зиёрат мекард ва дар назди қабр намоз мехонд ва гиря мекард."[1]

قال أبو بكر وسمعت ابا عبد الله يعني أحمد بن حنبل يسئل عن المرأة تزور القبر فقال أرجو ان شاء الله أن لا يكون به بأس عائشة زارت قبر أخيها قال ولكن حديث ابن عباس ان النبي لعن زوارات القبور ثم قال هذا أبو صالح ماذا كأنه يضعفه ثم قال أرجو ان شاء الله عائشة زارت قبر أخيها".

Абӯбакр мегӯяд: "Шунидам Аҳмад ибни Ҳанбалро дар бораи зане, ки қабрро зиёрат мекунад, савол шуд, пас Аҳмад гуфт: Умедворам иншоаллоҳ ҳеҷ ишколе надошта бошад, Оиша қабри бародарашро зиёрат кард. Савол кунанда гуфт: Вале дар ҳадиси Ибни Аббос, Паёмбар **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам** занони зиёд зиёраткунандаи қабрро, лаънат кардаанд. Аҳмад гуфт: Ин Абӯсолеҳ, (ровии ин ҳадис) гӯё ӯро тазъиф мекард. Умедворам агар Худо бихоҳад (ишколе надорад), Оиша қабри бародарашро зиёрат кард."[2]

عن عبيد الله بن عبد الله قال: "رأيت اسامة بن زيد يصلى عند قبر رسول الله صلى الله عليه وآله فخرج مروان بن الحكم فقال تصلي الى قبره فقال اني احبه فقال له قولا قبيحا ثم ادبر وانصرف اسامة فقال: يا مروان انك آذيتني واني سمعت رسول الله صلى الله عليه وآله يقول: ان الله يبغض الفاحش والمتفحش وانك فاحش متفحش".

Убайдуллоҳ мегӯяд: "Усома ибни Зайдро дидам, ки дар назди қабри Расули Худо **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам** намоз мехонд, пас Марвон ибни Ҳакам хориҷ шуду гуфт: Ба тарафи қабри Паёмбар намоз мехонӣ? Усома гуфт: Ман ӯро

---

1-"Мустадрак"-и Ҳоким ҷ.1.с.533.р.1396.ҷ.3..с.30.р.4319. "Сунан-ул-кубро"-и Байҳақӣ ҷ.4.с.78. р.7000. "Талхис-ул-ҳабир"-и Ибни Ҳаҷар ҷ.2.с.137. Санади ин ҳадис саҳеҳ аст.

2-"Ат-Тамҳид"-и Ибни Абдилбар ҷ.3.с.234.

дӯст дорам. Пас Марвон сухани қабеҳ ва баде ба ӯ гуфт ва Усома аз ӯ рӯй гардонду баргашт дар ҳоле ки гуфт: Эй Марвон маро азият кардӣ ва ба дурустӣ, ки аз Паёмбар **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам** шунидам, ки мефармуданд: Ҳатман Худо шахси бад забони дашномдиҳандаро душман дорад ва ту бад забон ва дашномдиҳанда ҳастӣ."1

Манзур ин аст, ки агар дар ҳоли намоз рӯ ба қибла дар назди қабр намоз хонда шавад ва қабр, низ пеши рӯ қарор гирад ҳеҷ ишколе нахоҳад дошт.

Аз ин чанд далел истифода мешавад, ки зиёрати қабр барои занон, низ ҷоиз аст ва ҳадисе, ки дар манъи онҳо ворид шудааст мавриди қабули ҳатто Аҳмад ибни Ҳанбал қарор нагирифта ва бинобар таҳқиқи муҳаққиқон санадаш низ заиф аст. Худи Албонӣ низ бар заиф будани санади ҳадиси Ибни Аббос таъкид карда ва зиёрати қабр барои занҳоро, низ мустаҳаб дониста аст. 2

Агар зиёрат барои занҳо ҷоиз набуд Паёмбар **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам** ҳатман ба он зан тазаккур медоданд ва ҳамчунин сарвари замони олам ҳазрати Фотимаи Заҳро алайҳо салом он ҳам дар замони Расули Худо саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам ин гуна ба зиёрати қабр мадовимат намеварзид. Ҳамчунин Оиша аз иҷозаи Паёмбар бар умматонашон ин гуна фаҳмида, ки занон низ шомили ин иҷоза мешаванд ва ҳамчунин вақте Оиша аз он ҳазрат пурсид, ки ба аҳли қубур ҳангми зиёрат чӣ бигӯям? Ҳазрат ба ӯ таълим доданд, вале нафармуданд, ки ту зан ҳастӣ ва барои занҳо зиёрати қабр ҷоиз нест!. Пас бо ин далоил ва баён ҷоиз будани зиёрат барои занҳо хеле равшан ва собит хоҳад буд. Вале инҷо низ таноқузгӯии

---

1-Саҳеҳи Ибни Ҳаббон ҷ.12.с.506.р.5692. “Усд-ул-ғоба"-и Ибни Асир ҷ.1.с.66. “Ирвоъ-ул-ғалил"-и Албонӣ ҷ.7.с.209.р.2133. Албонӣ ҳамаи ровиёни ин ҳадисро сиқа гуфтааст.

2-"Аҳком-ул-ҷаноиз"-и Албонӣ саҳ.186.р.120.

ваҳобиҳо равшан аст ва чунон, ки ишора шуд Албонӣ дар «Аҳком-ул-ҷаноиз” зиёрати қубур барои занҳоро ҷоиз дониста, вале ваҳҳобиҳо имрӯз онро барои занҳо ҳаром медонанд.

### Ширки дигари ваҳҳобиҳо

Ваҳҳобиҳо вуҷуди қабр дар масҷидро, низ кори ҳаром ва ширк медонанд ва вайрон кардан он қабр ва берун кардани онро аз масҷид лозим медонанд. Муфтии бузургашон Ибни Боз дар ин бора чунин фатво додааст:

**س: هل تصح الصلاة في مسجد فيه قبر؟ ج: المساجد التي فيها قبور لا يصلي فيها، ويجب ان تنبش القبور وينقل رفاتها إلى المقابر العامة، كل قبر في حفرة خاصة كسائر القبور ولا يجوز أن يبقى فيها قبور لا قبر ولي ولا غيره، لأن الرسول نهى وحذر من ذلك ولعن اليهود والنصارى على عملهم ذلك.**

Аз Ибни Боз савол шуд: Оё намоз хондан дар масҷиде, ки дар он қабр вуҷуд дорад дуруст аст?

Ӯ ҷавоб дод: "Масҷиде, ки дар он қубур аст дар он намоз хонда намешавад ва воҷиб аст, ки он қабрҳо кофта ва ба қабристони оммаи мардум мунтақил шавад. Ҷоиз нест, ки дар масҷид қабрҳо боқӣ монад, на қабри валӣ ва на ғайраш, чун Паёмбар аз он манъ кард ва бар ҳазар дошт ва яҳуду насороро ба хотири ин амалашон лаънат кард".1

Ибни Боз дар фатвои дигараш мегӯяд:

Бино сохтан бар қубур ҷоиз нест, на масҷид ва на ғайри масҷид ва ба дурустӣ, ки ин кор аз ҳаромҳои бузург ва аз василаҳои ширк мебошад...Пас агар ин кор шуда бошад бар волиён воҷиб аст, ки онро вайрон кунанд, то болои қабр масҷиде боқӣ намонад".2

Саййид Юсуф Рафоӣ мегӯяд: "...Дар китоби "ҷаноиз"-и

---

1-"Фатово"-и Ибни Боз ҷ.5.с.388.

2-Фатово"-и Ибни Боз ҷавоби саволи 116.

Албонӣ хонда, ки гуфтааст: Ман дар ҳарами Паёмбар намоз намехонам, чун дар он, қабри ӯ аст ва баровардани қабри Паёмбар аз ҳарам воҷиб аст ".[1]

Ба ин масъала ишора мекунем, то равшантар шавад, ки ваҳҳобиҳо ба хотири нафаҳмидани паёми аҳодиси исломӣ ба роҳатӣ бо Худо ва Паёмбар низ мухолифат мекунанд ва он чизеро, ки Худо ва Паёмбараш дар тӯли таърих таъйид кардаанд, ширк медонанд.

Ваҳҳобиҳо ҳарами қабристони бақеъро ба хотири ин эътиқоду бардоштҳои ғалат, вайрон карданд ва мехостанд қабри шарифи Расули Худо **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам**-ро, низ вайрон кунанд, вале мусулмонон нагзоштанд.

Пас агар диққат кунем равшан мешавад, ки ваҳҳобиҳо, ки дар ҳама суханонашон равишу амали саҳоба ва тобеинро дастак қарор медиҳанд ин ҷо низ ҳамаи онҳоро муттаҳам ба ширк мекунанд. Оре, ин ки қабри Паёмбар **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам** дохили масҷиди он ҳазрат қарор гирифта ва он аз ҳамон замони саҳоба буда ва худи саҳоба ин корро анҷом додаанд, хеле равшан ва собит аст.

Масоҷиди фаровон дар олами Ислом вуҷуд дорад, ки қубури бузургони дин дохили он дафн шудааст, вале мо танҳо ба ин ки дар дохили хонаи Худо Каъбаи мукаррама қабрҳои анбиё воқеъ шудааст ишора мекунем, то ҳақҷӯён бештар ва беҳтар бо ваҳҳобиҳои бузургвор ва ин ислоҳкунандагони бо фаҳм ошно шаванд.

Қуртубӣ аз Паёмбар **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам** ривоят карда, ки фармуданд: ...Нӯҳ, Ҳуд ва Солеҳ дар Макка мурданд ва қубуршон байни замзам ва ҳаҷар мебошад".[2]

Ибни Ҷариҷ аз Каъб ривоят кардааст, ки: Исмоил **алайҳис-**

---

1-Насиҳатӣ ило уламои Наҷад"-и Рафоӣ. Ба нақл аз "Алфа суол ва ишкол" с.73.

2-Тафсири Қуртубӣ ҷ.2.с.130. "Мӯъҷам-ул-булдон"-и Ҳамавӣ ҷ.2.с.221.

**салом** байни замзам ва рукну мақом дафн шудааст.[1]

Ибни Саъд бо ду санад ривоят карда: "Исмоил ҳамроҳи модараш дар (наздики) ҳаҷар дафн шудааст". Табақот-ул-кубро ҷ.1.с.52-53

Ибни Ҳаббон аз Ибни Зубайр ва Қуртубӣ аз Ибни Аббос ва Мунавӣ аз Оиша, низ ривоят кардаанд, ки қабри ҳазрати Исмоил **алайҳис-салом** он ҷост.[2]

Ибни Асокир бо ду санад аз Ибни Аббос ривоят карда, ки қабри Исмоил ва Шуайб дар масҷидулҳаром аст.[3]

Табарӣ мегӯяд: "Исмоил 137 сол умр карда ва дар назди ҳаҷар назди қабри модараш дафн шудааст".[4]

Абдуллоҳ ибни Зумра ва Ибни Асбот гуфтаанд: Байни рукну мақом то замзам қабри 90 ё 70 нафар аз паёмбарон воқеъ шудааст...".[5]

Пас ваҳҳобиҳо кай мехоҳанд ин хатои Худо ва паёмбарони илоҳиро ҷуброн ва ислоҳ кунанд. Ҳам чунин ин ҳама намози тавофи уммати исломӣ аз замони Паёмбар **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам** бинобар ин ақидаи ваҳҳобиҳо чӣ хоҳад шуд! Ва кай ваҳҳобиҳо ин қабрҳои паёмбарон ва қабри Ҳоҷарро аз дохили масҷид ба ҷои дигар мекӯчонанд, то намози мусулмонон дуруст шавад ва мусулмонон аз ширку мушрикие, ки Худо ва анбиё низ аз ширк будани он бе хабар мондаанд бо кӯмаки онҳо наҷот пайдо кунанд!

Саҳобае, ки дар он замон ҳузур доштанд ва ҳамаи тобеин бо иттифоқ шоҳиди дар дохили масҷид қарор гирифтани қабри Паёмбар **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам** буданд ва сукут ихтиёр карданду чизе ҳам нагуфтанд, пас

---

1-"Мусаннаф"-и Ибни Абишайба ҷ.5.с.120.р.9128. Ҷомеъ-ус-сағир"-и Суютӣ ҷ.1.с.356.

2-Ас-Сиқот"-и Ибни Ҳаббон ҷ.4.с.284.

3-Таърихи Ибни Асокир ҷ.23.с.79.

4-Тафсири Табарӣ ҷ.1.с.221. Ҳошияи раддул мӯҳтор"-и Ибни Обидин ҷ.2. с.546.

5-"Мусаннаф"-и Ибни Абишайба ҷ.5.с.120.р.9129. Тафсири Қуртубӣ ҷ.2.с.130. “Муғнӣ-ул-мӯҳтоҷ"-и Шарбинӣ ҷ.1.с.484.

ҳамаи онҳо бояд бинобар ақидаи ваҳҳобиҳо мушрик шуда бошанд! Ваҳҳобиҳо чӣ мехоҳанд дар ин маврид бигӯянд?

**Сухани охир дар бораи тавассул**

Дар охир ба ин сухани ҷомеи Заҳабӣ ишора мекунем ва дар гузашта низ ишора шуд, ки Заҳабӣ раъйу назари Ибни Таймияро монанди раъйу назари Хаворич муаррифӣ кард ва дар ин ҷо низ ӯ мухолифати худро бо Ибни Таймия ва каҷравиҳои ӯ ин гуна баён мекунад:

**"فمن وقف عند الحجرة المقدسة ذليلا مسلما، مصليا على نبيه، فيا طوبى له، فقد أحسن الزيارة، وأجمل في التذلل والحب، وقد أتى بعبادة زائدة على من صلى عليه في أرضه أو في صلاته، إذ الزائر له أجر الزيارة وأجر الصلاة عليه، والمصلي عليه في سائر البلاد له أجر الصلاة فقط .فمن صلى عليه واحدة صلى الله عليه عشرا، ولكن من زاره صلوات الله عليه وأساء أدب الزيارة، أو سجد للقبر أو فعل ما لايشرع، فهذا فعل حسنا وسيئا فيعلم برفق، والله غفور رحيم، فوالله ما يحصل الانزعاج لمسلم، والصياح وتقبيل الجدران، وكثرة البكاء، إلا وهو محب لله ولرسوله، فحبه المعيار والفارق بين أهل الجنة وأهل النار، فزيارة قبره من أفضل القرب، وشد الرحال إلى قبور الانبياء والاولياء، لئن سلمنا أنه غير مأذون فيه لعموم قوله صلوات الله عليه" :لا تشدوا الرحال إلا إلى ثلاثة مساجد "فشد الرحال إلى نبينا صلى الله عليه وسلم مستلزم لشد الرحل إلى مسجده، وذلك مشروع بلا نزاع، إذ لا وصول إلى حجرته إلا بعد الدخول إلى مسجده، فليبدأ بتحية المسجد، ثم بتحية صاحب المسجد، رزقنا الله وإياكم ذلك آمين ."**

Пас ҳар, ки назди ҳуҷраи муқаддас (назди қабри Паёмбар **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам**) бо хорӣ ва таслим биистад ва ба ӯ салавот бифристад, пас хушо ба ҳоли ӯ ҳатман хуб зиёратро анҷом дода ва хориву муҳаббатро хеле зебо ба ҷл оварда ва аз он касе, ки дар сарзамини худаш ё дар намозаш ба он ҳазрат дуруд мефиристад, ибодати изофӣ ба ҷо оварда аст. Чун барои зоир ҳам аҷри зиёрат аст ва ҳам аҷри салавот вале дурудфиристанда ба ба он ҳазрат аз дигар шаҳрҳо, танҳо аҷри салавот дорад. Пас ҳар, ки бар

он ҳазрат як бор салавот фиристад Худованд барояш даҳ мартаба салавот мефиристад (ҳадиси машҳурест), вале ҳар ки он ҳазратро зиёрат кунад (салавоти Худо бар ӯ бод) ва беадабӣ кунад ё бар қабр саҷда кунад ё кори номашрӯъе бикунад, пас ӯ амали хубу бадро бо ҳам анҷом додааст, пас бо рифқ бархӯрд мешавад ва Худо бахшандаву меҳрубон аст. Пас барои Худо ҳосил намешавад ба мусулмон бӯсидани деворҳои (ҳуҷра) ва гиряи зиёд, магар ба хотири муҳаббати ба Худо ва ба Паёмбараш ва ҳуббаш асл ва ҷудокунандаи байни аҳли биҳишт ва аҳли дӯзах аст. Пас зиёрати қабраш аз беҳтарин василаҳои тақарруб ҷустан аст. Бори сафар бастан ба сӯи қабри паёмбарон ва авлиё агар ҳам бипазирем, ки ба хотири умуми сухани Паёмбар **салавотуллоҳи алайҳи (ва олиҳ) ва саллам** "бори сафар баста намешавад магар ба сӯи се масҷид" иҷоза ба он дода нашуда аст, вале бори сафар бастан ба сӯи Паёмбарамон **саллаллоҳу алайҳи (ва олиҳи) ва саллам** мусталзими бори сафар бастан ба сӯи масҷиди он ҳазрат аст ва он беҳеҷ ихтилофе машрӯъ аст, чун намешавад ба ҳуҷраи (қабри) он ҳазрат расид, магар баъд аз дохил шудан ба масҷидаш, пас бо таҳиёти масҷид сар мекунад, сипас ба таҳияти соҳиби масҷид. Худо бар ману шумо онро насиб гардонад, омин. 1

**Муҳаққиқи китоб, ки ваҳҳобӣ аст мегӯяд: Ин суханро Заҳабӣ бар радди шайхаш Ибни Таймия гуфтааст**.

Дар ин китоб мушоҳида кардем, ки фаровон Заҳабӣ дар бораи тавассул ва истиғоса ва талаби борон ба василаи аҳли қубур ахбор нақл карда ва худ низ аз онҳо ҳимоят кардааст ва ҳамчунин Ибни Ҳаҷар. Диққат дошта бошед, ки ин ду олими бузурги аҳли суннат тавассул ва истиғосаро бешак ҷоиз донистаанд ва он аз ривоёту ахборе, ки дар китобҳояшон нақл кардаанд, низ собит мешавад. Ва ин ду

---

1-"Сияру аълом-ун-нубало"-и Заҳабӣ ҷ.4.с.484.

аз дараҷаи волое аз илму маърифат дар мактаби аҳли суннат бархӯрдоранд, ки ҳаргиз ваҳҳобиҳо наметавонанд онҳоро муттаҳам ба ҳасад ё кинатузӣ ё ҷаҳлу нодонӣ кунанд. Пас инҳо, ки мавриди эҳтирому ситоиши ваҳҳобиҳо ҳастанд, ҳам тавассул ва ҳам истиғоса ва ҳар чизеро, ки ваҳҳобиҳо бо бақияи мусулмонон дар он мухолифат кардаандро машрӯъ медонанд. Пас агар ваҳҳобиҳо дар ақидаашон ростгӯ ҳастанд, чаро ин ду нафарро бо равшанӣ мушрик муаррифӣ намекунанд ва чаро аз китобҳои онҳо, ки ба ақидаи онҳо мушрик ҳастанд истифода мекунанд ва аз онҳо мадҳу ситоиш мекунанд!? Ин гуна саволҳо зиёд аст ва ин ҳама далолат мекунад, ки инҳо худашон низ бар ботил будани ақидаи худ илму бовар доранд, вале худхоҳӣ намегузорад аз он даст бардоранд.

Дар охир ба ин матлаби муҳим ишора мекунем, ки: Бар фарзе, ки мо ин сухани ваҳҳобиҳоро қабул кунем, ки гузаштагон наметавонанд хостаи моро анҷом бидиҳанд, боз ҳам хостани аз онҳо ҳеҷ гуна робитае бо ширк нахоҳад дошт ва ҳадди аксар ин мешавад, ки анҷомдиҳандаи он кори лағву беҳудае анҷом додааст, ки бояд хонандаи азиз дар ин бора низ диққат дошта бошанд. Инсонҳо дар тӯли ҳаёти худ фаровон корҳои лағву беҳуда анҷом медиҳанд ва касе ҳам то ба ҳол ба хотири анҷоми кори беҳуда касеро муттаҳам ба ширк накарда аст. Агар фарз шавад, ки ин кор лағв аст, ки ҳаргиз лағв ҳам нест, ба монанди даҳҳо кори лағве хоҳад буд, ки ҳар кадом аз ваҳҳобиҳо дар ҳар шабонарӯз ҳатто танҳо дар намозашон анҷом медиҳанд. Чун ҳамон гуна, ки ишора шуд ваҳҳобиҳо, ки мӯътақид ҳастанд мурда намешунавад, ба монанди ҳамаи мазоҳиби исломӣ дар намозҳояшон бо сиғаи хитоб ба Паёмбар **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам** салом медиҳанд, пас вақте он ҳазрат ин саломро намешунида бошанд ин кори онҳо кори лағве хоҳад буд, ки дар рӯз чандин мартаба онро такрор мекунанд...

## Нуктаи муҳим дар ошноӣ бо ваҳҳобият

Чунон, ки ошно шудем аввалан бо эътирофи худи раҳбарони ваҳҳобӣ баҳси тавассул як баҳси фиқҳӣ аст сониян дар ҷавози тавассул танҳо ваҳҳобиҳо ҳастанд, ки бо уммати исломӣ мухолифат кардаанд ва уммати исломӣ дар ҷоиз будани он иттифоқ дошта ва доранд, вале бо вуҷуди ин ки тавассул як масъалаи фиқҳӣ аст, боз ваҳҳобиҳо уммати исломиро ба хотири амали ба он мушрик мешуморанд. Агар воқеан мунсифона доварӣ шавад ҳар инсони воқеъбин ва воқеъҷӯ баъд аз ошноӣ бо ин ҳама оёт ва ривоёте, ки далолат бар ҷоиз будани тавассул мекунанд ва амали салаф ва бузургони дин ба он роҳатӣ метавонад ба ин натиҷа бирасад, ки ваҳҳобиҳо аҳлияти фаҳми ахбор ва дарки паёми воқеии онро надоранд ва дар воқеъ пайрави ҳаво ва худхоҳиҳо мебошанд.

Барои ин ки ин воқеият собит ва равшан шавад мехоҳем ба ин нуктаи муҳим ишора кунем, ки раҳбарони ваҳҳобият ҳатто байни худашон дар масоили муҳимми эътиқодӣ ихтилоф кардаанд, ки бо ошноӣ бо онҳо хонандаи азиз метавонанд бештар бо пайрави ҳаво будани ин бузургворон ошно шаванд ва ҳам чунин вақте ҳамаи уммати исломиро ба хотири як масъалаи фиқҳӣ кофир мешуморанд, бояд ба тариқи авло худашонро, ки ҳатто дар масоили муҳимми эътиқодӣ бо ҳам ихтилоф намудаанд, такфир намоянд.

Ҳасан ибни Алии Саққофи шофеӣ, ки дар гузашта низ баъзе китобҳои ӯ муаррифӣ шуд китобе навишта ба номи **“Ал-Башорату вал иттиҳоф”** ва дар он мухолифатҳои Албонӣ бо Ибни Таймия ва Ибни Қайюмро дар бисёре аз масъалаҳои муҳимми эътиқодӣ ва баъзе масоили фаръӣ ҷамъовари ва муфассал баён карда, ки мо ба баъзеи онҳо танҳо ишора мекунем, то касоне, ки бо ин мактаб ва

воқеияти онҳо ошноӣ надоранд, бештар ошно гарданд.

## Ихтилофот дар масоили эътиқодӣ

1-Ибни Таймия оламро қадим донистааст. (яъне оламро Худованд халқ накарда ва олам ба худии худ аз қадим вуҷуд доштааст).[1] Ибни Таймия ба хотири собит кардани ин фаҳм ва ақидаи ботилаш ҳадиси саҳеҳеро хоста тазъиф кунад, ки дар он Паёмбар **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам** фармудаанд: **"Худованд буд он мавқее, ки ҳеҷ чизе ҳамроҳи ӯ набуд"** ё **"чизе ғайр аз ӯ набуд**[2] Албонӣ дар ду китоб худ "Аҳодиси саҳеҳа" ҷ.1.с.208 ва "Шарҳи ақидаи таҳовия» с.35 бар Ибни Таймия рад навишта ва таманно карда, ки эй кош Ибни Таймия вориди ин баҳс намешуд ва ин суханро намегуфт.

2-Фанопазирии ҷаҳаннам. Ибни Таймия мегӯяд: Оташи ҷаҳаннам фано мепазирад. (Яъне ҷаҳаннам ба охир мерасад ва ҷаҳаннамиён аз он хориҷ мешавад).

Албонӣ мегӯяд: Имом Санаонӣ радди хеле хубе бар Ибни Таймия ва Ибни Қайюм дар ин масъала навишта ва ман низ дар китоби "Силсила аҳодиси заифа"-ам ҷ.2.с.71-75 бар онҳо дар ин масъала рад навиштам.

Вале ҷолиб ин ҷост, ки Саққоф мегӯяд: Аз чизҳои аҷиб ва ғариб ин ки шахсе ба номи Абдулкарим Солеҳ Ҳамид аз уламои ваҳҳобии муосир радде бар Албонӣ дар дифоъ аз Ибни Таймия ва Ибни Қайюм навишта ба номи «Ал-Қавлул мухтор либаёни фаноин-нор", ки дар Риёз чоп

---

1-Саққоф ин матлабро аз чандин китоби Ибни Таймия нақл карда ва Ибни Ҳаҷар низ ба он ишора мекунад ва баъд мегӯяд: Ин аз зишттарин масъалаҳое аст, ки ба Ибни Таймия нисбат дода шудааст. Фатҳ-ул-борӣ шарҳи Саҳеҳи Бухорӣ ҷ.13.с.346.

2-Саҳеҳи Бухорӣ ҷ.4.с.73. Саҳеҳи Ибни Ҳаббон ҷ.14.с.11. Сунани Насоӣ ҷ.6.с.363. р.11240. Тафсири Табарӣ ҷ.12. с.8. "Китоб-ул-арш"-и Ибни Абишайба с.51. Фатҳ-ул-борӣ ҷ.13.с.346. Мустадраки Ҳоким ҷ.2.с.341. Ин ҳадисро Бурайда ва Имрон ривоят кардаанд.

шудааст ва дар он гуфта, ки Албонӣ сухане дар мавриди Ибни Таймия ва Ибни Қайюм гуфта, ки наметавон сабр кард ва онҳоро пайрави ҳавою ҳавас ва бидъатгузор хонда ва...Ин нависанда гуфта, ки сухани он ду саҳеҳ буда ва онҳо бо ин суханонашон аз Ислом дифоъ кардаанд ва...

Баъд аз ӯ як олими ваҳҳобии дигар, устоди Уммул қурои Макка китобе ба номи "Кашфул астор лиибтоли иддаои фаноин-нор"-ро бар рад ӯ ва исботи назар Албонӣ навишта, вале саъй карда собит кунад, ки Ибни Таймия низ ин суханро нагуфта дар ҳоле, ки дар китобҳои Ибни Таймия ин эътиқод аз ӯ собит аст ҳамон гуна, ки Албонӣ низ эътироф кардааст.

Дар ҳоле, ки Худованд дар Қуръони Карим фаровон ба куффору мунофиқин ва мушрикин ваъдаи холид мондан дар ҷаҳаннамро дода, ки барои ошноӣ ба сураҳои зер мурочиа фармоед: Бақара-60, Оли Имрон-88, Нисо 14-93-169, Анъом-128, Тавба-63-68, Ҳуд-107, Наҳл-29, Аҳзоб-65, Зумар-72, Ғофир-76, Ҳашр 17, Тағобун-10 Ҷин-23 Баййина-6.

Бо вуҷуди мухолифати Ибни Таймия бо ин ҳама оёт боз ваҳҳобиҳо ҳатто дар ин мавзӯъ дар дифоъ аз ӯ китоб менависанд, чи расад ба тавассул ва истиғоса!

3-Ибни Таймия мегӯяд: Агар Худо бихоҳад дар пушти буз низ метавонад мустақар шавад чи расад бар Арш.[1]

Албонӣ дар муқаддимаи "Мухтасарул улув" мегӯяд: Лозимаи ин сухан ин аст, ки Худо дар Аршаш нишаста аст (ваҳҳобиҳо низ имрӯза ин эътиқодро доранд), ки чунин эътиқод ва нисбати он ба Худо ҷоиз намебошад.

4-Ибни Таймия мегӯяд: Дар боло будани Худованд ҳақиқӣ аст ва ҳамроҳ буданаш бо илмаш аст. Ва Албонӣ мегӯяд: Ин ақидаи Муаттала аст, балки баъзеҳо ба равшанӣ баён кардаанд, ки Худованд зотан дар ҳама ҷо ҳозир аст.

---

1-Баёни талбиси ҷаҳамия"-и Ибни Таймия ҷ.1.с.568.

5-Ибни Таймия мегӯяд: Худованд ҷисм аст на монанди ҷисмҳои дигарон[1] ва суханони дигар.

Албонӣ дар зимни суханони тӯлонӣ мегӯяд: Чӣ қадар хуб гуфта шуда, ки: **Муаттала ҳеҷ ва нестиро мепарастанд ва Муҷассама (касоне, ки Худоро ҷисм медонанд) бутро мепарастанд.**[2] (Пас ба ақидаи Албонӣ Ибни Таймия ва ваххобиҳо бутпараст ҳастанд).

6-Ибни Таймия мегӯяд: Мазҳаби имомони аҳли суннат ва аҳли ҳадис аз мутақаддимин ва мутааххирин ин аст, ки Худованд ҳаракат мекунад.[3]

Албонӣ дар «Мухтасарул улув" с.16 ин сухани Кавсариро бо иқрор ба он нақл мекунад, ки гуфтааст: Дар мавриди Худованд чизҳое мегӯянд, ки на Ислом гуфта ва на ақл, монанди исботи ҳаракат ва мунтақил шудан ва ҳад ва ҷиҳат ва дар боло будан ва нишастан.

7-Ибни Таймия мегӯяд: Ҳамаи ин ва он чӣ монанди онҳо аст шавоҳид ва далоил бар дорои "Ҳад" (дорои қаду қомат ва ҷисм) будани Худо аст ва ҳар, ки ба он эътироф накунад ба Қуръон куфр варзида ва бо оёти он мухолифат кардааст.[4]

Заҳабӣ мегӯяд: Худо бартар ва волотар аз ин аст, ки ӯро дорои "Ҳад" бидонем ва ба чизе васф шавад магар чизе, ки худаш васф карда ва Паёмбар маънои онро таълим дод бидуни мисл ва кайф (чигунагӣ ва шакл) ки Худованд мефармояд: *Лайса камислиҳи шайъун.*[5]

Саққоф мегӯяд: Он чи аз шогирдони Албонӣ ба мо расида ин аст, ки ӯ низ дар ин масъала монанди Заҳабӣ

---

1-Баёни талбиси ҷаҳамия"-и Ибни Таймия. "Нақзу асосут-тақдис"-и Ибни Таймия ҷ.1.с.100-101-109.

2-Шарҳи ақидаи таҳовия с.28.

3-"Мувофиқату саҳеҳул манқул *лисареҳил маъқул*"-и Ибни Таймия дар ҳошияи «Минҳоҷ-ус-сунна"-и Ибни Таймия ҷ.2.с.4.

4-"Мувофиқату саҳеҳул манқул *лисареҳил маъқул*"-и Ибни Таймия дар ҳошияи «Минҳоҷ-ус-сунна"-и Ибни Таймия ҷ.2.с.29.

5-"Сияру аълом-ун-нубало»-и Заҳабӣ ҷ.16.с.97.

мункири "ҳад" доштани Худованд будааст.

**Ихтилоф дар фурӯъ**:

1-Ибни Таймия мегӯяд: Шумурдани тасбеҳот бо ангуштон суннат аст... ва шумурдани он бо сангреза ва амсоли он (бо тасбеҳот дар замони мо) хуб аст ҳамсарони Паёмбар онро мекарданд ва ҳазрат низ иқрор намуданд ва баъзе аз саҳоба низ бо сангреза тасбеҳро мешумурданд.[1]

Вале Албонӣ тасбеҳ гуфтан бо сангрезаро (бо тасбеҳотро дар замони мо) бидъати мункар ва пайравӣ аз ҳаво донистааст.[2]

Мо танҳо баъзе аз мавbooридро аз ин китоб ба унвони намуна зикр кардем ва Албонӣ дар мавриди ҳамсарони паёмбарон ва модарони мӯъминин (ҳамсарони Расули Худо **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам**) сухани зиште гуфта, ки мо натавонистем онро ин ҷо зикр кунем ва баъзе уламои дигари ваҳҳобӣ бар ӯ дар ин маврид рад навиштаанд.

Ва ҳамчунин Саққоф аз яке аз уламои ваҳҳобӣ китоберо ном бурда, ки дар ҳаром будани ғазо хӯрдан бо қошуқ таълиф кардааст. Ҳар чӣ мо дар ин бахш аз суханони Ибни Таймия ва Албонӣ зикр кардем аз ҳамин китоби Саққоф аст, вале барои ин ки хонандагон ошно бишаванд китобҳоеро, ки Саққоф аз он ин мутолибро зикр карда дар баъзе маворид ном бурдем.

Ин китоби Саққоф ва китобҳои дигари ӯ ҷолиб ва хонданӣ аст ва ӯ дар охири китоб достонҳоеро зикр мекунад, ки дар он Албонӣ ва баъзеи дигар аз уламои ваҳҳобӣ якдигарро ба дунёталабӣ ва нисбат кизб додан ба Худованд ва...ба хотири чопи баъзе китобҳои якдигар бидуни ризояти дигарӣ ва ба ҷаҳлу нодонӣ муттаҳам кардаанд, ки ин ҳама далолат бар мизони фаҳм ва

---

1-"Ал-Фатовол-кубро"-и Ибни Таймия ҷ.22.с.506.

2-"Аҳодиси заифаи Албонӣ ҷ.1.с.110-117-184-193.

маърифат ва имони инҳо мекунад. Ва чун мардуми ҷомеаи мо ба хусус ҷавононе, ки бидуни огоҳӣ фиреби суханони дурӯғи ваҳҳобиҳоро мехӯранд ин намунаҳоро ба хотири оншоии онҳо зикр кардем.

Оре, ҳар кадом аз ин ақоид ва гуфтори онҳо ва мухолифатҳои онҳо бо Қуръон ва аҳодис ва иттифоқоти уммати исломӣ қобили тааммул ва фикру пандгирӣ барои инсонҳои бо хирад мебошад. Худхоҳӣ ва пайравӣ накардан аз улгуҳои исломӣ ва ин ки ҳар, ки худро имом ва раҳбари худ ва дигарон бидонад ва аз раҳбарони воқеие, ки Ислом муаррифӣ карда бо баҳонаҳои илҳомшуда аз шайтон, итоат нашавад ин гуна мухолифатҳо бо осори исломӣ ба вуҷуд хоҳад омад ва ин гуна мусалламоти Ислом ба бозӣ гирифта хоҳад шуд. Ин баъзе намунаҳои хеле каме аз аҷоибу ғароиботи ақоиди ваҳобиёни бузургвор аст, ки мо ишора намудем ва дар китобҳои уламои исломӣ муфассал дар ин маворид баҳс шуда, ки баъзе аз ин эътиқодотро уммати исломӣ бо иттифоқ куфр ва ширк ҳам медонанд. Фикру доварӣ дар мавриди ин ахбор ва амсоли он ки фаровон аст, бар ӯҳдаи худи хонандагони мӯҳтарам мебошад. Иншоаллоҳ ин ахбор роҳкушое бошад барои ошноӣ ва таҳқиқи ҳақхоҳон аз воқеияти ақоиди ваҳҳобият.

Ҳам чунин барои касоне, ки фиреби дурӯғҳои ваҳҳобиҳоро мехӯранд мерасонем, ки дар ҳадиси мутавотире чунин ривоят шуда, ки Расули Худо **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам** фармуданд:

**لا يزال طائفة من امتي ظاهرين على الحق لا يضرهم من خذلهم حتى يأتي امر الله وهم كذلك".**

«Ҳамеша тоифае аз умматам дар роҳи ҳақ хоҳанд буд ва хор кардани дигарон бар онҳо зараре нахоҳад расонд, то ин

ки амри Худованд (қиёмат) фаро расад.[1]

Ин ҳадис аз Умар ибни Хаттоб, Ҷобир, Абуимома, Имрон, Савбон, Зайд ибни Арқам, Саъд, Мутриф, Абӯсаид, Абӯҳурайра, Қуррат ибни Аёс, Уқба, Муғайра, Муовия ва дигарон ривоят шудааст.

Ин ҳадис хеле ҳадиси ҷолиб ва ҷои фикру андеша дар бораи он аст. Мо намехоҳем дар мавриди ин ки ин тоифа чӣ гурӯҳе ҳастанд назар бидиҳем, вале агар мунсифона ва дур аз таассуб доварӣ бикунем ваҳобиҳои бузургвор ба ҳеҷ ваҷҳ наметавонанд ҷузъи ин тоифа бошанд, ки ин худаш баҳси хеле муфассал металабад, вале бо дар назар гирифтани ақоиди уммати исломӣ ва ақоиди ваҳҳобиҳо дар мавриди тавҳид ва сифоти Худованд, фанои ҷаҳаннам, қадим будани олам, тавассул ва истиғоса, зиёрати қабри Паёмбар **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам** ва хеле чизҳои дигар, ки ба баъзеи онҳо дар гузашта ишора шуд метавон ба роҳатӣ ба ин воқеият расид. Ва мо доварӣ дар ин мавридро бар ӯҳдаи худи хонандагон мегузорем.

## Хулосаи баҳс

Ҳамон гуна, ки собит шуд Расули Худо **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам** дар олами барзах низ аз аҳволи мо огоҳ ҳастанд, сухани моро мешунаванд ва метавонанд ҷавоби моро бидиҳанд. Пас бинобар ин ҳамон гуна, ки хостани чизе аз он ҳазрат дар ҳоли ҳаёташон ишкол надорад, баъд аз ҳаёти дунявӣ низ, ҳеҷ ишколе нахоҳад дошт. Дар ҳадисе ворид шуда, ки Анас ибни Молик мегӯяд:

**عن أنس قال :سألت النبي»**صلى الله عليه وآله وسلم **«أن يشفع لي يوم القيامة، فقال :أنا**

1-"Саҳеҳи Бухорӣ ҷ.8.с.149. Саҳеҳи Муслим ҷ.1.ч.с.95.ҷ.6.с.52-53. Муснади Аҳмад ҷ.3.с.345-384-436.ҷ.4.с.97-101-369-429-437.ҷ.5.с.34-269-278-279. Саҳеҳи Ибни Ҳаббон ҷ.1.с.261.ҷ.15.с.110-231.ҷ.16.с.221. Канз-ул-уммол ҷ.12.с.164.р.34494 то 34505 ва 34554 то 34565 ва дигарон.

**فاعل، قال :قلت يا رسول اللّه فأين أطلبك؟ فقال :اطلبني أوّل ما تطلبني على الصراط .قال قلت فإن لم ألقاك على الصراط قال فاطلبنى ثم الميزان قلت فإن لم ألقك ثم الميزان قال فاطلبني ثم الحوض فإني لا أخطىء هذه الثلاث .**

Анас мегӯяд: «Аз Паёмбар **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам** хостам, ки маро дар рӯзи қиёмат шафоат кунанд. Ҳазрат фармуданд: Ман шафоат хоҳам кард. Анас гуфт: Ман шуморо дар куҷо пайдо мекунад? Фармуданд: “Дар пули сирот. Анас гуфт: Агар дар он ҷо бо шумо барнахӯрдам? Фармуданд: Дар назди мизон маро биҷӯ. Гуфам: Агар он ҷо ҳам бо шумо бархӯрд накардам? Фармуданд: Назди ҳавзи Кавсар маро биҷӯ ва ман дар яке аз ин се ҷо хоҳам буд.”1

Вале мо мебинем ба хотири зоҳири ояти шафоат ваҳҳобиҳо мегӯянд: Бояд шафоат аз Худо хоста шавад на аз Паёмбар. Агар фаҳми онҳо аз чунин оёт саҳеҳ буд, пас (наузу биллоҳ) Расули Худо **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам** натавонистаанд ояти Қуръонро дуруст бифаҳманд! Пас аз ин ҳадис низ метавон истифода кард, ки хостани аз Расули Худо ҳеҷ ишколе нахоҳад дошт. Чун оёте, ки онҳо ба он истилол мекунанд байни зиндаву мурда фарқе нагузошта аст. Агар Худованд мефармояд, ки касе касеро ҷуз ба изни ӯ шафоат намекунад ва ин далел бар нахостани шафоат аз шафоаткунанда бошад хеле равшан аст, ки шомили зинда ва мурда бо ҳам мешавад. Вале вақте ба ваҳҳобиҳо ин гуна аҳодисро зикр бикунӣ, мегӯянд: Аз зинда ишкол надорад. Аз куҷои ин гуна оёт ин сухани онҳо истифода мешавад?!

Пас хулосаи баҳси мо ин шуд, ки ваҳҳобиҳо мегӯянд: Чун Паёмбар мурда аст ва намешунавад ва наметавонад ҷавоб диҳад, пас тавассул ва истиғоса ба он ҳазрат ҷоиз нест.

---

1-Муснади Аҳмад ҷ.3.с.178.р.12848. Саҳеҳи Тирмизӣ ҷ.4.с.621.р.2433. Таърихи Бухорӣ ҷ.8.с.453. Таърихи Ибни Асокир ҷ.9.с.360, бо се санад. «Аҳодис-ул-мухтора»-и Муқаддасӣ ҷ.7.с.246-247.р.2691 то 2694. Фатҳ-ул-борӣ ҷ.11.с.466. Муқаддасӣ ҳар чаҳор санади ин ҳадисро саҳеҳ гуфтааст.

Вале аз ахбори фаровони Қуръонӣ ва ривоӣ собит шуд, ки Паёмбар **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам** ҳам мешунаванд ва ҳам мебинанд **ва беш аз ҳама худи Ибни Таймия ба ин воқеият эътироф карда ва гуфта, ки он ҳазрат ҳоҷоти хеле аз мардумро баровардаанд ва мақому баракоти қабри он ҳазрат болотар аз ин аст, ки бисёре аз мардум фикр мекунанд**.

Ваҳҳобиҳо як садо мегӯянд: Барои ҷоиз будани тавассул ва истиғоса на ҳадис дорем ва на саҳоба онро анҷом додаанд ва на тобеин ва на имомони мазоҳиб ва на уламои бузурги дигар.

Вале чунон, ки мулоҳиза кардед, воқеият чизи дигар аст ва ваҳҳобиҳо дар ин гуфторашон комилан дурӯғ гуфта ва хостаанд мардумро бифребанд, чун ҳам оёти Қуръон дорем ва ҳам аҳодисе, ки бузургтарин уламои ҳадис ва риҷолшиносони аҳли суннат санади онҳоро саҳеҳ гуфтаанд ва ҳам хеле аз саҳобаҳо тавассул ва истиғоса кардаанд ва дар ҷойҳое низ бо сукути худ кӯмак хостан аз Паёмбар **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи**-ро таъйид кардаанд. Ҳам тобеин ва уламои фаровони мазоҳиб ва ғайри онҳо тавассул ва истиғосаро ҷоиз дониста ва худ низ дар мавориде ба он амал кардаанд.

**Ҳамчунин собит шуд, ки тавассул ва истиғоса, то замони Ибни Таймия мавриди иттифоқи уммати исломӣ буда ва ӯ омадаву ба таъбири Заҳабӣ ва Субкӣ ин бидъат ва дидгоҳи хавориҷиро ба вуҷуд овардааст**.

Ҳамчунин собит шуд, ки ваҳҳобиҳо бар ин ақидаи худ ҳеҷ далеле надоранд ва ҳатто як ҳадиси саҳеҳе ҳам бардошти онҳоро таъйид накарда ва на амалу назари ҳатто як саҳоба ва на уламо то ба имрӯз раъю ақидаи онҳоро дар тавассул ва истиғоса таъйид накардаанд, ҷуз ин ки онҳо монанди хавориҷ чанг ба баъзе оёте задаанд, ки аввалан касе он оётро монанди онҳо тафсир ва маъно накарда ва ҳамчунин он оёт хеле равшан дар бораи мушрикон ва бутпарастон сухан гуфтааст ва ҳеҷ робитае бо тавассул ва

истиғоса надорад. Вале мутаассифона ин бузургворон Паёмбари бузурги Ислом **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам**-ро дар ин мавзӯъ бо бут муқоиса кардаанд.

Ва ҳамчунин собит шуд, ки афроди беимону фосид монанди Марвон ва Ҳаҷҷоҷ, (ки мо достони Ҳаҷҷоҷро дар ин китоб зикр накардем) аз мутавассил шудан ба Расули Худо **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам** нороҳат мешуданд ва мехостанд аз он пешгирӣ кунанд, пас манъи аз тавассул ва истиғоса ва рӯй овардан ба он ҳазрат, пайравӣ аз Марвон ва Ҳаҷҷоҷ аст ва ҳеҷ каси дигаре, ки сухан ва амалаш мавриди эҳтиром бошад, дар таърих пайдо нашуда, ки аз ин амал пешгирӣ карда бошад.

Дар охир ишора мекунем, ки ваҳҳобиҳо уммати исломиро ба хотири тавассул ва истиғоса мушрик мешуморанд ва хеле роҳат ва бо ифтихор, имрӯз дар баъзе аз кишварҳо мусулмононро ҳатто дар моҳи Рамазон ва дар хонаи Худо ва дар ҳоли намозу рӯза мекушанд ва ба ин кори худ комилан монанди хавориҷ фахр низ мекунанд. Дар ҳоле, ки Қуръон мефармояд:

**"ومن يقتل مؤمنا متعمدا فجزاؤه جهنم خالدا فيها وغضب الله عليه ولعنه وأعد له عذابا عظيما."**

"Ҳар, ки мӯъминеро амдан бикушад, пас ҷазои ӯ ҷаҳаннам аст, ки дар он ҳамеша хоҳад монд ва Худованд бар ӯ ғазаб мекунад ва ӯро лаънат мекунад ва барои ӯ азоби бузург омода хоҳад кард". Сураи Нисо-93.

Бо вуҷуди ин, ин бузургворон монанди хавориҷ ба мусулмонон номи мушрик мегузоранд ва онҳоро мекушанд. Пас яъне вақте инҳо номи мусулмононро иваз мекунанд Қуръон низ аз инҳо пайравӣ мекунад ва ин оят шомили ваҳҳобиҳо намешавад!

Матлаби дигар ин ки Албонӣ дар китоби тавассулаш мегӯяд: Ибни Бӯтӣ моро (ваҳҳобиҳоро) такфир кардааст.

(Ба ҳамин маъно на айни иборат). Баъд бо зикри чанд ҳадис, ки яке аз он аҳодис ҳадиси зер аст, мегӯяд: Ту гурӯҳи бузурге аз мусулмононро такфир кардӣ дар ҳоле, ки Ислом мегӯяд:

"ايما رجل مسلم كفر رجلا مسلما فان كان كافرا والا هو الكافر."

"Ҳар марди мусулмоне, мусулмонеро такфир кунад агар дар воқеъ кофир бошад (ишколе надорад). Ва агар кофир набошад, пас худи кофиргӯянда кофир хоҳад шуд."[1]

Бо ин сухан Албонӣ мехоҳад ба ӯ бигӯяд, ки ту моро кофир гуфтӣ ва мо ки кофир нестем, пас бинобар ин ҳадис худи ту кофир шудӣ.

Оре, сухани мо низ ба худи ҷаноби Албонӣ ва бародарони ваҳҳобӣ ҳамин аст. Оё ин ҳадис ва монанди он шуморо дарбар намегирад? Ё вақте навбат ба шумо расид роҳат ин гуна ахборро насхаш мекунед! Ҷавоби худи шумо бар ин ҳадис чӣ хоҳад буд, ки ҳамаи мусулмононро ба хотири фаҳми ғалати худ мушрик мешуморед!?

Ҳамин ҷо ин навишторро хотима дода Худои бузургу меҳрубонро ба ин тавфиқаш ташаккур мекунем ва хоҳони луфту раҳмати рӯз афзуни ӯ ҳастем.

Тавфиқи Худованди меҳрубонро барои ҳамагон хоҳонем. Худоё ба ҳаққи муқаррабони даргоҳат рӯз ба рӯз маърифату ишқи моро бар худат ва бар Муҳаммаду оли Муҳаммад биафзо ва моро аз пайравони воқеии Қуръон ва ин хонадон қарор деҳ ва дар охират ба раҳматат бо мо бархӯрд куну бо Муҳаммаду олаш маҳшурамон бифармо, омин ё Раббал оламин.

---

1-"Муснад"-и Аҳмад ҷ.2.с.23-60. "Сунан"-и Абидовуд .ҷ.2.с.409.р.4687.

**Феҳристи матолиб**

Муқаддима ........ 3
Фасли аввал ........ 12
Дар баёни шунидан ва дидани гузаштагон ........ 12
Далели ваҳҳобиҳо бар нашнидани мурдаҳо ........ 12
Ҷавоб аз бардошти онҳо аз оёти ёдшуда ........ 14
Далели ваҳҳобиҳо аз оёти дигар ........ 19
Гувоҳии Қуръон бар шунидани гузаштагон ........ 24
Шунидани гузаштагон дар аҳодис ........ 26
Эътирофи Ибни Таймия ва ду шогирдаш бар шунидани гузаштагон ........ 27
Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва олиҳ бар уммати худ таълим медиҳанд, ки бо сиғаи хитоб бар гузаштагон салом диҳанд ........ 30
Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва олиҳ ва ҳазрати Мӯсо бо мурдаҳо сухан мегӯянд ........ 31
Тасреҳи Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва олиҳ бар дидани аъмолиумматонашон ........ 34
Абӯбакр бо Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва олиҳ сухан мегӯяд ........ 35
Уммулмӯъминин Оиша эътиқод дорад, ки Умар ӯро дар қабраш мебинад ........ 35
Гузаштагон аъмоли аҳли дунёро мебинанд ........ 36
Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам салавоти умматонашонро мешунаванд ........ 41
Паёмбарон дар қубурашон намоз мехонанд ........ 43
Паёмбарон дар масҷиди Ақсо бо имомати Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва олиҳ намоз хонданд ........ 44
Аҳли қубур зиндаҳоро мешиносанд ва ҷавоби саломи онҳоро медиҳанд ........ 46
Шуҳадо то рӯзи қиёмат ҷавоби саломи саломдиҳандаро медиҳанд ........ 47
Салом додани ҳазрати Исо ба Паёмбар саллаллоҳу алайҳи

ва олиҳ дар қабр ........ 49
Мурдагон бо касоне, ки аз паи ҷаноза мераванд сухан мегӯянд ........ 53
Мурда бо зоири худ унс мегирад ........ 54
Ҷавоб додани Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва олиҳ саломи баъзеҳоро ........ 60
Салом бар Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам ва дигарон назди қабр ........ 65
Мулоқоти руҳи зиндаҳо бо руҳи мурдаҳо ........ 68
Талқин бар мурдагон ........ 79
Қабр боғе аз боғҳои биҳишт аст ........ 83
Фасли дуввум ........ 86
Тавассул аз назари мункирон ва мувофиқон ........ 86
Назароти ваҳҳобиҳо дар бораи тавассул ........ 86
Аҳодис ва ахбори матлуб будани тавассул бар гузаштагон 98
Далели аввал бар ҷоиз будани тавассул аз Қуръон ........ 99
5-Тавассули ҳазрати Одам ба Расули гиромии Ислом саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам ........ 108
Тавассул дар суннат ва аҳодиси исломӣ ........ 115
Саҳобӣ бар тавассул ба Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва олиҳ баъд аз ҳаёти он ҳазрат амр мекунад ........ 122
Имом Алӣ алайҳис-салом наздиктарин васила ба сӯи Худост ........ 125
Дастури Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва олиҳ ба ёд кардани эшон ҳангоми гирифторӣ ........ 127
Тавассули ҳазрати Мӯсо ба Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам ........ 127
Тавассули Паёмбар «саллаллоҳу алайҳи ва олиҳ» бар фуқаро ........ 128
Иқрори Ибни Таймия бар тавассули салаф ........ 128
Иҷмои саҳоба бар ҷоиз будани талаби ёрӣ аз Паёмбар баъд аз ҳаёташон ........ 131
Уқба ибни Омир ва талаби ёрӣ аз Паёмбар ........ 139

Паноҳ бурдани Абӯайюби Ансорӣ ба қабри Паёмбар...... 140
Уммулмӯъминин Оиша мардумро ба паноҳ бурдан ба қабри Паёмбар даъват мекунад ............................................... 144
Расули Худо ва даъвати Билол барои зиёрат ....................... 146
Таваассули Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва олиҳ ба паёмбарон ........................................................................... 148
Таваассули бузургони аҳли суннат ва ҷавози таваассул аз забони онҳо ...................................................................... 152
Таваассули Молик, Шофеӣ ва Аҳмади Ҳанбал ..................... 152
Ибни Таймия ва баргашт аз ақидаи ботил .......................... 175
Мӯъҷизоти фаровони қабри Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам ва иттифоқи мусулмонон бар ҷавози таваассул ............................................................................... 176
Эътирофи Ибни Таймия ба фаровонии мӯъҷизоти қабри Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва олиҳ ..................................... 181
Баъзе китобҳое, ки дар бораи таваассул навишта шуда ва ё ба ҷоиз будани он ишора кардааст ............................................ 185
Далелҳои равшани таваассул ба шахси Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва олиҳ ......................................................................... 186
Зоту шахси Расули Худо дорои асар ҳаст ............................ 203
Ислом ва манъ аз корҳои ғайри саҳеҳ .................................. 205
Таваассул масъалаи фиқҳӣ аст ................................................ 206
Фасли севвум Истиғоса ва ҳақиқати он ................................ 210
Далели ваҳҳобиҳо бар таҳрими истиғоса ............................. 210
Истиғоса ва далоили ҷавози он .............................................. 210
Аҳодиси Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам дар ҷавози истиғоса ............................................................... 213
Истиғосаи Абӯбакр ба Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва олиҳ ........................................................................................... 220
Истиғосаи Умар ва Усмон ба шахси ғоиб ва Ибни Умар ба Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва олиҳ ..................................... 222
Истиғосаи Ибни Умар ба Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва олиҳ ...................................................................................... 223

Истиғосаи Муҳаммад ибни Мункадир аз бузургони тобеин ........................................................................................ 225
Се олими бузурги аҳли суннат ва истиғоса ба Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва олиҳ.......................................... 228
Истиғосаи Зайнаби кубро алайҳо салом ............................ 230
Далоили ваҳҳобиҳо бар таҳрими истиғоса ва тавассул аз оёт ва ҷавоби равшани он .................................................. 232
Фасли Чаҳорум .................................................................. 237
Дар талаби борон ба василаи гузаштагон.......................... 237
Фасли Панҷум ҷавози масҳи қабр ..................................... 242
Аҳмад Ибни Ҳанбал ва ҷоиз донистани масҳи қабр .......... 242
Заҳабӣ раъйи Ибни Таймияро ҳамонанди раъйи Хавориҷ муаррифӣ мекунад ........................................................... 242
Фасли шашшум.................................................................. 247
Дар матлуб будани дуо назди қабри солеҳин .................... 247
Таноқузгӯии ваҳҳобиҳо ..................................................... 253
Фасли ҳафтум ................................................................... 255
Дар ҷоиз будани хондани Қуръон дар сари қабр ............... 255
Фасли ҳаштум Дар зиёрати қабри Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам ................................................. 263
Зиёрати қабри Паёмбар дар ривоёт.................................... 263
Ҳадиси манъи сафар ба ғайр аз се масҷид ва маънои он .. 271
Ахбори зиёрати қабр.......................................................... 278
Ҷовози зиёрати қабр барои занҳо ва намоз дар назди қабр ........................................................................................ 281
Ширки дигари ваҳҳобиҳо.................................................. 286
Сухани охир дар бораи тавассул ....................................... 289
Нуктаи муҳим дар ошноӣ бо ваҳҳобият............................. 292
Ихтилофот дар масоили эътиқодӣ..................................... 293
Хулосаи баҳс .................................................................... 298